# ИСЛОҲ ВА БОЗНИГАРӢ

*Муаллиф: Муҳаммадӣ Ҳодизода Навид*

*Душанбе – 2020*

ББК
Н

**Китоб зимни ташхис аз ҷониби Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери № 2020 ба қайд гирифта шуда, ба чоп тавсия дода шудааст.**

*Номи китоб: “Ислоҳ ва бознигарӣ”*
*Муаллиф: Муҳаммадӣ Ҳодизода Навид*
*Навиштор ва мусаҳеҳи компютерӣ: Муҳаммадӣ Навид,*
*Абдулмаҷиди Мирзомуҳаммадӣ*
*Ороиши муқова: Наҷиби Одинабек*
*Теъдоди нашр:*
*Чопхона:*
*Маҳалл ва замони чоп:*

*Ҳаққи чоп ва иҷозати он барои муаллиф маҳфуз аст.*

*Китоб ба пешгоҳи қишри худогоҳ, худшинос ва донишпажуҳи ҷомеа тақдим мегардад.*

ISBN

## *Ба ҷои тақриз*

Ҳамд мар ӯро, ки варои варост,
Баъди варо пойгаҳи кибриёст.
Боргаҳаш соҳати афкор не,
Рози паси парда падидор не.
Ҳамд мар ӯро, ки сазовор Ӯст,
Дар ду ҷаҳон довару додор Ӯст.
Зоти вай аз чандиву чунӣ бурун,
Ақл зи идроки сифоташ забун.
Гар набудӣ лутфи амимаш ба ман,
Баста шуди роҳи баён аз сухан.
Гар набудӣ муждаву пайғоми Ӯ,
Робитаи завқ ба илҳоми Ӯ,
Дарби сухан бар рухи мо баста буд,
Хотираҳо суст буду хаста буд.
Гар набудӣ изн ба иншои мо,
Пур зи ғалатҳо будӣ имлои мо.
Маънии ғайбаст ба дил ҷо шуда,
Рози ниҳонест ҳувайдо шуда.
Дил чӣ бувад, манбаъи асрори Ҳақ,
Оинадорест зи дидори Ҳақ.
Маънӣ зи дил чун биравад то забон,
Нуктаи сарбаста бигардад аён.
Чист забон, шориҳи оёти дил,
Рӯшан аз ӯ гашта ривоёти дил.
Пас сухан аз мову на аз мо бувад,
Гарчи заминист, зи боло бувад.
Роҳи дигар аз дили мо то қалам,
Ҳарфи дил аст он чи қалам зад рақам,
Гар набудӣ нақши қалам дар ҷаҳон,
Гум шудӣ номи  ҳамаи рафтагон.
Ин набувад бас зи мақоми қалам,
Нақш ба Қуръон шуда номи қалам.

Пас ману ту бо қаламу бо забон,
Мисли сафирем зи дил бегумон.
Гар дили мо софӣ бувад, ҳарф соф,
Варна суханҳо ҳама лофу газоф.
Гарчи сафо аз қадару аз қазост,
Майл зи мо ҷозиби лутфи Худост.
Мо қадарӣ не, ҷабарӣ ҳам наем,
В-аз қадару ҷабр барӣ ҳам наем.
Майл, ки гуфтем ҳамон ихтиёр,
Майли ту дар неку бад аст ошкор.
Баста ба майл аст ҳама хайру шар,
Майли бадӣ сӯи накӯӣ бибар.
Нек шавад то ки саранҷоми мо,
Фирқаи ноҷия бувад номи мо.

Ситоиш мар Офаридгорро, ки бо қалам моро омӯзонд, то омӯхтем ва нодонистаҳоро дононд, то андӯхтем, пас устоди нахустин дар дабистони азал Ӯст, ки моро ҷое аз фариштагон боло бурд, ки эшон "номҳо" надонистанд ва мо донистем ва "бале" гуфтему паймони ошноӣ бастем.

Чун аз он ҷаҳони бесӯву равшану беранг ба ин нашемани шашсӯву садранг омадем, он ҳама омӯхтаҳову андӯхтаҳо аз ёд бурун ҷаста ва он паймону фармонбариҳо дар ҳам шикаста..

Паёмбаронро гусел дошт, то он паймонҳоро дар намод ва он донистаҳоро ба ёд оваранд.

Ҳар кӣ пазруфт растгор шуд ва ҳар кӣ рӯй бартофт дурӯяву дар ду ҷаҳон шармсор.

Пас дуруду салом бар ҳама пайғомбарон, он сафирони Худо ва паёмоварон, ба вижа бар Муҳаммади баргузидаву мухтор ва бар фарзандону хонадони поку ёрони ҷоннисор ва боз бар пайравонашон то рӯзи шумор!

Пас аз ин ситоишу ниёиш ман, ки хомакаши ин номаам бо худ чанде андешидаму суғрову кубро чидам, саранҷом ба ин фароварду натиҷа расидам ва ба дил устувор доштам, ки ба ҷои донишварону

пажӯҳишгарон ба ин китоб тақриз бинвисам ва миъёру чаҳорчубу гирдонаи ин фанро бо пайравӣ аз ростӣ пос дорам ва ҳар чӣ ҳаст бе каму кост биёрам.

Агар гӯӣ худ навиштаи худ чун барсанҷӣ ва бо чӣ раҳнамуде ин раҳ ба поён барӣ?!

Гӯям, бо чандин чаку раҳнамову гувоҳон, ки моро дар ин ҳангом кумакёру дастгиранду ва мо аз пазируфтани онҳо ногузир.

Яке ин ки ин навиштаҳо ва тарзи пешниҳоду баррасиву барсанҷиву пажӯҳиш рӯи бештари аз пурсванду мавзуъоту ҷусторҳо наванду ногуфта ва паёму фармудаҳои аз ин пеш расидаву вале ношунуфта, ки ин ҳамаро овардаму гуфтам, пас ба души дигарон ин заҳмат чун бигзораму бори худ бар ҳамраҳон чун биспорам?!

Дигар ин ки густара ва паҳнои ин навиштаҳо фаротар аз марзу буми худист ва на дар басту банди обу гилу рангу бӯи нажоду табору кибудиву чибудӣ.

Зеро, ошуфтагиҳову парешониҳо ин ҳангом бештари аз ин курраи хокиро фаро гирифта аст, пас:

Ҳар кас, ки варо дар ин замона ғам нест,
Ё одам нест, ё аз ин олам нест.

Бо ин андеша ба худ гуфтам, биё аз ҳамандӯҳону ҳамдардони мардумони ҷаҳон бошем, ки ҳамагӣ нашеман дар як саёраи хурдаке бо номи замин дорем ва ҳама бо ҳам ҳамзаминем!

Ва боз худро гӯшзад бинмудам, ки он чи мегӯӣ барои пазириши дигарон устувораш бинмо ва ҳар чӣ аз ту мепурсанд, бо санаду гувоҳон аз дарбастаҳову печидаҳову торикиҳо, равзанаҳои рӯшаноӣ ба рӯшон бикшо, ин ҳамаро ки пазруфтам, пас, посухгӯе бар ин ҳама ҷуз банда касе набошад, дигар бигӯ ба дигарон чуншон во гузорам ?!

Сипас бо ин майлу оҳанг бархостаму камари ҳиммат бастаму худро ба Худои тавоно биспурдаму чашмдори бахшишу карамаш будам ва аз дил ё Ҳу бар кашидам!

Дидам, ки дарёи раҳмат то бекарон ҷӯшиду ва мавҷ андар мавҷ ҳастии маро пушид, ранҷу заҳмати расмиёту истидлол ва касрати қилу қол ва бибуру бидузу гиру дор шикаставу забуни илҳомоти саршору донистаниҳои онсариву пойдор гаштанд, пас, минатпазири он боргоҳаму сипосгузори он даргоҳ!

Равишу раванди суханамро дидӣ, ки дигар аст ва сохтори гуфторам шинохтаи аз ношинохта ғарибтар!

Ман аз худ наёвардам дареғам омад ки он гӯиши зебову накӯ, ки ниёкон мегуфтанду менавиштанд дар канора бимонаду бо гузашти ҳангомҳо аз миён бiравад.

Мо, ки “Таьрихи Табарӣ”-ву “Байҳақӣ”- ву “Наршахӣ”, “Маснавӣ” “Шоҳнома”, “Равзатуссафо”, “Самаки айёр”, “Синбод-нома”, Чаҳордарвеш”... мехонем, чи ширину намакинанд, магар кӯҳна шуданд?! На, ҳаргиз!

Эй кош, он гӯйишу равиши зиндаву шодоб ин ҳангом низ дар миён буду ин ҳама маҳалу деҳу шаҳргароиро аз мо дур мекард ва забони гуфтору навиштори мо ба сомон меомад!

Вале, боз ошкор мегӯям, он гӯиши зебо ва он шеваи шево, андешаи болову дониши расову хати хоно мехоҳад!

Маро гуфтанд, бо ҳамин забони маъмуливу равиши одатӣ бинвис!

Гуфтам, он ҳама навиштаи дигарон кам аст, то боз ман бинвисам?! Магар ба қисаву достон ва афсонаҳои кӯдакона бипардозам ва боз шеъру манзумаҳои омиёна!

Чунки бо кӯдак сару корат фитод,
Пас забони кӯдакӣ бояд кушод. (Мавлавӣ)

Гуфтанд, худ гуфтӣ, “навиштанд” ва боз менависанд ку!

Гуфтам, ҳафтоду анд сол низоми вақт буду чаҳорчубу барсанҷҳои боястиву ногузир, ки аз он ҳама гурезу гузир набуд ва боз он ҳангом ҳам буданд онҳо, ки дар гирдонаи (доира) имконоту дастрасиҳо ва бо огоҳӣ аз ин сарчашмаҳои гуворо хуб менавистанд, кам аз кам ин ки аз решаву беху буни ин гуфтор набуриданд ва худ низ бурида нашуданд, бигирем ҳамин бозтоби насрии “Шоҳнома”

дар ранги ҳикоёту достонҳо аз шодравон Улуғзода ва бознашри асарҳои бузургонамон аз сӯи донишмандоне ҳамчун Аълохон Афсаҳзод, Абдулғанӣ Мирзо... ёдашон гиромӣ бод!

*(Дар бораи дигар донишмандони мутааҳид- паймондор дар китоби "Иборот ва ишорот густурда сухан гуфтаам.)*

Ин ҳангом низ таҳқиқу баргардон ва бозчопи таьлифоте аз ниёкон дар баробари дигар корҳои судманд ва мондагор дар мавзуъоти гуногун аз ҷониби устоди пуркору пухтакор Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ, иддае шогирдон аз андешамандони ҷавон ва бархе аз ниҳодҳои фарҳангӣ ва пажуҳишӣ...

Дигар ҳар кӣ ҳар чӣ менависад посухгӯ худи ӯ мебошад, вале, ангор ин ки дар фазои аз ҳама басту банд озод, аз рӯи некхоҳиву гираҳкушоӣ андар навиштаҳои фалону баҳмон пардохтану пажуҳидан ва роҳи дуруст бинмуданро ин ҳангом касе ва ниҳоде на дастури бастан додаасту на қалами касеро шикастан.

Дар ин рада банда низ нигоштаҳои хешро аз бозсанҷиву бознигарӣ роҳбанду бунбаст наниҳодаам .

Зеро сухан ва фарогирду роҳнамудҳои бархе аз китоб ва рисолаҳо ин ҳангом ҳамон маводи ғизоии бозориву истеъмолии бесифату беморибарангезу "ғайристандартӣ" ва табоҳшударо мемонанд, ки агар шинохта ва дур андохта нашаванд, инҳо руҳу равон ва ҳувияту маънавияти ҷомеаро сусту бемадор ва дар баробари андак бемориҳои маънавиву фарҳангии паҳногири кунунӣ ва тарфанду дасисаҳои рӯиҳамрехта, осебпазиру ноустувор мегардонанд, зеро сухан аз бозтоб ва баҳраҳову додаҳои андешааст, агар нек пас неку созанда ва агар бад, боз ҳам баду барандозанда...

Бархеҳо гуфтанд, он чи мегӯӣ сахт асту намефаҳмем!

Гуфтам, ин гуфтаҳо на он андоза сахтанд, вале, ин низомҳои вақту хомакашону бархе гуяндагони бедонишу беҳувият буданд ва ҳастанд, ки зеҳну андешаи моро сусту нотавон бинмуданду

бинмоянд, аз ин пас ман суст намегӯям, агар намефаҳмед, ба худ сахт гиред ва боз суханфаҳмон ҳастанду меоянд!

Ин гуна“пешниҳодҳо” дар гузашта низ будааст. Овардаанд, ки Мавлоно Ҷомиро яке гуфт:

“Ҳазрати махдумӣ, бештари аз навиштаҳои ҷанобатон душворфаҳманду аз дарки мо дур, чаро сода нагуед, то ҳамагон бифаҳманд?!”

Фармуданд: “Пазруфтам, аз ин пас сода хоҳам гуфт, ба ин намуд”:

Дар Самарқанд гурба ях нахурад!
Дар Бухоро хурӯс шери нар аст!

Шумо низ чӣ бало мардумро содафаҳм пиндоштеду сабукандеш ангоштед!

Бигзор чунин ҳам бошад, вале то кай?!

Пас бояд аз ин тангно берун шавем ва ба паҳнову густараи андешаи устувору дониши пойдор бирасем...!

Шигифто, гуфтаву навиштаеро, ки хосу ом яксон бифаҳмад, магар сухани мондагор аст ва ба ояндагон ёдгор?!

Ё магар мешавад бо содагӯиву содабаёниву гуфтори кучабозорӣ, аз фалсафаву ҳикмату балоғату дигар донишҳои дақиқ сухан дар миён ниҳод?!

Пас, як инчунин нависандаи содагӯ аз ҳамчунин хонандаи содафаҳм чӣ фарқу имтиёзе дорад?!

Бале, содагӯиву осонбаёнӣ аз худ ҷой дораду ниёзмандону осонписандон, ки он ҷо хубу беҳтар аз гуфтори печидаву фарогир бошад, ҳамчун; ошкору равшан гуфтан дар боястагиҳову ногузириҳои дастуроту фармоишот ва амалкарду корбасти шаръиву иҷтимоъиву рафтори хубу писандидаву боз нописандида ва аз ин даста аз карданиҳову нокарданиҳо ва ҳикоёту достону саргузаштаҳо, вале, бо таърифу дастуру рӯнамоӣ аз баргу шоха ҳар гиз касе ба шинохти поякву реша ба дурустӣ роҳ набарад ва он чӣ боястро нашносад.

Ноҳамсӯиҳову рӯёрӯиҳову бархурдҳои ақидатӣ-мазҳабӣ дар пайвастагии онҳо бо иҷтимоиёту сиёсатҳо ва фарҳангу расму одот ва равишҳои зиндагии моддиву фаромодии инсоният яке аз ҳамин

печидагиҳову дарҳамбарҳамиҳост, ки намешавад бо чанд дастуру қавоиди содаи каломӣ ва ё андарзу панд ва шиору хитоба аз онҳо бозгушоӣ кард.

Фарзонагон дар гузашта ин нуктаи басе нозукро дарк карданд ва барои сомону низоми иҷтимоъии мардум ва комгории ду ҷаҳонии инсонҳо китобҳои боарзише дар густараҳои гуногун, дар марзи фаҳми аҳли фиросату тадбир таълиф бинмуданд, на дар гирдонаи донистаниҳои сабукфаҳмон.

Ва бар китобу рисолаҳои бузургони донишманди кӯҳан се ва чаҳору афзунтар аз ин шарҳу тафсиру таҳқиқу пажӯҳиш нигоштану фароҳам намудани дигар доноёнро магар надидаӣ ?!

Пешрафту болишу шодобии донишу маърифат аз ҳамин роҳ аст, то дар ҳар ҳангом судманду фарогир ва дар ҳар ҷой ва гоҳ созгору ҳамвораву мондагор бошанд ва боз ба суди мардумон корбасту амалӣ шаванд, варна, дар он рӯзгор ҳам бисёр гуфтанду навиштанд, вале на нишоне аз он ҳама навиштаву гуфтаҳо мондаву на ёде аз гӯяндаву нигоранда.

Ва ин тамсил ва достони бишниданӣ дар Қурьони карим аст, сураи муборакаи “Раъд” анҷоми ояти 17:

- فَأَمَّا الزَّبَدُ فَيَذْهَبُ جُفَاءً ۖ وَأَمَّا مَا يَنفَعُ النَّاسَ فَيَمْكُثُ فِي الْأَرْضِ ۚ كَذَٰلِكَ يَضْرِبُ اللَّهُ الْأَمْثَالَ

- Пас аммо кафкҳои (канорафтода) аз миён мераванд ва он чӣ ба мардум суд мебахшад, дар (намоди) замин бар ҷой мемонад, Худованд ин гуна (дар ноҳамсӯии ҳақ ва ботил) мисол мезанад.

Ин ҳама ки болотар гуфтам, ба ҳар дидаваре равшан аст ва мо ҳам аз меҳрубонӣ ва бахшиши Худованди поку абардоно аз он табори номдорему аз он дудмони пок ва ворисону бозгирони он осору нигоштаҳои ҳамвораву пойдор, пас ба ҷои гарданфарозиву ифтихори бе решаву ноҳинҷор аз он фарҳанги ҷаҳонгиру он рӯзу рӯзгор, агар андак аз дониши эшон омӯхтаму андӯхтам ва роҳи худ бигрифтаму то он сӯи банду бастҳову фаротар аз чорсӯву шашкаронҳо рафтам, чӣ ҷои сарзаниш асту чӣ гоҳи накӯҳиш?!

Шигифто, бар онҳое, ки сухану навишторро то ин поя содаву бемоя карданд ва мардумро аз ин ганҷи шойгон то ин андоза бебаҳраву бесармоя, чаро набихрушиву напархошӣ?!

Аз ин ҳама бигзарем, агар нек бингарӣ бубинӣ, ки ҷаҳони кунунӣ даргири ҳазор душвориву дарҳам печидагиҳост; ҷое харобиву вайронӣ, ҷое дарбадариву парешонӣ, ҷое солҳо ҷангу куштор ва ҷое мардумони гӯшнаву бемор, пас ранҷу ғами ҳама бо ҳам аст ва омоҷи ин ҳама одам аст.

Бо худ гуфтам, ки ман ҳам дар ин шуморам ва "бани одам аъзои якдигаранд" пас, худро чи гуна канора бигирам ва ин ҳама ранҷу балоҳои фарогирро нодида ангорам?!

Ва дидам, ки бо даст коре аз мо сохта нест, вале бо гуфтору навиштор метавонам ба андозаи тобу тавон кушишу талоше бинмоям, бошад ки ҷое гираҳе аз ин гираҳхурдаҳо бикшоям ва бурунҷасте аз ин бунбастҳо бинмоям!

Даркушояндаву роҳнамоянда Худованд аст ва бо дастури Он абарҷойгоҳ, ки худ фармуда: "Бихонедам, то мар шуморо бипазирам" бо дилгармӣ ва бо пои иродат ба он даргаҳ рафтаму бизоридаму бинолидам, нахуст узру пӯзиши гуноҳони рӯиҳамрафтаву дастабастаи афзуни худро бо чаку[1] маншури эътирофу гарданниҳӣ ва бо сари хамидаву аз шармсорӣ ба пушти по нигариста, фаро пеш бурдам ва пӯзиш хостаму сипас дархости омурзиш бинмудам, зеро нек донистам, ки аз дасти каси гунаҳкору базаҳкори нобахшудаву наомурзида кай кори некӯи бо баҳраву борвар ва аз забону хомаи ӯ аз куҷо гуфтану навиштани бо додаҳои

---

[1] Чак- вожаи тоҷикӣ ба мънои санад, ҳуҷҷат ва ба ин монандҳо, бештар дар китобҳои фиқҳӣ; дар мавзуъоти бозаргонӣ, амлокдорӣ ва издивоҷу фаровардаҳои вобаста ба он корбурд мешуд ва дар арабӣ ба
вожаи "сак" муъарраб шуда аст.

Дар гуфтори куҳансолон мешунидем: " Чаку қалам" "хату чак" ё "коғази чаки фалониро назди қозӣ бурданд..."

Аз нигоҳи забоншиносии муқоисавӣ (лингвистика) ва аз дидгоҳи ин ҷониб, дар инглисӣ "cheking"- тафтиш, бозҷӯӣ ва "чек"- санади расид ва бозпардохт дар забони русӣ аз ҳамин "чак"- и тоҷикӣ берун шудаанд... М.Н.

фарогиру судоваре биояд ва гираҳҳои бастаро бикшояду роҳчуёнро роҳ бинмояд!

Боз лутфу бахшоишу меҳрубонии ҷовидонаву фарогири Он абарбахшанда пурдилу далерам намуд ва ба ёдам ин фармудаи фархундаи Он абарогоҳ аз ошкору пӯшида омад:

“Магар касе, ки тавба кунад ва имон оварад ва корҳои некӯ анҷом диҳад, пас инонанд, ки Худованд бадиҳояшонро ба некиҳо мубаддал (ҷойгузин) мекунад ва Худованд омурзандаи меҳрбон аст.” [ “Фурқон”-70]

Аз ин пайғом шод гаштаму бо пои тавбаву баргашт ва бовари сахту дуруст ин ҳамаро дар радаи кирдори некӯ бинҳодаму ин раҳ паймудам ва аз Он бениёзи корсоз бо пӯзишу зорӣ дархости гузашт аз ин ҳама ношоястиву нобоястиҳо ва боз умеди подоши неки садчунинӣ пас аз омурзиш бинмудам, бо карам Он накӯ ин ҳамаро пазруфту он ҳама ғалату сиёҳиву табоҳӣ аз баргаи кирдорам пок бируфт ва аз ин аст, ки дар боғи дилам баҳори дигаре бишкуфт!

Агар гӯӣ, ин пайғом аз куҷо дорӣ ва бо ин устувориву пойдорӣ ин хушхабарӣ аз куҷо меорӣ, ё магар аз камжарфони навбархоста бим надорӣ, ки аз он сӯи парда мегӯӣ ва боз санаду гувоҳе намеорӣ!

Гӯям, якеро намуна аз даҳҳо ин оят буд, ки аз Каломи пок овардам, “Бихонедам, то мар шуморо бипазирам...[2] ва боз аз омӯзаҳо ва додаҳои суханони Паёмбари вологуҳар яке ин ки “Худовандро бихонед ва дар пазруфтани он яқин (бовар) дошта бошед”, ҳадиси машҳурест.

Ман Ӯро бо бахшишу меҳрбонияш бо дилгармиву бовари устувор хондам ва пазируфт ва нишонаҳои ин меҳрбонӣ ба ман бинмуд.

Нахуст инки чун гуфтор ва ронду равиши навиштори худро дар ин китоб нек бозхонду боздид бинмудам, дар тарозуи баёну балоғат ва фасоҳату равонӣ ҳамсангу устуворашон ёфтам.

[2] Сураи “Ғофир”- 60

Ва боз ба маъно ва фарогирди ин гуфтору фаровардаву додоҳои он нек андешидам ва дар меъёру чаҳорчубаи дастуроти мазҳабу шаръ, аз Каломи поки Худову гуфтори неки Паёбар (с)-у пешвоёну бузургони дин бар санҷидам, ҳамсӯву ҳамоҳангашон дидам ва гирдонаи хираду андеша ва мантиқу ҳикматро низ фарогирашон ёфтам, дигар чӣ бурҳону гувоҳони аз ин ҳама қавитару ва з-ин нишондоду раҳнамудҳо пуртавонтар бошад!

Ва инки чӣ касеву гурӯҳе ин ҳама бингоштаро бархонанду суд бардоранду дудилиҳову нодонистаҳои худро бишносанд ва аз худ ба дур андозанду бо синаи поку соф пеш оянд, ҳар чанд хоҳишу таманнои ман ин аст, вале корбурду коргузории он бастаи дасти ману дар марзи тавони ман нест, ин Худованди абардонову абартавоност, ҳар киро хоҳад роҳ бинмояд ва ҳар киро хоҳад роҳ гум созад ва мо ҳама умедвору чашмдор аз Ӯем ва бо афтодагӣ ме-гӯем:

Эй фаротар аз ҳама пиндори мо,
Мо киему ин ҳама гуфтори мо!..

Ва боз бо зориву шеван ин умедро ҳам аз меҳрубониву бахшиши Ӯ дорем:

Баҳри раҳмат ҷӯш мезад дар азал,
Ғарқи ӯ шуд андаку бисёри мо...
Навид

Ва агар гӯӣ, ин ҳамаро худ кор бастӣ ва ба рафтор пайвастӣ?! Ё кури худу бинои дигарон ҳастӣ!

Гӯям, ин ҷо сухан аз ҳамзистии инсонҳовуногузириҳои иҷтимоъи башарист ва ба карду нокарди ман пайвастагии ончунонӣ надоранд, бале, он чӣ аз инҳо вобаста ба ману куниши мананд, бо озмуну озмоиш аз миёни ин ҳама берун шудам, дидаму озмудаму пажуҳидаму сипас ин ҷо гуфтам, пас ин гуфтори ман бозтоби рафтори ман аст ва агар худ ба андозаи тавон ин ҳамаро кор набастаме, чӣ бозтоби судманде ба дигарон доштӣ?!

Ва аммо агар бовару эътиқодиёт ва ахлоқу кирдори накӯ ва аз ин даста арзишҳои ҷудокунанда миёни инсону дигар ҷонварон, аз

ману ғайри ман бо ҳама камиҳову костагиҳои сириштӣ, бо бахшишу меҳрубонии азалии Худовандӣ коргузориву корбурду коромад нашудандӣ, пас ин ҳама гуфтору навиштор ришханде ба худу ба дигар инсонҳои бо донишу хирад буд ва ҳеҷ кас на мехонду на мешунуд!

Оё намебинӣ бархе аз “аҳли андешаву қалам”-ро чун худ аз арзишҳои инсонӣ дуранд, ҳаргиз ҳарфе ҳатто имову ишорае ба сӯи кирдору гуфтори накӯ ва андешаву корбастҳои писандидаву судманд барои мардумон надоранд, ба ҷуз тезондану барангезондани эҳсososоту хоҳишоти танмеҳвариву бебандуборӣ ва гоҳ-гоҳе худнамоиҳову ифтихороти дурӯғин бо сад найрангу сохтакориҳову чоплусӣ.

Ин гандумнамоён хуб медонанд, ки мардум аз ҷавфурӯшии онҳо огоҳӣ доранд .

Дар фароварди ин ҳама баррасиҳо сипосу ситоиш мар Он раҳнамову раҳкушои беҳамторо, ки андар ин роҳи душвору бодияи нопайдоканор аз сароб берунам намуду то сари обам расонду серобам сохт!

Фушурда бигӯям, Худовндгор он донои ниҳону ошкор огоҳ аст, ки дар ин навишта ҷуз рост нагуфтаму ба ҷуз некӯиву сарбаландӣ ба мардумон нахостам.

Дар анҷоми ин китоб додаҳо ва фароовардаҳоеро аз сарзамину марзи боварҳо дар чакомаи шеър ва аз андешаву фаротар аз андеша ва боз вожаномаеро бо вожаҳову ибораҳои танҳову баҳамомадаи камкорбурду мутародиф ва боз навсохтаҳоеро аз худ овардам, ки барои андешмандони покандарун нававардаву навгуфтаанд ва носудовару бебаҳра нахоҳанд буд.

Роҳу равиши ман дар ростои ифтихороту болландагиву сарафрозӣ аз ватану миллату мазҳабу фарҳангу таърихи ҷойгоҳу боргоҳи баланди ниёкон шояд бо дигарон ноҳамгуние дошта бошад, бад-ин гуна, ки мехоҳам бо ростиву дурустӣ бозтоби он ҳама арҷмандиҳову арзишҳои ҳамвораву мондагори бузур-

гонамонро дар худ бубинам ва ҳангоми озмуну озмудҳо фарзанди ин табору марзу бум ва ин миллат буданамро дар рафтору кирдор, пасон дар гуфтор ба исботу устуворӣ бирасонам .

Пас андӯҳе надорам, агар бархе напазиранду хурда бигиранд, чун бовари устувор дорам, ки Худованд огоҳ аз ниҳону ошкори ману майлу оҳанги дили ман аст ва боз худ низ хоставу овардаҳои хешро медонам ва дидаварону равшандилон низ!

Ин нуктаи равшанро бишнав, ҳар кас ки пас аз расидан ба марзу қадамҷои ақлу хираду донишу бинишу шинохти худӣ, боз ҳам баставу печида дар банди ситоиш ё сарзаниши мардумон бошад, дониста шавад, ки то ин ҳангом ҳам аз марзи тифливу кӯдакандешӣ берун наёмадаву то ҳануз ҳам гирифтори банду занҷири эҳсосу ҳавос бошад, пас аз пазириши ин омӯзаи озмуда ман ин хитобу рӯйовардро дар "Иборот ва ишорот" ба худ гуфтам:

...Агар халқи дунё туро нек хонанд,
Ту бад бошӣ, гӯё задандат ба ханҷар.
В-агар нек бошӣ, зи бад гуфтани халқ,
Маяндешу бинмо накӯро накӯтар.
Касе чун бидонад ба ҷуз ошкорат,
Чӣ донад чӣ дорад ниҳони ту эдар!
Ту донӣ Худо, бас набошад,ки бояд,
Биёрӣ зи мардум гувоҳон ба маҳзар!
Ту неку бади худ ҳаме худ бидонӣ,
Чи ҳоҷат ба муфтию қозиву довар!?
Дили халқи дунё ба дасти Худой аст,
Худоро ба даст ору аз халқ бигзар!
Магар Ӯ надонад, ки ту чун бибошӣ!
Латифу хабир аст ба пайдову музмар...

*Бо умеди сарбаландии дуҷаҳонии ҳамагон,*
*Муҳаммадӣ Ҳодизода Навид*

***Ғазал***

*Аз бас ҳавои куят ҷунбанда шуд ҷарасро,*
*Помоли роҳ кардем сад неши хору хасро.*
*Бас буд, ки ҳастии мо дар банди як нафас буд,*
*З-ин рӯ гираҳ намудем бо ёди ту нафасро.*
*Якчанд бесару по чун гирдбод будем.*
*Охир ба бод додем ҳангомаи ҳавасро.*
*Гоҳе зи рӯшиносӣ ранги ҳумой дидем,*
*Ҳар зоғи дилсияҳро ҳар буми баднафасро.*
*Ойинаву қафас буд, мо тутии сухангӯ,*
*То дасти ақл бишкаст ойинаву қафасро.*
*Ҷавлони ақл дидем то марғзори имкон,*
*То боли ишқ паймуд он сӯи ёдрасро.*
*Фазли азал агарчанд сомони ҷумла కораст,*
*Ҷуз ҷаҳду кушиши кас суде накард касро.*
*Мо ҷуз Навид дигар даъво ба кас надорем,*
*Гуфтем ошкоро он шоҳи додрасро.*



*Пешогоҳӣ* - تمهيد

بسم الله الرحمن الرحيم

أَلَمْ يَأْنِ لِلَّذِينَ آمَنُوا أَن تَخْشَعَ قُلُوبُهُمْ لِذِكْرِ اللَّهِ وَمَا نَزَلَ مِنَ الْحَقِّ وَلَا يَكُونُوا كَالَّذِينَ أُوتُوا الْكِتَابَ مِن قَبْلُ فَطَالَ عَلَيْهِمُ الْأَمَدُ فَقَسَتْ قُلُوبُهُمْ ۖ وَكَثِيرٌ مِّنْهُمْ فَاسِقُونَ (الحديد- 16 )

***“Оё барои касоне ки имон овардаанд, овони (ҳангоми) он нарасидааст, ки дилҳояшон барои ёди Худо ва он чӣ аз Ҳақ фуруд омада, хошиъ (нарм, фурутан ) гардад?!***

***Ва монанди касоне набошанд, ки пеш аз ин ба онҳо китоб дода шуд, пас бар ишон рӯзгори тулонӣ (дарозе) бигзашт, он гоҳ дилҳояшон сахт шуд ва бештари аз онҳо табаҳкоронанд “***

Бо дили аз ҳасрат оганда ва аз хиҷолату шармсорӣ бо сари афганда, бо андешаи жарф ва ибрату эътибор аз ин ояти карима ва бо назардошти он чи бар уммат ва сарзаминҳои мусулмонон, бал тамоми ҷаҳон аз ҳарҷу марҷ, куштору вайронӣ ва харобиву саргардонӣ мегузарад;

Оё ҳангоми он нарасида аст, ки андешмандону донишварон ва зимомдорону сардорони ин уммат бо гардан ниҳодану пазруфтани он ҳама норасоиву бекифоятӣ ва бе таваҷуҳиву сабукандешӣ, ки дар ин росто аз эшон гузашту мегузарад, бо бечорагиву афтодагӣ аз боргоҳи Худованди бахшоянда пӯзишу бахшиши ин гуноҳони сангини худ бихоҳанд!?

Оё ҳангоми дарк ва фаҳми ин нуктаи равшан нарасидааст, ки мо дар ҳоли ҳозир бо сипарӣ гаштани рӯзгори дарозе ва дур мондан аз сарчашмаи поку гуворои асолати боварҳои бунёдии худ, ба ноогоҳӣ ва аз ин роҳ ба бемеҳриву беозармӣ расидем?!

Оё дар ин аср, ки фитнаву фасод бедод мекунад, мо ниёзи афзунтар аз пештар ба таҷдиди назар ва бознигарӣ дар шинохти воқеъӣ аз сарчашмаҳои аслии диёнати худ ва омӯзаҳои дурусти он надорем, то аз ин ҳама ноогоҳиву ҷоҳилӣ ва дуруштиву сангдилӣ во раста, ба ҳамон барҷастагиву хуҷастагии бунёдии худ боз оем?!

Оё ин нукта то ҳол барои мо равшан нагаштааст, ки дар ин рӯзгор кор дар умум ба дасти ноаҳлон ва гавҳари донишу маърифат ғолибан ба тӯдае беаслону бечавҳарон расида, ки аз шумии андешаи норасо ва бо ҳавои худ таъвилоти нобаҷои онҳо бегонагони кинатӯзу ҷангафрӯз суд мебаранд ва мардумони бегуноҳу бепаноҳ бархе дар хуни худ шиновар ва бархе овораву дарбадаранд?!

Оё мешавад ба ҳар ҳарфу гуфтори берешае ва ба худнигариву довариву худовардаҳои ҳар беандешае гардан ниҳод, ва гираҳ аз нодониҳои печидаи ӯ накӯшод?!

Оё ин нукта равшан нест,ки агар ба нодон нодонияш нанмоӣ ва даре аз равшанӣ ба рӯи торикандешон накшоӣ, ҳамаро ҳамчун худ бипзиранд ва дар ин тангно ва мурдоби торикистону гандидаи худ бимиранд!

Оё анҷоми корҳои бузург ва пойдории арзишҳои номдор, аз дасти инсонҳои бе донишу беарзишу ноҳинҷор дар замону маконе сохта буд, ки имрӯз сохта гардад?!

Алҳазар з-ин мушти кутаҳбин, ки аз нобихрадӣ,
Соҳати андешаро майдони лашкар кардаанд! (Навид).

Пас биёед бо меъёрҳо ва арзишҳо аз нав ошно ва аз таъассубу дуруштӣ, ки хамирмояи онҳо нодониву тангназарист, ҷудо гардем!

Аз назди худ бо худмеҳварӣ диёнат натарошем! Ва бо андак дониши худ ғарра набошем! Ва нақшҳо ҷуз аз Худойро аз лавҳи сина биздоему банда бас Худойро бошем!

Зеро, мо дар гарави гуфтор ва кирдори худ ҳастем ва чун майлу оҳанги покӣ ва бозгашт ба некӣ бинмоем ва дар ин роҳ гом фарсоем, Худованди меҳрубону пӯзишпазир зиндагии сазовор ва рӯзгори созгорро ба мо арзонӣ хоҳад дошт! Бо умеди Худо.

Эй кош, ки пайки мурдан ояд рӯзе,
К-аз зиндагии хеш пушаймон наравем!

Муҳаммадӣ Ҳодизода Навид

Мо гумшудагонем ба саҳрои гуноҳ,
Вомонда зи корвону афтода зи роҳ.
Бар хоста аз миёна асбобу ъилал.
«Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ».
***
Моро зи ҷаҳон ҷуз ғаму озор набуд,
Сар то сари ховарон ба ҷуз хор набуд.
Шодиву ғами замона дидем басе,
Ҷуз хобу хаёлу ваҳму пиндор набуд.
Навид

***“...Ва ман дар бораи чизе, ки шуморо аз он боз медорам намехоҳам бо шумо пархош ва ситез бинмоям, ман ҷуз ислоҳ намехоҳам, то он ҷо, ки тавон дорам ва комёбии ман ҷуз ба (фазли) Худо нест, худро ба Ӯ биспурдам ва ба сӯи Ӯ боз мегардам”*** [Сураи “Ҳуд” ояти – 88]

# Нахустгуфтор

Ҳарчанд ҷой на он ҷояст, ки донишро дар он пойгоҳ бошад ва гоҳ на он гоҳ аст, ки андешаро дар он боргоҳ, вале, ҷаҳон дар дигаргунагиву ҳаргунагист, пас ин ошуфтагиҳо низ бираванду осудагиҳо ҷонишини онҳо гарданд, пас барои он рӯзу рӯзгор мегӯям, шояд гӯши шунавое бишнавад ва он роҳи нопаймуда мепуям, шояд ҷуяндае биравад..

Тирачашмонро з-ин пеш равшанӣ бинмудам, надиданд, ва дидаварон дар хоб буданд, гаронгӯшонро ҳазордастон сурудам, нашниданд ва шунавоён ноёб буданд. Аз ночорӣ ба бедардон аз дард гуфтам ва бо хоиск[3] оҳани сард куфтам:

Аз дарди дил шикояти беҳуда кардаам,
Дар маҳфиле, ки як дили дардошно набуд.
Навид

Ҳарчанд ҷонам дар ин тангно ба фиғон буд, вале аз ночорӣ дар ин шумор будам ва ҳарчанд аз шаш ҷиҳат озоднамоӣ мекардам, вале гирифтор будам!

Чанде аз касони хирадвопасон бо довариву худситоиву чеҳранамоӣ худро дармонгари фарогиру чорагари беназир хонданд, дидам, ки давои бояста надоранд ва дармони шояста нашиносанд.

Гуфтам, ҳей войи ман агар шуморо намешинохтам, бар ман шуриданд ва чун ишонро напазруфтам, сахт рамиданд.

Ба базми воланамоёни гӯё аз хештангусаставу ба бекарон пайваста рафтам, дидам ки дар мулки тан метананд ва шишаи дил мешикананд, нояшон хушк аст ва мушкашон пушк.

Чеҳранамоёни афсурдаву пажмурдаро дидам, ки чун абри санди тирамоҳӣ борони ҳарза меборанд ва дар боғи пиндори хеш гулҳои коғазин мекоранд, ман аз ин сохтакориҳо сахт бигрехтам.

---

[3] Хоиск - вожаи асили тоҷикӣ, ки ба ҷои он вожаҳои бегона корбурд мешаванд ҳамчун; "болиқа" "болға" ва "чакуш" "кувал.."

Ҳаким Саноӣ мефармояд: "... Агар кубанда хоискӣ в-агар хоянда сандонӣ."

Ман номи ин афзорро аз бобои зиндаёдам дар рӯзгори кудакӣ шунида будам ва дар хотираам нақш баста. М.Н. .

“Роҳшиносоне”- ро дидам, ки аз хонаи ҳавосу чаҳорчубаи ёфтаҳои он по берун нанҳода, вале достон аз Ҷобулқову Ҷобулсо мегуфтанд ва мардумеро ба роҳи нодидаву норафта “роҳ” менамуданд, чун донистанд, ки шинохтамашон пархошиданду шуриданду дар бораам бигазофиданд.

Гарданфарозону баландовозонро дидам, сӯи кӯҳи Қофам хонданд дар суроғи Анқо дидам, ки роҳашон сӯи лоф аст, онсӯтар аз нимараҳ нарафтам.

Омадам ва дар шаҳри афсонаву ангораи ноустувору ноҳамвор такя бар тахту рахти саркориву сардорӣ задам, чун дидам, ин боргоҳи пиндору дурӯғ ва сароби дур аз обу бефурӯғ аст, рахти худ аз ин саробгирдоб бо осемасарӣ бурун бурдам ва по аз ин тангно берун кашидам.

Якчанд ҳангоме аз ховар ба бохтару аз пешорӯ ба пушти сар давидам, аз ҳарзатозӣ тосидаму ба ҷое ки ҷо бошад, нарасидам.

Бархе аз ёрони содадилу наздикбин мехостанд бозориву минбариву шуҳратёр ва ҳамвора орзуманду чашмдор аз дасту ҷайби дунёдоронам бубинанд, чун напазруфтам аз ман безорӣ карданд.

Чун ҳуш ба сарам омаду ба хеш бингаристаму худро шумор пеш аз он рӯзи шумор бигрифтам, дар чашми худ баду бaднамуд намудам ва кам накӯӣ андар худ дидам, ва гоҳе аз хиҷолату шармсорӣ ангӯшти пушаймонӣ ба дандон газидам.

Аз ранҷу дарди норасоӣ бор-бор, зор-зор бигристаму гоҳ-гоҳе бар ин ҳама ҳарзатозиву сабукмағзӣ дарун-дарун захр хандидам.

Гурӯҳе сӯи душворхоҳиву расмам хонданду ҷабҳасоии остони гарданфарозон, чун напазруфтам худбинам хонданд.

Арҷмандӣ назди инҳо ноарҷмандиву худописандӣ худписандӣ буд, хирадмандӣ он чи пиндоштанд буд, ва нобихрадӣ ҳарчӣ дигарон доштанд, ин ҳамаро дидаму санҷидаму сахт бигрехтам.

Оҳанги сайр дар офоқу анфуси бовари ростин кардам дар ковишу ҷустуҷуи ростон, дареғ, ки дар дабистони эшон ривояту достон дидам, на кору користон.

Агар гӯӣ, шинохти ин ҳама кутоҳиҳову норасоиҳоро бо кадом паймона паймудӣ ва дар кадом гирдона озмудӣ?!

Гӯям, дар паймонаи бовару тарозуи равишу рафтори он Паёмовари азал ва он гувоҳи рӯзи пасину абад, ки шинохти ӯро Довари додор, омӯзанда ва омӯзгор дар кӯдаксирштӣ ва кирдоршиносиву нигориши гунабуди равишу рафтори устувор, бо омӯзаҳои падари бузургвору бузургони рӯзгор ба ман арзонӣ дошта ва тухми ин кишти ҳумоюну хуҷаста дар замини дилам кишта ва ин дарси фархунда дар дафтари дилам навишта ва хамири ҳастиям бо ин шакароби зиндагӣ сиришта.

Боз аз абри ҷуд борони раҳмат борида, дар замини пурмояи дил, аз меҳрубонии он обёри азал марғзори баҳоройини ин киштаи аз азал сириштаро обёрӣ бинмуда, то боғистону чаманистон сабз андар сабзу раста-раставу шодобу борвар гашта!

Аз фару нерӯи ин ҳама азалдодаҳо чун ба олами асбоб дида во намудам, омӯхтаму андӯхтам ва чун худро дар марзи тавони худ бишнохтам, кушидаму пуйидам, то ба шинохти таносубии арзишҳои пойдору нопойдор расидам, агар боварат ояд дар ин анҷуман аз хирадмандон бехирадон бештар дидам, сухани ёваи худмеҳварону файласуфнамоён ҳай бишнидаму андешаи береша ва пиндори ноустувори бадниҳодони бебандубору рӯшиносу даҳргарооро ҳай кубидам, то будам дар ин гунабуд будам ва то аз ҷон рамақе ҳаст, ин паймон набоядам шикаст!

Мар устувории ин нуктаи нозук ва зарифи Он абардоно бар ниҳону ошкорро, ки фармуда:

“ Чи басе чизеро ки хуш надошта бошед, дар ҳоле, ки он барои шумо накӯст” [4]

Панду огоҳиву сарзанише, ки аз бадкорону шайодону бебокони якрӯ бардоштам, ҳаргиз аз ростнамоёни кажниҳод ва донишфурӯшони садранг нагирифтам.

---

[4] Сураи “Бақара”-216

Гурӯҳе аз бадсиголӣ, лоуболиям дошанду дастае аз сустройӣ, зурозмоям пиндоранд, боз девонагишон гул мекунад, агар ин ҳамаро, ки бебоконаву озодона гуфтам, бихонанд.

Шигифтовар ин аст, ки ин шинохти нобаҷо ва ин доварии нораворо дар ростои ман, дастае бо такя бар бовару паймону дар гирдонаи дастуроту фармон донанд, бехабар аз ин ки бархе аз инҳо на динро нек бишнохтаву на дастуру фармонро, андешаву пиндори хешро дин номиданду хуйу рафтори худро шариату равиши сазовор ва боз ин бехирадони динситезу дунёзада дарёфтаҳои ҳавосро, ки дар дигар ҷонварон низ ҳаст, хирад номидаанд!

Оҳ, аз ин нодонии решадору вой аз раҳзании гумону пиндор!

Пас агар гӯӣ, ту худ кӣ бошӣ ва ин доварӣ чӣ бошад?!

Гӯям, дар боло гуфтам, ки ман низ аз ин гирдонаву марзҳо берун набудам, вале бо меҳрубонии Худованд ҳар газофаро напазруфтаму напазирам ва некрову бадро биозмоям, ба рӯнамову зоҳир напардозам.

Чеҳра оинаи даруннамост агар шиносанда бошӣ, ин на аз қиёсу таносуби бо худ донӣ, нуре дар фаросат ва хиради муъмин аст,ки бо он бингарад ва ноҳамсӯиҳову комёриҳоро ҷудову дастабаста бубинад ва аз берун ба андарун роҳ бошад.

Дигар ин ки аз бовар, кунишу вокунишу рафтору кирдор дар руху чеҳраи одамӣ нишонаҳо ва роҳнамудаҳо бошад ва ин дар чарандагону дарандагону парандагон ва дигар ҷондорон низ бошад, пас дар инсон чаро набошад?! Ва ин равзанаест, ки дарунро аз берун бинмоёнад.

Магар палангро аз уштулуму чанголаш нашносӣ, ки даранда аст ва морро аз дандонаш, ки газанда ва гусфандро аз нухшораш, ки чаранда, ва гунҷишкро аз параш, ки паранда, пас одамиро дар ин барсанҷу гирдона чигуна нашносӣ, ки бадгавҳар аст ё гавҳардор, девона аст ё ҳушёр.

Дар Каломи пок бихон: “Нишонашон ин ки дар чеҳраҳошон асари (бозтоби) саҷдаҳост”[5] ва боз “Базаҳкоронро бо нишонаҳошон шинохта мешавад”[6]

Агар гӯӣ, пас дар миёни ин ҳама мурдагон туӣ шаҳид ва аз радаи ин ҳама равандагони норасида ба дасти ту чаку санади расид?! Пас, шобошу зиндабод туро гуему нестбоду мурдабод эшонро?!

Гӯям, ин андоза донам, ки ҳар киро дар рафтан аз оғоз то анҷом машрабу обишхури дигар бошад ва “ҳар киро аз баҳри коре сохтанд” ва ман ба “зиндабоду мурдабод”-и касе коре надорам!

Яке сармаст биравад ва яке бо шаст, яке сарболову яке сарпаст, яке пурбору яке бебор, яке дар хобу дигаре бедор, яке хушдилу дигаре бемор, яке осону дигаре дашвор.

Ман чун фалонон ва баҳмонон нарафтам ва мурдабодшон низ нагуфтам, вале эшон бар ман сахт шуриданд ва дуруштӣ оғозиданд, дидам, ки рафтан ва расидане андархури худ доранд ва гуфтанд, ту куҷову мо куҷо?!

Боре наяндешиданд, ки эшон чун ман нарафтанд ва ман нашуридам, пас онон чаро бишуранду бипархошанд?!

Ман ин ҷо аз каломи поки Худованду суханони гавҳарбори Паёмбари арҷманд гувоҳону чаку санад дар исботу дурустии ин боварҳову гуфтаҳо наовардам, ба ҷуз ин як ояти равшан мар намунаро:

(Эй Паёмбар,) бигу: “Ҳар кас бо равиши худ кор мекунад пас, Парвардигоратон ба онҳое, ки роҳёфтагонанд, донотар аст”[7]

Ва агар аз ин бештар бихоҳӣ бирав суроғи “Иборот ва ишорот“ он ҷо басанда ва дилпуркунанда биёбӣ, агар бо меҳрубонии Худованд аз роҳи росту дуруст сар бар натобӣ!

Онҳо, ки ин ҳамаро надонистанд ва ё напазируфтанд, борҳо гуфтанд, аз он ҷойҳо бибуру ин ҷо,ки мо ҳастем бипайванд, дидам

---

[5] Сураи “Алфатҳ” ояти - 29
[6] Сураи “Арраҳмон” ояти - 41
[7] Сураи “Исро”- 84

он ҷо ҳарчанд дар каронаву сӯи қибла сардаргумиву ноҳамоҳангӣ буд, вале он якто буд ва чун ин ҷо мешудам ба самту сӯи чандин қибла гирифтору мубтало мешудам.

Аз он ҷо ҳам бубридаму ин ҷо низ наёмадам ва бо зорӣ гуфтам, эй Парвардгори бахшояндаву роҳнамоянда, он ҷоям бибар, ки хушнудии ту он ҷост!

Дар гузашти рӯзгор чун нек-некӯ бор-бор мебинам, аз бахшишу меҳрбонии Он донои ниҳону ошкор кори хубу сазоворе кардам.

Ва ин аз бахшишу мерубониҳои устоди азал буд, ки донишу сабақ ба хотири болонишиниву дасторхону сари табақ наёмухтаву аз бар накарда будам ва нияти неку оҳанги накӯ дар ангораву шакл гирифтани чистониҳову (моҳиятҳо) кистониҳо (ҳувиятҳо) пур коргар аст.

Дар бархе ҳангому гоҳҳон дидам, ки чистониҳои бархе аз кистониҳошон бузургтаранд, ангор ин ки мӯре даъво аз бардошти бори филе бикунад ва ё ҳамчунон ки аз кӯдаку норасидае сухани арҷманду баҳрадоре бишнавӣ, хуб аст, вале итифоқӣ ва ногаҳонҷаста аст ва такяву эътимодро нашояд, ман ки калофаву ошуфта нестам, ин ҳамаро напазруфтам.

Бархеҳо мегуянд ва дуруст ҳам мегуянд, вале нотамомӣ ва норасогии гӯянда таъсиру бозтобро ба шунаванда намерасонад ва шояду боядҳо ва дудиливу ошуфтагиро пайдо месозад.

Аз ин аст, ки Муҳаммад писари Сирин фармуда: “Ин дониш дини шумост, пас нек бубинед, ки дини худро аз кадом касе мегиред! [8]

---

[8] من اخذ العلم من غير شيخ ، - يضل عن صراط المستقيم

Ҳар кас, ки бе устод касби дониш намояд, гумроҳ гардад ва аз роҳи рост канора равад.

وكم من عائب قولا صحيحا - وآفته من الفهم السقيم

Ва басо касон бошанд, ки ба гуфтори дурусте хурда бигиранд, ин дар ҳолест, ки даргири фаҳми бемор ва норасои хешанд .

[“ Назрату- рраббония фӣ масоилилфиқҳия” саҳ 23-24]

Аз ин пас он гуфтаи овозадорро “Мангар, ки кӣ мегуяд, бингар, ки чӣ мегуяд!”, ба ин гуна гузиниш бояд дод: “Бингар, ки кӣ мегуяд ва чӣ мегуяд!”

Нохушоянд аст, агар зангунае аз мардӣ билофад ва рубаҳе аз шерӣ бигазофад.

Хоҷа андар анҷуман сад лофи мардӣ мезанад,
В-ар ба хона бинияш, маҳкуми зан чун духтар аст..

Навид

Дар фарогарди фармудаи он Паёмовари ростин омада:

“Яке аз нишона ва намоёнгари Растохез ин аст, ки доноён канора бираванд аз ночорӣ ва нодонону ноогоҳон ҷои онҳо биншинанд ва ба мардум дастуру фармоиш бидиҳанд, худ гумроҳанд ва дигаронро низ ба гумроҳӣ кашанд.” Ҳадиси машҳурест.[9]

Чашм бикшову дурустии ин гуфтори гавҳарборро дар ин ҳангом бубин!

Баски донандагон хамӯш шуданд,
Бетамизон суханфурӯш шуданд .

Навид

Эй кош , бо меҳрбониву бахшиши Худованд, мо дар шумори бемоягону бедонишон набошем! Омин!

Боз мегӯем, аҳли бовару диёнат хору забун шуданд!
Ин хориву забуниро худ харидем ва пазруфтем!

Бубин бархе аз миҳробу минбар дукони бозаргонӣ ҷур карданд, ҳангоме, ки мардумонро ба худ мехонанд, пиндоштанд, ки ба Худо мехонанд:

Макун дини ҳақро дукони тиҷорат!
Ки муфлис бимонӣ ба бозори маҳшар.

---

9..عن عروۂ قال: حج علينا عبدالله بن عمرو ، فسمعته يقول : سمعت النبىّ صلى الله عليه وسلم يقول :
« ان الله لا ينزع العلم بعد ان اعطاكموه انتزاعا و لكن ينزعه منهم مع قبض العلماء بعلمهم ، فيبقى الناس جهالٌ ، يستفتون فيفتون برأ يهم فيضلون و يّضلون» [ «الصحيح » البخارى ، حديث- 7307 ]

Ва боз бо роҳҳои дигар ин ҳадис ва мазмуни он дар бештари аз сиҳоҳ ва муснадоти дигар низ ба сиҳат расидааст. М.Н.

Ба меҳробу минбар гар аз ҳақ нагӯй,
Ба дӯзах барандат зи меҳробу минбар!
Навид

Бархе ба ҷое нарасидаанд ва аз курдилӣ пиндоштаанд, ки расидаанд ва ҳарфу гуфторро саранҷоми кор ангоштаву аз ноогоҳӣ анбор анбоштаву гардани худхоҳиву бениёзӣ афроштаанд.

Бубин! Бархе ба масҷиду меҳроб, бархе ба трибуну минбар, гурӯҳе ба курсиву дафтар, андаке ҳам то кӯҳи Қоф аз пайи тасхири деву аҷинаву Сахраи ҷодуву қабилаи Ҷантармантар, дигароне то Сибирёву Питар, ҳатто то Туркистону Кошмар ва аз он ҷо ҳам фаротар рафтанд.

Бубин, мо худро бо ҳамин шуниданҳо аз дидан басанда ва аз норасидагиву норасоӣ расанда пиндоштем:

Дарҳои ҷаннат во буд имрӯз,
Аз бедимоғӣ гуфтем, фардо!
Бедил

Дар ҷарру баҳсу пархошу пазруфтану нопазруфтан миёни худ ба марзе расидем, ки дигар душмани берунае ба кор нест ва ин ҳама аз шумиву касофати худношиносиву нодонӣ!

Бегонагон аз ин рафтору пиндори ноҳинҷори мо ҳай меболанду ҳай хушнуданд, заминаву баҳонаро хуб фароҳам оварданд, то мо гиребони ҳам бидарему обирӯи ҳамдигар бибарем ва гӯӣ инро ҳамегуянд:

Ин ду аблаҳро,ки мо дар фикри аз бун канданем,
Бош, аз нобихрадӣ то беху буни худ кананд!
Навид

Душманони бадхоҳтар аз ҳама дар андаруни мостанд, даста-даставу рада баста, саркорашон нодонӣ, дигар худхоҳиву дарунтабоҳӣ, дигар беҳиммативу номардӣ, танмеҳвариву шикампарварӣ, чоплусиву динфурӯшиву дунёхарӣ, жожхоиву доновамоӣ ва ин ҳама сифатҳо ва гунабуди (ҳоли) як мусулмони нодон ва боз аз нодонии худ ноогоҳ аст:

Оҳ, аз он муслимнамои ҷоҳилу бемаърифат,
К-обируву эътибори дину миллат бурда аст.

Сафҳаи ҳастӣ гувоҳ аст, пайкари дин борҳо,
Захми корӣ аз мусулмонони ҷоҳил хурда аст.
Навид

Ва эй азизе, ки гуфтӣ ва боз дар наиштаҳои пештар аз ин рисола низ гуфтанд: "Манияту ҳуввияти устувор ва носозгоре дар ҳама ин гуфтаҳои ту қад боло намудаву чеҳра менмоёнад, ангор инки ҷуз роҳу равиши худ дигареро напазирӣ ва фишурда инки ин гуфтору навиштори ту худ пархошу ситез нест магар?! "

Гуфтаму боз мегуям, ҳама ин гилаву сӯнамоиҳоро пазруфтаму бишнидам, ки ҳама ин хурдагириҳо ба ҷост ва он ҳамаро ки гуфтед, хубу дуруст дидед ва Худоро сипосгузорам, ки дидед ва агар намедидед онгоҳ нохуб мебуд, зеро то ин дам дар бештар ҳангом созишу мулоимхунукиву ҳатто афсонаву достонбофиҳо миъёру паймонаи гуфтору навиштори бештариҳо буд, бо онки бисёр ноҳамсӯву ноҳамсангу ноҳамранг бо пойгоҳу ҷойгоҳи баланду арҷманди инсонӣ ва боз бо гуфтору навиштори ниёгони донишманду сарбаланди мо буд.

Боз агар аз мадоҳиҳову созишкориҳову ситоишгариҳо бигуям, дигар дар осору навиштори бархеҳо, бал бештарҳо ҳамон мазае, ки надошта, низ намонад:

Дунё хароби шеваву рафтори созиш аст,
Сад бенишотӣ ҳосили пиндори созиш аст.
Номардумиву даюсӣ,садрангиву нифоқ,
Боздодаҳову ҳосили афкори созиш аст.
Бозори харфурӯшӣ бидидӣ чӣ гарму тез,
Имрӯз гарму тезтар бозори созиш аст.
Созиш, ки марз дораду бас ногузириҳо,
Ҳар ҷойгаҳ на ҷои сазовори созиш аст?!
Номардиву ҷаҳолату лофу газофу кин,
Аз чокарони даргаҳу дарбори созиш аст
Эй бас зи аҳли дин ки шарофат ба бод дод,
Ҳаряк забуну хору нагунсори созиш аст.

Гирдона аст ҳирсу тамаъ ин гурӯҳро,
Нафси палид нуқтаи паргори созиш аст.
Сомони кори ин ҷаҳон з-андешаи расост,
К-имрӯз бенишоту гирифтори созиш аст.
Ту “касратулвифоқи нифоқун” шунидаӣ!?
Аз гуфтаи Алист,ки ҳушдори созиш аст.[10]
Аз бас Навид зи шумии созишгарон бигуфт ,
Безори ӯ шуданд, к-ӯ безори созиш аст.

Бале, дар гуфтору навиштори ман манияту ҳуввияти (кистонӣ) носозгор ва устуворе қадафрозиву чеҳранамоӣ мекунад, вале дар баробари худнамоёни нодон, чоплусону чокарравишон, дину ватану миллатфурӯшон, даюсону беномусон, пастгавҳарону беҷавҳарон, дунҳиматону номардумон, фишурда дар рӯёрӯӣ бо ҷавфурӯшони гандумнамо ва юсуфнамоёни зулайхоиниҳод!

Ман ҳувияти худ ва моҳияти боарзишу арҷманди донишу маърифат ва шарофату кароматии инсониро ҳаргиз дар баробари ин тӯдаҳои беарзиш пасту хору забун насохтам ва ба Худованд зорӣ дорам, ки аз ин пас то дами вопасин низ дар ин роҳу равиш устувору побарҷоям бидорад, омин!

Боз даҳҳо гувоҳону раҳнамудҳо ва намунаҳо дар дурустиву ростии ин равишу кунишии худ низ дар навиштаҳои пешин ва кунунии худ овардам, вале аз чӣ рӯст,ки надиданду надидед, боз мегуед, “инҳо магар пархошу ситез нестанд?!”

Гӯям, ҳастанд ва ба ҷо ҳастанд, нигоҳе ба китоб ва дафтар бояд кард, ман ин ҳамаро аз худ наёвардам, бавижа чаҳорчубу тарозуро дар барсанҷи меъёру марзу андозаҳо аз дастуроти Каломи ҳумоюни он пок Парвардгор ва фармудаву кирдору маниши он ягонаи рӯзгор, ҳамон Аҳмади мухтор ва боз аз шинохту дарёфти пойгоху ҷойгоҳи баланду арҷманди инсонӣ бар гирифтам.

---

[10] كثرة الوفاق نفاق و كثرة الخلاف شقاق -

- Созишкории бисёр дурӯист ва носозгории бисёр (пастӣ) ва бадбахтист. Аз ҳикматҳои машҳури Алӣ каррамаллоҳу ваҷҳаҳуст,ки дар китобҳои фариқайн омада аст, аз ҷумла дар осори шайх Шаъровӣ.. М.Н.

Аз сирату равиш ва вокуниши Паёбари зеборафтору хушгуфтор бишнав; Бо аблаҳону калофагон рӯи хуш надошт, бо бадсуратони гаргину чаталу ғажд, (ҳамчун зулхувайсираҳо) намепардохт, ришу мӯи барҷаставу аз марзи худ бурун рафтаро (Абулқаҳҳофа...) пардозу сомону пироиш мефармуд... Дар расонидани ҳаққу ростӣ аз сарзанишкунандае на биму тарсе дошт ва на меҳаросид...

Гоҳоне буд, ки дар баробари нодурустгуфторҳову нодурустрафторҳо дар хашм мешуд, ба гунае, ки раг дар пешонии муборакаш бар меҷаст ва ранг дар чеҳраи зебояш анордонагунаву гулобӣ мегашт..

Аз Абдуллоҳ писари Муборак (р) пурсида шуд, хоксорӣ чи бошад?! Гуфт: “ Гарданфарозӣ бо дороён ва худнамоён.”

Ва ин Муҳаммад фарзанди Алӣ писари Ҳусайн аст (рз), ки фармуда: “Андархури пастфитратон сухани дурушт аст”[11]

Ва боз бузургон аз ин дар бисёр гуфтаанд,ки якеро аз он ҳама гуфтаҳо намуна меорам:

“Оиша (рз) ривоят карда, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салам гуфт,ки Ҳақ таъоло ба аҳли шаҳре азоб фиристод, ки дар он ҳаждаҳ ҳазор мард буд, ки амали эшон чун ъамали пайғамбарон буд.

Гуфтанд, чаро ё Расулаллоҳ?!

Гуфт, зеро инки бар дигарон барои Худои таъоло хашм нагирифтанд ва ҳусбат накарданд...” [12]

Пас, ҳаргиз тамаллуқу пастиву чоплусиро тавозӯъу хоксорӣ напиндорӣ!

Агар ба ин гуфтаҳо бурҳону гувоҳон пурсӣ, ба китоби “Иборот ва ишорот” зернавиштаҳои саҳифаҳои 49,180,181 бознигоҳе бибояд кард, ки дар хитоб ба яке аз садрангон гуфтам:.

...Виқору шаҳомат надорӣ, аз ин рӯ,
Тамаллуқ намоӣ ба ҳар аблаҳи хар.

---

11 “Мин мавоъизи ва ақволи-с-солиҳин” саҳ,65-66

12 Абуҳомид Муҳаммади Ғазолӣ. “Кимиёи саъодат”- саҳфаи 207

Тавозӯъ набошад, бал ин чоплусист,
Ки динро намоӣ бад-ин сон муҳаққар.
Виқору тавозӯъ ба ҳам тавъамонанд,
Яке хуб ин чо, яке ҷои дигар...

Навид

Бархе аз бефаҳмони кавдан мардумро дар ҳама гунабуду назди ҳама нокасу каснамо аз сари ноогоҳӣ, пастиву афтодагиву хориву забунӣ меомӯзонанд ва инро ноогоҳона ба додаҳову фармудаҳои шариъат равона мекунанд ва тавозӯъу беозориву камозорӣ меноманд.. Ҳамин!

Тарки озор кардани хоҷа,
Дафтари куфррост дебоҷа.
Мункар омад ба пеши ӯ маъруф,
Шуд ба мункар инони ӯ масруф.
Аз аломоти ақлу дин орӣ
Мазҳабаш ҳаср дар камозорӣ.
Дарди ӯ аз мубоҳиёни кӯҳун,
“Кас маёзору ҳарчӣ хоҳӣ кун!”

*Мавлоно Ҷомӣ*

Бархе аз инҳо ба ҷуз аз мусулмони воқеъӣ ва инсонҳои озода дигар бо ҳама гурӯҳу фирқа сари ҳамзистиву ҳамоҳангӣ, ҳатто мудоҳанату садрангӣ доранд ва маҳалу ҷойгоҳи тавозӯъу хамидагӣ ин ҷоро медонанд ва саркашиву гарданфарозиву худситоиро дар баробари инсонҳои содаву соф виқору шаҳомату ҳадшиносӣ меноманд.

Дастае аз инҳо ҳай бурунҳоро оростанд, на аз барои Худо, балки аз барои риё ва фиреби муъминони содалавҳу соф, барои андарёфти қумоши дунё ва шармгоҳу шикампарварӣ, девоне дар пироҳану пӯшиши фаришта, он дастаро мегуям, ки дидам, на онҳоро, ки шунидам.

Агар фош гуям, парвои эшон надоштам, вале чун аз марзи худ гузаштанду бо ман дарафтоданд, озодона таштошон аз

бомашон афгандам ва онҳоро ба худҳошон ошно бинмудам ва ин саргузаштро ҳам яке аз ин бархурдҳои сазовор дар ҷой ва гоҳи худ медон!..

### *Саргузашт*

Боре дар сафар будам, нияту хоҳишоти дарунии инсонҳоро Худо медонаду боз худшон.

Оҳанги ба сомон расонидани муҳиме аз арзиши ҳамагонииро дар барнома доштаму ба ин хотир қадам пеш мегузоштам, ки метавон дар радифу радаи хондани мардум ба некӯии фарогири иҷтимоияш номид, чун қазо ин гуна рафта буду фазо инро мехост.

Якеро ки аз ёрони ҳамгину ҳамроҳу ҳамдил мепиндоштам, фаро роҳ дидам, ки бо дастору тайласон ва пирохани сафеду тунбон (шалвор) хиромону нозон он ҷо буд, барои салому дуруд ба сӯяш рафтам.

Чун дар ман дид рӯй ба сӯе бартофт, пиндоштам шояд нашнохт, дар баробари он сӯ, ки мерафт истодам, сар ба зер афганд ва нигоҳе раво надошт .

Гуфтам, ту фалонӣ?!

Гуфт, бале.

Гуфтам, аз кай боз курӣ?!

Гуфт, кур нестам ва шинохтамат, вале саломро бо ту раво надоштам, ин сару сурати туро бубин ин либосу ин пӯшиш!

Гуфтам, дигар либоси ман чи гуна либос аст ва магар шармгоҳи ман намоён аст?! Ва салом, ки яке аз суннатҳои ислом аст, ба либосу сару сурат чӣ кор дорад?!

Чунки зимистон буд боронии чармин доштам ва дигар ҳама пӯшиши маъмулӣ.

Гуфтам, ту ин ҳама колову пираҳанро ба хотири Худо ва бо пайравӣ аз Паёмбар (с) дар бар кардаӣ?!

Гуфт, бале!

Гуфтам, ба Худо, ки баҳри Худо дар бар накардаӣ ва расми Паёмбар нахостаӣ! Ин ҳама ҷомаи тазвиру найранг аст ва чун

домест барои сайди инсонҳои сода ва боз ин пӯшиши суннатӣ аз шумии рафтори шумо баринҳо назди мардум нописандида ва беарзиш гардид!

Гуфт, ғалат мегӯӣ!

Гуфтам, раво дорӣ ки бар санҷем, то сара аз носара ва гавҳар аз хармуҳра ҷудо ва шинохта шавад?!

Гуфт, бифармо!

Гуфтам, биё аз барои хушнудии Худо ту либосҳои маро дар бар кун ва ман пушкҳои туро бипушам!

Гуфт, ай субҳонаалоҳ, ин чӣ гап аст?!

Гуфтам, бо гуфтани ин "субҳоналлоҳ" ту худро бо Худо баробар донистӣ ва таачуб аз худ кардӣ на аз офаридае ва шигифтие аз шигарфиҳои офаридаҳои Офаридгор!

Боз пушокҳои худро аз тан кашидан гирифтам ва гуфтам, инро аз барои Худо мекунам ту низ баркаш, дар ҳоле, ки мардуми бисёре ба ин рӯйдод бо завқу шавқ ва шигифтзадагӣ нигоҳ мекарданд, бештари аз онҳо ҳам маро мешинохтанд ва ҳам ӯро, ангор, ки ман эшонро намедидам ва чун барсанҷи рафторҳо дар паймонаи дастуроти шаръ буд, ҷуз равшанамоии ростӣ ва ҷуз хушнудии Худованд намехостам.

Дар муқобала (руёрӯӣ) на мукобара (бузургихоҳӣ) бо ӯ гуфтам: "Аз ҳамин либоси ман, ки бо назардошти зарурату ночорӣ вале бо нияту оҳанги рафтан дар роҳи росту барои хушнудии Худо (ҷ) дар бар кардаам, ҳама мунофиқону табаҳкорону даҳриёни ин минтақа (ба вижа дар он ҳангом) сахт метарсанд, вале аз ин хиёбон агар туву садҳо ҳамонанди ту бигзаранд, касе аз ин тоифа ба онҳо таваҷҷуҳе намекунад ва нодида мегирад, зеро хуб медонанд, ки ту ва ту баринҳоро бо чанд пайса ва андак мояе аз қумоши (мол) дунё мехарад ва ба суди худ кор мефармоянд, ӯ хомуш буд ва мардум бо таачуб ба мо менигаристанд.

Боз ба ӯ гуфтам, ин шартро напазируфтӣ, биё аз ин ҷо то сари пули поёни ин маҳал аз барои ризои Худо медавем ва худ ба ин

давидан омодагӣ гирифтам ва чанд гом низ бардоштам, вале ӯ ҳамчунон дар ҳайрониву гарангӣ фурӯ рафта буд.

Чун ҷазо аз ҷинси ҷиноят аст, ман ӯро сахт гирифтам ва ҷо дошт.

Гуфтам, шумо чунин пиндоштед, ки бояд дину шариъат дар хизмати шумо бошанд, на мову шумо ходиму ёвари дину миллат ва то ин ҳангом аз ному унвонҳои худсохтаву қалбакӣ зери пӯшиши шариъат ҳай хурдеду чаридед ва бо ҳавои хоҳишоти нафсонии худ дину шариъати наве тарошидед, ки ҳарки чун шумову дар равишу пушиши шумо набошад, аз гирдонаи диёнат баркаронаш медонед ва бо ӯ саломро раво намедоред!

Ба Худо ва аз барои Худо рост бигу, боре ба хотири Худо ранҷу бехобӣ кашидаӣ, аз ҷо боло шудаву давидаӣ, оё барои хушнудии Ӯ роҳе буридаӣ ва водие паймудаӣ, ва боре душманони Худову Паёмбарро ба хашм овардаӣ ва худ ба хотири ризои Худованд боре хашм гирифтаӣ?!

Аз пайи мардонагӣ пояндазот омад чанор,
В-аз пайи тардоманӣ андакҳаёт омад суман.
Ҷон фишону роҳ кубу род зийу мард бош!
То шавӣ боқӣ чу доман барфишонӣ з-ин даман.
(Ҳаким Санойӣ)

Агар ман ин дастуротро ба ҷо овардааму меорам, ҳама аз фазли Худованд буду бошад ва аз худ ба ҷуз сипосу шукр чизе надоштаму надорам..!

***"Фузайл Аёз (рҳ) гуяд: Фардо Парвардгор ба (раҳӣ) бандаи худ гуяд: "Эй фарзанди Одам парҳезгории ту дар дунё ҷуз роҳатталабӣ ба хештан набуд ва бо (аз ҳама буридану) сӯи ман омаданат, ҷуз дархости изату обирӯ мар хештанро надоштӣ! Вале, бигу оё душмание бо душмани ман ва дӯстие бо дӯст (они) ман бинмудаӣ ?!"[13]***

[13] Абдуллоҳи Ансорӣ, "Табақотуссуфия" саҳ-10

***Ин гуфтор бар гирифта аз оёти қурьонӣ ва даҳҳо ҳадиси набавӣ дар ин боб аст.***

***Ва инҳо ҳама нишона ва гувоҳи ростини имону бовари як муъмини воқеист, на бурунҳои ороста ва дарунҳои аз равшании бовару шинохт бе бахраву коста:***

***Он сиёҳе к-аз пайи номуси Ҳақ ноқус зад***
***Дар араб Буллайл буд, андар қиёмат буннаҳор.***
***Бош, то кул ёбӣ онҳоро, ки имрӯзанд ҷузв,***
***Бош,то гул бинӣ онҳоро, к-акнунанд хор.***

***Ҳаким Саноӣ***

Дар фарҷом ба ӯ гуфтам: “Ман худро на фаришта медонам, на дев ва аз шумо на беҳтар медонам ва на бадтар, зеро аз ин каронаву он канора огоҳӣ надорам, вале тарсу умед ҳамроҳ дорам, вақт аст, ки ба худ оед ва худро аз ин хориву сарафгандагӣ назди дунёдорони табаҳкору базаҳкор во раҳонед ва бо мусулмонон бадгумону бадбин набошед ва чун мардуми сода дар намоду рафтори шумо дину шариатро мебинанд, дину равиши поки онро низ бадном насозед ва рӯсиёҳу шармсори ду ҷаҳон нагардед!” Ӯ ҳамчунон хомуш буд ва ҳар яке ба сӯе рафтем.

Аз ин дар аст, ки дар “Иборот ва ишорот”гуфтам:

..Дигар офати илми дин ҳубби дунёст,
Гувоҳ аст бар ин аҳодиси дигар.
Ки мо бас бидидем, дунёпарастон,
Чи густохӣ карда ба дин, эй бародар!
Ба тасвили шайтон намуданд таьвил,
Каломи Худову паёми Паямбар.
Чаро аҳли дунё ниёзе надоранд?!
Ба дини туву донишат, нек бингар!
Ба дунёи эшон тамаъ аз чӣ дорӣ?!
Дуто гашта пеши лаимони бе фар!
Чӣ илм аст, к-аз ҳақ ба дурат фиганда!
Ҳалолат ҳарому ҳаромат ҳаромтар!
Ту мағрур гашта ба таъзими дунон!

Чу саг б-астухоне ва ё хар ба ҷавдар!
Надонӣ авомро “кал анъом” гуфтанд,
Ба таъзими анъом ту аз хеш магзар!...
Навид

Аз ин ҳама афзун гуфтан дар сароғоз хостаи банда на чеҳранамоисту на хештанситоӣ, ноҳамсону ноҳамранг бо равишҳои одативу маъмулӣ ин ҳамаро аз будаҳову падидаҳову озмудаҳо рушану бепарда гуфтам.

Агар аз барои Худо, на аз барои риё ба ин навиштаҳо нек бингарӣ, бубинӣ,ки пешдаромаде омода бинмудам, то хонандаи андешманд бидонад, инки ҳарчӣ аз накуву накуҳида инҷо гуфтам, ҳама аз боястгару боястгорҳои пешрафт ва вопасгароии фардӣ ва иҷтимоъиянд ва ҳамчун рамзу даркушое дар бобҳои ояндаи ин китоб ба кор оянд.

Болотар инки ҳарчӣ дар пасманзари ин гуфтор омада, ҳама далилу раҳнамуди устувор андар исботу будану ҷой доштани он ҳама аз падидаҳои бояставу нобояста ва шоёну ношояста бошанд.

Ҳамчунон, ки дарду озор дар ҳама бемориҳо сахту ногувр аст, ҳамчунин аз бемориву дард гуфтану шунидан низ сахт дашвор аст, вале ман ин ҳамаро ба худ осон гирифтам ва аз он ҳама костагиву норасоӣ гуфтам, бо пайгард ва пайравӣ аз ин дастури устувору озмуда, инки агар бемору бемадоре аз бемориву ранҷурӣ лаб бибандаду пинҳонаш дорад ва дармону чора наҷуяд, он ранҷу дарди нуҳуфта то ҳаст ӯро биёзорад ва саранҷом димор аз рӯзгораш барорад.

Дар ин дафтар бубинӣ нусхаи ҳар дард овардам,
Дар ин санҷишкада ташхиси гарму сард овардам.
Ман аз колбадшиносӣ то шинохти ҷону в-аз онҷо,
Гувоҳинома бар ҳар марду ҳар номард овардам.
Навид

# Диннамоӣ ва дунёгароӣ

Ин балои бузургу гирифтории (фитна) сутург яъне бо пӯшишу пуштувонаи дин кори дунё кардан, бештари аз сарзамину кишварҳои исломиро фаро гирифта аст.

Худ ин ҳама бемоягиву беарзишии бархе аз донишмандони саршиносро дар арабу аҷам дидам, ки бо ҳавову ҳаваси ба даст овардани молу қумоши дунё ва ҷоҳу боргоҳ дину боварро ба бозӣ гирифтанд ва худу нангу номусро ба бегонагон ва бадхоҳон ба гарав гузоштанд.

Аз ин аст, ки бо дастуроти хоҷагоншон, ки "ҳалвои эшон хурдаву дар балвои онҳо гирифторанд" дину мазҳабро афзору миёнкори садҳо ихтилофу ноҳамсӯи миён мусулмонон бинмуданд ва аз бас сиёҳандешиву сиёҳкорӣ, ки доранд, рӯи абуҷаҳлҳову абулаҳабҳои он ҳангомро сафед карданд!..

Бирав ба Покистон ва ин ихтилофу душманиро, ки "пешвоён"-и бархе аз ҳаракат ва аҳзоби супоришӣ ва бо интисоб ба Ислом миёни мардуми ноогоҳ пиёда кардаанд бубин!

Ин масҷид он масҷид, ин кӯча он кӯча ва ин маҳал он маҳалро такфир мекунад.

Ҳамарӯза якдигаро мекушанд, месӯзонанд ва масҷиду мадорисро метарконанд ва мардуми бегуноҳу бепаноҳро ба марг мерасонанду дар сугу мотам менишонанд ва душман аз канора ҳай шобош мегуяд!!

Афғонистонро ҳамин гумоштаҳову динфурӯхтаҳо аз ҷанги фарсоишии вайронгар ба хусумату бадбинии нажодӣ ва таборӣ кашиданд...

Бештаре аз давлатмардон ва донишмандони араб дар хоби харгӯшӣ ва айшу нушу хушгузаронӣ гирифторанд, ҳангоме, ки мардуми мусулмони минтақа фарогири марду зану пиру ҷавон бо дасти муддаъиёни адолат куштаву ба хун оғушта ва шаҳру диёрашон ба харобаву вайрона табдил мегардад, боз

мусулмоннамоҳои нодону нобихраду ноогаҳ дар ин харобкориву куштор ҳамёру ҳамкори ин душманонанд.

Дар тамоми кишварҳои исломӣ ҳамин парешониву сарсониву вайронист ва ин ҳама аз шумии рафтору кирдори дастае аз донишмандони бад ва сардамдорони бе ҷавҳару бешарофат аст.

Дар Амороту Кувайту дигар кишварҳои назди Халиҷ ин ҳамаро мушоҳада кардам, ин ҳама бепарвоӣ, беғамӣ бетафовутиро нисбати мусулмонони ҷафодидаву ранҷкашидаи ҷаҳон, ки “бо ҳам бародаранд”

Инҳо кай парвои Фаластину мусулмонони Чину Бирмаву Кашмиру балозадагони Ямону Шому Ироқ доранд!

Гуноҳ ва базаҳи ин ҳама ранҷу мусибат нахуст бар гардани донишмандону уламои динфурӯшу дунёзада ва боз ба шонаи сардамдорон ва давлатмардони худоношинос ва худбохта аст.

Ҳангоме, ки мусулмонон дар гӯшаву канори дунё наслбарандозиву кушта мешаванд ва бисёре аз гуруснагиву бехонумонӣ рӯзе ҳазорҳо мемиранд, инҳо шаҳрҳои рӯиобиву зериобӣ ва бурҷу бораҳои “Халифа”-ву бо ҳазорҳо номҳои номаймуни дигар ба хотири хушгузаронии бегонагон ва дунёпарастони бешахсият месозанд ва бархе аз давлатҳои пулмасти арабӣ бошишгоҳои (кулубҳо) футболи кишварҳои ғарбӣ монанди “Барселон”- ро сарпарастии чандмилиардии молӣ менамоянд.

Оё мояи хиҷолати мусулмонони воқеъӣ нест, ин ки сармоядорон ва дунёпарастони мусулмоннамо дар харидорӣ намудани рақамҳои мумтози мошинҳо бо пардохти маблағи чандмиллионӣ бо ҳамдигар сабқат ва пештозӣ менамоянд?!

Ин ҷаҳонро хуб обод карданд ва бебандубориву хушгузаронии бе марзе доранд, эй кош аз сад яки ин талошҳоро ба хотири он ҷаҳонашон мекарданд!

Шояд шунида бошӣ, амирзода ва сармояндори яке аз кишварҳои нафтхези араб бо зани британиеӣ ё амрикоие аз сито-рагони муд издивоҷ мекунад ва пас аз сипарӣ шудани 7-8 соли зиндагии якҷоя чун ҳусну зебогии он зан бо гузашти рӯзгор коста

мешавад, ин амирзода дилсард мегардад ва бо роҳи қонунӣ аз ӯ ҷудо мегардад ва ба хотири гӯё зиёни маънавӣ расонидан ба ин зан ба ӯ ба маблағи бист милион доллари амрикоӣ ҷуброн пардохт мекунад! Ин рӯйдодро дар расонаҳои иҷтимоъӣ ва тилвизунҳо борбор ба намоиш гузоштанд.

Ин-т бешарафӣ ва исрофкориву беҳудахарҷӣ!

Акнун биандешед, агар ин пули ҳангуфт миёни бечорагону дармондагон пардохт мешуд, ба ҳисоби миёна зиндагии чанд сад ҳазор инсонҳоро ба сомон меовард.

Ин рӯзҳо аз матбуъот ва шабакаҳои иҷтимоъии ҷаҳонӣ аз боздошт ва ҳабси чандсад нафар аз амирзодагон ва сармоядорони яке аз кишварҳои халиҷ ба ҷурми табоҳии молӣ ва ихтилоси маблағҳои бузурги боварнакарданӣ хабарҳо пахш мешавад, ки натанҳо мусулмононро бал, ҷаҳониёнро ин дағалбозӣ шигифтзадаву ин чунин табаҳкорӣ шармзада месозад..

Барои дарёфти густараи ин ҳама тороҷҳои молӣ ин як намуна басанда аст, ки дороии яке аз онҳо ба ҳабдаҳ милиард дуллор мерасад, боз дар ин рӯзҳо бо пардохти шаш милиард аз зиндон раҳояш карданд...

Инҳо чанд намунае аз ҳазорҳост, пас оҳ аз ин мусулмонӣ, вой аз ин мусулмонӣ!

Балои дигар болои ин ҳама нагунбахтиҳо пайдо шудани гурӯҳҳои навбаромад бо даъвои ислоҳхоҳӣ ва гӯё рӯёрӯӣ бо бидъат ва хурофотҳост, ки бештари гуфтору рафтори онҳо худ бидъати ошкор аст, вале ин камхирадон бидъатро аз куҷо бишносанд?!

Аз ҳама ранҷовар ин ки бо вуҷуди надоштани дониш ва хиради расо ва нисбат додани худ ба "аҳли ҳадис" бо бузургони дин дар меафтанд ва оммаи мардумро дар шубҳаву дудилӣ меафгананд ва заминаи ихтилофот ва ноорамиҳоро дар сарзаминҳои мусулмоннишин омода месозанд!

Ин ҷаҳолату пастиро бо кадом забон битвон баён кард?!
Инҳо ки суханро намефаҳманд!

Пас ба китоби “Иборот ва ишорот” бозгашт бинмоед ва ин гурӯҳро хуб бишносед, андаке аз як манзумаи садбайтӣ инҷо намуна меорам:

Туро гӯям, фарзи баъди имон чист медонӣ?!
Ҳамон таълими илмаст, эй асири ҷаҳлу нодонӣ!
Ту тарки фарз бинмудиву аз ин бехабар афсӯс,
Мусалмони вале аз илму ҳикмат бе самар афсӯс!
Ба ин бедонишӣ гарданфарозӣ сахт нозебост,
Ба имомони дин ин гуна бозӣ сахт нозебост!
Ту медонӣ, ки асли дини худ з-инҳо гирифтастӣ,
Ба ӯстодони дини худ макун густохиву пастӣ
Ту худро мекуни ташбеҳи ишон аз гаронҷонӣ,
Вале як ҳарф ҳам аз гуфтаи эшон намедонӣ!
Улоғ андар сафи асбони тозӣ гар равад шояд,
Вале ҳангоми сабқат се қадам рафтан намепояд...

Ҳамон муҷасима (пайкар ва ҳайкалпарастон) ва мушаббиҳаи дирӯз бо номҳо ва унвонҳои нав имрӯз сар боло кардаанд;

Бештари аз онҳо; бедониш, камхирад, дурушту дағал, таншиноси ҷонбехабар ва ба истилоҳи дигар аз воқеиятҳои фаромоддӣ ноогоҳ, *(ки 99 % боварҳои исломӣ аз онҳо фароҳам омадааст*) фушурда, зоҳирпарастони модагаро дар либоси мусулмонӣ мебошанд...

*(Ман инҳоро “материалистони исломӣ” номидам .)*

Пирону пешвоёнашонро бо бозхониву мутолааи навиштаҳояшон хуб шинохтам, ин ҳангом дар баробари инҳирофоту нодониву садҳо талбиси дигар, мардумро ба нажодпарастӣ ва арабгароӣ мехонанд ва барои бадхоҳони дин ва душманони ҳамешадаркамин замина ва баҳона фароҳам месозанд, гӯё бо пайравӣ аз шайхулисломҳо то китобу рисолаҳои халафу бозмондагони ғолибан бедонишу бетаҷрубаашон, акнун ба худ андешед, ки ин “пайравон” бо ин калофагиву бемағзӣ чи ошубе барпо кардаанд ва мардуми фаровонеро ба чӣ сарсониву парешонӣ кашонидаанд ?!

Ба пиндори ин нобихрадон ва аз хитобаҳову навиштаҳояшон бар меояд, ки гӯё Ислом дини араб бошад ва дар ин ҳангом бадбинии ғайри арабро бо ҳар василаи дастрас дониста ва ё нодониста таблиғ мекунанд, ки хиёнати бузургест дар баробари таълимоти ноби ин диниёнати поки ҷаҳонӣ ва дастуроту фармоишот ва корбурдҳои паёмовари он, Муҳаммади мустафо алайҳиссалом ва хонадону ёрону пайравони бовафояш!.

Дар кишвари мо муқаллидони нодони ин ҷараёни инҳирофӣ ҳамонанди бархе аз муллонамоёни камхираду мутаасиби дигар, аз аъмоли нофила ва мустаҳабаро ба пояи фарзу воҷиб бардоштан оғоз карданд, дигар инро ҳама медонад.

Мардумро қасамхурӣ омӯзонданд, “ба Аллоҳ қасам“ “валлоҳ” “ба валлоҳӣ?” ва монанди инҳо, мардумро яксара қасамхур ва қасамзада карданд, зеро бо пайравӣ аз пиронашон саваганд хурданро ба ҷуз арабӣ раво намедоранд ва ба Имом Абуҳанифа (рҳ) дар баробари дигар хурдагириҳо мегуянд : “Дигар аз бидъатҳои ӯ ин ки акди никоҳ, хутба .. савганд хурданро ба ғайри забони арабӣ раво дониста аст”

Боз назариёти ин равиши инҳирофиро дар робита ба мазоҳиби чаҳоргона бишносед! [14]

Ба хилофи фармудаҳо ва дастуроти ин диёнати зебо ва фарогир ва кирдору рафтори Паёмбри гиромӣ (с), ба урфу расму одоту хурдану пӯшидан ва таъриху фарҳангу забони дигар миллату нажодҳо, ки моҳиятан бо шариати исломӣ ҳеҷ ноҳамсӯӣ надоранд, тохтанд ва ҳафт дари дузахро ба рӯи мардум кушоданду ҳашт дари биҳиштро бастанд!

Номҳои арабӣ гузоштанро қариб воҷиб гардондаанд,*(дар ҳоле, ки бештари онҳо фарқияти “куният”-ро аз “ном” дар забони арабӣ намедонанд...*) ва мардуми сода инҳоро пайравӣ карданд, кам минтақаест, ки он ҷо даҳ “Сумая” ва ё камтару бештаре набошад, боз “Анас” “Абу фалон”-у “Судайс”-у “Ҳубайш”-у садҳои дигар,ки бештари аз инҳо номҳои пеш аз исломиянд.. .

---

[14] Китоби «Фазлулараби алал-аҷами» саҳ. 29 ва боз китоби ”Иқтизоус-сиротилмустақим мухолафату асҳобилҷаҳим” саҳ. 378 - 390..

Пайравони содалавҳ ва бедониши онҳо ҳатто ба таблиғи ин гузаштанд, ки: “Худо нагуед ҷоиз нест, Аллоҳ гуед!”

Ин ҳама боварҳо ва равишҳои мутаасибона ва самтгироёнаро аз китобҳо ва рисолаҳои пешвоҳояшон ба монанди, “Фазлулараби алалаҷам”(“Бартарии араб бар аҷам”) ки ҳатто унвони ин китоб бо фармудаҳои Қурьону суннат ҳамсӯӣ надорад, пажӯҳиш ва ковиш намо!

Ҳамзамон ба хонандаи гиромӣ бо ҷиддият хондани китоби муҳиммеро дар бораи зиндагинома, навиштаҳо ва иътиқодоти пешвоён ва пайравони ин равиши эътиқодии мунҳарифа бо номи “Алмақолотуссания..”-и Шайх Абуабдарраҳмон Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Юсуф, муфтии Ҳира - (ро) тавсия медиҳам.

Аз ҷумла ӯ дар саҳифаи 18-и ҳамин китоб мегуяд:

"وهؤلاء والذى ارواحنا بيده اضرّ على الاسلام من اليهود والنصارى والمجوس وعبدة الاوثان ، لان ضلالات الكفار ظاهرة يتجنبها المسلمون و هؤلاء اتوالدين و العلوم من طريق يغتر به المستضعفون، فاوحوا الى اوليائهم بهذه البدع واحلوا فى قلوبهم وصف المعبود سبحانه با لاعضاء والجوارح و الركوب و النزول والاتكاء والاستلقاء والاستواء بالذات والتردد فى الجهات، فمن اصغى الى ظاهرهم يبادر بوهمه الى تخيّل المحسوسات فاعتقد الفضائح فسال به السيل وهو لايدرى"

Тарҷума:

“Савганд ба зоте, ки ҷонҳои мо ба дасти Ӯст, ин гурӯҳ бар Ислом зиёновартар аз яҳуду насоро ва муҷусу бутпарастонанд.

Зеро, гумроҳиҳои кофирон ошкор аст, ки мусулмонон аз онҳо бипарҳезанд.

Ва ин тоифа дин ва илмро аз роҳҳое меоранд, ки сабукандешонро зуд бифребанд.

Пас бо ин бидъатҳо (навсохтаҳо) ҳаводоронашонро барангезанд ва васфи Парвардгори абарпокро бо доштани лахту пораву андом, барнишастану фурӯд омадану такя додану бо пушт хобидан ва барнишастан ва боз рафту омад дар самту сӯ дилҳои онҳоро фурӯ гиранд.

Ҳар кӣ ба зоҳиру рӯнамои онҳо гирифтор ояд, бо гумону пиндор, бо шитобу осемасарӣ ба андешаи маҳсусот (бисовиданиҳо)

биюфтад ва ба ин ҳама шармандагӣ бовар бинмояд, пас сели (бало) ӯро даррабояд ва ӯ ноогоҳу бехабар бошад”. [ Тарҷума аз М.Н.]

*(Боз шунидем, ки муқаллидону пайравони бедонишу ноогоҳи Шайхул-ислом, аз сари таассуб ба муаллифи китоби “Ал-мақолот...” яъне, Шайх Абдуллоҳи Ҳарарӣ ин ҳангом туҳмату буҳтони рофизигарӣ заданд, ки ин роҳу равиши нотавонмандони дар донишу пажуҳиш ва камхирадони бебиниш дар ҳама давру ҳангом буда ва бошад, ки бо рақибони донишманду тавонманди худ чун бар наоянд, чунин буҳтонҳо бизананд.)*

Дар ин китоб бо нақли Ҳофиз ибни Ҳаҷари Асқалонӣ аз Имом Заҳабӣ, ки яке аз ҳамасрони Ибни Таймия буд, дар китобаш бо номи “Адд-урару-л-комина” мехонем:

“Ва ман - Заҳабӣ эътиқоде ба ӯ (Ибни Таймия) дар исматаш надорам, балки бо ӯ дар масоили аслӣ ва фаръӣ хилоф дорам.”

Имом Заҳабӣ инро пас аз шинохти воқеъӣ аз Ибни Таймия мегуяд, ҳарчанд,ки ӯро пеш аз ин шинохт ситоиш мекард..

Ҳофиз Тақиюддин Сибкӣ низ аз ҳамасрони Ибни Таймия буда, бештари аз бovarҳо ва фармудаҳои ӯро рад мекунад..[15]

Бале, бояд пазируфт, ки ӯ ҳам аз зумраи башар буд ва аз саҳву хатоҳо орӣ на, Худой ӯро биомӯрзад!

Аз ин бештар намегӯям, дар китоби “Иборот ва ишорот” аз онҳо бисёр гуфтам ва боби ҷудогонаеро ҳам дар шинохти дуруст аз онҳо овардам, ин ҷо порае аз он ҳама бозгӯ менамоям:

“ Ин ҳангом мазҳабгурезоне бо пӯшиши аҳли ҳадис, ки бештари онҳо донишу бинише  ончунонӣ  надоранд, →

***(Ҳамчунон, ки Имом Муслим дар муқаддимаи “Саҳиҳ”- аш мефармояд: “Дар охири замон даҷҷолон (пархошгарон) ва дурӯғгӯёне пайдо мешаванд, ки аз аҳодис онеро ривоят мекуннанд, ки на падаронатон ва на шумо шунидаед.***

***Зинҳор аз эшон дур бошед, то шуморо дар гумроҳӣ ва саргардонӣ наафгананд!”*** →бехабар аз хадамоти мактабҳои каломӣ ва

[15] “Алмақоллотус-сания...” саҳ.-25 -...

фиқҳии аҳли суннат дар муқобала бо мазоҳиби табоҳу пайрави ҳавову хоҳишоти нафсонӣ ҳамчун; Муътазила, Ҳашавия, Мурҷиа, Мушабиҳа, (Карромия) Қадария, Ҷабария, Хавориҷ, Равофиз..., ки дар гузашта ёдовар будем, дар ҳоли ҳозир бо баҳонаҳои гуногун, ба монанди "аз байн бурдани хурофоту ширку бидъатҳо" аз рӯи шинохти ҷоҳилона ва нодурусти худ ва боз зери пӯшиши даъвои "мубориза бо равофиз", бо танзу киноя ва гоҳоне ошкоро бар он бузургони некном, (имомони аҳли суннат) ки дар матни китоб ёдовар будем ва бад-ин восита ба тамоми пайравони ростини аҳли сунат ва ҷамоъат аз сари ноогоҳӣ ва ҷаҳли мураккаб роҳи хато мепуянд ва сухани носазо мегуянд!

Ангор, ин ду гурӯҳ яке ифротӣ (равофиз ва пайравнашон) ва дигаре тафритӣ, (хавориҷ ва пайравонашон) ки обишхури ҳарду як аст, аз сари нав бо ҳам дар меуфтанд, бо ҷаҳолату нодонӣ ва таассубу ба худ печидагӣ, ки нишонаи он дар ҷомеъаи мо низ ба назар меояд.

Банда боре дар мунозира бо даъвогарони ин ду гурӯҳ барояшон достоне задам ва эшон аз ночорӣ пазруфтанд, чунки посухе надоштанд ва бурунҷасту гурезгоҳе низ.

Гуфтам: "Шаҷараи тайиба"- и Ислом, ки "асли он собиту" устувор "ва фаръи он" "дар осмонҳо" нуму ва болиш дошт, дар камоли шодобиву сабзишу борварӣ буд ва тамоми башарият фарогири аҳли бовару нобоварон аз баҳра ва меваҳои гуворои он суд мебардошт, то ин ки шумо пайдо шудед, ҳар яке дар қаламрави худ!

Равофиз бо тасвили (зиннат додан) Шайтон ва роҳнамуди яҳудие (Абдуллоҳ ибни Сабаи Яманӣ-Санъоӣ) хурофапардозиву муқадассозӣ бинмуда, дар шохаҳои сабзу зебо ва пурбору пурмеваи ин дарахт бо он ҳама зебоие, ки дошт, латапораву зангулаву устухонҳои пусидаву ҳазор ошғол-машғоли дигарро бо унвони "муқадасот" овеза бинмуданд ва бад-ин восита ин дарахти ҳумоюну зебо наздик ба хушкидан расид.

Ва боз пешвоёни шумо омаданд бо сад шӯру валвалаву даъво, бо унвонҳои пуртумтароқе ҳамчун “муслиҳ”-у “шайх”- улфалону “шайх”-улбаҳмон ва даҳҳо алқоби дигар, бо доштани дониши андаке ва бехабар аз усулиёт ва маънавиёти ин дини муқаддас ва бо андешаи норасову рафтори носазои худ гӯё, аз паи ислоҳу пироиш ва раҳо сохтани ин дарахти беморгуна аз ин ҳама бастаҳои нохуҷаста.

Бубинед чӣ кор карданд!

Ба ҷои ин ки бо панҷаи ихлосу бовар, андешаву тадбир ва донишу шинохти дуруст ин укдаҳоро боз бинмоянд ва ин бастаҳоро бикшоянд ва он ҳама хурофотро дур бинмоянд, онҳо бо табари ҷаҳолат ва арраи таасуб он ҳама шохаҳоро аз шумии ин бастаҳову овезаҳо аз бех бибриданд ва танаву баданаи ин дарахтро бе шоху барг ва хушку холӣ бигзоштанд!

Исломи бе маънавият, бе ҷазбаву кашиш, бе дилбохтагиву тапиш, бетафовут миёни арҷманду ноарҷманд, носипос ба зиндагону мурдагон, бехабару нобовар ба фаротабиъат.., саранҷом “Ислом”-и модагаро ҳамчун даҳриён ва табиъатпарастон!

Ин гумроҳон, ки ин ҳангом бо дасиса ва барномаҳои аз пеш тарҳрезишудаи душманони дин ҷангҳои бунёдбарандозеро дар кишварҳои халиҷ ва ҷойҳои дигар ба роҳ андохтаанд ва тамоми мусулмононро кофир медонанд, соли 2015 дар Сурия мазори саҳобаи бузургвор Ҳуҷр ибни Адӣ ибни Муъовияи Киндӣ (Ҳуҷрулхайр) ро вайрон бинмуда, ҷасади поки ӯро аз хок берун бинмуданд. *(Бо ин баҳона, ки назди ин тоифа зиёрати қабр бидъат ва ширк аст.)*

Расонаҳои итилоотии ҷаҳон таввасути моҳвора ва тиливизёну шабакаҳои интернетӣ ин муъҷизаро, ки хок бар даҳони ин бемазҳабон афканд, ба намоиш гузоштанд, вале, ин наворҳоро бо шитоб аз байн бурданд, ё пинҳон карданд!!!

Мардуми ҷаҳон ин сабти видиёиро диданд, ки ҷасади ин бузургмард пас аз гузашти ҳазору чаҳорсаду анд сол ҳамчунон тоза

буд, мисли ин ки дирӯз дафн шуда бошад, бо чеҳрае монанди моҳ ва хуни шаҳодат дар гардану пироҳани ӯ ҳамчун гувоҳ,

(*Дар навори нахустин , ки издиҳоми мардум зиёд буд ва ҷасад бо сабаби уфтодани торикӣ ва соя ва шитобзадагӣ дар навобардорӣ то андозае норавшан ва ноошкор буд, вале пас аз як солу анде навори дигаре ба намоиш гузошта шуд, ки ду ё се нафар гурро бо оромӣ бишкофтанд ва чеҳраи ин абармарди торих бо риши сафед ва чеҳраи хунолуд, бо даҳони нимбоз ва ҷасаде чунон тозаву нуронӣ, ки гӯйи соъате пеш ба хоб рафта бошад, падидор гашт ва наворбардору ҳамроҳонаш бо тааҷҷуби омехта бо тарс субҳоналлоҳ ва Аллоҳу акбар мегуфтанд....!*

*Хеле шигифтовару омӯзанда аст, ин ки ин накумард бо хавориҷ ҳангоми зинда будан ҷангид, ба шаҳодат расид ва боз ҳамин хавориҷ пас аз ҳазору чорсаду анде аз сари кин қабри ӯро бишкофтанд ва пайкари поки ӯро берун бинмуданд ва бори дигар сарафгандаву шармсор гардиданд!..)* вале,ин бадбахтони гумкардароҳ аз ин ҳам панде нагиранд ва аз боварҳои табоҳи худ даст накашанд! Аллоҳуммахзулҳум, ин лам яҳтаду!

***Ҳуҷр ибни Адӣ ибни Муъовияи Киндӣ (рз) кӣ буд?!***

***Бо шаҳодати муаллифи китоби "Ал-исоба", саҳ.1624 ва китоби "Ал-баён ва т-т-абйин"-и Ҷоҳиз, саҳ. 286, "Таърихи Табарӣ", "Таърихи комил"-и ибни Асир... Ҳуҷр ибни Адӣ ибни Муъовияи Киндӣ, (Ҳуҷрулхайр) бо вафде (гурӯҳе) аз қабилааш Кинда ё Кунда назди Расалуллоҳ омада эмон оварда буд, ҳамчунин дар фатҳи Қодисия, ҷанги "Ҷамал" ва "Сифин" иштирок намуда, аз ҳаводорони Алӣ (рз), ҳамчунин яке аз сипаҳсолорони корозмудаи Алӣ (рз) дар ҷанг бо хавориҷ буд.***

***Дар маноқиб ва сирати некӯи ӯ аз саҳобагон ва тобеъин дар китобҳои ҳадис сияру таврих суханони боарзише бошад, ки ин ҷо наёвардем.***

***Ин бузургмард соли 51 - и ҳиҷрӣ ва бо ривояте дар торихи "Футуҳулбулдон"-и Балозурӣ соли 53-и ҳиҷрӣ ҳамроҳ бо ҳафт нафари дигар аз ёронаш бо дастури Муовия ибни Абусуфён ва бо дасти коргузори ӯ Зайод ба шаҳодат расид.***

***Ӯ пеш аз ба қатл расиданаш ба Муовая (р) ва ҳамроҳонаш рӯ оварда гуфт: "Зиреҳи маро аз танам берун макунед, хуни маро машуед ва бо ҳамин ҷомаву пироҳани (хунинам) бигуронед, зеро, ман дар қиёмат бо шумо мухосамату додхоҳӣ хоҳам кард!"***

***Пас аз ин кирдори нописандида ва носанҷида, бештаре аз саҳобагон ва бузургони он замон аз ҷумла; Умулмуминин Оиша (рз), Ҳасани басрӣ (р) Муовияро бад-ин гуна: сарзаниш ва накуҳиш бинмуданд:***

**« فيا ويلا له من حجر! ويا ويلا له من حجر وأصحاب حجر !»**

***Ибни Сирин (р) гуяд, Муовая (р) дар вопасин нафасҳои худ бо пушаймонӣ мегуфт: «!يومى منک يا حجر طويل » - Рӯзам аз ту, ей Ҳуҷр ба дарозо кашид! (Киноя, аз рӯзам removed табоҳ кардӣ!)***

***Ва дар сугвориву марсияи ӯ шоирони он ҳангом ашъори фаровони дилгудозе гуфтанд, барои намуна:***

قيل: وكان الناس يقولون: أول ذل دخل الكوفة موت الحسن بن علي، وقتل حجر، ودعوة زياد،

وقالت هند بنت زيد الأنصارية ترثي حجرا :

ترفع أيها القمر المنير ... تبصر هل ترى حجرا يسير

يسير إلى معاوية بن حرب ... ليقتله كما زعم الأمير

تجبرت الجبابر بعد حجر... وطاب لها الخورنق والسدير

وأصبحت البلاد له محولا ... كأن لم يحيها مزن مطير

ألا يا حجر حجر بني عدي ... تلقتك السلامة والسرور

أخاف عليك ما أردى عديا ... وشيخا في دمشق له زئير

فإن تهلك فكل زعيم قوم ... من الدنيا إلى هلك يصير

**["Алкомилу фи т-таьрих", саҳ 69-78, ч.-3, 372-382, "Ал-бидояту ва-л-ниҳоя"- ч.8, саҳ. 53 - 54, Ал-мақолот..."саҳ.335]** ***Тарҷума аз М.Н.***

Пас аз ин ҳама воқеиятҳо ва рухдодҳо, ки ҳамарӯза мебинем ва мешунавем, ки боястгари ҳазорҳо табоҳиву харобии шаҳру диёр ва куштору дарбадариву хокбасарии садҳо ҳазор мусулмонону

ғайри мусулмонон гаштаанд, бигу бо кадом равиш бигуяму бинвисам?!

Оё мешавад ҳикояту достони ошубу фитнаву харобиро бо тарзи гуфтору баёни шодиву сурур бозрасиву бознигарӣ кард ва оё аз мотам мешавад бо лаҳну шеваву хитобаи ҷашну сур рӯнамоиву бозгӯӣ намуд?!

Оё ба ҷоҳилону гумроҳони дар ҷаҳли мураккабпечида андарзу панд ва сухани нарм гуфтан ҳайфу дареғ нест ва чӣ суд дорад?!

Оё пазируфтанӣ нест, ки хомӯшӣ ва бетарафии хирадмандон дар баробари ҷаҳолат ва бадиҳо ҷиноят аст, агар ишон бе талош ва хомӯш бошанд, нодонӣ ва табоҳӣ дунёро фаро гирад ва базаҳи он бар эшон бошад ва бо кибру ҷаҳолат созиш кардан нифоқ ва дурӯӣ бошад, бо ҳама кас ва дар ҳама ҳолат созгор будан низ.
Ва боз садҳо чуну чароҳои дигар..

Акнун аз инҳо бигзарем ва рӯ ба воқеиятҳо ва рухдодҳои дигар биёрем.

Бархе аз шахсиятҳои донишманд ва нобиға дар саросари сарзаминҳои мусулмоннишин дар ҳама давру ҳангом буданд ва корҳои бузурги дидгоҳӣ ва корбурдиро ба хотири аз миён бардоштани ихтилофоту ноҳамсӯиҳо ва ошуфтагиҳои мазҳабӣ - иҷтимоъӣ ба сомон расонидаанд.

Вале, таълимоту омӯзаҳои ин муслиҳину муҷаддидин (навпардозон) ба ҷуз дар порае аз ҷой ва гоҳҳо ва маҳдудаҳои муайан ва сарбаста, ончунон фарогир ва муассир дар ҳама сарзаминҳои исломӣ набуданд.

Аз ин қабил шахсиятҳо дар Ҳинд метавон аз Шоҳ Валиюллоҳи Деҳлавӣ, фақеҳ Абдулҳақ ибни Сайфиддини Бухории Деҳлавӣ, Шайх Муъинуддини Чиштӣ, Шайх Аҳмади Сарҳиндӣ (муҷаддиди алфи сонӣ- бозсозандаи ҳазораи дувум) ёдовар шуд, ки аз хадамоти ин бузургон ба вижа дар густариши дини мубини Ислом дар шибҳи қораи Ҳинд ва дигар мамолики ҳамҷавори он ҷои дигар бо тафсил сухан хоҳем гуфт.

Сар аз асри XIX шахсиятҳои зерин дар таҳавулоти сиёсӣ-ичтимоӣ ва фарҳангии манотиқи муаян нақш доштанд;

Саъид Ҳалимпошои туркӣ, Шайх Муҳаммад Абдуҳи Мисрӣ, Умар Мухтор (Ливия) Муҳаммад Алӣ Ҷаноҳ (Қоъиди аъзам), (Ҳиндустон) Саид Ҷамолуддини Афғонӣ, Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ.., (Аллома аҳмади Донишро низ дар ин шумор метавон овард.)

Аз муҳақиқин дар Мовароунаҳр метавон аз донишмандони тамомиёре дар маҷолоти илмӣ ва ирфонӣ, аз ин бузургон ёдовар шуд;

Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ, муҳаддис Абуисо Муҳаммад ибни Исо, Муҳаммад ибни Алӣ (Ҳакими Тирмизӣ), Абулайси Самарқандӣ, Аллома Фазлуллоҳ Фозили (Кайдонӣ), Аламулҳудо Абумансури Мотуридӣ, Абулқосим Исҳоқ Ҳакими Самарқандӣ ва садҳои дигар.

Сар аз асрҳои 13 - милодӣ то инқирози аморати Манғития нақши пирон ва пайравони тариқаи "Нақшбандия" дар густариши дини мубини ислом миёни қабила ва нажодҳои кучӣ ва бодиянишин, ҳамчунин бедорӣ ва огоҳии оммаи мардум бесобиқа буд.

***(Барои оггоҳии бештар ба сияру таворих бозгашт бинмоед, бавижа китоби пурарзиши ҳасбиҳолӣ, зистгоҳшиносӣ ва таърихии "Рашаҳот", яке аз таьлифоти пурарзиши Мавлоно Али Сафӣ, фарзанди рашиду баруманди Мавлоно Ҳусайн Воъизи Кошифӣ.)***

Аз қабили; Ҳазароти Хоҷагон, сарҳалқаи эшон Абдулхолиқи Ғиждувонӣ, Амир Кулоли Бухорӣ, Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ, Хоҷа Орифи Ревгарӣ, Хоҷа Маҳмуд Анҷири Фағнавӣ, Хоҷа Алии Рометанӣ, Хоҷа Бобои Самосӣ, Хоҷа Аҳмади Ясавӣ, Зангӣ Ато, Хоҷа Муҳаммади Порсо ва Хоҷа Абуннасри Порсо, (падар ва писар) Мавлоно Саъдуддини Кошғарӣ, Хоҷа Калон (падар ва писар) Хоҷа Алоуддини аттор ва Хоҷа Ҳасани аттор, (падар ва писар) Хоҷа Муҳаммади Рӯҳӣ, Мавлоно Баҳоуддини Умар, Мавлоно Яъқуби Чархӣ, "Ҳазрати Эшон"- Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрори Самарқандӣ, Махдуми Аъзами Самарқандӣ ва бахусус

Хоҷа Муҳаммад Баҳоуддин Нақшбади Бухороӣ (Қаддасаллоҳу асрораҳум.)

Дар асрҳои баъдин метавон аз шахсиятҳои муҳаққиқе ҳамчун Муфтӣ Икромхоҷа, Аллома Аҳмади Дониш, Шарифҷон Махдум Садри Зиё ёдовар шуд, ки баъдан зери таъсири афкор ва андешаҳои маъорифпарваронаи онҳо ҳаракати "Ҷадидия" ба вуҷуд омад, ки мароми эшон таҷдиди назар дар таълимоти мадрасаҳои Мовароунаҳр буд ва чун пайдоиши ин наҳзати илмӣ муродиф бо инқирози аморати Манғития ва шӯруи инқилоби сурх буда, дар дохили ин иқилоб ва ҳаракати пантуркизм, ки ходим ва чокари ин инқилоб буд, ҳал ва нопадид гашт.

Ҳарчанд ҳаракати ҷадидия ва шахсиятҳои алоҳидаи он, аз қабили Файзуллоҳхоҷа, Фитрат, Мунзим, Айнӣ ва дигарон аз иштибоҳот орӣ набуданд, бо вуҷуди ин, рӯи афкори ҷомеа таъсире гузоштанд.

Ҳамчунон ки мебинем, ин ислоҳкорон ва навандешон дар фарогарди уммати исломӣ ва дар саросари марзу буми мусулмонон ҳарчанд аз рӯи назарияву дидгоҳ мутаносибан комёб буданд, вале корбурду пиёдасозии ин ислоҳот фарогир набуд, ки банда дар ин мавзуъ дар китоби "Иборот ва ишорот" густурдаву басанда сухан гуфтам.

Ин ҳангом печидагиву ноҳамсӯиҳо бештар аз пештар ҷаҳони пуртазоди кунуниро фаро гирифта, ҳамарӯза дар гунаи густариш аст.

Аз ихтилофу ноҳамоҳангии мазҳабиву иҷтимоъӣ дар дохили як кишвари мусулмонӣ ва аз низоъу рӯёрӯии кишварҳои исломӣ бо ҳам гирифта, то ситезаҷуиҳову тафрикаандозиҳои бархе аз кишварҳои ғарбӣ дар баробари мусулмонон ва аз падидаи ҷаҳонишавии арзиш ва меъёрҳои ғарбӣ, то заминасозии тарҳи нави тақсимоти ҷаҳон.

Дар сурати ноогоҳӣ ва чораноандешӣ ин ҳангом ва дар оянда, ин ҳама дарҳамбарҳамиҳо бар мо ва кишварҳоямон паёмадҳо ва рухдодҳои харобиовар ва бунёдбарандозе хоҳанд дошт.

Заминаи ин ҳама бадбахтиҳоро мо бо ноогоҳиҳо ва дониши нопурраи худ аз омӯзаҳои бунёдии боварҳо ва корбурдҳои дурусти он, барои ғараздорон ва бадхоҳон омода месозем.

Агар аз донишмандони мазҳабии дохили кишвар ёдовар шавем, бояд аз сари инсоф нагзарем ва аз камгириву зиёдаравӣ бипарҳезем .

Пас, пурсиш ин аст, ки оё дар ин рӯзгори пурошуб мо муҳақиқони дар риштаҳои гуногуни донишҳои динӣ мазҳабӣ ва огоҳону соҳибназарони пухта ва расида дорем?!

Оё шахсиятҳое дар ҷомеъаи мо ҳастанд, ки огоҳ аз масоили гуногун ва падидаҳои навпайдо дар бархурди онҳо бо диёнат бошанд ва ё дар ҷараёни бархе аз карданиҳои нававарда, ки бо шариат ноҳамсӯ ва ноҳамоҳангӣ доранд ҳастанд, то бо шинохти дуруст аз ин печидагиҳо роҳҳалҳои ин даста аз мушкилот ва душвориҳои иҷтимоъӣ-мазҳабиро баррасӣ ва пешниҳод бинмоянд?!

Оё осебшиносони мазҳабӣ ва ояндабин дар мо пайдоянд ?!

Оё донишмандони мо огоҳии расо аз шариат дар партави дастурот ва меъёру чаҳорчуби омӯзаҳо ва додаҳои мазҳабу равиши мактаби ҳанафӣ ва созгории он бо дигар мазоҳиб ва равишҳои дигари фикрӣ доранд?!

Фушурда ин ки оё мо, шахсиятҳо ва донишмандони тамомиёре дорем, ки дар ҳама самту сӯи донишҳои назарии коромад ва созанда ва корбурди онҳо, ба андешаҳои дуруст ва озмудаву овардаҳои онҳо такя битавон кард?!

Посух ба ин ҳама ковишҳову пурсишҳо агарчи аз дидгоҳи куллӣ осон аст, вале дар ҷомеаи кунунии мо бо назардошти ин ҳама камжарфиҳову камзарфиҳо ва такаллуфоту дашворгириву ба худпечидагиҳо пур дашвор аст.

Вале воқеиятҳоро бояд гуфт, зеро донишманд бо маънои фарогираш каси иҷтимоӣ, аз мардум ва барои мардум аст, зеро дониш наметавонад инфиродӣ ва шахсӣ ва донишманд набояд дар ҳама ҳолату гунабуд созишкору самтусугаро бошад!

Касоне, ки дар ин бовар ва пиндори нодурусту норавоянд ва донишу омӯзишро кори шахсиву инфиродӣ медонад, бо фармудаи ошкору равшани Паёмбари донишгустар (с), аз Абусаъиди Худрӣ ривоятаст, ки Паёмбари Худо фармуданд: “Шахсе, ки пинҳон дорад аз ҷумла он донишҳоро, ки Худованд ба сабаби онҳо дар кори дини мардум суде ниҳода, Худованд дар расттохез аз оташ (бар даҳонаш ) лагоме бинҳад”.[16]

Пас ногузир пайи ковишу пажӯҳиш дар каронаву канора ва намову намуд ва гунабуди донишмандони гуногун дар лобалои донишҳои ақидатӣ - мазҳабӣ меравем ва зимнан ба пурсишҳои пешниҳодшуда посух низ мегӯем.

Аз оғози ин ҷустор ошкор дар посухи он ҳама пурсишҳо мегӯем, на!

Бо ин маъно, ки мо даргузаштаи бештар аз як аср ва ин ҳангом низ бо камоли иҳтироме, ки ба донишу донишварон дорам, бо дареғ мегӯям на, мо донишмандони фарогир ва тамомиёр надорем

---

[16] باب مَا جَاءَ فِي كِتْمَانِ الْعِلْمِ: [2649] قَوْلُهُ (عَنْ عُمَارَةَ بْنِ زَاذَانَ) الصَّيْدَلَانِيِّ أَبِي سَلَمَةَ الْبَصْرِيِّ صَدُوقٌ كَثِيرُ الْخَطَأِ مِنَ السَّابِعَةِ (عَنْ عَلِيِّ بْنِ الْحَكَمِ) الْبُنَانِيِّ بِضَمِّ الْمُوَحَّدَةِ وَبِنُونَيْنِ الْأُولَى خَفِيفَةٌ كُنْيَتُهُ أَبُو الْحَكَمِ الْبَصْرِيُّ ثِقَةٌ ضَعَّفَهُ الْأَزْدِيُّ بِلَا حُجَّةٍ مِنَ الخامسة (عن عطاء) هو بن أَبِي رَبَاحٍ قَوْلُهُ (مَنْ سُئِلَ عَنْ عِلْمٍ عَلِمَهُ) وَهُوَ عِلْمٌ يَحْتَاجُ إِلَيْهِ السَّائِلُ فِي أَمْرِ دِينِهِ (ثُمَّ كَتَمَهُ) بِعَدَمِ الْجَوَابِ أَوْ بِمَنْعِ الْكِتَابِ (أُلْجِمَ) أَيْ أُدْخِلَ فِي فَمِهِ لِجَامٌ لِأَنَّهُ مَوْضِعُ خُرُوجِ الْعِلْمِ وَالْكَلَامِ قَالَ الطِّيبِيُّ شَبَّهَ مَا يُوضَعُ فِي فِيهِ مِنَ النَّارِ بِلِجَامٍ فِي فَمِ الدَّابَّةِ بِلِجَامٍ مِنْ نَارٍ مُكَافَأَةً لَهُ حَيْثُ أَلْجَمَ نَفْسَهُ بِالسُّكُوتِ وَشُبِّهَ بِالْحَيَوَانِ الَّذِي سُخِّرَ وَمُنِعَ مِنْ قَصْدِهِ مَا يُرِيدُهُ فَإِنَّ الْعَالِمَ مِنْ شَأْنِهِ أَنْ يدعو إلى الحق قال بن حَجَرٍ ثُمَّ هُنَا اسْتِبْعَادِيَّةٌ لِأَنَّ تَعَلُّمَ الْعِلْمِ إِنَّمَا يُقْصَدُ لِنَشْرِهِ وَنَفْعِهِ النَّاسَ وَبِكَتْمِهِ يَزُولُ ذَلِكَ الْغَرَضُ الْأَكْمَلُ فَكَانَ بَعِيدًا مِمَّنْ هُوَ فِي صُورَةِ الْعُلَمَاءِ وَالْحُكَمَاءِ قَالَ السَّيِّدُ هَذَا فِي الْعِلْمِ اللَّازِمِ التَّعْلِيمِ كَاسْتِعْلَامِ كَافِرٍ عَنِ الاسلام ما هو وحديث عَهْدٍ بِهِ عَنْ تَعْلِيمِ صَلَاةٍ حَضَرَ وَقْتُهَا وَكَالْمُسْتَفْتِي فِي الْحَلَالِ وَالْحَرَامِ فَإِنَّهُ يَلْزَمُ فِي هَذِهِ الْأُمُورِ الْجَوَابُ لَا نَوَافِلَ الْعُلُومِ الْغَيْرِ الضررية وَقِيلَ الْعِلْمُ هُنَا عِلْمُ الشَّهَادَةِ قَوْلُهُ (وَفِي الْبَابِ عَنْ جَابِرٍ وَعَبْدِ اللَّهِ بْنِ عَمْرٍو) أما حديث جابر فأخرجه بن مَاجَهْ عَنْهُ مَرْفُوعًا إِذَا لَعَنَ آخِرُ هَذِهِ الْأُمَّةِ أَوَّلَهَا فَمَنْ كَتَمَ حَدِيثًا فَقَدْ كَتَمَ مَا أَنْزَلَ اللَّهُ قَالَ الْمُنْذِرِيُّ فِيهِ انْقِطَاعٌ وَأَمَّا حَدِيثُ عَبْدِ اللَّهِ بْنِ عُمَرَ فَأَخْرَجَهُ بن حِبَّانَ فِي صَحِيحِهِ بِنَحْوِ حَدِيثِ أَبِي هُرَيْرَةَ وَالْحَاكِمِ وَقَالَ صَحِيحٌ لَا غُبَارَ عَلَيْهِ .

حدَّثَنَا إِسْمَاعِيل بْنُ حِبَّانَ بْنِ وَاقِدٍ الثَّقَفِيُّ أَبُو إِسْحَاق الْوَاسِطِيُّ، حَدَّثَنَا عَبْدُ اللَّهِ بْنُ عَاصِمٍ، حَدَّثَنَا مُحَمَّدُ بْنُ دَابٍ، عَنْ صَفْوَانَ بْنِ سُلَيْمٍ عَنْ عَبْدِ الرَّحْمَنِ بْنِ أَبِي سَعِيدٍ الْخُدْرِيِّ، عَنْ أَبِي سَعِيدٍ الْخُدْرِيِّ، قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ: " مَنْ كَتَمَ عِلْمًا مِمَّا يَنْفَعُ اللَّهُ بِهِ فِي أَمْرِ النَّاسِ فِي الدِّينِ، أَلْجَمَهُ اللَّهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ بِلِجَامٍ مِنَ النَّارِ [ سنن ابن ماجه 261- 265]

Тарҷумаи ин як ҳадиси охиринро намуна биёрем, то суди ин гуфтаҳо фарогир бошад: Аз Абусаъиди Худрӣ ривоятаст, ки Паёмбари Худо фармуданд: “Шахсе, ки пинҳон дорад аз ҷумла он донишҳоро ,ки Худованд ба сабаби онҳо дар кори дини мардум суде ниҳода, Худованд дар расттохез аз оташ (бар даҳони ӯ) лагоме бинҳад”.

Ин аҳодис ҳама сарзаниш ва ҳушдораст мар онон, ки донистаниҳои худро ҳангоми ниёз ба он пинҳон медоранд ва аз гуфтани ҳақ рӯй бар метобанд. Ин ҳадис ва ҳаммаънои он дар зиёда аз 100 муснад, фатовӣ, сияр ва таворих ба сиҳат расидааст.. М.Н.

ва инҷо аз "Иборот ва ишорот" намунае дар устувории ин гуфта меорем:

" ... Дигар ин ки, аз ин сарзамин (Мовароу-н-наҳр-Вароруд) шахсиятҳои илмии тамомъиёр ва пажуҳанда, ки мутобиқ бо шароит ва меъёрҳои як муҷтаҳид бошанд, бо сабабҳои маълум дар ин як аср берун наёмаданд, ҳарчанд олимону донишмандон ва соҳибназарон дар маҷолоти гуногуни улуми исломӣ вуҷуд доштанд ва доранд, вале на дар пояи як муҷтаҳид ва муҳаққиқи фарогир.

Сабаби дигар таасуб, сахтгирӣ ва худмеъёрии бархе аз шахсиятҳои мазҳабӣ ва низомҳои вақт буд ва бошад, ки мухолиф бо таълиф ва тасниф дар ҳама маҷолоти улуми динӣ буданд ва бошанд, таьлифро мунҳасир ва маҳдуд ба нақли қавл ва ҳикоёту ривоёт медонистанд ва медонанд.

Ҳамчунон ки ба заъми ин «бузургон» «дари иҷтиҳод баста аст», дари таҳқиқ ва пажӯҳиш низ бояд баста бошад."

Ин роҳбандҳо, бунбастҳо ва ва боздорандаҳо имрӯз ҳам ҳастанд, сахттару печидатар аз пештар.

Ин ҳамаро озодонаву бетаккаллуф мегӯям, дар барсанҷиш бо воқеияти ҳол ва шинохти дуруст аз гунабудҳо.

Вагарна бештари аз ин ба истилоҳ олимони мо худро расову расида ва гуфтору кирдори худро пухтаву басанда мепиндоранд.

Мард бошу дар баробари яке аз инҳо бигу, ки "устод, ин навишта ва гуфтаи шуморо далил чӣ бошад, дар ҳоле, ки фармудаи Қурьону ахбор ҳамоҳангӣ надорад?!"

Ё "ин гуфтаи шумо боястгари нофаҳмиҳо мегардад ва пуштувонаи илмӣ надорад"

Пас аз ин омода бош, ки "қиёмати кубро"- ро пеш аз омаданаш ба сарат меоранд ва нисбатат ба чунину чуниҳо медиҳанд, ки на онро медонӣ ва на аз душманат шунидаӣ!

Рӯкушодатар бигӯем, бигир ҳамин минбариҳои моро, бо яксӯ ва истисно намудани шумори андаке аз онҳо, ки эҳтирому

арҷмандишон дар ҷои худ аст, дигар густараи донистаниҳои бештарашон дар марзи як “нимчамулло” ва қисагӯ қарор дорад.

Оё бархе аз инҳо нестанд, ки аз минбари Паёмбар (с) бояд ҳафтае як бор мардумро аз омӯзаҳои шариату ислоҳи ҷомеъа бигуянд ва аз фармудаҳои Худову Расул бозгӯ намоянд!?

Бубин чӣ мегуянд ва кадом роҳ мепуянд!

Ин дар ҳолест, ки масҷид яке аз ниҳодҳои бонуфузи мазҳабӣ дар ислоҳ ва сомон бахшидани оромӣ ва пойдории низоми ҷомеъа мебошад ва Худованди бениёз аз рӯи ризову хушнудӣ масҷидро “хонаи худ” хонда аст.

Бубин бо хонаи Худо чӣ карданд, ҳар рӯз аз ҷониби бархе аз инҳо ҳамон такрори бор-бору таҳсили ҳосил!

Боз аз беиродатӣ, ноуствориву мурдарегӣ боястгари (сабаб) ҷаҳолату нодонии хеш ҷомеаву низомҳои вақтро медонанд ва бо ин баҳонаи сусту пиндори нодуруст гӯё “ҷони худро мераҳонанд” ва асби худро аз ин варта меҷаҳонанд.

Кадом иҷтимоъу кадом низом мехоҳад, ки мову ту нодону ноогоҳ бошем, пас биё нодониву ноогиҳиву бепарвоии худро ба гардани ину он бор нанмоему дар роҳи илму маърифат ва шинохти ҳам дину ҳам дунё кушиш бинмоему роҳ паймоему гом фарсоем!

Зеро, зиёну шумии нодониву ҷаҳолати дононамоёни ҳам диниву ҳам дунявӣ на танҳо эшонро пасту забун созаду бас, балки ба миёнкории онҳо ин зиёну газанд фарогири ҷомеъа гашта мардумро ба пучандешиву беҳувиятиву вопасгароӣ мерасонад ва аз ҷомеаи бенишоту бедонишу бекушиш ҳаргиз на миллате сарбаланду арҷманд гардад ва на кишвару меҳане тавонову зурманд!

Ин ҷо дабистону мактабу донишгоҳу донишкадаро дар намод ва намунаи масҷид овардам, ки ин ҳама бунгоҳу бунёдгоҳи донишу маърифатанд, ободии дунёву дин ба инҳо пайваста асту ҳаргиз ногусаста, чун ду кафаи як тарозу.

Масҷид бад-он хотир гуфтам, ки ҳарифон медонанд, ки ҳаргиз натавонанд, ин даргоҳу боргоҳ ва гирдонаи иҷтимоъу якпорчагии

бандагон дар рӯи заминро аз миён бибаранд ва ё то дерҳангом бибанданд, аз ин рӯ кушишу ситези девонавореро ба роҳ андохтанд, то дар сарзаминҳои мусулмонӣ ин бунгоҳи ақидатӣ ва ин донишгоҳ ва конуни ислоҳи ичтимоӣ ва фарҳангиву ахлоқиро, бо ҳар роҳҳои номашруъу нописандида назди мардум камарзиш чилва бидиҳанд, бо таҳқиру тавҳини шариъат ва зери шубҳа бурдани бархе дастурот ва фармоишоти чавҳарӣ ва бунёдии он.

Ин ғаразҳои шум ва ҳадафҳои аҳриманании худро бо хомушиву бетарафӣ ва ҳатто созишкории номашруъи донишмандони беҳуввият ва шуҳратхоҳу дунёпараст, сипас тавассути ниҳодҳо ва нафарони ба истиллоҳ динӣ- мазҳабӣ ва боз нимчамуллоҳои дар чаҳли мураккаб афтода ва дунҳиммату танпарвар пиёда месозанд...

(*Ин чо намунаҳои фаровоне метавонам биёрам, аз ин гуна " донишмандон"-и ноогоҳ аз дину дониш, вале ба Худованди абардоно ва абартавоно супурдамашон... ва боз манзумаеро, ки дар саҳифаи 33-и ҳамин китоб овардаам, бозхонӣ бинмоед!)*

Ман паҳлуҳои шинохти арзиш ва пойгоҳи масчидро аз дидгоҳи шаръ наёвардам, бо он бовар, ки ин ҳама арчмандии ин боргоҳро мусулмонон медонанд, агарчи бо ғубори таблиғоти шуми худиву бегона ва сиёҳгарӣ фазоро тира ва чашмонро хира бинмудаанд.

Дар ковишу боздодаҳо ва озмуду таҷрубаҳои торихи дур ва наздик ба ин натичаву баҳра расидам, ки масчид аз ҳангоми зиндагонии Паёмбари гиромии ислом (с) то фарчоми ҳастӣ дар баробари ибодатгоҳ будан, ҳамзамон донишгоҳи бузургест барои ислоҳу сомон ва ҳаллу бозгӯшоии масоил ва пешомадҳои динӣ-ичтимоъӣ, ки ба чуз ҳангоми ночорӣ ва ногузирӣ ҳамонанди; фитнаву гирифториҳо, пархошҳои даруниву берунӣ ва ба чуз андар ноорамиҳо, ошуфтагиҳо ва бархурдҳои ичтимоъӣ, онро майдони сиёсат набояд кард, зеро салоҳу маслиҳати чомеъа дар осудагӣ ва оромии зеҳну андешаи мардум аст, то битвонанд бо хотири осуда бандагии Худойро ба чо биёранд ва дар паи сомонбахшӣ ва фароҳамсозии боястгарҳои зиндагии хуб ва гуворои хеш бошанд.

Ҳамвора бояст ичтимоъи башарӣ дар ин гирдона ва фазои ором ба сар барад, ва ҳангоми ноорамиҳову рӯёрӯиҳо ва

бархурдҳо, ки сиёсати дуруст ва санҷидашуда ҳамзамон бо корбасти боястаҳои шоистаи худ дар ин самту сӯ низ даст ба кор гардад ва дар тамоми сохтору зинаҳои моддӣ ва маънавии иҷтимоъӣ аз ҷумла масоҷид хидмати худро барои оромӣ ва осудагии мардумон ба сомон расонад.

Сиёсат моҳият ва падидаи тағйирёбанда ва дигаршавандаи фарогири назарӣ ва амалист ва на ҳар кас марди ин майдон ва на он сазовори ҳар ҷойгоҳ бошад.

Ҳама аркони эътиқодӣ ва ибодоту бандагиҳо холису сара аз барои Худованданд ва ҳеҷ гуна ширкату анбозро ҳаргиз намепазиранд, ҳамчунон ки ширк бо Худованд гуноҳи бузурги нобахшиданист, ширкату анбоз дар баргузории ибодоту бандагиҳо низ дар ҳамин радифу рада аст. (Ин ҳамаро бо далилу гувоҳони расову пура дар “Иборот ва ишорот” овардам , бозхонӣ бояд!)

Ин Худованди донову ҳаким аст, ки дар Қурьони карим моро меомӯзонад: Бигу: “Бегумон намозам ва ибодат ва қурбонии ман ва зиндагӣ ва марги ман ҳама барои Худованд Парвардгори ҷаҳониён аст, шарике барои Ӯ нест ва ба ин суфориш шудаам ва ман нахустин мусулмонам.”[17]

Пас намозро “ибодӣ-сиёсӣ” *(на хутбаҳоро ҳангоми зарурат)* унвон гузоштан, ба ҷуз назарфиребиву навоварӣ (бидъат) ва ҷуз фаризаи намозро дар пояи сиёсат қарор додан чизи дигаре набуда, мардумро ба ибодот беиътино намуда, диёнатро ба сиёсатзадагӣ ва саранҷом мардумро ба сиёсатбезорӣ равона мекунад, ки мо намунаи онро дар бархе кишварҳо мебинем.

Аз номи дин судҷӯии дунявӣ намудан ва ба хотири расидан ба ҳадфҳои шахсиву гурӯҳӣ онро василаву афзор қарор додан, динро ба инҳироф ва мардумро ба гумроҳӣ кашидан аст, ки аз ҳама хиёнат ва ҷиноятҳо гаронтар ва зиёновартар аст.

Ҳангоми ҷангу низоъҳои дохилӣ ва ё хориҷӣ ва дар ошуфтагиҳову бесарусомониҳои мардум ва иҷтимоъ аст, ки сиёсати

[17] Сураи “Анъом”- 162-163

ҳамгом бо шариъат, дар ҳама ҷо аз ҷумла масҷиду минбар лузуман даст ба кор мешавад ва бо дастуроти устувор ва фароовардаҳои озмудаву пойдор густара ва бистараи оромӣ ва осудагии мардумонро фароҳам месозад.

Агар намунаву нишона аз истифодаи суъ (бад) ва судбардории нодуруст аз сиёсат дар пойгоҳи диёнат ва дастуроти онро мехоҳӣ, таърихро дуруст бозхонӣ бинмо ва боз ҳамин зиёнкориҳои даъвогарони "низоми исломӣ"-ро аз рӯи ноогоҳӣ ва бардошти нодуруст аз ҳамгирой ва ҳамзистии сиёсати дуруст бо диёнат дар ин ҳангом бубин, ки чеҳраи зебои ин таълимоти покро чӣ андоза доғдор ва мусулмононро ба чашми ағёр чӣ гуна забуну хор бинмуданд!

# Диёнат ва сиёсат

Ҳарчанд таълимот ва дастуроти Ислом фарогири тамоми паҳлуҳо ва гӯшаву канораи зиндагонии иҷтимоъии башарист, аз ҷумла сиёсат ва давлатдорӣ, ки яке аз заруриятҳо ва ваҷибаи муҳими иҷтимоъӣ дар диёнати ислом ба шумор омада низоми иҷтимоъ, адои аркон ва воҷиботи шаръӣ бидуни ин асли муҳим наметавонанд бо камол ва пуррагӣ ба сомон расанд, вале сиёсат як падида, мафкура ва корбурди иҷтимоъист, на эътиқодӣ ва ҳар гоҳу ҳангоме, ки дар ин ниҳоди мазҳабӣ-иҷтимоъӣ, яъне масҷиду минбар туфайлиёну рӯшиносон дастанкор шаванд ва сиёсатро онҷо кашанду ба он пироҳани диёнат ва қудусият пушониданд боястгари садҳо табоҳӣ ва харобӣ гардад.

Ҳамчунон, ки фирқаи “Хаворич”ва пайравони онҳо дар ин аср бо пайравӣ аз бардошти нодурусти гузаштагони худ аз Қурьони карим иҷрои аҳком ва ҳудуди шаръӣ, ки бо сиёсат ва нерӯи давлат пиёда мешавандро ҳамчун рукни имон донистa, кишварҳо ва мардумонеро ки дар қаламрави онҳо ин аҳком ҷорӣ намешавад, кофир ва куштани онҳоро раво медоранд ва дар ҳоли ҳозир ягон кишвари мусулмониро дорулислом намедонанд ва ин яке аз он зиёну зарарҳост, ки аз нодонӣ ва ноогоҳӣ аз таносуби миёни диёнат ва сиёсат беху бун гирифта аст. Мо дар китоби “Иборот ва ишорот дар ин мабҳаси (ҷусторгоҳ) бисёр муҳим, ки дар ин аср боз сабаби ихтилоф ва ҷангу даргириҳои харобиоваре миёни мусулмонон гардида аст, бо густурдагӣ ва бо далилу гувоҳони фаровони нақлӣ ва ақлӣ сухан гуфтем ва барои ошноӣ бо ин мавзуи печида, андаке з-он ҳама ин ҷо намуна овардам:

“Назди хаворич ва муътазила ва пайравони онҳо бо номҳои гуногун дар замони ҳозир“Дору-л-ислом” вуҷуд надорад ва ҳама “Дору-л-ҳарб”бошад.

Далелашон ин аст, ки имони аксари мардум тақлидист ва муқалид назди онон муъмин набошад. Дигар ин ки дар шаҳр ва

билод аҳкоми Ислом ҷорӣ нест ва ин далили дигарест назди ин гумроҳон дар кофир донистани мардум...

Ва аммо назди оммаи аҳли сунат ва ҷамоат “Дорулислом” мавҷуд бошад, бо далел ва бурҳони фаровоне:

Яке ин ки Паёмбар (с) 13 сол дар Макка мардумро ба имон ва тавҳид мехонд, на ба ташриъ ва иҷрои аҳком.

Пас онон ки дар ибтидои даъвати Паёмбар (с) имон оварданд ва аз дунё гузаштанд ва баъди гузашти замоне шаройиъ ва аҳком устувор гашт, магар муъмин ва мусалмон набуданд?!

Ва низ шарт дар сиҳати имон ва Ислом аз дидгоҳи дурусти аҳли суннат ва ҷамоъат эътиқод доштан ба вуҷуби шаройеъ ва иҷрои аҳком ва ҳудуд аст ҳамроҳ бо амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар, на пойдор намудан ва гузаронидани онҳо, (иҷрои аҳком...) чунки ин амр бар зиммаи ҳукком ва зимомдорон ва аз масъулияти эшон бошад, на тӯдаи мардум.

Бо ин далел, ки агар шахсе дар ҳоле ки ба вуҷуби аҳкоми шариъат имон дорад, вале ин аҳком ва дастурот дар сарзамини ӯ ҷорӣ набошанд ва дар ин ҳол бимирад, бо иттифоқи орои ҷумҳури аҳли суннат ва ҷамоат муъмин ва мусалмон мурда бошад. Зеро усул ва шаъоири дини ислом боқист (ҳамчун намоз, рӯза, ҳаҷ ва барпо доштани идайн, ҷумъа ва ҷамоот ва ғайра), ҳарчанд ба сабаби ҷорӣ набудани аҳком ва ҳудуд дар авсофи ин усул халал ворид гашта аст.

Агар ба андеша ва фикри ботилу норасои тоифаҳо ва гурӯҳҳои гумроҳ ва нодон субути халал дар авсоф сабаби заволи Ислом бошад, чаро субут ва пойдории усули дин субуту пойдории Ислом ва исботи мусулмонӣ набошад?!

Пас чун Ислом собит бувад, ҷомеа ҷомеаи мусулмонӣ ва дор (қаламрав) дори ислом бувад...”

Ва дигар “далел ва ҳуҷҷат” дар набудани Дорулислом назди ин гумкардароҳон, (хавориҷ ва пайравни онҳо) “кофир” будани аксарияти мусулмонони ҷаҳон аст, чунки, бештари аз мардумон муртакиби гуноҳони кабираанд ва муртакиби кабира (гуноҳи бузургкунанда) назди хавориҷ ва пайравони онҳо кофир ва назди

муътазилиён аз доираи Ислом берун аст, агарчи дар маҳдудаи куфр дохил набошад, ки ин бовари табоҳи эшон мухолиф ва зидди қурьону суннат ва муғоир бо усули ақидатии дини мубини Ислом аст ...

***(Барои фарогирии бештар ва радди ин бовари ботили онҳо бо даҳҳо далил ва раҳнамудҳои ақливу нақлӣ ба китоби "Иборот ва ишорот" бозгашт бинмоед!)***

Боз дар бораи баргузиниш ва интихоби роҳбари сиёсӣ аз дидгоҳи дурусти аҳли суннат ва ҷамоат дар китоби "Иборот ва ишорот" гуфтем: "Баргузиниш ва насби роҳбари сиёсӣ ва пешвои уммат дар ислом яке аз воҷиботи (боястаҳо) иҷтимоъӣ (на динӣ-ақидатӣ) буда, тавасути баргузиниш ва пешниҳоди шӯрои аҳли ҳалу акд ва байъати омма, ки дар ҳоли ҳозир "интихобот" ном мебаранд, сурат мегирад. Ҳамчунон, ки дар замони чаҳор халифаи аввали ислом буда ва баъдан ба мулукият ва аморат табдил ёфт.

Таълимоти аҳли суннат, ки аксарияти мусалмонон пайравӣ аз он доранд, ба маъсумияти (бегуноҳӣ) имоме, таъин ва насби ӯ аз ҷониби Худо (ҷ) қоил нестанд ва ба имом ва пешвое маъсумияту қудусият нисбат надода, балки роҳбари сиёсӣ ва сардори давлатро пас аз интихоб ва байъат беҳтар аз аҳли замони худ (дар риёсат ва сиёсат) дониста, сазовори мақоми роҳбарӣ медонанд.

Имом Абуҳанифа (раҳ) дар баъзе аз гуфтори хеш ҳамзамон қувват, ғалаба ва султа ва ба ин восита даст ёфтан бар ҳукуматро низ (зарурутан) аз омилҳои (кунишгарҳо) машруъияти он медонад.

Агар на чунин будӣ, пас амороти Умавия ва Аббосия ва ҳамчун онҳо машруъ набудандӣ ва умури динӣ ва дунявии мусалмонон муаттал (вогузошта) ва бенизом (бесомон) мондандӣ." *["Иборот ва ишорот" саҳ.246-247]*

Аз ёд набарӣ, ин ки мо дар боло ҳолат ва гунабуди боястӣ ва ногузирии рӯ овардан ба сиёсатро ҷудо бинмудем ва бад-он роҳ намудем.

Побаст ва решаи ҳамаи нокомиҳо ва ранҷу нагунбахтиҳо ва боястгори (иллати) ҳама ихтилофу ноҳамсӯиҳо миёни мусулмонон

дар дарозои таърих ва ин ҳангом низ, ноогоҳӣ ва шинохти нодурусту норасо ва канор гузоштани ин асли муҳим ва калидӣ, яъне таносуб ва ҳамзистии сиёсат ва диёнат буд ва бошад.

Ношиносоиву ноҳамсӯии бархе аз фирқаҳои мунтасаб ба Ислом бо бардошти нодурусти ишон аз Қурьон ва аҳодиси Паёмбар бештар болои ҳамин масъала (таносуб ва ҳамзистии сиёсат ва диёнат) буд, ки дар асри севуми ҳиҷрӣ Ислом ба се мазҳаби ақидатӣ-сиёсӣ; Аҳли суннат ва ҷамоъат, Хавориҷ ва Ташаюъ ҷудо шуд ва аз ин се мазҳаб равишҳои дигаре пайдо шуданд ва то 72+1 гурӯҳ, расиданд ва ин гувоҳи ростии он фармудаи Паёмбари ростин аст (с ).

Ин носозгориву ноҳамсӯӣ дар ин ҳангом бештару печидатар аз пештар аст, магар ин ки муслиҳу сомонгустаре аз фазлу бахшиш ва меҳрбонии Худованд абардоно ва абартавоно падид ояд ва бисоти ин ҳама пархошу ситезҳоро бар чинад ва решаи ин носозгориҳову харобкориҳоро бар канад!

Варна, дар ин ҳангом сиёсат ва мазҳаб ба бозӣ гирифта шуда, аз аҳлону ноаҳлон дониставу нодониста ҳама доди сиёсатмадорӣ ва мазҳабшиносӣ мезананд ва аз боястгорҳои нагунбахтии мусулмонон дар ин аср яке ҳамин аст, ба вижа ноогоҳӣ аз таносуб миёни дин ва сиёсат...

Ман як сиёсатмадори асил ва воқеиро дар появу пойгоҳи як файласуфи пухта ва расида медонам, яъне ҳамчунон, ки фалсафа фароҳамомада аз даҳу бештар донишҳои калидӣ ва решаии назарист, сиёсат низ ҳамчунин бошад, боз яке аз душвориҳои сиёсат дар амал пиёда намудани ин ҳама дидгоҳҳост ва ин ҳама гирдиҳамомадаҳо ба инсон ва зиндагонии ин ҷаҳонӣ ҳатто онҷаҳонии ӯ сару кору бозтоб доранд, бавижа дар ҳамзистӣ ва ҳамоҳангӣ миёни сиёсат ва шариати ислом..

Пас ҳар кас марди ин майдон набошад, бигир бештари аз онҳоеро, ки ин ҳангом даъвову кингош аз сиёсат ва нақшу бозтоби он дар густараи фарогири диёнати ислом доранд!

Дар гузаштаҳои на чандон дур донишмандоне ҳамчун; Сайид Ҷамолуддини Афғонӣ, Муҳаммад Иқбол, Ҳасан Банно, Абулаъло Мавдудӣ ва дигарон дар заминаҳои гуногуни иҷтимоъӣ ва сиёсӣ дидгоҳҳо ва амалкардҳои хоси худро доштанд, ки ишонро аз рӯи андешаҳои илмии асоснокшуда ва дархури он рӯзгор бо вуҷуди шебу фарозҳои фикрӣ ҳамчун муслиҳ ва муҷаддид мешинохтанд, дар ин аср авзоъ бисёр печидаву ошуфтатар аз он замонҳост, вале мардоне дар появу пойгоҳи он мардони бо дониши фарогир ва ҷомеашинос  пайдо нест, “даъвогарон бисёранду баргузидагон кам.”

Ман бо ҳукми тақдиру сарнавишт бо бисёре аз ин муддаиёни сиёсии ин ҳангом, дар андаруну берун аз кишвар бе восита ё бо миёнкории навишта ва китобҳошон ошноӣ пайдо карда будам, вале донистаниҳои бештари  аз  онҳо аз таълимот ва дастуроти ақидатӣ ва амалии шариати ислом ҳамчунин ҷаҳонбинии онҳо ҳаргиз маро қонеъ ва дилпур намекард ва ин ҳангом низ...

Натиҷа ва баҳраи ин ҳама озмуду озмунҳо аз дидгоҳи банда ин аст, ки агар фаразан яке аз ин гуна “сиёсатмадорон” ё гурӯҳе аз ҳамчунониҳо ҳатто бо роҳои машруъ зимоми умури мардумро ба даст бигиранду ба арикаи (тахт) давлат такя зананд, ногузир аз ҷиҳати надоштани ошноии комил ва фарогир бо асолат ва асосу пойбасти ин дини илоҳӣ ва сиёсатро ҳамчун диёнат пиндоштан ва аз сабаби самтусӯгароиҳо ва ё бо тақлид аз бегонагон аз ночорӣ ва ё ихтиёрӣ ва боз созгорӣ бо сиёсатҳои пазруфташуда аз ҷониби кишварҳои абарқудрат ва ниҳодҳои байнулмилалӣ ва ё бо тақлиду пайравӣ аз сохтору сиёсатҳои нодурусти дар дарозои таърих гузашта ва бетаҷрубагӣ онро дар хидмати сиёсат во дошта саранҷом қурбони он хоҳанд кард ва ҷое ҳам ишорат доштам, ки “агар сиёсат бар диёнат болодаст ва чира гардад, онро ба габоҳӣ ва инҳироф кашад, чӣ ҷои илму дониш бо тамоми фароянд ва додаҳои он!”

Ва яке аз роҳҳои ба инҳироф кашидани динҳои осмонӣ дар дарозои таьрих ҳамин найрангу тарфанд буд ва бошад..

Мо дурустии ин гуфтаро ошкор дар намунаи бархе “давлатҳову ҷумҳуриҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ” ва “баррасиву пажуҳишҳои илмӣ- ақидатӣ” ва “хитобаҳо”-и роҳбарону саршиносону муҳаққиқони онҳо дар нишасту ҳамоишҳо мебинем...

Ва агар касе аз сари самимият ва ё аз рӯи ғараз гуяд: “Шумо низ рӯзгоре дар он радаву аз он шумор будед!”

Бо хотири осудаву виҷдони ором гӯям: “Бале, ман бо хости сарнавишту тақдир ва ҳангомаҳои ногузир ҳар куҷо ки будам, дидгоҳи назарӣ ва амалии худ ва нуктаназари равшани шахсии худро доштам ва ҳаргиз пайраву муқаллиди ноогоҳи касе набудам ва носанҷидаву ноозмуда ҳеҷ гоҳ касе ва андешаеро напазруфтам ва аз ин боястгарҳост, ки дер напоидам.., агар бовар бинмоӣ, бинмо ва агар нанмоӣ, ту дониву Худо (ҷ) вассалому ало маниттабаъалҳудо!

Ман ҳаргиз ин шиор: “Сиёсати мо айни диёнати мо ва диёнати мо айни сиёсати мост!”- ро пазруфта натавонистам ва натвонам!

Ин шиъору хитоба бо равишу равияи он тоифа ва гурӯҳҳое, ки сиёсату роҳбариву имоматро яке аз аркон ва устувонаҳои дин ва рукни имони худ медонанд, андархур ва ҳамоҳанг аст, вале бо омӯзаҳо, дастурҳо ва фармоишоти асил ва решаии диёнати ислом ва равишу дидгоҳи аҳли суннат ва ҷамоъат ҳеҷ ҳамоҳангӣ надошта ва ҳамешаву ҳамвора дар тазод ва рӯёрӯӣ бо онҳо қарор дорад.

Пас, аз нигоҳи дуруст ва саҳиҳи диёнат ва дастуроти устувори шариъат, сиёсат ва сиёсатмадор ҳеҷ қудусият ва ҳеҷ ваколате аз суи Худо надошта, мутаносибан ба ду даста; комёбу созгор ва ё номувафақу ноустувор дастабандӣ мешавад, на аз ин бештар ва низ бозхосту кайфари сазовор бар ин ду гурӯҳ дар он дунё, омода аст, ки Худованд султони мутлақ ва подшоҳи он рӯзи ҷазост, пас, мардумон дар он рӯз бо чашмпушӣ аз табақоту гурӯҳои иҷтимоъӣ ҳама бандагону бозхостшавандагон бошанд, на хоҷагону чокарон...

Бо нигоҳи дуруст ва дарку бардошти расо аз дастурот ва фармоишоти шаръ сиёсат дар Ислом ҳамчун дигар падидаҳои иҷтимоӣ пайрави диёнат аст ва ҳамчунон, ки дар китоби “Иборот ва ишорот” гуфтаам:“Ба истилоҳи дигар дар диёнати ислом сиёсат

пайрави шариъат бошад, на ин ки шариъати муъаяду мондагор, пайрави сиёсати тағирёбандаву нопойдор, (ба вижа дар ин ҳангом), вагарна, ногузирем мафҳуми сиёсатро бо ин бардошт ҷудо аз шариъат донем.”

Ва агар корҳо божгунаву баракс бошад, на Исломи ҳақиқӣ мемонад ва на сиёсати воқеӣ ва бо дареғ бояд ёдовар шуд, ки ҷаҳони ислом пас аз садаи севуми ҳиҷрӣ дар таносуб бо шебу фарозҳо ба ҳамин бало ва фитнаву ошуб гирифтор аст, ки аз сари ҳасрату ошуфтагӣ ин матлабро дар ин китоб бор-бору пуршумор гуфтему навиштем..

Дар устувории ин фармуда, ҳамакнун сари ин ҳадиси ҳикматбори Паёмбари гиромӣ:

“ Хилофат дар ин уммат пас аз ман 30 сол бошад ва пасон мулукият (шоҳигарӣ) бошад”[18], ки ҳамоҳанг бо пажуҳеше, ки бинмудам, дар 85 муснад бо ривояти Сафина (рз) ходими вафодори Расулуллоҳ (с) ба алфози гуногун ва асноди ҳасан омада аст, бозхонӣ ва андеша пухта ва расо ба кор аст. “Дар хона агар кас аст, як ҳарф бас аст.

---

[18] حَدَّثَنِي سَفِينَةُ، قَالَ: خَطَبَنَا رَسُولُ اللَّهِ فَقَالَ: '' الْخِلافَةُ فِي أُمَّتِي ثَلاثُونَ سَنَةً ثُمَّ يَكُونُ مُلْك
[“Ҷомэъи Тирмизӣ”-2156] ва боз 84 муснади дигар бо санади саҳиҳ.]

## Нақшу бозтоби амалкард ва корбурдҳои судманд дар партави омӯзаҳо ва додаҳои (донистаниҳои) устувор ва пойдор

Илму дониши назарӣ ва амалии дурусту устувор яке аз омилҳои (боястгорҳо) решаӣ ва калидӣ дар пешрафти ҷомеъа ва мутақобилан дар пастмондагӣ ва бенишотии он мебошанд, ки ин ҳақиқат бо ҳеҷ рӯву равиш қобили инкор нест ва дар исботу дурустии ин воқеият ниёзе ба бурҳону гувоҳон надорем.

Мо инро дар оғози ин навишта дар намуди донишҳои ақидатӣ-мазҳабӣ фишурдаву ногустурда равшан бинмудем.

Ин мавзуъи хеле муҳимро наметавон дар намоди як ҷомеъа ва сарбаста дар ҳолот ва гунабуди як кишвар барасӣ ва пажӯҳиши пурра ва расо бинмуд.

Пас бо нигоҳи фаротар ва ба истилоҳи дигар ҷаҳонӣ бояд андеша намуд, то дар муқояса ва барсанҷиши фарогир, авзоъу гунабуди иҷтимоъии кишвари мавриди назар ошкор ва ҳувайдо гардад.

Инқилоби техниюлужие, ки сар аз асрҳои XVIII аз Аврупо оғоз шуда буд, бо такомули тадриҷӣ тамоми ҷаҳонро зери таьсир ва бозтоби худ қарор дод ва ин равиши амалӣ дар ҳоли густариш аст.

Ин падида ҷаҳони кунуниро ба се гурӯҳ ва даста тақсим бинмуд; 1-Кишварҳои пешрафта, 2-дар ҳоли рушд, 3- пастуфтода ва ё ба истилоҳи дигар кишварҳои севум.

Дар ҳоли ҳозир ин кишварҳои севум, ки аксаран сарзаминҳои мусулмоннишинанд, барои давлатҳои радаи аввал ва дувум ҳамчун манбаъи маводи хом сӯистифода мегарданд, ҳам аз лиҳози дороиҳои моддӣ ва ҳатто нерӯи инсонӣ.

Ҷаҳон ба як бозори доду гирифт табдил ёфта аст, ба мо дар баробари техниёлужӣ, дидгоҳҳо ва амалкардҳои худро бор мекунанд ва ҳамзамон бо барниҳодани шартҳо ва хостаҳояшон, ҳама чизи мавриди назарашонро бо нархи арзону ва гоҳоне ройгон

мегиранд, агар бо хубӣ нашуд бо зурӣ ва бо ба роҳ андохтани ихтилофоту ҷангҳои бунёдбарандоз.

Ҳамчунон, ки мебинем, раванди ҷаҳонишавии бошитоб ин доду ситадҳои бедодгаронаро метезонад.

Мутобиқи пажӯҳиши бархе аз ниҳодҳои ояндабинии ҷаҳонӣ, моликият ва дороиҳои дунёи кунунӣ дар ихтиёр ва зери султаи 20%-и ҷаҳонхорон қарор дошта, 80%-и мардуми дигар мутаносибан дар ҳолати фақру нодорӣ ва садҳо фалокатҳои дигар ба сар мебаранд.

Абарқудратҳо, ниҳодҳои молии пасипардагии мофиёӣ, ҳатто бархе аз давлатҳои ба ном исломӣ, бо чашмпӯшӣ ва беэътиноӣ ба қатлу куштор, парешониву дарбадарии мардумони бегуноҳ ва бепуштупаноҳ ва харобиву вайронии бархе аз кишварҳои мазлум ва манотиқи муайани ҷаҳон, ба хотири дарёфти суд ва манофеъи номашруъи худ, ангор болои паҳнои ин курраи хокӣ бо худ афту дарафт ва пархошу ситези дадманишонае доранд.

Дороиҳо ва захираҳои болоӣ ва зерзаминӣ, ки ба ҳама ҷаҳониён тааллуқ доранд, аз сӯи ширкатҳо ва итиҳодияҳои молӣ ва санъатии фаромилӣ ва бо ҳамкории бонкҳои судхор бо равиши иҳтикор (монополӣ) барқосо ва ҳарисона берун оварда шуда, ва ба сурати бемарз ва фаромеъёрӣ ба масраф мерасанд, ки ин амалкардҳои зишт ва ғайриақлонӣ замину осмонро табоҳ, сомони мураттаби кайҳониро хароб ва бад-ин восита саёраи заминро ба партгоҳи нестӣ наздик месозанд...

Инсоният асир ва бандии сохтаҳои санъатии электрунӣ ва мошинолоти худ гашта аст...

Худованди ҳакиму доно ин харобкориҳои инсони ноогоҳ, ки натиҷа ва фарҷоми ранҷовару фалокатборе барои худи инсоният ва тамоми каёни ҳастӣ дар пай дорандро дар ояти зерин чӣ равшану ошкор баён фармуда:

“Ба саби корҳое, ки мардум анҷом додаанд, фасод (табоҳӣ) дар хушкӣ ва дарё ошкор шудааст, то (Худованд) ҷазои баъзе аз он

чиро, ки анҷом додаанд, ба онон бичашонад, бошад, ки онон ба сӯи ҳақ боз гарданд."[19]

Абарқудратҳо бо ҳар давлату миллате дигаргуна ва андар хури ҳолат ва гунабуди он кишвар рафтор мекунанд.

Барои намуна кишварҳои халиҷро, ки манобеъи саршори нафту гази ҷаҳон дар замини онҳост, гирифтори бемории хушгузарониву таҷаммул ва ғафлату ноогоҳӣ ва беэътинойву беэътиборӣ нисбати мардумони ҷаҳон бавижа мусулмонони дармондаву ранҷдида гардонидаанд.

Барои аз даст надодани лаҷоми ин фармонравоёни беурза ва худбохта дар Ховари миёнаву наздик бо баҳонаҳои фиребанда ҷангу хунрезиҳои бераҳмона ва харобиовареро пиёда сохтанд, ки бозтоби шуми он то даҳсолаҳои дигар идома хоҳад дошт.

Абардавлатҳо бо баҳонаҳои андаке кишварҳои мусулмониро дар муқобили ҳам мегузоранд ва силоҳу ҷанголоти худро бо арзишҳои кайҳонӣ бо онҳо мефурӯшанд.

Оё мояи ҳасрату дареғ нест, ки бархе аз кишварҳои исломӣ аз Амрико, Русия ва дигар давлатҳои ғарбӣ ба маблағи садҳо милиярд доллар силоҳу ҷангафзор харидорӣ мекунанд, ба хотири таҷовуз ба сарзаминҳои ҳамдигар !...

Ин моли кист?! Магар молу доронии тамоми мусулмонон нест, ки ба ҷои дастгириву кумак ба мардумони нагунбахт ва ободкории кишварҳои ақибафтодаи онҳо, барои вайрониву харобии шаҳру деҳот ва куштору дарбадарии мардуми бегуноҳу бепаноҳ беҳуда ҳайфу талаф мегардад!

Пас чи гуна мусулмонони ҷаҳон аз роҳбарону сарварони худ дилсард нагарданд, ҳангоме, ки ин ҳамаро мебинанд!

Ин ҳама исрофу беҳудахарҷи ба хотири чӣ?! Ба хотири кадом дифоъ аз душман ва кадом душман?!

Чаро аз рӯи ноогоҳиву таасубу бе ҷавҳарии худ аз мусулмонон душман тарошидед!?

[19] Сураи "Рум" - 41

Шумо сардамдорони ҷаҳони ислом чаро ба ҷуз аз ҳамдинони худ дигар душмане надоред ва боз аз ин ҳама фаротару дарднoктар, бегонагонро бо ҳамагуна ҷангафзору неруҳои харобкорашон ба кишварҳои худ барои куштори мардуми худу вайронии сарзамиҳоятон мехонед...!

Ин ҳама чуну чароҳо посух мехоҳанд ва пас аз дарёфти посухи дуруст роҳкор ва чорасозӣ мехоҳанд ва бо як калима, ислоҳ мехоҳанд!

Пас агар гӯем, ки дар баробари зимомдорон ва давлатмардони бе ҳуввият,беандеша ва бедодгар, олимону андешмандони диннамову дунёмеҳвар низ гунаҳкору базаҳгоранд, ғалат накардем ва сухани ноҷое низ нагуфтем, балки дар бештар маворид ҳамин олимони беҷавҳару ҳавопарастанд, ки фармонравоёнро бо раҳнамудҳои нодуруст ва ё сукуту бетарафии нанговари худ ба гумроҳӣ ва табоҳӣ кашидаанд!

Пас илмро пайраву пойбанди сиёсат набояд кард ва онро аз асолату рисолат ва покии бунёдии худ дур набояд сохт!

Дар боло ёдовар будем, ки агар сиёсат бар диёнат болодаст ва чира гардад, онро ба табоҳӣ ва инҳироф кашад, чӣ ҷои илму дониш бо тамоми фароянд ва додаҳои он!

Нигоҳе ба дуриҳо ва на чандон дур дар баррасии корсозҳои (авомил) пешрафту болaндагии илму фарҳанг ва боясгарҳои пастафтодагӣ ва бенишотии он дар намунаи адабиёт моро ба дарёфту фарогарди ин ҷанбаи маданӣ ва фарҳангии ҳастии башарӣ, ва бозтоби он дар густараи зиндагонии иҷтимоъӣ хуб огоҳ месозад.

Пас дар пайи ковиш ва пажӯҳиши маърифат, гунаҳо ва намунаҳо, ё ба истилоҳи дигар шинохти ҳунар ва ҳунарварон меравем, зеро ин нукта шинохташуда ва равшан аст, ки додаҳо ва фароовардаҳои андеша ва хиради башарӣ ва ба равиши дигар маънавиёти инсонӣ бунмоя ва шолудаи ҳама донистаниҳои дигари иҷтимоъӣ ва корбурдии ҷомеаҳои мутамаддин буда, пешрафту

пасгироии ин ду ҷанбаи муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ бо ҳамдигар пайвастагии гусастнопазир доранд.

Ва мо дурустии ин воқеияти озмуда ва пазируфташударо дар намунаи шеъри асил ва бовармеҳвар, ки яке аз волотарин ва нозуктарин намод ва бозтоби андеша ва эҳсоси башарӣ пас аз ваҳй аст, бозрасӣ ва бозгушоӣ менамоем, то хонандаи гиромӣ битвонад пешрафт ва вопасафтодагии гунаҳои дигари донишҳои калидии иҷтимоъӣ ва таъсиру бозтоби онҳоро дар густараи модӣ ва маънавии ҷомеъа худ бозковӣ ва бозрасӣ бинмояд.

## *Шоирон*

Аҳамияти шеър то он ҷост, ки Худованди абардоно сураеро бо ҳамин ном, яъне "Шоирон" дар Қурьони пок фуруд оварда аст ва онҷост, ки шоиронро ба ду даста ва ду гуна рӯнамоӣ бинмуда аст:

***Дастаи аввал;***

"Ва шоирон (касоне ) ҳастанд, ки гумроҳон аз онҳо пайравӣ мекунанд. (224)

Оё надидӣ, ки онҳо дар ҳар водие саргашта (ва ҳайрон) ҳастанд?! (225)

Ва бегумон онҳо чизе мегуянд, ки худ ба он амал намекунанд! (226)

***Дастаи дувум:***

"Магар касоне, (аз онҳо) ки имон оварданд ва корҳои шоиста анҷом доданд, Худоро бисёр ёд карданд ва пас аз он ки ситам диданд, (ҳақро) ёрӣ доданд.

Ва касоне, ки ситам карданд, ба зудӣ хоҳанд донист, ки ба кадом бозгаштгоҳе бар мегарданд!" (227)

[Сураи "Шуаро"]

Ва боз ба ин ин фармудаи Паёмбари хушбаён намунае аз даҳҳо аҳодиси дигар дар бораи шеъру сухан рӯй биёред :

Аз Абдуллоҳ фарзанди Амри Ъос омада аст,ки Паёмбари Худо, ки дуруд бар ӯ бод фармуданд:

“Шеър ҳамоно сухан аст, зебояш ҳамчун сухани зебо ва зишташ монанди сухани зишт аст”[20]

Дар партави фармудаҳои Худованди абардоно ва абартавоно дар ин оёт ва бо назардошти ин гуфтаи фарогири Паёмбари ҳикматбаён дар ин ҳадиси саҳеҳ, мо бо хубӣ ва осонӣ метавонем ин ду даста аз шоиронро бишносем ва бо мизони инсофу додгарӣ ва дар паймона ва гирдонаи дурустиву воқеият бар санҷем ва суду зиёни онҳоро барои ҷомеа нек бишносем.

Дар шарҳу басти ин оёт ва ин ҳадиси пурбори Паёмбар аз тафосиру муснадот гувоҳону раҳнамудҳо метавон овард, аз сабаби нузулу боястгару партави рухдоду саргузаштаҳо низ, хеле омӯзандаанд, вале, ҳама инҳоро дар китоби дигар фарогир гуфтем ва раванду ронди гуфторро дар ин навишта роҳи дигар ниҳодему дари дигар кушудем ва ба ҳар хонаву кошона аз дари он бояд дарун ва бурун шуд.

Фишӯрда ин ки ҷойгоҳу боргоҳи паёмбарӣ болову воло аз марзу буми шеъру шоирӣ бошад, ки Худованд дар ин оёт ва чанд оёти қурьонӣ ин гумони баду чоназаниҳои беарзиши бисёрпарастонро дар нисбат додани Паёмбар ба шоириву коҳинӣ ба рӯшон меафганад ва Пёмбарро аз ин ҳама нисбатҳо бариву пок медонад.

Вале, дар зимну пӯшиши ин оёт рамзу рози дигаре нуҳуфта аст, ки ба дарку фарогарди он бо меҳрубониву ёрии Худованд, устуворони дар дониш ва боз синафарохон бирасанд .

Яке ин ки шеъри асилу боҷавҳар ва шоире ҳамчунин, дар он поя ва он пойгоҳе ҳастанд, ки агар паёмбарон шеър мегуфтанд мардум миёни ваҳй ва шеър саргардон ва парешон мемонданд, пас шеър гуфтан сазовори боргҳу ҷойгоҳи паёмбарӣ набошад.

Ва аммо Паёмбар (с) шеър мешуниду шоиронро таҳсин мекарду дилгарм менамуд, шоирони баруманде ҳамчун; Абдуллоҳ

---

20 نَا يعقوب بن إبراهيم البزاز، نَا الْحَسَنُ بْنُ عَرَفَةَ، نَا إِسْمَاعِيلُ بْنُ عَيَّاشٍ، عَنْ عَبْدِ الرَّحْمَنِ بْنِ زِيَادِ بْنِ أَنْعَمَ، عَنْ عَبْدِ الرَّحْمَنِ بْنِ نَافِعٍ، عَنْ عَبْدِ اللَّهِ بْنِ عَمْرِو بْنِ الْعَاصِ، قَالَ: قَالَ رَسُولُ اللَّهِ : "الشِّعْرُ بِمَنْزِلَةِ الْكَلامِ، حَسَنُهُ كَحَسَنِ الْكَلامِ، وَقَبِيحُهُ كَقَبِيحِ الْكَلامِ " « سنن» دارالقطنی- 1156

ибни Абираввоҳа, Ҳассон ибни Собит... ва барои онҳо дуъо мекард «Худоё кумакаш кун бо рӯҳу-л-қудус», ки "Рӯҳу-л-қудус», ҳамон Ҷибрил (а) бошад.[21]

Шоирони дастаи дуввум, ки Қурьон ситоишашон бинмуда, дар ҳама ҳангому замон некхоҳу муслиҳу сомонбахши ҷомеаи инсонӣ буданд.

Ин некбахтон пеш аз он ки шоир бошанд аҳли бовару имон аҳли донишу ирфон ва инсоне дар ҷойгоҳи волову болои инсонӣ буданд, бигир аз устод Рудакӣ то аллома Иқбол ва боз дигар шоирони асил аз арабу аҷам..

Оё аз дараҷаву пойгоҳи баланди илмии Саноиву Аттор огоҳӣ дорӣ ва дар ҳамин шумор ҳофизҳову ҷомиҳову бедилҳо?!....

Муҳаммад Ҷалолуддин пеш аз он ки "Мавлоно" шавад, "Муллои рум" буд .

Шеър барои ин бузургон афзору роҳбурде дар расонидани донишу биниши бо арҷу бо арзиши онҳо ба мардум, ислоҳи сардорону зимомдорон ва бад-ин миёнкорӣ ислоҳи ҷомеъа ва раҳнамуде барои сарбаландиву сарафрозии дуҷаҳонии инсонҳо буд ва бо ибораи дигар шеър мазҳари таҷалиёти нуроният ва равшаноии андешаву афкор ва оинаи тамомнамои ҷаҳони шигифту шигарфи ин бузургон буд!

---

**21** Бо ривояти Тирмизӣ, Ибни Моҷа, Абу Довуд... ҳукми ҳадис саҳеҳ...

Аз Шарид (р) омада аст, ки рӯзе дар сафаре ҳамроҳи Паёмбари Худо будам, фармуданд (с) Оё аз шеъри Умая ибни Абисалат (шоири рӯзгори ҷоҳилият) назди ту чизе ҳаст?!

Гуфтам, бале, эй Паёмбари Худо!

Гуфт биёр, пас байте овардам.

Боз гуфт, дигаре ҳаст?!

Гуфтам, оре.

Гуфт, биёр!

Боз байте гуфтам, то инки сад байт овардам...

Паёмбар (с) фармуданд: "Дуруст бар меояд, ки наздик будааст дар шеъраш мусулмон шуда бошад."

***("Саҳиҳ"-и Муслим, китоби шеър, ҳадисҳои 6022,6023,6024, ҳукми ҳадис ҳасан ,саҳиҳ. Боз дар ҳамин китоб ва дар дигар муснадот бо роҳҳои дигар ва асноди гуногун бисёр омада аст, ҳамчунин аз Паёмбар (с) аҳодиси дигаре дар накӯҳиши шеърҳои бад ва шоирони бадпаймон низ ба сиҳат расида аст.) Бо тарҷумаи М.Н***.

Аз ин аст, ки гуфтори эшон мондагору номи некашон пойдор аст.

Бузургони ёдшуда ва ҳамгинонашон дар ҳама рӯзгору ҳангом муслиҳу раҳнамои мардум ба сӯи саодату сарбаландӣ буданд ва то кунун низ.

## *"Шоирон"*

Аммо "шоирон" низ бошанд, ки аз он ҳама арзишҳои пазруфташудаи башарӣ ва боварҳои ростин бе баҳра ва ё камбаҳраанд ва Қурьони пок моро аз ҳолу гунабуди эшон бо нишонаҳояшон огоҳ бинмуда, ки ин даста аз шоирон шеър мегуянду бас, дигар ба ахлоқу маънавиёту инсониёт ва неку бади мардум чандон коре надоранд...

Пас, шеър бо худии худ арзиши ончунонbackie надорад, агар холиву бемоя аз сармояи бовару имон ва донишу маърифат ва дур аз некхоҳӣ ба мардумон бошад, ҳамчунон ки дар ин садсолаи пасин бо андак истисно дар таносуби замону макон мебинем.

Равшан аст, ки дар замони Шӯравӣ фазо баста буд ва донишмандон аз гирдонаи муқарароти вақт наметавонистанд берун шаванд, дигар муҳол аст, ки дар чунин фазо ва шароити носозгор шахсиятҳо ва андешаҳои пешрафта ва созанда пайдо шаванд ва фаъолияти озод дошта бошанд, магар ба нудрат ва камшумор.

Чунин ашхос дар собиқ Тоҷикистони шӯравӣ мутаносибан бо андешаҳои пешрафта буданд, аз кабили Садриддини Айнӣ, Раҳим Ҳошим, Бобоҷон Ғафур, Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Ҷумъа Одина, Муҳамадҷон Шакурӣ, Расул Ҳодизода, Аъламхон Афсаҳзод, Абдулғанӣ Мирзо, Акбар Турсон ва монанди онон, ки дар ин шароити душвор бо навиштаҳо ва пажӯҳишҳои худ дар пойдорӣ ва аз миён нарафтани фарҳанг ва ҳувияти миллӣ бо назардошти зарфияти замон саҳми босазое гузоштанд, ҳарчанд мушаххасоти андешаҳои онҳо дар умумиятҳои он муҳит ношинохта ва ё камшинохта ба назар мерасид...

Дар замони истиқлол агар аз рӯи инсофу додгарӣ бингарем, мебинем, ки бештари шоирону нависандагон ва фарҳангиёни мо на ончунон гуфтанд, ки ба дарди ҷомеъа бихурад ва торикиҳоро равшан бинмояд.

Гуфтаҳо ва навиштаҳои бархе аз инҳо бадеият ва шеърият доранд, вале аз маънавияту одамият дар онҳо кам аст.

На ҳар кӣ шеър гуфту қисса пардохт,
Бувад шоёни номи одамият.
Басе шоир, ки мо дидем имрӯз,
Чӣ дуранд аз мақоми одамият!

Навид.

Ин булъаҷабон шарм медоранд, ки аз рафтору кирдори некӯ бигуянд, чунки бо сабаби дуриву безорӣ аз бовару эътиқод, ин меъёрҳоро намешиносанду пайравӣ намекунанд ва неку баду доду бедодӣ назди ин нохудшиносон дигару бо паймонаи дигар аст .

Биёед аз сари додгариву додмеҳварӣ нагзарем ва ҳар чистониву кистониро ҳамчунон, ки ҳаст бинмоем.

Дуруст ин гуфтори Қурьони пок равшангари ҳолу гунабуди инҳост:

“Ва шоирон (касоне ) ҳастанд, ки гумроҳон аз онҳо пайравӣ мекунанд

Оё надидӣ, ки онҳо дар ҳар водие саргашта (ва ҳайрон) ҳастанд?!

Ва бегумон онҳо чизе мегуянд, ки худ ба он амал намекунанд!”

Дуруст ин аст, ки инҳоро ба ҷуз содалавҳону камсаводон дигар касон пайравӣ намекунанд.

Дар водии гумону пиндори худ саргардонанд, ба ин маъно, ки дар зиндагӣ ҳадафи маълум, роҳи устувор ва шинохти пойдор надоранд ва шигифтовар ин аст, ки мепиндоранд, доранд...

Ман метавонам намунаи бисёре бештар аз дидаҳову боз аз шунидаҳо аз ноустувриву садрангиву баски намондӣ, аз худфурӯшиву беномусии бархе аз инҳо бепардаву ошкор биёрам,

вале бо назардошти розпушиву пардадорӣ имову нишонаро ҷойгузини ронди сухан бинмудам.

Агар гӯӣ, ғайбату пуштисарӣ гуфтан магар бад нест, оё на он аст, ки Худованд ба “гӯшти бародари худ” хурданаш монанд бинмуда?!

Гӯям, медонем ва бовар дорем, вале боз дар Каломи пок ва суханони ҳикматбори Паёмбар (с) ба чанд гурӯҳ пуштисарӣ гуфтану ғайбатро раво дошта, балки беҳтар аз ногуфтан донista; Яке бедодгари ҷафокор ва дигаре фосиқи табаҳкор, то мардум инҳоро бишносанд ва аз бадиҳову газандашон бипарҳезанд, пас инҳо чигуна бародар бошанд!

Ман аз ин даста мардумон бо нобурдани номҳошон ёд кардам, Ҳуҷҷатулислом Ғаззолӣ дар “Кимиёи саъодат” сафҳаи 269 мегуяд: “...Ва аммо агар ном набарад ва гуяд,касе чунин кард, ғийбат набошад...”

Хуб шуд, ки ин сояпарвардаҳо офтобӣ гаштанду ба ин васила бозшиносӣ шуданд, вагарна бархе аз онҳо чашмбароҳи асбу пойгаҳҷой [22] буданд, то дар майдони бегонагон ҳарзатозӣ бинмоянд..

Ҳарчанд мо холисонаву якрӯ аз эшон пончунон, ки ҳастанд гуфтему дар мақолаҳову китобҳои худ навиштем, вале бархеҳо дигаргунаву бо дудилӣ нигаристанд, ин ҳангом мебинем, ки ин “аҳли адаб” ба ду даста ҷудо шудаву гиребони ҳам медаранд ва обирӯи ҳамдигар мебаранд.

Яке аз дастур ва муқарароти шаръӣ ва ҳатто, мантиқи ва урфӣ ин аст, ки агар бештар аз даҳ нафар ба чизе аз воқеъоту рухдодҳо ба ҳам оянду гувоҳӣ диҳанд, пас бовари дуруст ва илми яқинии бе шакку дудилӣ ба будан ва ё набудани он рухдоду пешомадаҳо дар миён ояд.

[22] Пойгаҳҷой- вожаи навсохта.

Бо пайравӣ аз ин дастури устувор ногузирем сухани ин ҳар ду ҷонибро, ки аз киҳастиҳову чиҳастиҳои ҳамдигар мегуянд, бовар кунем.

"Яҳудиён гуфтанд: "Масиҳиён бар чизе нестанд"
Ва масиҳиён (низ) гуфтанд: "Яҳудиён бар чизе нестанд.."[23]

Чун эътиқоду бовари онҳо дар бораи ҳамдигар чунин аст, пас мо ин гуфтаи эшонро (яҳуд ва насоро) чи гуна напазирем, ва нагӯем, ки мо шуморо бовар кардем, ки чизи қобили эътиборе нестед!

Агар инҳо, ки ҳамчун онҳо бедодгару зиёнкор набошанд, ки ҳамакнун бар якдигар метозанд, пас, чи касе ситампешаву бедодгар аст?! Боз ин даста аз "зиёиён" кам мардумро ба гумроҳӣ ва бадроҳӣ кашиданд?!

*"Ва ононро, ки ҳисоб покаст, аз муҳосаба чӣ бок аст!"*

Бархе аз инҳо ҳам даруну ҳам дар беруни ин марзу бум зери ному унвонҳои "корманд" "мушовири фаҳангӣ" ва боз ину он, бо бегонагон дар омӯзондани фарзандони мардумро дашному нафрину бадмаошиву "гуноҳи шаръӣ" ва даҳҳо хурофоти дигар ҳамёру ҳамдаст буданд ва чун замона дигар шуд, инҳо ҳам дигар шуданд ва ин ҳангом "доди ватанхоҳӣ мезананд" вале надонистам, "ватанхоҳӣ ба гуфтор аст ё рафтор ё ҳар ду!"

Яке аз ин "адибаҳо"-ро медонам, ки барои исботи садоқати худ ба хоҷагонаш бо яке аз онҳо "издивоҷи муваққат" карда буд, ва бад-ин васила ба ватан "хидмат"-и шабонарӯзӣ мекард, ман ин якеро медонам, шояд дигарон бештар донанд!

Оё мояаи сарафгандагиву шармандагӣ нест, ҳангоме бубинӣ яке аз ин "шоирҳо" дар вопастарин хориву сарафгандагӣ бо чоплусиву хушомадгӯӣ назди сардорони кишвари бегона, ба хотири дарёфти чанд пайса, ҳамсӯ ва мувофиқ бо завқу бовари онҳо шеър бихонад ва "аҳсант" бишнавад ?!

[23] Сураи "Бақара" ояти 113

Ин чанд намуна аз он ҳама беҷавҳариҳост, ки овардам, варна, бисёр дидаму хеле шунидам!

Гоҳоне бархе аз онҳо дар шеъру навиштаҳояшон носанҷидаву нопаймуда аз арзишҳову накӯиҳо мегуянд, ҳол ин ки худ аз ин накӯиву арзишҳо фарсангҳо дуранд, бас ин ки бовар ҳам надоранд!

Фаротар аз кистонии худ чизҳое мегуянд, ки надоранд ва аз роҳе дархости роҳбаладӣ менамоянд, ки на дидаанду на рафтаанд!

Бархи дигаре аз инҳо бо ин ҳама дунҳимативу камқиматӣ аз сари бешармиву пурруӣ лофи пургазоф аз ториху фарҳангу ватандорӣ аз андоза берун мезананд.

Мафҳуми поки ватанро ба бозӣ гирифтанд ва гӯшҳои мардумро аз "ватан гуфтан" "ватанзада" карданд, аз баски дар ҷову беҷо ҳай гуфтанду ҳай гуфтанд, вале агар ҷош бошад, бархе аз онҳо ин "ватанро" бо андак пайса ва шаробиҳошон бо чанд шиша май мефрӯшанд!

*(Дар "Иборот ва ишорот" аз инҳо бо гувоҳону чаку санад, бисёр гуфтам.)*

Ин гурӯҳ рисолати адабиётро надонистанд ва ё кам шинохтанд ва суханро беарзиш бинмуданд, чунки боргоҳи инсон ва меъёрҳои инсониро аз ёд бурданд, онҳо аз рӯи ноогоҳӣ пиндоштанд, ки шеър бе инсонияту шинохти меъёрҳои инсонӣ ҳам метавонад шеър бошад!

Бале, мо ҳам мегӯем, метавонад "шеър" бошаду бас, на болотар аз он!

Шеър дар нафси хештан бад нест,
Пеши аҳли дил ин сухан рад нест...
Шеър к-афтад қабули хотири ом,
Хос донад, ки суст бошаду хом.
Майли ҳар кас ба сӯи ҷинси ваяст,
Он чӣ пухтаст ҷинси хом каяст?!
Зоғ хоҳад нафири нохуши зоғ,
Чӣ шиносад сафири булбули боғ!
Кист шоир кунун, яке мудбир,

Ки надонад зи ҷаҳл "ҳир" аз "бир"
Накӯнад фарқ шеърро зи шаъир,
Роҳати хулдро зи ранҷи саъир!
Нест чун дидаи суханбинаш,
Ор меоядам зи таҳсинаш!

Ин гуфтаи ман нест, аз фармудаҳои Мавлоно Ҷомист, агарчи рӯзгороне пеш гуфта аст, гӯйи барои ин рӯзҳост.

Ба Худо, ман ба шахсияту колбаду сурату ҷоҳу пойгоҳи инҳо ҳеҷ коре надорам, кори ман бо пиндору кирдору навиштори нохубу нописанди бархе аз онҳост, ки барои мардум зиёновар ва гумроҳкунандаанд.

Агар гӯйӣ: Намебинӣ, ки чанде аз онҳо дар берун аз кишвар шуҳрат доранд ва китобҳову навиштаҳошон ба чоп мерасанд?!

Гӯям, оре медонам, боз ба ту мегӯям, намебинӣ ин ҳангом равобиту ҳамзистӣ миёни кишварҳо бе муносиботи фарҳангиву маданӣ пазирои тасаввур нест ва ин раванд дар муносиботи миёни давлатҳо шинохта шудаст ва оё вожаи "сиёсати фарҳангӣ"-и кишварҳоро аз ёд бурдаӣ, оё намедонӣ, ки як бахши муҳимми кории сафоратҳо ҳамин муносибатҳои фарҳангист?!

Пас бидон, ин нашру чопи китобҳову нишастҳову гирдиҳамоиҳои илмӣ ва чеҳрасозиҳо

***(ба ҷуз аз донишмандони воқеъӣ, ки таъаллуқ ба ҳама мардумони мутамаддини ҷаҳон доранд***.)

дар асоси ҳамин "сиёсатҳои фарҳангӣ" сурат мегиранд, то дар кишварҳои ҳамдигар ҷои пое пайдо кунанд.

Агар чунин намебуд, чи гуна метавонистанд, чанд тан аз пажӯҳишгарону фарҳангшиносони кишваре ҳамзабон раванди шеъру навиштаҳои шоирон ва нависандагони моро дар тарозуи накди адабӣ баррасиву барсанҷиш намуда, шоиронро дастабандӣ ва шеъри онҳоро ситоиш ё накӯҳиш намоянд?!

Ин кор аслан нохубие надорад, вале гоҳоне бо дигар ғаразҳо низ истифода мешавад, инаш ҷои андеша аст.

Ҳарчанд сиришту кистонии (моҳият) ман печидаву сарбаста дар худу гирдонаву густараи нажоду марзу бум нест, вале ҳама шиносоиҳо нахуст аз худу худиҳо оғоз мешавад, то роҳ ба фаротар аз инҳо кушода гардад.

Пас, ҳар он касон, ки худу боястгорҳои арҷмандии худиро нашносанд, ҳаргиз ба шинохти фаромарзиву фарогир намерасанд ва ҳамчун он "ғук дар он "мурдоб" гирифтор мемонанд ва ин гуфта равшангари гунабуду ҳоли эшон аст:

...В-он масал аз ғуку мурдоб ёд дор!
К-он ба ҳар ҳангом дорад эътибор....
...Баҳри эшон ин ҷаҳону он ҷаҳон.
Бошад он гавдолу он мурдобашон.
З-ин сабаб дар ҷаҳлу нодонӣ зиянд..
Бастаи хешанду зиндонӣ зиянд...
Мурдарегони зи дарё бехабар,
Бо садаф қонеъу форiғ- аз гуҳар...
Фитрати инсони комил дигар аст,
Ҳарду дунё чун араз, ӯ ҷавҳар аст....

Навид

Достони "Ғук дар мурдоб" забонзади хосу ом аст ва ин масал дар миёни мардумони дигар низ бошад.

"Гавдолу сиёҳчолу мурдоб" ҳамон пиндору андешаи норасо ва ҳамон маҳдудияту таасуботу бунбастҳои худпарастии фардиву нажодиву таборӣ ва ҳамчуниниҳо бошад ва агар бо мадду ҷазри растохезе аз донишу маърифат ин мурдоб бо ғукҳош ба дарёву руде пайваст, аз хушбахтии ҳамин ғукон аст, ки ба ночор аз ин зиндон растанд ва ба покиву рӯшноӣ пайвастанд!

Ва онҳо ки дар ин тангнои гандно мурданд, аз озодӣ баҳрае набурданд ва то буданд, ... хурданд!

Боз агар бештар аз ин дар бигӯем ва роҳ дар ин бероҳа бипуем, ошамон шӯртару роҳамон дар ин саробистон дуртар мегардаду бас!

Ва появу мояи ба истилоҳ нависандагонро низ ба паймонаи ҳамин шоирон бипаймову биозмо, то равшанат гардад, ки бо андак истисно ва чудову яксӯ намудани бархе аз шахсиятҳо, инҳош низ монанди онҳошанд.

Ҳамчунон, ки мо дар ин ҳангом шоире дар поинтарин зинаи андешаи аллома Иқбол надорем, инчунин нависандае дар радаи зиндаёд Чингиз Айтматов ҳам дар мо пайдо нест, чӣ расад ба Содиқ Ҳидояту Азиз Несин, Мулк Рач Ананду Робиндранат Тҳакур, Халил Чуброну дигар аз нависандагони Шарқу Ғарб...

Ба дурустӣ расидааст, ки нақди адабӣ бо пешрафт ва вопасмондагии адабиёт бо маънои фарогираш ҳампо ва ҳамсӯ мебошад, пас нақди адабии мо агар ҳаст, дар ҳамин поя аст ва боз ноқидони молихулиёӣ низ дорем, ки бо бозрасидаву бочгириҳои замони шуравӣ ончиро худ меписанданд, нақду баррасӣ медонанду бас ва боз ниҳодҳои вобаста ба пешниҳоди раводиди нашру чопи китобҳо *(бавижа китобҳое,ки хонандаро ба андеша ва ҷомеаро ба шодобиву боландагӣ раҳнамуд бошад..)* ҳамон маҳкамаҳои тафтиши (инквизитсия) асримиёнагии аврупоиро мемонанд .., ҳаркиро ба инҳо сару кор афтодаст, хуб медонад...

---

***Барои хушии хотир ва дур сохтани хастагӣ***:

Ғазал

Ошуфта кард умре ин рӯзгор моро,
В-ошуби даҳр бигрифт аз ҳар канор моро.
Гумгаштае, ки рафту аз ӯ хабар наёмад,
Саргашта кард ёдаш дар ҳар диёр моро.
То дида во намудем чун шабнами саҳаргаҳ,
Оғози омадан шуд анҷоми кор моро моро.
Аз абр нашьае не чуз чашми ашкборам,
В-аз боғ баҳрае не дар ин баҳор моро.
Во монда дар хиҷолат аз саъйи норасоем,
Коре накарда бигзашт аз даст кор моро.
Мо аз табори ишқем в-аз дудмони некон,

Роҳи қиёс набвад бо ҳар табор моро.
Дар растахез қавме осуда аз шуморанд,
Эй кош ҷой бошад дар ин шумор моро.
Худро гарав намудем бар дилбаре қиморӣ,
Шояд зи мо ситонад дар ин қимор моро.
Аз бас ниқобҳои садрангро шикастем,
То чеҳраи ҳақиқат шуд ошкор моро.
Озода чун Навидем аз банди расму сурат,
Гар ту намепазирӣ, бар мо гузор моро!



# Адабиёти Мазҳабӣ

Ин унвонро аз боястгари (сабаби) ногузирӣ ва ночорӣ овардем, варна пеш аз истилои шӯравиҳо чунин номгузорӣ ва дастабандӣ пайдо набуд, чунки ҳама адибону фарҳангиён мазҳабӣ буданд..

Аз Махдум Сайидмуродзода Айнӣ ҳамон китоби “Заруриёти диния” ва бархе аз навиштаҳои мазҳабии Фитрат... дар ростӣ ва устувории ин мавзуъ гувоҳанд.

Боз аз куҳантарҳо“Мазҳари кул” ва девони ашъор аз Ҷомии Сонӣ ибни Камолиддини Сафедтундакӣ, ашъори Ибни Оқили Раштӣ, Шоҳидии Раштӣ, Мавлавӣ Абдулҳайи Муҷахарфӣ, Муҳаммадсафо Ранҷаи Нушорӣ, ашъори Мулло Ёри Ванҷӣ, Мулло Шарифи Кӯлобӣ, Домулло Муҳаммад Солиҳи Сурхиёнӣ ва аз ҳамасрон навиштаҳои; Домулло Муҳаммадии Ҳоитӣ, Домулло Ҳикматуллоҳи Тоҷикободӣ, Мулло Эшонҷони Ғармӣ, аз муҳақиқон дар пояи худ, Муҳаммад Сабури Бухорӣ, Абдушариф Боқизода ва боз Иброҳими Наққош, Домулло Маъруфҷон, Довудхон ва Авродхони Абдихон, Исмоъил Абдулваҳҳобзода ва дигарон ин силсиларо гусаста нагзоштанд ва ҳар яке бо андозаи тавони зеҳнӣ ва андешаву афкори худ дар ин роҳ хидматҳо карданд ва мекунанд.

Вале, ин адабиёт (навиштаҳои инҳо) бо истисnoи бархе аз маворид ба истилоҳ расмӣ нест, натанҳо ин ки ташвиқ намешавад, балки дар бештар гоҳ пешгирӣ ва роҳбандӣ мешавад, вале ҳаводорони он аз хонандагони эҷодиёти шоирону нависандагони “расмӣ” дида хеле бештаранд.

Ин марзбандиҳову бунбасту дарбастҳо ҳаргиз ба суди ҷомиае набуданд ва набошанд, ҳамвора зеҳнҳоро кунд ва андешаҳоро сусту бозмонда месозанд ва ин нуктаро аз ёд бурдем, ки сухани воло ва андешаи боло ҳаргиз гум ва ношинохта намемонад, ҳамчунон ки гуфтори нопойдору пиндори норавову ноустувор низ.

# Ҷаҳонишавӣ ва бозтоби он дар густараи ҳастии башарӣ

Аслан ин падида нав нест, вале ин ҳангом густурдатар ва фарогиртар аз пештар аст.

Мо аз равзанаи торих мебинем, ки дар гузаштаҳои дур маданияту фарҳанги руму юнонӣ бештари ҷаҳони онрӯзаро дар бар гирифта ва рӯи тамоми маҷолот ва бистара ва густараи зиндагонии кишварҳо ва нажодҳои зери султаи онҳо бозтоб ва таъсир дошт.

Диёнати кишварҳои мағлуб, русуму фарҳанг, гуфтору навиштор, либосу тарзи зиндагонии хонаводагӣ, шаҳрсозӣ, воҳидҳои пуллӣ ва дар маҷмуъ тамоми паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоъӣ намуна ва бозтобе аз тарзи зиндагонии иҷтимоъии кишварҳои ғолиб ва пирӯз буд.

Дар ин марзи муқояса ва бозсанҷӣ метавонем аз оғози торихи тамаддуни башарӣ гирифта, то носизми (нажодпарастӣ) ҳитлерӣ, низоми шӯравӣ ва падидаи ҷаҳонишавии кунуниро баррасӣ намоем.

Бо нигоҳ ба торихи на он андоза дур, мебинем, ки бештаре аз шаҳрвандони кишварҳои пасошӯравӣ, ки дар қаламрав ва таҳти таъсири мафкура ва сиёсатҳои он низом рӯзгореро сипарӣ намудаанд, то ҳоли ҳозир зери он омӯзаҳо ва тарзи тафаккурҳо дар ҳасрату хумори (насталжӣ) он ҳангом ба сар мебаранд.

Воқеаҳо, саргузаштаҳо ва рухдодҳо бо он вусъату паҳно ва бозтоби фарогире, ки доштанд он ҳангом ҳамин "глобализешн"-ҷаҳонишавии кунунӣ буданд, вале, бидуни кадом ному унвоне.

Истилоҳи ҷаҳонишавӣ, (глобализешн) ки дар ин асри пасин пайдо шуд, ҳамон падидаи кӯҳан бо абъоду густурдагӣ ва боястгорҳои нав буда, бо фароҳам, омадани заминаҳои созгор, илму фановарӣ, афзору корбурдҳои нави муносибу андархур ва суръату шитобзадагӣ аз гузашта фарқ дорад.

Кишварҳои пешрафта дар ин ҳангом ҳама чизро ба мо меомӯзонанд, гӯӣ ин ки дар ин корзор миёни худ мусобақа ва пештозӣ гирифтаанд, аз ин рӯ мебинем, дар ба даст овардани паҳно

ва қаламрави бештар ба хотири густариши аҳдоф ва хостаҳои жеополотикии хеш миёнашон ҷидолу кашмакашҳои сиёсиву дипломасӣ боло мегирад.

Ба истилоҳи дигар аз ҳамон парахшаи ҷанги сард аз нав оташ забона мезанад, ки қурбонии ин ҳама бедодгариҳои ин ҷаҳонхорон, милатҳо ва кишварҳое мебошанд, ки торих ва ифтихороти гузаштаашонро ба гӯшаи фаромушӣ супурда, бо тақлиди куркурона ба онҳо дар асри пурталотуми кунунӣ асолати фарҳангӣ-мазҳабӣ ва ҳувияти милии худро аз даст медиҳанд.

Ҳар яке аз ин кишварҳои сармоядор гунаи андеша ва дар маҷмуъ тарзи зиндагони худро ба мо бор мекунанд ва аз мо намепурсанд, ки инро мехоҳем ё на!

Тамоми таҷҳизоту мошинолоту нармафзор ва дуруштафзорҳо ва ташвиқу тарғиби фарогир аз ҷониби онҳо ба хотири густариш ва фарогарди ин ин хоставу аз сӯи онҳо болои мо бояста, омода гашта ва корбасти онҳо бо ҳар роҳу равиш густурдатар аз пеш гашта, тақрибан ҳамаи паҳлу ва каронаи зиндагонии моддӣ ва маънавии моро фаро мегирад.

**Равиш ва корбурдҳои онҳо барои густариши хостаҳояшон**

Нахуст аз самту сӯҳои калидӣ ва решаии ин раванд огоҳии пурра боист дошта бошем, то дар вокуниш бо онҳо кори судманде аз мо сохта гардад.

Онҳо чун арзишҳои дидгоҳӣ (назарӣ) ва корбурдиро (амалӣ) ҷудо аз боварҳо ва эътиқодот медонанд, мехоҳанд ҳама инсонҳо бо чашмпӯшӣ аз дину мазҳаб ва милату нажод ин ҳамаро бипазиранд.

Аз ин рӯ талошашон дар гоми нахуст ба воситаи роҳбурдҳои гумроҳкунанда, суст ва заъиф намудани бовари пайравони оинҳо ва расму анъаноти дигар, ба вижа мусулмонон аз боварҳои бунёдӣ ва асолати таърихӣ ва фарҳангии худ мебошад ва ин раванд аз асрҳои пешин оғоз шуда, ки банда бархе аз ин раҳнамуд ва тарфандҳои онҳоро аз китоби “Иборот ва ишорот” ин ҷо меорам:

..."Барои намуна яке аз усқуфҳои католик бо номи (Lujjhaf Fransis) Люҷаф Франсис дар нишасти хусусие дар Фаронса мегуяд:

"Мо дар кишварҳои исломӣ дар байни ҷавонон бояд корҳоеро ба анҷом расонем, ки онҳо аз бебандуборӣ ва ҳатто аз ошкор намудани шармгоҳҳояшон боке надошта бошанд."

Ва боз мегуяд:

"То замоне, ки Макка дар дасти мусулмонон аст ва Қурьон назди онҳо муътабар ва арҷманд аст, мо ба мақсадҳои худ намерасем ва миёни онҳо коре карда наметавонем." [24]

Асоси ин кинаварзиро рақобатҳои динӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, тиҷоратӣ, илмӣ ва ҳамингуна усулиёти иҷтимоӣ ва фаромарзӣ, аслан таблиғи тарзи зиндагонии онҳо ташкил медиҳанд.

***Аҳдофи шум ва муғризонаи онҳо усулан аз ин қабиланд:***

- Эҷоди шак дар паёмбарии Муҳаммад алайҳи-с-салом ва ба-дин васила ҷогузин намудани шубҳа оид ба сухани Худо будани Қурьони карим,

- заиф намудани эътимод ва бовари мусулмонон ба аҳодиси набавӣ, ки шарҳи назарӣ ва тафсири амалии қуръонанд

- эҷоди шубҳа байни мусулмонон оид ба фиқҳи исломӣ, ки шарҳу тафсири амалии Қурьон ва ҳадис аст...

- ба воситаи таблиғоти инҳирофӣ; ташвиқи ақлмеҳварӣ ва зоҳирпарастӣ, дур намудани мусулмонон аз маънавият ва рӯҳонияти эътиқодоти имонӣ ва амалкардҳои исломӣ ва ба ин васила ҳамчун таълимоти ақлӣ ва моддӣ ҷилва додани диёнати ислом. (Модернизация)

- Суст ва ноустувор намудани бунёд ва пойбасти худшиноисӣ ва ба ин васила беарзиш нишон додани арзишҳои торихӣ, фарҳангӣ ва ифтихороти бунёдӣ ва торихии милатҳо.

---

**24** ("Ал-истишроқ ва-л-мусташриқин"- и дуктур Ҳассон Мустафо ас-Сабоӣ, "Диросату-л-мусташриқин" дар таҳияи Муҳаммад Абдурраззоқ Хайруддин Ҳабиб, чопи Мадинаи мунаввара соли 1411 - и ҳиҷрӣ)

***Васила ва афзори онҳо барои пиёда намудани аҳдофи нопокашон инҳоянд:***

Чеҳрасозӣ аз афроди маҷҳулу беҳувият, бо зарфияти ками илмӣ, ҷаҳонбинии маҳдуд, дар айни замон мутаасибу худхоҳ ва худбохта бо ном ва унвонҳои “донишманди исломӣ”, “муҳаққиқи исломӣ”, “пешвои уммати ислом” ва даҳҳо унвону алқоби дигар ба хотири ба ноҳамсӯӣ ва гумроҳӣ кашидани қишри ноогоҳи ҷомеаи исломӣ.

- таълифи китобҳо ва мақолаҳои гумроҳкунанда ба воситаи мусулмонони худфурӯхта ва муртадону аз дин баргаштагон, бо таҳриф намудани таърих ва ақоиду омӯзаҳои арзишманди миллӣ-мазҳабӣ,

- ташкили рӯзнома ва маҷаллаҳои гумроҳкунанда дар бораи диёнат ва фарҳанги исломӣ ва инкори пешрафту тараққии мусалмонон дар тамоми маҷолоти илмӣ ва каёни моддӣ ва маънавии башарӣ дар дарозои таърих,

- фиристодани табшириён ва таблиғгарон ба кишварҳои исломӣ зери пӯшиши муасисоти хайрия...

- ба роҳ мондани баҳсу ҷидолҳои “илмӣ”- и гумроҳкунанда дар донишгоҳу донишкада ва марказҳои илмӣ ва фарҳангии мамлакатҳои исломӣ,

- баргузор намудани конфронсҳо ва нишастҳои илмӣ ва ба чолиш кашидани донишмандони мусалмон ба хотири эҷоди ташаннуҷ (ошуфтагӣ) ва ҳаяҷоноти зеҳнӣ,

- таблиғи бадмаъошӣ ва бебандуборӣ ба ҳар василаи дастрас ба хотири дур намудани мусалмонон аз асолати миллӣ-мазҳабӣ ва арзишҳои инсонӣ,

- таблиғу тарвиҷи таъассуб ва тундгароиву сахтгирӣ, ки бо диёнати ислом ҳеҷ ҳамсуӣ ва муносибате надоранд, ба воситаи мусулмонони ноогоҳ ва камихирад,

- ба ҳар васила бадном намудани пешвоёни дин ва донишмандоне, ки байни мусулмонон нуфуз ва оби рӯ доранд,

- нашри доирату-л-маъорифҳои исломӣ аз дидгоҳои муғризонаи худ ба хотири таҳриф ва табдили таърих ва фарҳанги ислом ,

- зери таъсири афкор ва сиёсатҳои шуми худ қарор додани созмону ҳаракатҳо ва ҳатто давлатмардон ва давлатҳои мусалмонӣ...

Инҳо қатрае аз баҳранд, ки ба зеҳниятам омад.”

*[“Иборот ва ишорот” саҳифа, 371-372]*

---

**Паҳлуҳои судманд ва зиёновари падидаи ҷаҳонишавӣ**

Равшан аст, ки мо аз ин раванди ҷаҳонӣ дар канор намондаему намонем, вале барои руёрӯӣ бо он нахуст ба шинохти дуруст аз ин падида ва баррасии паҳлуҳои гуногуни он ниёз дорем.

Густариши илмро бо маънои фарогираш набояд дар радифу радаи боястгорҳои (иллатҳо) манфии ин раванд қарор бидиҳем, зеро илму дониши судманд бо корбасти санҷидашуда ва дуруст ҳамеша дар хидмати башарият ва дар ҳама давру ҳангомҳо боястгари (сабаб) пешрафти каёни (ҳастӣ) башарӣ ва ангезае барои болидагиву хушбахтии инсоният буд ва бошад.

Мо ҳам замоне аз худ ному нишоне доштем, навиштаҳои ниёкони хирадманди мо сарчашмаи бунёдии омӯзиши фарогир барои ҷаҳониён буд, ки далолат ба низому сомони хуби давлатдорӣ ва фазову заминаи созгор барои густариши илму дониш ва дигар паҳлуҳои муҳиму бо арзиши зиндагонии иҷтимоъии он ҳангом дорад, бавижа рӯзгори давлатдории Сомониён, ки ёдашон гиромӣ бод!

Бо такя ба маълумот ва бозгӯиҳои таърихӣ, даргузашта аз ҳафт қарн навиштаҳои донишмандони бузурги ҷаҳони ислом ҳамчун; Абунасри Форобӣ, Закариёи Розӣ, Киндӣ, Ибни Рушд, Абумӯсои Хоразмӣ, Абурайҳони Берунӣ ва бавижа Шайхурраис Абуалӣ Сино ва садҳои дигар, дар донишгоҳҳо ва конунҳои пажӯҳишии Ғарб ва умуман дар кишварҳои ғариисломӣ дастури кории илмӣ ва амалӣ

пазруфта шуда, ҳамчун манбаъ ва сарчашмаи боэътимод дар таҳқиқоти донишҳои назарӣ ва амалӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доштаанд.

Донишмандони мусулмон дар асрҳои миёна ба "Фаранг"-и онрӯза исбот бинмуданд, ки метавон дар тамоми маҷолоти илмии ҳастишиносӣ фарогир аз замину кайҳон таҳқику баррасӣ намуд, ки ҳамзамон ин омӯзишу пажӯҳишҳо ҳеҷ тазод ва бархӯрде бо дин надошта бошанд, ин дар ҳоле буд, ки Урупо донишмандони риштаҳои гуногуни донишҳои назарӣ ва амалиро, ки гӯё таълимот ва дидгоҳҳои онҳо бо боварҳои калисо ва диёнати масеҳӣ ноҳамсӯ ва ноҳамоҳанг буданд, зинда-зинда дар гулханҳо месӯзонд!...

Қобили зикр аст, ки ғарбиён дар баробари истифода аз донишу пажӯҳиши мусулмонон, бо фалсафа ва ҳикмати Юнону Рум низ тавассути тарҷума аз арабии онҳо ошно гаштаанд...

Барои дурустии ин гуфтаҳо аз навиштаҳои китобе бо номи "Хуршеди Аллоҳ бар фарози мағрибзамин", ки муаллифаш ғайримусулмон ва ғарбист (Зигрид Ҳунка (с.т. 1913, с.в.2000) намунаи андаке меорам :

"Дар ин замон дар донишгоҳҳои Аврупо донишманде набуд, ки ҳарисона дасташро ба сӯи улуми ҷадиди исломӣ дароз накунад.

Ин иҷборӣ буд, то ҳар донишманде битавонад, ки камбудиҳои илмии худро ҷуброн кунад…".

"Дар Аврупо ҳатто як китоб ҳам вуҷуд надошт, ки сарчашмаи аслии он аз кишварҳои исломӣ набуда ва ё аз он маъхаз таъсир нагирифта бошад…".

"…Вақте инсон ба Аврупои марказӣ дар қарнҳои 9-12 бо ҳадди ақали 95% бесаводаш фикр мекунад…".

"…Дар тамоми дайри Сент Гулин дар ҳудуди соли 1291 ҳатто як руҳбон ҳам навиштан балад набуд…".

“Дар ҳамин замон дар ҳазорон мадрасаи исломӣ дар шаҳр ва деҳот писарон ва духтарони аз 6 то 11- сола рӯйи фаршҳои кучакашон зону мезаданд…” [25]

Ин ҳангом хуб аст, мо аз таҷрубаҳо ва корбурд ва коргузориҳои илмии мудерни Ғарб, ки таҳдоби назариявии онро боз ҳамон ниёкони мо гузоштаанд, баҳрабардорӣ бинмоем...

Пешрафти илму дониш ва додаҳои он моли ҳалоли тамоми башарият дар ҳама ҷову ҳангом буд ва бошад, зеро фарзонагони амалгаро бо дидгоҳи фаромарзӣ ва ихтироъкорону созандагону ҳунарварони гуногунпеша ва нобиғагон ҳар гиз баста ба қавму нажоди хосе набуданд, баски аз пайвандону фарзандони башариятанд ва фароянди корҳои боарзиши онҳо ба ҳама ҷаҳониён бастагӣ дорад.

Ва аммо бо нигоҳи дигар метавон аз рақобатҳои носолим дар ҳама ҷанбаҳо ва паҳлуҳои зиндагонии сиёсӣ-иҷтимоъӣ ва фарҳангии ҷаҳони кунунӣ ёдовар шавем, ки яке аз падидаҳо ва боздодаҳои нохуб ва номатлуби ҷаҳонишавӣ дар асри кунунист .

Агар дунболи бозкушоии фарогир дар ин мавзуъ биравем, ин рисола ба як маҷала ва ё рӯзномаи эҳсоӣ-ҳисоботӣ табдил ёфта, аз равиши пажӯҳиш ва таҳқиқ дур мегардад, аз ин рӯ бо ишора ба бархе навъ ва гунаҳои решаӣ ва калидии он басанда бинмудем ва роҳро барои андеша ва ковиши хонанда боз гузоштем.

Бисёр фиребанда аст, ин ки мо мехоҳем бештаре аз услуб, тарз ва мушахасоти ҳаёти иҷтимоъӣ-фарҳангии худро бо “стандартҳои ҷаҳонӣ “ ҳамоҳанг созем.

Агар хостаи мо аз ин ҳамоҳангсозӣ сифату бартарият дар фаровардаҳо ва додаҳои корбурдҳои фарогири иҷтимоъӣ ва густариши фановарӣ ва фарҳангист, хуб аст ва бояст ҳамчунин бошад, вале агар бад-ин васила пайравии куркурона аз арзишҳои

[25] (Sigrid Hunke, Allahs Sonne: Uber dem Abendland Unser…)
Китоби «Фарҳанги ислом дар Аврупо», бо тарҷумаи форсии Муртазо Раҳбонӣ, 1390 ҳ.ш, 2012м.

ноҳамсӯ бо ҳувияту моҳиятҳои миллӣ ва дар бархурд бо усулиёти ақидатӣ ва фарҳангии мо бошад, бад аст!

Барои намуна бигирем ҳамин “демокрасӣ”-ро, магар мешавад бо нусхабардорӣ аз он бардоште, ки ғарбиён аз ин сохтори фарогири сиёсӣ-иҷтимоъӣ доранд, мо низ иҷтимоъи худро ҳамонгуна бисозем?!

Бале мешавад, агар мо бештаре аз арзишҳои решаии торихӣ, миллӣ-мазҳабии худро ба дасти фаромӯшӣ биспорем ва бо ғарбиён ҳамгун шавем, ки мақсади тарроҳони “ҷаҳонишавӣ” низ ҳамин аст.

Сар аз миёнаҳои садаи хх кишварҳои абарқудрат ва фаросанъатии ҷаҳон бо ҳар василае мехоҳанд “стандартҳои” демокрасии худро ба дигар кишварҳо ба вижа сарзаминҳои мусулмоннишин бипазиронанд, вале намешавад, чунки ин гуна тарзи андеша ва корбурдҳо бо усулиёти торихӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва иҷтимоъии мардумони шарқ дар умум ва мусулмонон дар вижагӣ, ҳамсӯӣ ва ҳамзистӣ надоранд.

Аз ин рӯ ба ин натиҷа расидаанд, ки “Шарқ, шарқ асту Ғарб, ғарб.”

Вале, бо вуҷуди ин ҳама носозгорӣ ва ноҷуриҳо миёни ин ду андеша ва ду тарзи ҳаёти иҷтимоъӣ, онҳо бо ҳама гуна василаҳои раво ва нораво арзиш ва меъёрҳои сиёсӣ, иҷтимоъӣ ва фарҳангии худро ба кишварҳои мо “содир” мекунанд, ки ин ҷо бархе аз ин миёнкорҳои (воситаҳо) калидии ин равандро ёдовар мешавем;

- Таблиғи густурдаи тарзи ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии худ бо миёнкории синамо, садо ва симо, матбуоту нашрияҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ..

- Намоиши муд, баргузории фестивалу анҷуманҳо, мусобиқоти саргармкунандаи гуногун, ташкили намоишгоҳҳои таъсиргузор, озмунҳои гуногунсамти ҷалбкунанда, пешниҳоди маблағҳои грантӣ дар баробари ба ҷо овардани шартҳои махсус...

- Таблиғи густурда бо миёнкории содироти маводи хурокӣ, мошинолот, либос, марка-этикеткаҳо, бозиҳои саргармкунандаи компютерӣ, бозичаҳои кӯдакона...

- Фароҳам сохтани фазои созгор дар кишварҳои ғарбӣ барои густариши мазоҳиб ва фирқаҳои навпайдо ва номниҳоди исломӣ бо назардошти дар ояндаҳои дуру наздик омода намудани заминаи ихтилофоту кашмакашҳо миёни мусулмонон.

***(Барои намуна; Равишҳои "Аҳмадия", "Салафия", "Хавориҷ" "Такфирия" ""Мадхалия" "Қурьониён".., ки марказҳо ва пешвоёну мубалиғон ва нашрияву расонаҳои онҳо дар бузургшаҳрҳои кишварҳои ғарбӣ ҷой гирифта, бо кумакҳои моливу фаннӣ фаро гирифта шуда, озодона ақида ва андешаҳои харобиовари худро таблиғ мекунанд.***

***Чанд соле пеш тавассути хонуме бо номи Оташ дар кишвари Олмон "мазҳаб"-е гӯё бо бардошт аз таълимоти файласуфони исломӣ; Ибни Рушд, Киндӣ, Буалӣ Сино.. бино ниҳода шуд, ки мехоҳанд Исломро бо равияҳои баргирифта аз масеҳияти инҳирофӣ, ба "Ортодоксизм" ва "Протестантизм" ҷудо намоянд.***

***Онҳо "масҷиде сохтанд" бо номи "Ибни Рушд - Гуте" ва ба ин восита мехоҳанд масҷидро бо баргузории ибодоти дастҷамъонаи мардҳо ва занон ба калисо монанд созанд, ва худро "либералҳо" ва "секулорҳо"-и исломӣ меноманд.***

***Банда дар чандин навиштаҳои худ солҳои пеш иборат рондам ва ишорат низ доштам, бар ин ки дар ин садсола бадхоҳон мехоҳанд диёнати поки Исломро бо дасти бархе аз мусулмонамоҳои худфурхта ва душманони хонагӣ "мудернизатсия" ва " бозсозӣ" намоянд! Вале ин, хобасту хаёл асту муҳол асту ҷунун!***

***Бархе аз ҳушдорҳои пешинро ин ҷо меорам*:**

..Ҳамегӯянд Исломро «мудернейшни» дигар бояд,
Ва муьмин ҳамчунон кофар ҳариси молу зар бояд.
...«Масеҳият магар беҳтар зи Ислом аст», мегӯянд?,
«Мусалмон пухта насронӣ магар хом аст», мегӯянд!.
Бубин аз пухтагӣ ҷаҳду талоши ҳар рақам карданд,
Бубин дини Масеҳро бо замона ҳамқадам карданд.
Бигӯянд: "Мо Масеҳро дӯст медорем, ҳамин кофист,
Калисову салибу попҳо дорем, ҳамин кофист .
Ҳаминҳо ҳам вакили ин ҷаҳону он ҷаҳони мо,

Ҳар он чи мекунем аз некӯ бад бар гардани онҳо”.
Шиори мо дигар ин аст «ҳар чӣ хостан кардан»,
Ва ҳам демокрасӣ ин аст ҳар чӣ хостан кардан!
Биё мо низ аз Ислом як дини дигар созем,
Масеҳиён агар бад кардаанд, з-онҳо бадтар созем.
Ба танзат ман нагуфтам, ин ҳама барномаҳои шум,
Дар ин сад солаи охир ҳама гардидааст маълум...

# Муҳоҷират

Падидаи дигаре, ки дар фароҳам ва омода намудани замина барои густариш, тезондан ва пиёда намудани хостаҳо ва барномаҳои раванди ҷаҳонишавӣ кумак мекунад, муҳоҷират мебошад; иҷборӣ, ихтиёрӣ, корӣ..

Дар ин даҳсолаи охир мебинем, ки бархе аз давлатҳои пешрафта барои муҳоҷирати шаҳрвандони кишварҳои дигар, бавижа кишварҳои радаи сеюм таблиғот ва коргузориҳои густурдаеро ба роҳ мондаанд; ҷойҳои кории хуб, бошгоҳ ва нишемангоҳҳо барои сукунат бо фароҳамсозии шароитҳои меъёрӣ, (стандартӣ) ҳатто пазируфтани шаҳрвандӣ..

Як намунаи равшан аз муҳоҷирати иҷборӣ дар ин ҳангом ба роҳ андохтани ҷангҳои хонумонсуз дар ховари миёнаву наздик, қораи Африқо ва дигар манотиқи даргири ноором иҳост, ки сели беохири муҳоҷиратҳои номатлуб ва иҷбориро ба миён оварда, саросари кишварҳои ғарбиро фаро гирифта, ошуфтагӣ ва дардисарҳоеро барои ин кишварҳо низ эҷод карда аст...

Ин омилҳо агар аз як сӯ ҷалби нерӯи кории арзон бошад, аз сӯи дигар ҳамон таблиғи тарзи зиндагонии иҷтимоии онҳо мебошад, ки дарбаргирандаи ҳамаи паҳлуҳои мусбату манфии он дар тақобул бо рӯзгори иҷтимоии мост.

Мувофиқи маълумоти ниҳодҳои вобаста ба масоили муҳоҷиратии созмонҳои байнулмилалии ҷаҳонӣ 65% муҳоҷиронро дар ин ҳангом шаҳрвандони кишварҳои мусулмонӣ шакл медиҳанд, ки 10-15% -и онҳо ба корҳои беҳтар ва боқӣ ба корҳои “сиёҳ” машғуланд.

Мову шумо аз осебпазирии ин қишри ҷомеъаи берун аз марзу буми худ монда ва гирифтории бархе аз онҳо ба бемориҳои гуногун, табоҳиву костагиҳои ахлоқӣ ва ҷиноятпешагиву бебандуборӣ, ҳамчунин аз гаравидани гурӯҳе аз онҳо ба диёнатҳои бегона огоҳӣ дорем, ки пас аз бозгашти эшон ба зодгоҳашон чӣ оқибатҳо асафборе дар пай хоҳанд дошт!..

Абарқудратҳо мехоҳанд бо корбурди барномаҳои дарозмуддати худ инсониятро ҳамгун ва ҳамсон созанд ва арзишҳое ҳамчун; ҳувияти миллӣ, таърих, фарҳанг, расму русуму анъанот, забон ва ҳатто мафҳум ва эътибори ватан ва зодгоҳу марзу бумро аз зеҳниятҳо пок ва аз миён бибаранд..

Пас, бо ин миёнкорҳо шахсиятҳои "худӣ"-ро ба хотири корбурди барномаҳои дарозмуддати сиёсӣ-иҷтимоъии худ ва пиёда намудани онҳо дар дигар ҷомеаҳо месозанд ва барои пешбурди хостаҳои худ омода месозанд.

Барои дурустии ин гуфта як намуна меораму бас.

Як нафар аз ин таҳсилкардагони Ғарб дар муассисаи фарҳангие ҳамкори мо буд, ҳамагон медиданд, ки ҳангоми баҳсу гуфтугӯҳо пиромуни ватану ватандорӣ ва дигар ифтихороти ториxиву фарҳангиву мазҳабӣ ӯ чигуна бо тамасхуру камгирӣ ва даҳонкаҷӣ нисбати ин марзу бум, мардум ва тарзи зиндагонии мо суханпароганӣ мекард, ҳарчанд бо ӯ бисёр фарҳангӣ бархурд менамудем ва чун аз ҳама марзҳо мегузашт, ӯро ба ҷои худаш мешинондем.

Пас аз гузашти рӯзҳо бо миёнкории сайтҳо ва шабакаҳои иҷтимоъӣ донистем, ки ӯ ҳамроҳ бо хонаводааш масеҳиятро пазируфта, аъзои яке аз калисоҳои Лондон буда аст. Ин як намуна аз чанде ин гуна рухдодҳост.

Паҳлуи дигари манфӣ ва зиёновари ин гуна муҳоҷиратҳо ба бе бандуборӣ ва бадмаошиву бадгузаронӣ ҷалб ва дилгарм намудани ҷавонони муҳоҷир ва бад-ин миёнкорӣ дур намудани онҳо аз ҳувияту ифтихорот ва нангу номуси миллӣ ва таблиғи дигар рафторҳои ғариахлоқӣ ва ғайриинсонии ба ин монанд мебошад, ки яке аз ҳадафҳои решаӣ ва зиёнкориҳои калидии ҷаҳонишавӣ низ ҳамин аст.

Ба ҳамин наздикиҳо аз даъвову дархостҳои ҳамҷинсгароёни "худӣ "-и навпайдо шояд бисёриҳо огоҳ бошанд...

Барои таькиди дурустии ин иҳтимолоти харобиовар ин воқеиятро намуна меоварам;

Даврони ҳукмронии шӯравӣ сафар ба кишварҳои низомашон сармоядорӣ бисёр дашвор буд ва ин сафар агар ба касе бо паси сар намудани чандин тафтишу пурсуков аз “ҳафт пушташ” анҷом мегирифт, боз пас аз бозгашт чандин соли дигар зери назари амниятиҳо ва дигар сохторҳои марбута қарор дошт, пас он ҳангомҳо огоҳони шӯравӣ чизеро медонистанд, ки мо то ин гоҳ ҳамчунон пурра намедонем.

Ин ҳамаро на ба манзури ташвиқу дилгармӣ ба маҳдудиятҳову марзбандиҳо мегуям, хостаи ман шинохт, анҷомнигарӣ ва худогоҳист.

Паҳлуи дигари манфӣ ва зиёновари ин гуна муҳоҷиратҳо, ташкил ва омода намудани сохторҳои ба истилоҳ фарҳангӣ, иҷтимоъӣ, мазҳабӣ.. ва ба ин миёнкорӣ ҷалб намудан ва гирдиҳам овардани (аз ҷумла) гурӯҳҳои тундгаро ва моҷароҷӯи мухолиф бо давлатҳои худ мебошад, ки ин раванд яке аз барномаҳои муҳими сиёсати хориҷии абарқудратҳо дар ин аср буда, бо миёнкории ин аҳрумҳои фишор давлатҳои мавриди назари худро дар ҳолати нигаронӣ ва ниёзмандӣ ба худ ва сиёсатҳои мавриди писанди худ нигоҳ медоранд ва агар лозим донанд дар кишварҳои бо ин гунабуд ёдшуда, дар вақтҳои муносибу созгор табадуллотҳо ва инқилобҳои рангоранг ва дигар ошубҳоҳои иҷтимоиро пиёда месозанд, ки мову шумо чандин намунаи онро дар ҷаҳони нооором ва ноустувори кунунӣ дида истодаем...

Хатари дигари муҳоҷират дар хориҷ ва дохили кишварҳои мавриди назар зери пушиши демократия ташкили сохтор ва таъмини молӣ намудани шабакаҳои тиливизон-родиюӣ, матбуот, шабакаҳои иҷтимоъӣ, ниҳодҳои пажӯҳишӣ, муассисаҳои ба ном хайрия, конунҳои фарҳангӣ ва ҳамонанди инҳо буда, бо ин миёнкорӣ аз берун дар дохили кишварҳо заминаи таблиғи бебандубориву беҳувиятӣ, ихтилофоту ноҳамоҳангиҳои сиёсӣ, мазҳабӣ ва дигар носозгориҳои иҷтимоиро зери ному унвонҳои фиребову гумроҳкунанда ва дар фарогарди ин ҳама, заминаҳои

ноороми ва ҳарҷу марҷро барои он ҷомеаҳо фароҳам меоранд, ки мо намунаҳои равшани ин харобкориҳоро дар намоди кишварҳои нооромии минтақа ва гӯшаву канори ҷаҳон мебинем.

Ин ҳама намунае андак, вале аз паҳлуҳо ва бозтобҳои калидӣ ва усулии ин ҷараёни ҷаҳонӣ буд, ки барои огоҳӣ овардем ва бо қиёсу барсанҷ бо инҳо метавонем аз дигар самту сӯҳои ин раванди фароҷаҳонӣ огоҳии расо ва дуруст пайдо намоем...

## Боястгорҳои пойдорӣ ва осебнопазирӣ дар баробари ин падида

Пас аз шинохти дуруст аз ин раванди фарогир, мо ба хотири дур нигоҳ доштани ҷомеаи худ аз зиёнҳои моддӣ ва маънавии он, ҳамгом бо андешаҳои созанда бояд даст ба кор шавем.

Пештар аз ҳама мо бояд аз воқеияти ҷомеаи худ огоҳ ва аз равишҳои фикрӣ ва дар пайвастагии онҳо бо фарогарди тамоми паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоъӣ бо такя ба арзишҳои пойдору устувор, дониши дидгоҳӣ (назарӣ) ва корбурдии (амалӣ) аниқу дақиқ дошта бошем.

Боз ба ночор бояд инро бипазирем, ки бархе аз гурӯҳҳои иҷтимоъӣ ва шахсиятҳои аз худӣ гусаста, дар ҳама давру ҳангом, бо ҳама сохторҳои иҷтимоъӣ, сиёсиву фарҳангӣ канор меоянд ва барои ин тоифа мафҳуми номус, одоб, оини ватандорӣ, ифтихороти фарҳангӣ - мазҳабӣ ва бад-ингунаҳо ҳеҷ арзиш ва эътиборе надорад.

Бештари аз онҳо нобоваронанд, ки ба ҷуз зиндагонии моддӣ-физикӣ дигар ба ягон диёнат ва боварҳои фаромодӣ ва фароколбадӣ вобастагӣ ва пайравӣ надоранд ва хушбахтии худро баста ба андарёфти хостаҳои ҷисмӣ ва ҳавасрониҳо дониста, худро пойбанди ҳеҷ гуна меъёрҳо ва гирдонаҳои ахлоқӣ намедонанд.

Ва агар дар зоҳир пайрви “дине” ва “ахлоқе”-анд, он “дин”-у “ахлоқ” аз сохтаҳои хаёлоту пиндори онҳост ва бо динёнатҳои ростину одобу русуми дурусти инсонӣ ҳеҷ ҳамсониву ҳамрангиву ҳамсӯӣ надоранд....

Инҳо, ки парвои арзишу арҷмандии худу хонадони худ надоранд, пас чи гуна аз ватану ватандорӣ, ифтихорту арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанг, пешрафти кишвару миллат ва номусу нанг ва ба чунин арзишҳо ҳампояву ҳамсангро аз онҳо чашмдор буд?!

Ин даста инсоннамоҳо барои ҷомеаҳои суннатӣ ва миллӣ-мазҳабӣ аз ҳаргуна бадхоҳону рақибони берунӣ зиёновартаранд ва ҷаҳонхорон дар ҳар давру замон барои расидан ба аҳдофи шуми худ аз ин тоифа истифода бурданд ва суд бардоштанд ва акнун ҳам!

Азин рӯст, ки Паёмбари ҳикматбаён фармуданд: “Даюс ҳаргиз ба биҳишт андарун нашавад”

Даюс бенангу номусро гуянд.

Аз барои Худо холисона бубинед, ин гурӯҳ, ки ёде аз эшон овардем, ба ҳеҷ арзише бовар надоранд ва ҳеҷ меъёр ва чорчубаи одоб ва ахлоқро намепазиранд ва бо дареғ мегӯям, ки ҳамакнун дар ҷомеаи мо низ ҷо уфтодаанд!

Ин гурӯҳу нафарони бо чунин тарзи андешаро ҳамарӯза мебинем ва ҳатто аз расонаҳову сомонаҳо, баски намондӣ аз симонамоҳои бурунмарзӣ садову симои чуғзонаашонро мешунавем, боз чӣ гуна дидану шунидане!

Дар ин давру ҳангом шояд ин равишу рафтори онҳо барои бархе аз дигарон дар натиҷаи бозтоби таблиғоти густурда ва хастагинопазири меъёр ва арзишҳои зиндагонии ғарбӣ оддӣ ва маъмулӣ намояд, вале ман бо ин тӯда аз мардумнамоёни беҳувияту худфурӯхта ҳамеша нафрату безорӣ доштам ва дорам!

Аз бенангиву беномусии ин гуна “равшанфикрон” на, бал аз ин худфаромушони (манқурт) нармода як намуна меорам, то напиндорӣ, ки дар бораи онҳо бе чаку гувоҳон газофа мегӯям!

Ҳамин наздикиҳо буд, ки як корманди бебоку бебандубори яке аз шабакаҳои овозадори ҷаҳонӣ, “Шаби ялдо”- “долгая ноч - шаби дароз” – ро, *(ки ҳеҷ ҷойгоҳе дар гирдонаи расму ойин ва анъаноту фарҳанги мо надорад ва агар дошта бошад ҳам, дар корбурд аз миён рафта аст..,)* дар хонаи як “тоҷики зиёӣ”- и пойтахтнишин гузаронид

ва намоиши ин шабнишиниро ҳама форсизабонони ҷаҳон ва дигарон диданд, ки “баранда” бо завқу шавқи бе андоза ва бо эҳсосоти барангехта барои “мусоҳаба гирифтан” гоҳ дар бари зани ин “равшанфикр” гоҳ дар паҳлуи духтар ва арӯси ӯ менишаст ва дар охир намедонам духтар ё арӯси нимбараҳнаи ҷавони ин номардро дар бар кашида намоишро бо “тост”- гӯии ин “мардаки” “соҳибхона” ба анҷом расонд, боз ки медонад “паси парда чиҳо мегузарад?!”

Ба ҳамин равиши шармовар ин “шаҳрванд”-и “зиёӣ”, миллати шариф, бо нангу номусу мусулмони тоҷик ва кишвари азизро ба ҷаҳониён “муарифӣ” кард!

Ба Худо, ин типи (даста) одамнамоҳо аз ҳар гуна ғараздорон ва бадхоҳон барои миллату кишварҳои худ зиёновартаранд ва абарқудратҳо дар густариши ҷаҳонишавии ғаразҳояшон ба умеди инчунiниҳоянд ва бештари аз ин лагомгусехтаҳо бандаҳову чокарони шарқ ва ё ғарбанд ва боз бешармона худро зиёӣ ва равшанфикр медонанд!

Инро бо бовари расо мегӯям ва намунаҳои бисёре низ аз “корномаҳо-и ” ин гуна инсонҳо медонам!

Кош, инҳо каме мардӣ медоштанд ва ному насабашон, ки далолат ба “мусулмонӣ”-и онҳо доранд-ро масалан ба ин номҳо; Маздак, Мазёр, Озарбанда ва ё Ҷорҷу Семёну Филипу ҳаминхелиҳо дигар мекарданд, то мардуми ҷаҳон медонистанд, ки ҳисоби ин тӯдаи бе ҳувият аз мардуми мусулмони Тоҷикистон ҷудост!

Ҳамчунон, ки яке аз инҳо ному табори “мусулмонӣ”-ашро, ки бо он ном андаке аз шармандагиҳояшро аз рӯи ногузирӣ ва боз огоҳии мардум ошкор намуда будем, ба “Шерак”-у “Ориён” тағйир дод,

Кош, онҳо рӯирост мегуфтанд, ки аз анъаноту русуми инсонӣ ҳамчун; Никоҳу хатнаву дигар маросимҳо безоранд ва кош васият мекарданд, ки пас аз мурдан касе аз мусулмонон ба онҳо намози мурдагон намегузошт ва лошаи онҳоро ҳамчунон зери хок нанмуда, хокро ҳам палид наменамуданд!

Бояст инҷо аз омилҳои пойдорӣ ва устувории кишвару миллат дар баробари осебҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ мегуфтем, вале аз нигоҳи ман огоҳ будан аз дидгоҳҳо ва корбурдҳои зиёновари дохилӣ дар намунаи бархе шахсиятҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоъӣ ногузиртар аз шинохти бегонаҳост, аз ин рӯ инҷо холисонаву бепарда ва шояд бо эҳсос сухан гуфтем ва ин воқеиятро ҳамчунон ки ҳаст, бинмудем!

Ва ҳоло дунболи мавзуъ меравем.

## Нақш ва бозтоби дин дар густараи зиндагонии башарӣ

Бо чашмпӯшӣ аз пазруфтан ва ё нопазируфтани афрод ва гурӯҳҳои пароганда ин ҳақиқат ошкору равшан аст, ки диёнат бо маънои фарогир ҳамгому ҳамроҳи инсоният буд ва бошад.

Пас бе назардошти бозтоб ва таъсири фарогири ин омил ва боястгори бас муҳим дар ҳаёти башарӣ,諸 наметавон сарриштаи сомони ҷомеаҳо ва осудагиву оромии мардум ва пешрафту тараққии онҳоро ба даст овард ва аз нобасомониҳову ошуфтагиҳо дур дошт.

Ин таносуб яке аз пойдевору устувонаҳои устувори зиндагонии иҷтимоӣ ва маънавии инсонияти мутамаддин ба шумор омада, дар дарозои таъриху рӯзгори башар санҷидашуда ва аз озмуну озмудҳо дуруст бурун омада аст ва шинохти пурра ва расо аз ин омил ва боястгори бисёр боарзиш дар ҳама давру ҳангом яке аз заруриёт ва ногузириҳои ҳаёти иҷтимоъӣ ба шумор меояд...

Инсоният дар намоди инсони солим ва комил ба хилофи ҷонварони дигар аз рӯи сиришт ва ҳастии худ, мавҷуди дубуъдӣ ва ду баҳраист; яке сохтори моддӣ- физикӣ ва дигаре ҳастии маънавӣ-рӯҳонӣ, ки ҳамон диёнат ва бовар бошад.

Инсон аз рӯи сиришт ва офариниш дар ҳама ҳолу гунабуд ниёз ва кашиши равонӣ ба бовар ва пазириши нерӯи мовароитабиъӣ ва фаробашарӣ, ва бо ронди дигар, ногузириву ниёз ба пазиришу боварӣ ба Офардгор дорад.

Дар торих мехонем ва аз осори бозмонда мебинем, ки нахустинсонҳои пеш аз торих ва одамгунаҳои ваҳшӣ низ бархе аз нерӯҳои табиъӣ ва намодҳои хаёлии фароколбадониро ҳамчун

“худо” парастиш менамуданд, ки ин нишон ва гувоҳ ба ниёзмандӣ ва ногузирии инсон ба Офаридгор аст.

Пас бубинед, онҳое, ки ин ҳақиқат ва воқеиятро пас аз расидани инсон ба мақоми шуъури фаробашарӣ ва кайҳонӣ ва пас аз омадани паёмбарони ростину китобҳои осмонӣ якҷо бо гувоҳону бурҳони ақлӣ ва нақливу муъҷизоту боз воқеоту рухдодҳои торихии озмудаву санҷида намепазиранд, чи гуна метавон дар радаи инсони воқеъӣ ва дар зинаи башари мутамадинашон шуморид?!

Инҳо ба бофтаҳои саратонӣ дар бадани иҷтимоъи башариро мемонанд, агар ин бастаҳо бо худ ва дар марзи худ бошанд, зиёнашон вобаста ба худашон аст ва бало ба пасашон, вале агар буруз кунанду пешрафт дошта бошанд, табаҳкориву зиёнгустарии онҳо фарогир гашта, ҷомеаҳоро ба харобиву табоҳиву ноороми мерасонад, пас нахуст бояст инҳоро бишносем, то аз бадиҳошон во раҳем!

Аз инҳо бигзарем ва дар бораи нақши дин дар ҷомеаи башарӣ аз гузаштаи торих то кунун, бо гувоҳу бурҳон бигӯем, то бо донистану корбурдҳои созанда ба натиҷаву баҳраи хубу судманде бирасем!

Мо аз пайи таҳқиқу баррасиҳо болои ҳақиқат ва ё инҳирофу бутлони диёнатҳо намеравем, торихро такрор ва шунидаро бор-бор намегӯем.

Фушурдаву кутоҳ ин, ки оғоз аз Одаму Нуҳ (а) ва боз то анҷоми дунё диёнату бовар ҳамроҳи башар буд ва бошад;

Қиёми Иброҳим - нахустбутшикан дар баробари низоми бисёрхудоии Намруд, подшоҳӣ ва паёмбарии Довуду Сулаймон, вазорати Юсуф, доварии Мӯсо дар Миср бо Фиръавн, даъвати Исо, хотамияти Мустафо = Яҳудият, Насроният, Ислом;

Яҳудиён шариати овардаи Мӯсои калимро (а) бо худсарӣ “дини хос барои қавми баргузидаву вижа” донистанд ва то кунун бо ҳамзистиву ҳамсӯӣ бо сиёсату давлаташон гом мебардоранд..

Насроният, ки ин ҳангом дар тамоми кишварҳои аврупоӣ, қораи Амрико ва бархе кишварҳои ҷаҳон доман густурда аст, дар оғози пай-

доиш ва пас аз пазириши он аз сӯи Руму Юнон ба ду шоха қисмат шуд; Католикҳо-ортодоксҳо ва прравосславҳо...

Лютеризму (як шохаи протестантизм) мормонизму фирқаҳои дигар дар оини масеҳӣ навпайдоянд...

Ин диёнати осмониро таҳриф намуда, “мудерн” карданд ва созгор бо сиёсатҳои худ бинмуданд ва ҳатто давлати динӣ сохтанд бо номи “Ватикон” ки дар созиш бо сиёсатҳои ғарбӣ фаолият дорад.

Ҳар сола попи “Муазам”-и католикҳо ба гӯшаву канори сайёра барои таблиғи ин тафаккур ва густариши дигар “омилҳои ҳамзистии башарӣ” сафарҳо дорад..

Дар Россия калисои православӣ *(шохаи насронияти пайрави таълимоти калисои юнонӣ)* аз нав “зинда” мешавад ва дар бештаре аз бахшҳои иҷтимоъӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳатто сиёсӣ бо ҳамоҳангии давлат дахолату таъсири чашмгире дорад., як намуна инки ҷашну маросимҳои динӣ, семинору нишастҳои илмӣ бо ҳамкории ниҳодҳои марбутаи давлатӣ ва ба сурати фарогир ва саросарӣ баргузор мегарданд ва дар расонаҳои хабарӣ бозтоб мешаванд.

Боз ба мушоҳада мерасад, ки ин ҳангом Русия дар сиёсатҳои хориҷии худ аз мазҳаб ва калисли православӣ истифодаҳои дипломасӣ мекунад, бавижа дар бозсозӣ ва бознигарии мунисибот ва ҳамгироӣ бо кишварҳои назди Балтик, Югославияи собиқ ва бархе аз кишварҳои нимҷазираи Балкон...

Дар Ҳинд ва бархе аз кишварҳои Осиёи ҷанубу шарқӣ диёнати ҳиндуйизм ва қисман будоизм таъсиру бозтоби фарогире дар ҳама зинаҳо ва шууни ҳаёти иҷтимоъӣ; фарҳангу русум, адабиёт, садову симо, ва синамо дорад...

Дар Чин Даоизм - абадият, Конфусизм, дар Куриё ва кишварҳои қаламрави Ҳиндухитой Будойизм, ҳамчунин боварҳои анъанавӣ накши равшан доранд. *(Ҷои гуфтан аст, ки дар Кореяи ҷанубӣ ва Чин насроният дар ҳоли густариш аст.)*

Дар Жопон (Ниҳон), мудате банда он ҷо будам ва дидам, бо вуҷуди пешрафти фарогире, ки доранд, мардум бо чӣ гуна дилгармие пайравӣ аз боварҳо ва русуму анъанаҳои худ доранд ба вижа “Синтоизм”- “роҳ ба суи худоён”

Дар Тибет ва Непал, ки маркази динӣ ва фарҳангии будоизм ва конуни омӯзиши торих ва маркази омӯзиши решаии ин ҷараёни эътиқодӣ мебошанд, метавон дид, ки бо пайравии шигифтовари мардум аз боварҳо ва пешвои диниашон Далай Лама, ва дигар шаманҳо ҳатто кишвари бузурге ҳамчун Чинро ба чолиш кашидаанд...

Акнун биёем сари Ислому мусулмонон ва бубинем, ки дар чӣ ҳолату гунабуд будему ин ҳангом чӣ аз сари мо мегузарад!

Пешрафти фарогири ин диёнати покро ҳар дидавари беғараз ва ҳар соҳибдили равшанзамир сар аз оғози пайдоишу шодобиву болиш то садсолаҳову рӯзгорони дарозе медонад ва боз густариши фаромарзии онро то Аврупову Осиёву Чину Ҳинду Синд...

Хадамоти торихии илмиву фарҳангӣ, иҷтимоъӣ, дидгоҳиву корбурдии нухбагону донишмандони фарзонаи мусулмон низ равшантар аз рӯзу наздиктар аз дирӯз аст, ки мо дар гузашта ёдовар будем ва дар китоби “Иборот ва ишорот” ибороту ишороте доштем:

“Дар гузашта ҳама бузургони бо диёнату бовар ва бо донишу маърифати мо, фарогири донишҳои ақлӣ ва нақлӣ будандӣ ва дар ин роҳи душвор ранҷҳо кашидандӣ ва ба натиҷаву бахраи дуҷаҳонӣ расидандӣ...

Донишҳои каломӣ, мантиқӣ, фалсафа ва ҳикмат, нуҷуму кайҳоншиносӣ, табиӣ ва мовароуттабиӣ, сиёсат, амлокдорӣ ва тиҷорат, ахлоқу фарҳанг, ҳисобу ҳандаса ва дигар илмҳои дақиқ аз баракат ва дараҷаи баланди фаҳму фаросати он абармардон пешрафт ва равнақе дошт.”[26]

Яке аз омилҳои бо арзишу муҳимми ин ҳама кушоишу пешрафтҳо бо пайравӣ аз омӯзаҳо ва додаҳои ин таълимоти ноб,

---

[26] “Иборот ва ишорот” саҳ, 82 - 83

ҳамзистӣ ва ҳамоҳангии сиёсату давлатдорӣ бо диёнату бовар буд, ки дар нерӯву шодобии ҳамдигар афзуда, бистараи саъодату сарбаландии ду ҷаҳониро барои мардум омода кардаву густурда буд:

Дину давлат тавьаманд андар вуҷуд,
Ҳар яке бар қуввати дигар фузуд.

Навид

Биёед, ёде аз замону даврони давлатдории Сомониён бинмоем, ки муаррихону пажуҳишгарони арабу аҷам ва ховариву бохтарӣ он ҳангомро "давраи тилоӣ"-и давлатдории башарӣ меномананд!

Ин як намуна аз бозтоби густариши иқтисод ва тиҷорати фароҷаҳонии онҳо ҳамин бас аст, ки аз Аврупои марказӣ, шимолӣ то шимолу шарқ ва шимолу ғарбӣ; Аз Норвежу Белжику Олмон то Лаҳистону Украйну Белорусу Русия, дафинаҳо бештар бо зарби сикаҳои нуқраи Сомониён аз рӯи ҷадвали тартибдодаи Герт Рисплинг дар ҳаҷми 38807 адад пайдо шудаанд, ки дар муддати наздик ба сесад сол воҳиди пулии ин кишварҳо буд, ҳамчунин дар бозёфтаҳо аз ҷазираи Готланд, (Шветсия) ва дафинаҳои викингҳои ошубгари олмонӣ - саксонӣ низ ин ганҷинаҳо пуршумор пайдо шуданд ва ин раванд ба поён нарасидааст...[27]

Бархе аз пажӯҳишгарони фанни торих ва осоршиносӣ бар ин боваранд, ки "Сомониён дар он ҳангом абарқудрати ҷаҳон буданд, ҳамчунон ки Амрико дар ин ҳангом ва воҳиди пулии онҳо (дирҳам ва динор) нақши доллари кунуниро мебозид.

Шухрати донишмандони беназир дар он давраи тилоӣ ба монанди; Устод Рудакиву Фирдавсиву Берунӣ, Буалӣ Сино, Дақиқиву, Шаҳиду, Робиаи Балхиву Муродиву Балъамиҳову Ҷайҳониҳо, ва,ва,ва боз донишмандони амалгаро дар тамоми

[27]Давлатхоҷа Довудӣ. Денежное обращение древного и средневекового Хатлона (V в. До н. э.-нач. XX в.н.э.). С 192. Душанбе 2006. Бо бардошти маъноӣ аз китоби Rispling G/ Katalog samanidischen dirhams in schwedisschen Funden und diversen Samlingen. Unvero Aentlicht. (1996).

риштаҳои донистаниҳои башарӣ, дар фарогарди донишҳои моддӣ, фаротабиъӣ ва фарокайҳонӣ ба ҳамагон равшан аст.

Ин импротурии густурда бо раъю тадбири сарварони фарзона ва огоҳи худ, ба ном зери итоату фармонбардории хилофати Бағдод, вале дар воқеъ як сарзамин ва абардавлати мустақилу озод буд ва дар ҳақиқат "Бухоро қуввати донишу дин" буд!

Ин сурудаи банда аз солҳои пешин аст:

Хуш он замона, ки давлат ба Оли Сомон буд,
Ки аҳли фазлу ҳунар дар паноҳи эшон буд.
Шарофати ин дудмон зи илму дониш буд,
Кароматри ин хонадон зи адлу эҳсон буд.
Ҳама сарони давлатшон ҳакиму доно буд,
Ҳама зимоми умуршон ба дасти покон буд.
Чу бо бандагони Худованд меҳрбон буданд,
Бубин, ки раҳмати ҳақшон ба сар чу борон буд,
Ба дузду сифла дари офият чу бастандӣ,
Ба ногузир хас каму, чаҳон гулистон буд.
Зи камтарини камиҳо, бадӣ буди камтар,
Бадӣ буди камтару накӯӣ фаровон буд.
Ба ҷой ҷаҳлу такаббур, ҳасодату даъво,
Сафо буду утуфат, вафову паймон буд.
Чу асли гавҳарашон поку софу воло буд,
Ҳама сари иродатшон ба сӯи некон буд.
Бубин, ки даргаҳашон пойгоҳи дониш буд,
Бубин, ки маҳфилашон маҳфили бузургон буд.
Чу садри аъзамашон Балъамии доно буд,
Умури кишварашон бо ниҳоду сомон буд.
Дар он замона Бухоро шариф гашту азиз,
Ки қуввате ба бозувони илму имон буд.
Хуш он замона, дар он Рӯдакӣ ба сар бурдӣ,
"Хуш он замона, ки ӯ шоири Хуросон буд."
Зи хоки поки Бухорову Буалӣ нозам,
Ки дар ниҳояти илмаш замона ҳайрон буд...

Нифоқу тафриқа омад, висол ҳиҷрон шуд,
“Чи наҳс буд ҳамоно, ки наҳси кайвон буд”.
Чу фарру шавкати эшон нифоқу тафриқа бурд,
Ту дар нифоқ чӣ кушӣ, ки кори Шайтон буд!
Бигу, чӣ суд зи тафохур ба рафтагон, эй ҷон,
Ки фазлу шуҳрати онон барои онон буд.
Биё, ки аз сари ҳиммат камар зи нав бандем,
Зи баҳри миллату кишвар, ки маслиҳат он буд.
Шукӯҳу шуҳрати гумкардаро зи сар гирем,
Чу кори даҳр саранҷом ба коми мардон буд.
Биё, ки дӯст бидорем обу хоки меҳанро,
Ки дӯстдории меҳан гувоҳи эмон буд.

Шуҳрати илмии фарзандони ин марзу бум ҷаҳонгир буд ва мо ин ҷо аз зиндагиву осори мондагори яке ниёкони арҷманд ва фарзонаи ин миллат ёдовар мешавем, ки дар ин ҳангом як тӯдаи бедонишу бехираду бе ҷавҳар дар ин гӯшаву он гӯша нисбати ӯ беадабиву даҳонкаҷӣ мекунанд ва надонистанд, ки рақибони нотавобину ҷоҳил бо ӯ ва дар намунаи ӯ бо ҳама донишварони мумтозу камназири ин марзу буму ин миллати баруманду сарбаланд сар аз он замонҳо то кунун пархошу ҳасаду кинаварзӣ доранд, вале, “онро,ки Худованд арҷманд намуда, касе натвонад забун сохт.” *(талвиҳ ба ояти қурьонӣ)*

### ***Мотуридӣ***

Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Маҳмуд Абумансури Мотуридӣ дар деҳе бо номи Мотурид дар наздикии Самарқанд ба дунё омадааст.

Соли таввалудаш тақрибан 248ҳ. буда, соли 333 ҳиҷрӣ зиндагиро падруд гуфтааст.

Назди бузургон ва устодони фарзона ва фаҳрехта дар мазҳаби ҳанафӣ монанди; Наср ибни Яҳёи Балхӣ, Абунасри Аёз, Абубакр Аҳмади Ҷузҷонӣ ва Ибни Сулаймони Ҷузҷонӣ.. донишҳои заруриро фаро гирифтааст.

Шуҳрати ӯ ҳангоми зинда буданаш то маркази хилофат расида буд ва дар масоили душвори шаръӣ-ақидатӣ мустақиман аз ӯ назархоҳӣ менамуданд.

Аз баландии пояи фазлу камолоти илмияш дар ҳоли ҳаёт ӯро бо унвон ва алқоби ташрифотӣ ва таъзимотӣ аз қабили, “Имомулаимма”, “Имомуаҳлиссуннаҳ” “Ъаламулҳудо”... мехонданд.

Як даста аз шогирдони машҳури Мотуридӣ (рҳ) инҳоянд; Умар ибни Муҳаммади Насафӣ, Абумуҳаммад Абдулкарими Баздавӣ, Наҷмиддин Умари Насафӣ, Камол ибни Ҳумом, Муҳаммад ибни Абдулвоҳид Алқоҳирӣ Алҳанафӣ, муаллифи китоби “Фатҳулқадир” шарҳи “Ҳидоя” Абулқосим ҳакими Самарқандӣ, Абуабдурраҳмон ибни Абилайси Бухорӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Саъиди Истағфанӣ, Мулло Алиқорӣ Ҳиравии Маккӣ, муаллифи аз ҷумла “Мирқот” шарҳи “Мишкот”...ва боз садҳои дигар аз парваришёфтагони мактаби ӯ буданд, ки Худованд аз эшон хушнуд бод!

Ин шахсияти бузург дар шикаст ва аз миён рафтани таълимот ва мактаби ақлонии “Муътазила” ва равишҳои мунҳарифаи “Ҷаҳмия”, “Мушаббиҳа”, (Карромия) “Хавориҷ” ва “Равофиз”... ба хусус дар Мовроуннаҳр ва дар фарогарди олами Ислом нақши босазое дорад.

[*“Иборот ва ишорот”саҳ-238* ]

Инҳо ки гуфтем, намунаи андак, вале басанда дар дурустии воқеияти боястагӣ, пайвастагӣ ва ҳамгомии дину бовар бо иҷтимоъи башарӣ дар ҳама ҳангому гунабуд ва бо таносуби ҳамзистии ин ду моҳияти вижаи ҳастии башарӣ ва созиши ин ду дар пайванд бо сохторҳои гуногуни ҷомеааи инсонӣ буд ва бошад.

Фишӯрда, ин ки инсоният дар ҳама ҳангому замон ва ҳар гуна ниҳоду сохтори иҷтимоъӣ ҷудо аз диёнату бовар набуд ва буда наметавонад.

Пас агар бо нигоҳи жарф ба авзоъ ва гунабуди ҷаҳони кунунӣ аз дидгоҳи осебшиносии иҷтимоъӣ бингарем, мебинем, ки бештари бадбахтиҳову парешониҳо ва нокомиҳои башарият дар ин ҳангом аз нодида гирифтан ва напазруфтан ва пӯшидаву ношинохта гузоштани ин омил ва боястгори решаӣ ва калидӣ, яъне ҳамизистии дин бо дастуроти сиёсӣ ва меъёрҳои иҷтимоии будааст.

Дидгоҳи муҳақиқону пажуҳишгарон ва осебшиносони озодандеши шарқу ғарб дар пазириши ин ҳақиқату воқеият яксону якмаром буд ва ҳаст, вале дар ин аср  аз ҷиҳати бартариятхоҳӣ ва сиёсатҳои носанҷидаи ҷаҳонхорон, ин ду омилу боястгорҳои хушбахтиву осудагии зиндагонии башарӣ дар тазоду ноҳамоҳангӣ ва ҳатто ситезу рӯёрӯӣ бо ҳам  қарор дошта, боястгари нооромиву ноосудагӣ ва ҳазорон бадбахтиҳои  фарогир дар бештаре аз гӯшаву канори ҷаҳон гашта аст...

# Секуляризм - дунёмеҳварӣ

Сар аз садаи гузашта назарияи ва мафкураи сиёсӣ-иҷтимоии нисбатан нав зери унвони “Секуляризм” бо абъод ва густараи нисбатан фарогир ва аз ҷиҳати маънову фарогард ҳамон ”Ренесанс”-и сиёсӣ ва ё “Ҷудоии калисо аз давлат”-и аврупоӣ дар пӯшиши ҷадид, ки мешавад вожаҳои “динзудоӣ” ё “ҷудоии дин аз сиёсат”-ро ҷогузини луғавии он кард, ҳамчун яке аз омилҳои муҳим дар густариши падидаи фароҷаҳонии дигар бо номи глобализатсия фаолияти густурдае касб карда истодааст.

Ҳарчанд ҳадафи ин мафкура (секуляризм) дар оғози пайдоишаш муқобала ва рӯёрӯӣ бо таълимоти калисо буд, вале дар ҳоли ҳозир самту сӯи он бештар ба соҳати диёнати ислом нигаронда шуда аст.

Таҳкурсӣ ва таҳдоби ин ҷаҳонбинӣ дар оғози соли 1500-и меладӣ аз ҷониби кашиш ва ислоҳталаби калисои католикӣ Мартин Лютери олмонӣ *(тав.1483-и мелодӣ дар Саксония, ваф.1546 ,Олмон)* гузошта шуда буд.

Ин ислоҳталаби диёнати масеҳӣ дар муқобили поп ва калисо қад барафрохт ва “санади наҷот аз дузах ва дарёфти биҳишт”-ро, ки аз сӯи попҳо ва кашишҳо ба бовармандони ин дин бо пардохтани маблағ ва ё дигар ашёи қиматнок дода мешуд, номашруъ ва хилофи таълимоти Исо (а) эълон дошт...

Ин назария миёни равшанфикрон ва оммаи мардум, ки аз зулму бедодгариҳои калисо дар симои попҳо ва кашишҳо, ки ин диёнатро ба таҳриф кашида ва худро намояндаи Худо хонда буданд, ҳамчунин аз ситаму худкомагиҳои фармонравоёни худ, ки ба сиёсат либоси қудусият пушонда, бо кумак ва ҳамёрии ҳамин калисо ва попҳо худро муқаддас ва аз сӯи Худо баргузида медонистанд, ҳаводорони бисёре пайдо кард.

Ҳамзамон бо ин таълимот, бадбинӣ ва ситези мардум бо зимомдоронашон бо шебу фарозҳое идома дошт, то инки “Инқилоби бузурги Фаронса” (солҳои 1789-1914) хостаҳои ин

дидгоҳои ислоҳталабонаро бо пайкорҷӯиву хушунат дар амал пиёда намуд ...

Аз баргаҳои таърихи ин иқилоб мехонем: “Бадбинӣ ва нафрати мардум ба он поя расида буд, ки китобҳои диниро оташ мезаданд ва тавилаву анборҳоро ҷогузини калисоҳову парастишгоҳҳо менамуданд” (*мо такрори ин падидаро дар инқилоби болшевикии 1917 дидем ва шунидем)*

Ба миён омадани низоми демократӣ (мардуммеҳварӣ) дар муқобили давлатдории теократӣ (аз сӯи Худо ва намояндаи ӯ будан) нуктаи такомули амалии ин назария буд..

Аз ин баррасии фушурда ин ҳақиқат маълум мешавад, ки демократия, ки дар баргирандаи секулоризм низ ҳаст, аз оғози нахустин гомҳои худ дар муқобили диёнати масеҳӣ дар намоди поп ва калисо ва ҳамчунин дар рӯёрӯиву муқобала бо низоми роҳбарии давлат дар симои шоҳ ё император, ки ӯро ҳамчун намоянда ва баргузидаи Худо медонистанд, қарор дошт.

Бар хилофи омӯзаҳои таҳрифии яҳудият ва масеҳият огоҳон хуб медонанд, ки дар диёнати ислом пешвоёну донишмандони дину шариъат ва ҳамчунин зимомдорону сардорони давлат аз дидгоҳи саҳиҳу дурусти ин таълимоти осмонӣ бо такя ба Қуръону суннат, ҳеҷ ваколату намояндагие аз сӯи худованд надошта ва ҳеҷ фармонраво ва роҳбари давлат маъсум набуда, аз ҷониби Худо баргузида ва таъин нагашта аст, балки бо назардошти воқеияти ҳаёти башарӣ ва заруриёти иҷтимоъӣ аз ҷониби мардум баргузида ва интихоб мешаванд, ки банда дар робита ба ин мавзуъ дар оғози ин китоб ва китобҳои дигар густурдаву устувор баррасиву бозбинӣ намудаам..

Пас агар аз сари инсоф ва беғаразона бингарем,ҳеҷ ниёзу ногузирие ба секулоризму демокрасии номниҳод дар диёнати ислом намебинем, зеро мо на давлати теократӣ дорем ва на донишмаду руҳониёни муқаддас ва намоянда аз сӯи Худо дар рӯи замин, вале

чун ин сохтори сиёсӣ-иҷтимоъӣ дар ин ҳангом низоми беҳтар шинохта шуда аст, мо дар пазириши он ногузир мондаем ...

***Андаке аз вижагиҳои ин падида***

Фушурда агар бигӯем, сар аз пайдоиши ин андеша (секулоризм) то такомули инҳангомӣ, асос ва шолудаи онро ин боястаҳо ташкил мекунанд;

- ақлгароӣ ба ҷои дин ва манобеъи ваҳй.

- моддагироӣ бо пайрави аз додаҳои ҳавос ва инкори моварои табиат .

- озодии мутлақ дар баҳрабардории бе қайду банди ҷисмӣ ва ҷинсӣ бо чашмпӯшӣ аз меъёр ва чаҳорчубаҳои маънавияту ахлоқ ва ин ҳамаро инфиродӣ ва нисбӣ донистан. *(иҷозат ба издивоҷи ҳамҷинсгароён яке аз меваҳои талху заҳрогини ин дарахти шум ва нафриншуда аст...)*

- ҷудоии омӯзаҳои динӣ аз се шохаи ҳокимият.

- дур намудани омӯзишҳои динӣ аз дабистон, донишгоҳ ва конунҳои илмӣ..

- берун намудани диёнат ва арзишҳои ахлоқии он аз саҳнаи ҳунар ва фарҳанг бо ҷойгузинии барномаҳои фаҳш ва саргармкунанда ...

- тадриҷан берун намудани дин ва омӯзаҳои он аз зиндагонии иҷтимоъӣ..

Доноёни сиёсӣ ва ҷомеашиносони Ғарб сари ин вожа ва моҳияту корбурди он назариёт ва шинохтҳои гуногун ва ноҳамоҳанг доранд, вале дар шарҳу басти ин ки “демокрасӣ бе секуларизм наметавонад вуҷуд дошта бошад,” дидгоҳи ҳамаи онҳо ҳамранг ва ягона аст.

Дар ин даҳсолаи охир истилоҳи дигареро бо номи “плюрализм”- гуногунандешӣ, ба хотири рӯпуш намудани ҳақиқати “секуларизм” вориди истилоҳоти сиёсӣ намуданд, яъне гуногунандешии густурда ҳамчун; бисёрҳизбӣ, бисёрмазҳабӣ, гуногундинӣ, ҳатто озодӣ дар иҷрои ибодот ва аркону дастуроти

диёнатҳо, вале дар марзи нишондод ва хостаҳои эшон ва ҳатман зери чатри “секуларизм”

Аз ин тарфандҳост, ки мебинем бархе аз раисҷумҳурҳо ва сармоядорони ғайримусулмони кишварҳои ғарбӣ дар моҳи рамазон барои мусулмонон “ифтор” медиҳад ва ..

Ба хотири пешбурд ва густариши ин мафкура бавижа миёни мусулмонон абарқудратҳо бо фароҳам намудани тамоми замина ва шароити хуб барои ҷалб намудани гумоштагон ва таблиғгарони ин равиш корҳои афзунеро ба анҷом мерасонанд, ки мо натиҷаҳои зиёндору харобиовари онҳоро дар кишварҳои худ мебинем ва аз рӯи ғафлатзадагиву бетафовутӣ ва дигар сабабҳо аз ин ҳама чашмпӯшӣ менамоем!..

Намунаи ин корсозиҳо дар ватани мо дар баробари фаолияти муассисаҳои ғарбӣ зери пушишҳои гуногун, ҷалб намудани нафарони алоҳида аз ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоъӣ ва маданӣ, таьсиси марказҳо ва ниҳодҳои гуногунсамт, пажӯҳишӣ, гуманитарӣ ва боз бо чандин ному унвонҳои дигари тақлидӣ ва нусхабардоришуда мебошад...

Барои намуна яке аз ин гуна ниҳодҳо “Ҷаҳони андеша” буд ва кормандони ба истилоҳ файласуфу ҷомеашиноси он дар матбуот ва баромадҳои телевизонӣ роҳ ёфта, бо ҳамгунӣ ва тақлиди шармоваре аз ҳамин секуларизми ғарбӣ дар ҳар боб ҳарзагӯӣ мекарданд, барои намуна гуфтаҳои яке аз онҳоро меорам: “Мо на танҳо дину шариатро аз сиёсат дур кунем, балки аз ҷомеаи худ низ бояд берун намоем.” Инро аз пардаи телевизор густохона дар хитоб ба ҳама мардуми мусулмони кишвар мегуфт...

Чун аз беҷавҳарии ин “пажӯҳишгарон” ва аз зиёну зарари андешаҳои хом ва зиёновари онҳо барои ҷомеа огоҳ шуданд, *(банда низ бо миёнкории матбуот “паёме” ба эшон фиристода будам.)* фаоилияти ин “марказ” сусту бенишот гашта, аз он ҳамҳамаву дамдамаи оғозини худ монд ва ин ҳангом бархе аз ин дононамоҳо ба берун аз кишвар куч баставу аз он ҷо мардумро бо суханпароганиҳои пуртаноқуз “раҳнамоӣ” мекунанд..

Шигифтовар ин аст, ки чаро ин “маслиҳат” ва “раҳнамудҳо”-и худро дар дохили кишвар намегуфтанд, агар дилсузу нигарони ояндаи ин миллат буданд?!

Мо мебинем, ки бархе аз донишмандону пажӯҳишгарони ҷомеашиноси дохилӣ дар расонаҳои хабарӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар мавзуъоти муҳим ва калидии ҷомеъа ибрози андеша доранд ва аз норасоиҳову каму костиҳо мегуянд, холисона ва аз дили беғараз ва касе пеши роҳи онҳоро нагирифта ва коре ба корашон надорад.

Вале чун он “файласуфон” ин ҷо буданд ба ҷуз аз умумигӯиву бад гуфтани “мухолифон”-у худро бад-ин василаву миёнкорӣ “ширин кардан” дигар сухани судманде барои ҷомеъа аз қалами онон нахондему аз забони эшон нашунидем!

Акнун аз дуриҳои дур ҳама “идея”-ву “ғоя”-ҳои дар гузашта аз бист сол пешниҳодшудаву аз суи давлат дар амал пиёдашуда монанди; “Арзишҳои миллӣ” *(тамаддуни ориёӣ)* “Ҳувияти исломӣ” (*ёдбуди бузургон .., боз Имоми аъзам*) дунявияти ҷомеа *(секулоризм*) “Эҳёи расму оини миллӣ”..- ро дастабандӣ намуда, ҳамаро сунъӣ ва тақаллубӣ номида, тарҳрезиву пешниҳодшуда аз ҷониби “идеологҳои ҳукуматӣ” ба суди онҳо ва ба хотири “давоми ҳукумати онҳо” медонанд. (Породокс-таноқуз !)

Агар чунин бошад, пас ман мегӯям, оё худи шумо солҳо дар радифу шумори ҳамин “идеологҳо” набудед ва бархе аз ин “идеяҳо”магар аз сӯи шумо пешкаши ҷомеа нашуда буд?!

Боз аз шумо мепурсам, чун ин ҷо будед, чаро бо гуфтору навиштор якҷо бо далелу бурҳони илмӣ ва дур аз эҳсосот, парда аз рӯи ин ҳама “тақаллубҳо” набардоштед ва роҳе барои бурунҷаст аз ин бунбаст нанамудед?!

Шумо пайравон ва шефтагони мактаби аз кор афтодаи “фалсафаи ғарб” бо мағзи шахшуда ва ҳувияти худро фаромушкарда, акнун, ки аз ғалату иштибоҳот ва костагиву норасоиҳо мегуед, пас роҳҳалҳо барои раҳоӣ аз ин мушкилотро низ бинмоед, агар фарзанди дилсӯзи ин милат бошед.!

Хонандаи гиромӣ, бубин, ҳамин даста аз беҳудагӯёни дононамо ва бегонамеҳварро дар ҷомеаи мо гоҳо файласуфу гоҳе муҳаққиқу пажӯҳишгар меноманд, аз ин аст, ки ман дар ин мавридҳо аз худ берун мешаваму дар ҳолати ошуфтагӣ бо эшон меситезам, дар ҳоле, ки бардошти ҷомеаи илмии мо гирифтори камзарфиву камжарфист, аз ин рӯ шахсияти маро ҳамчун аз дигар сайёра омада ва ин гуна баҳсу радду бадалҳои некбинона ва беғаразонаро бо саркашиву нодида гирифтан гӯё намешунаванд ва намепазиранд...

Чун ғараз омад, ҳунар пӯшида шуд,
Сад ҳиҷоб аз дил ба сӯи дида шуд. *(Мавлоно)*

***(Бузургону донишмандони асилу боҷавҳар ва мутааҳиди (паймондор) мо хуб медонанд, ки пойгоҳу ҷойгоҳи арҷманди онҳо болотар аз дастраси инҳост ва шумори он бузургон аз ин тоифа ҷудост ва эҳтирому посдории ман аз эшон равшану бар малост! М.Н.)***

Аз ин ҳама бигзарему фаротар агар бингарем, ин воқеият равшан мегардад, ки дар ҷомеаи маданӣ ва илмӣ ва ниҳодҳои расмии динӣ ва анъанавии мо ҳарчанд шахсиятҳои мутахасису ҳирфавӣ дар маҷолоти гуногуни илмии мазҳабӣ- ақидатӣ ва ҷомеашиносони гуногунсамт дорем, вале на дар он поя, ки битвонанд ба ин пурсвандҳо (масоил) посухи басанда диҳанд ва аз гираҳҳои печида ва фарогири ҳамзистии сиёсат бо диёнат ва ба истилоҳи дигар, дунявият ва дин бозкушоӣ намуда, аз ихтилофоту рӯёрӯиҳои эҳтимолӣ пешгирӣ намоянд.

Ва агар бе такаллуф ва холисонаву озодона вазъу гунабуди ҷаҳони ислом ва конунҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва донишмандони ҷудогонаи кишварҳои мусулмониро дар замони кунунӣ баррасӣ намоем, боз ба ҳамин камбуд ва “қаҳтурриҷол” (камбуди мардон) рӯбарӯ мешавем.

**Чанд намуна аз усулиёти қазоӣ - фиқҳӣ ва дастуроту меъёрҳои иҷтимоъии кишварҳои мусулмонии ҷаҳон дар таносуб ва муқояса бо**

**ҳамдигар ;**

**Воқеият ин аст,ки;**

- Фатвоҳо ва қазовати ниҳодҳои ҳуқуқӣ-иҷтимоъӣ ва фиқҳии Мамлакати Суъудӣ бо сабаби нооҳангӣ ва ноҳамсӯии ақидатӣ-мазҳабӣ бо бештаре аз равишҳои мазҳабии дигар кишварҳои исломӣ қобили пазириши ҳамагонӣ нестанд.

- "Ал-азҳар"-и Миср ҳарчанд фарогири омузаҳои чаҳор мазҳаби аҳли суннат дар тавофуқ бо равиши фиқҳии ҳанафист, вале фирқаҳое, ки пайрави мазҳаб нестанд бештари ин фатвоҳоро намепазиранд.

- Дорулулуми "Девбанд"-и Ҳиндустон низ дар ҳамин поя қарор дорад.

- Фатовӣ ва дастуроти иҷтимоъии ниҳодҳои қазоии дигар кишварҳои араб дар умум мутобиқ бо мазоҳиб ва ҳатто сиёсатҳои давлатҳои худ буда, мавриди пазириши ҳамаи уммати исломӣ қарор намегиранд.

***(Ёдовар мешавам, то онҷо,ки банда огоҳӣ дорам, дар миёни кишварҳои арабии қораи Африқо дар таносуб, равиши ақидатӣ - мазҳабии давлати Алҷазоир ва диёри Мағриб ҳамон равиши муътадил (васатият) ва усулии диёнати ислом буда, бархурди ниҳодҳои динӣ, донишмандони риштаҳои гуногун, матбуот, расонаҳои хабарӣ ва дар умум муносибати низоми давлатдории онҳо ҳамгом ва ҳаммаром бо шариъат ва омӯзаҳои фарогири он, ҳамзистӣ ва осудагии иҷтимоъи гуногунандеш ва чандравиши онҳоро нисбатан фароҳам намуда аст.)***

- Покистон бо саду як фирқаву равия тақсим шуда аст ва қазоёву дастуроти шаръии фиқҳии онҳо (агарчи ҳанафист) бо сабаби ихтилофи густурдаи ақидатӣ ва пайдо шудани гурӯҳҳои гуногун бо дидгоҳҳои танг ва ноҳамсу бо воқеияти омӯзаҳои диёнати ислом, душворӣ дар иҷро ва пазириши ҳамагонӣ, дар лузумияту боястагии корбурдӣ ва коргузорӣ доранд.

Туркия миёни секулор-лоикҳо ва динмеҳварон авзои дар ошкор ором, вале андар ниҳон нигаронкунанда дорад ва

қонунгузориҳои иҷтимоъӣ ва меъёрҳои ахлоқии ин кишвар низ дар ҳамин ҳолу гунабуд қарор доранд.

- Афғонистон дар ҳарҷу марҷ гирифтор аст ва ин дастуроти шаръӣ-иҷтимоъӣ дар натиҷаи ҷангҳо ва ошубҳои чанддаҳсола ҳамроҳ бо густариши ихтилофот ва ноҳамсӯиҳои ақидатӣ, тадриҷан ба миён омадани таборгарой ва падидаи фармонравоии марказситези ҷангсолорӣ ва нотавон будани ҳокимияти марказӣ, дар бештари мавορид қобили иҷро нестанд.

... Метавон кишварҳои дигари ба ном исломиро дар ҳамин гирдона қиёсу барсанҷ намуд...

- "Шӯрои уламо" ва "Қозиёт"-у "Муфтиёт"- ҳо дар кишварҳои мусулмонии пасошӯравӣ, идорот ва муасисаҳои номниҳод ва ташрифотӣ ва номустақил буда, ҳукму фатвоҳои онҳо ба ҷуз аз масоили ҷузъӣ дар умум пуштувонаи шаръӣ ва иҷрой надорад.

***(Бубинед, ки ин ниҳодҳои ба ном диннӣ ҳатто дар ташхис ва муаян намудани рӯзҳои фарорасии моҳи мубораки рамазон ва идҳои Фитр ва Азҳо – қурбон, мутобиқ бо меъёрҳои шаръӣ раъйи озод ва мустақил надошта, ба ҷои иттиҳоду якпорчагии уммати исломро дар ин масоили муҳими иътиқоди фароҳам бинмудан, баръаксу божгуна сабаб ва боясгари ихтилофоту парогандагӣ миёни мусулмонон мегарданд .***

***Басо дар давлатҳои исломӣ низ ҳамин ноҳмсуӣ ва ноҳамоҳангӣ доман мегустарад.***

***Боз бархе аз донишмандони фирқагаро бо доштани таасуби шадиди мазҳабӣ ва ҳамчунин шабакаҳои родиётелевизунӣ ва иҷтимоъии ба ном исломӣ бо доштани кормандони аксаран камдонишу бетаҷруба ва анҷомноандеш ба оташи ин бесаруомониҳо доман мезананд...)***

Ин ҳама фишурдагуфтаҳо намоёнгари ноҳамсӯӣ ва ноҳамоҳангӣ дар шинохт ва корбурд аз дастурот ва фармоишоти ин дини поку муқаддас аст, ки аз сабаби самтусӯгароиҳо ва бардошти норасову нодуруст аз таълимот ва фаровардаву боздодаҳои накӯву

озмудаи он бо миёнкории нафарони аксаран ҷоҳилу мутаасиб ва ғараздорони ҳавопарасту дунёмеҳвар ва боз ниҳодҳои ба ном исломии бегонасохта, ба ҷои инки ҳамзистии орому осудаи мусулмонон миёни худ ва боз тамоми инсониятро фароҳам созанд, баръаксу божгуна боястгари ҳазор нокомиву бадбахтӣ миёни худи мусулмонон ва дар ноҳамсӯиву рӯёрӯи бо тамоми ҷаҳон қарор доранд!

Пас дуруст омад он чи дар тимҳиди (пешдаромад) ин рисола гуфтем:

*“Оё ин нукта то ҳол барои мо равшан нагаштааст, ки дар ин рӯзгор кор дар умум ба дасти ноаҳлон ва гавҳари донишу маърифат ғолибан ба тӯдае беаслону беҷавҳарон расида, ки аз шумии андешаи норасо ва бо ҳавои худ таъвилоти нобаҷои онҳо бегонагони кинатӯзу ҷангафрӯз суд мебаранд ва мардумони бегуноҳу бепаноҳ бархе дар хуни худ шиновар ва бархе оворaву дарбадаранд?!”*

Ва агар дар озмуд бо чаҳорчуб ва гирдонаи “шахсиятҳои таьсиргузор” ва “донишмандони тамомиёр” ба ҷаҳони ислом дар ин ҳангом бо нигоҳи тезу жарф бингарем, бо таасуф ва ҳасрат мебинем, ки чунин абардонишмандони фарогир ва расида надорем, ба ҷуз устодону пажӯҳишгарони камшумор , бо донишу ихтисоси самтӣ ва соҳавӣ, на дар появу пойгоҳи як “муслиҳ” ва ё “муҷадид.”

Агар ин воқеиятро дар намоди донишмандони фақид ҳамчун; Абулҳасани Надавӣ, Абулъало Мавдудӣ, Муҳаммад Умари Сарбозӣ ва ҳамтирозони эшон баррасӣ намоем, мебинем, ки бо вуҷуди заҳамоте, ки ин донишварон дар огоҳии мусулмонон ва дур намудани носозгориҳо аз миёни онҳо кашидаанд, чун моя ва ҳастаи ин баррасиву пажӯҳишҳо вобаста ба маҳдудаи муаяни мазҳабӣ ва минтақавӣ буд, омӯзаҳои эшон аз марзи фарҳангӣ-иҷтимоъии муъаян берун нашуд ва ҳатто дар дохили ин маҳдудаҳо низ мухолифону ноҳамсӯёни ин таълимот бо навиштани рисолаҳо ва китобҳои радиявӣ рӯёрӯӣ ва мухолафати худро ошкор бинмуданд..

Зокир Нояк дар пайравӣ аз мактаби даъватгар ва чолишгари тавоно дар мабоҳиси эътиқодӣ ва пажӯҳишгари мумтоз дар шинохти фарогири омӯзаҳои исломӣ ва диёнатҳои ғайриисломӣ, зиндаёд Аҳмад Дидот, як мубаллиғи пазируфташуда ва як даъватгари фавқулъода ва шигифтоварест, вале самту сӯ ва меҳвари суханвариҳо ва таблиғоти ӯ ҷадал ва бархурд бо дигар боварҳо буда, ба мушкилот, дашвориҳо ва пурсвандҳои (масоил) иҷтимоъӣ кам мепардозад..

Бо дареғ ёдовар мешавем, ки омӯза ва равиши илмии бештари аз даъватгарон ва навандешону дигарандешони кунунӣ, бо сабаби гироиш ба самту сӯҳои пазруфта аз ҷониби эшон, бо меъёрҳо ва барсанҷҳои решаи ва фарогирди мазоҳиби исломӣ ноҳамоҳангӣ дошта, ин андешмандон бо гузашти рӯзҳо ва солҳо ҳатто андӯхта ва боварҳои пешини худро ё таьвил ва ё рад мекунанд.

Барои намуна ҳамин шайх Юсуф Қарзовӣ, ки “муслиҳ”-аш медонанд, дар дарозои зиндагонӣ ва корбасту фаолиятҳои илмии худ бо иштибоҳоти бисёре, →
*(барои намуна, шинохти расо надоштан аз мазоҳиби исломӣ, масалан; равиши ташаюъ, дидгоҳҳои ноҳамгун дар машруъияти аҳзоби исломӣ, ноҳамсӯии бархе аз фатвоҳои ӯ бо усулиёти фиқҳ ва боз ҳамчуниниҳо*)
→ҳам аз дидгоҳи шаръӣ, ҳам сиёсиву иҷтимоъӣ дучор омада, чандин бор боварҳои илмии пешини худро дигар кард, ки бо намоду намуна овардан аз ин бештар суханро ба дарозо намекашем.

Банда ҳаргиз такомул ва пешрафту таҷруба ва пажуҳишу ковиши илмиро дар зина ва шумори ғалату иштибоҳот қарор надодаам.

Бале, дар гузашта бештари аз донишмандон ва андешмандони фарзонаи мо гоҳоне дар дидгоҳҳои пешини худ таҷдиди назар доштанд, ки бештари ин бознигариҳо дар масоил ва пурсвандҳои ҷузъӣ ва шохайӣ буд, на дар усулиёт ва чун сари суолту мушкилоте ихтилофи назарҳо миёни донишмандони пеш меомад, бо баррасиҳои муҳақиқона ва аз сари инсофу эътироф ба ҳал ва

бозкушоии саҳеҳу дуруст мерасиданд ва он масъалаи "мухталафун фиҳ" "муҷмаъун алаиҳ" мегашт ва ҳеҷ пурсише бе посух ва ҳеҷ гираҳе нокушода намемонд, ҳамчунон ки дар як равиши мазҳабӣ миёни имом Абуҳанифа ва шогирдонаш имом Муҳаммад, имом Абуюсуф ва имом Зуфар ва боз ҳамчун ноҳамсӯиҳо миёни мазоҳиби чаҳоргонаи аҳли суннат, ки лутфу меҳрубонии Худованд фарогири ишон бод!

Ҳамин жарфандешӣ ва ҳақпазирӣ буд, ки ишонро муқтадои мардум гардонида буд ва ин ҳама ҷаҳду талоши онҳо аз сари ихлосу самимият ба хотири ислоҳу некхоҳӣ ба мардум буд, на аз рӯи ҳавову ҳавас ва пештар аз ҳама лутфу меҳрбонии Худованд фарогири ҳоли он бузургон буд, то расиданд он ҷо, ки расиданд..

***(Барои намуна, миёни Имом Абуҳанифа(устод) ва Имом Абуюсуф(шогирд) дар махлуқ будан ва ё набудани Қурьони карим бештар аз шаш моҳ бугӯмагӯҳо ва ҷарру баҳсу пажуҳиш давом дошт, то бо пайдо намудани ҳақиқати ҳол аз лобалои Қурьону аҳодиси набавӣ ва иҷмоъи саҳоба ва бо андешаву тафаккури расо ва равшаншуда бо таьйидот ва илҳомоти илоҳӣ ба тавофуқ ва якдиливу ҳамсӯӣ расиданд ва ин мушкила ва масьалаи муҳимми ақидатиро ҳал ва бозкушоӣ бинмуданд...)***

Ҳарчанд аз мавзуъ канора рафтем, вале ногузир будем ва ҳамакнун сари он дармиённиҳодаҳо[28] бармегардем.

Васоити ахбор, расонаҳои гурӯҳӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, (ғайридавлатӣ) ки дар ин аср итилоот ва огоҳиҳои фарогирро ҷаҳонӣ кардаанд, агар дар намунаи ниҳодҳои итилоърасонии кишварҳо ва гурӯҳҳои даъватгари арзишҳои ақидатӣ баррасии огоҳона ва холисона шаванд, мебинем, ки бо истисно ва ҷудосозии чанде аз шахсиятҳо ва ниҳодҳои огоҳ, дигар бештари аз онҳо сӯву самтгароӣ ва таасубу худмеҳварии догматикӣ ва хушкро таблиғ намуда, авзоъи бе ин ҳам парешону ошуфтаи мусулмононро парешонтар месозанд... ва бештари аз ин истидлолиён :

[28] Дармиённиҳодаҳо- мавзуъот, вожаи андарҳами навсохта аз муаллиф.

"Исломи бе маънавият, бе ҷазбаву кашиш, бе дилбохтагиву тапиш, бетафовут миёни арҷманду ноарҷманд, носипос ба зиндагону мурдагон, бехабару нобовар ба фаротабиъат.., саранҷом "Ислом"-и "модагаро"-ро ва "догматикӣ"-ро ҳамчун даҳриён ва табиъатпарастон"[29] таблиғ ва ташвиқ менамоянд...

Пас, бо дареғу ҳасрат метавон гуфт, ки дар ин ҳангом: "Даъватгарони хондаву нохонда бисёранд, вале, баргузидагони фарзона кам андар кам" [30]

Натиҷаву "дастовард"-и ин ҳама норасоиҳову костагиҳои илмӣ - амалӣ ва қаҳтурриҷолҳо (камбуд ва камёфтии мардон) аз ҷиҳати ноогоҳӣ, бе нишотиву ғафлатзадагӣ, нодида гирифтан ва ба канора рондани арзишҳои эътиқодӣ - ахлоқӣ аз сӯи муассисот ва ниҳодҳои давлатии кишварҳои мусулмон ва ҳам байнулмилалӣ ва риҷоли сиёсати ҷаҳони кунунӣ ва ниҳодҳои марбутаи таьсиргузор мебошад, ки беэътимодӣ ва нобоварӣ миёни мардум ва низомҳои вақтро ба миён оварда, боястгори ноустувории авзоъи иҷтимоъӣ ва сабабгори густариши тундгароӣ ва ноҳамзистии мардумон дар тамоми ҷаҳони ислом гашта аст, ки таъсиру бозтоби бад ва харобиовари он домани Ғарб ва дигар кишварҳои ғариисломиро низ гирифтан дорад...

Далели равшани ин гуфтаҳо дар ин садсолаи пасин бо ҳар дасисаву найранг роҳандозии ҳамин ҷангу куштор ҳо бо тавассуту миёнкории гурӯҳҳои бедонишу тундгаро зери пӯшиши ислом ва хусумату бадбинӣ миёни мазоҳибу аҳзоби гуногуни мунтасаб ба ислом бо давлатҳо ва низомҳои вақт мебошад, ки бар ҳеҷ дидаваре пӯшида нест:

Алҳазар з-ин мушти кутаҳбин, ки аз нобихрадӣ,
Соҳати андешаро майдони лашкар кардаанд! (Навид)

---

**29** Бозоварда аз китоби "Иборот ва ишорот" саҳ-384
**30** Мазмун аз суханони Исо (а) дар "Инҷил"

## Огоҳӣ!

Ба хотири оромӣ ва осудагии тамоми инсонҳо, дар густара ва ва фарогарди эътиқоду боварҳо, забону нажодҳо ва сохтори иҷтимоъиву сиёсии давлатҳои ҷаҳон ва ба ҷои фароҳам намудани заминаҳои ихтилофу душманӣ миёни мусулмонон ва судбардории бедодгаронаву чашмпӯшӣ аз ин ҳама куштори мардуми бегуноҳу бепаноҳ ва харобиву вайронии кишварҳо, бозигарони сиёсати ҷаҳониро лозим ва ногузир аст, аз ин ҳама бадбахтиҳои фарогири тамоми башарият ибрату таҷруба касб намуда, фазои ҳамзистии инсониятро дар ин зистгоҳи умумии инҷаҳонӣ, ки замин номида мешавад, фароҳам созанд, дар акси ҳол худи онҳо ҳам ба ин бовар расидаанд, ки ояндаи ҳастии тамаддуни башарӣ бо пайрави аз сиёсатҳои нодуруст ва бо дасти нафарон ва гурӯҳҳои хомкору сабукандеш ва худхоҳу худкома, ки худ сохтаанд, ба партгоҳи нобудӣ наздик шудан дорад.

Ошкоро метавон дид ва бо бардошт аз ин ҳама воқеъиятҳо бо устуворӣ метавон гуфт, ки сиёсатҳо ва бархурдҳои нодуруст ва бедодгаронаи иқтисодӣ- иҷтимоъӣ ва эҳтикори (монополия) ҳарисонаи дороиҳои умумибашарӣ аз ҷониби абардавлатҳо ва дигар ниҳодҳои мофиёии фаромилӣ, дар густариш ва фарогирии ин раванди харобиовар бо чашмпӯшӣ аз ҳама он эҳтимолоти зиёновар ва бунёдбарандоз, кумак намуда ва дар шитобзадагӣ ва пешрафти он меафзоянд...

Мо дар ҷаҳони пурошуб ва носозгоре ба сар мебарем, ки ғараздорон аз дин бавижа диёнати поки ислом чеҳраи хашину даҳшатноке барои тарсондану дур намудани мардум сохта ва ба намоиш гузоштанд ва бо ин сохтаву пардохтаи худ дар рӯёрӯиву ситез мебошанд....

Ҳарчанд дини исломро таносубан ба се равишу равия гурӯҳбандӣ намуданду якеро исломи “сунативу муътадил” ва дигареро “сиёсии муътадил” ва севуминро “ашхос ва ҳаракатҳои тундгаро” номиданд ва гӯё бо исломи суннативу ҳаракатҳои муътадил мушкиле дар миён надоранд ва ҳама ноорамиҳо ва бадбахттиҳоро

аз ҳамин “Исломи сиёсӣ”- и тундгаро ва “бунёдгаро”-ро медонанд, вале ин ҷуз найранг ва тарфанде беш нест.

Ба огоҳон равшан аст, ки рақибони савгандхурдаи ин диёнати фароҷаҳонӣ аслан иътидол, созандагӣ ва бунёдгариву таҳамулпазирии ин динро аз рӯи баррасиҳои торихи ифтихорофарини он, ки мо шаммае дар гузашта ёдовар будем, хуб ва пухта медонанд, вале ин ҳақиқат ва воқеиятро пазируфта наметавонанд, зеро дар баробари худ ҳарифи ботадбир ва тавоноеро мебинанд. Аз ин рӯ Исломро “тундгаро ва ифротӣ” дидан мехоҳанд, на муътадилу таҳаммулгаро!!!

***(Пас дифоъ ва пуштибонии пурарзишу баҳрадори роҳбари кишвари мо аз диёнати ислом дар дохили кишвар ва берун аз он, дар ҳамоишҳои ҷаҳонӣ аз минбарҳои баланди байналмилалӣ ва бегонаву ноҳамсу донистани тероризму ифротигароиро бо асолату ҷавҳари фармоишот ва дастуроти он, яке аз иқдомҳои ҷавонмардона ва ҳамзамон як анҷомнигарии бисёр хирадмандонаест, ки ба курии чашми ғараздорону бадандешон, ба ҳар дидавару додварзу хирадмеҳваре равшану ошкор аст.)***

Рақибон аз ин диёнати поку дар ҳама давру замон бо иҷтимоъи башарӣ созгор, дар тасаввури худ “Исломи тундгаро ва ифротӣ”-е тарошиданд ва аз ин тарфанд ва ниқоби ҳаюлоии сохтаи худ дар мавридҳои барояшон мувофиқ судбардории нафратовар ва бедодгарона менамоянд ва чун бо назардошти омилҳои ҳамзистии умумибашарӣ наметавонанд диёнати исломро дар умум тундгарову ифротӣ эълон намоянд ,

*(Ҳарчанд бархе аз онҳо ҳамчун; Самуел Ҳангтингтон, Мартин Крамер, Бернард Левис, Даниел Пайпс, Бегнюв Бизежинский, Улрих Бек, John Sidney Mc Cain... зери пушиши ному унвонҳои муҳаққиқу сиёсатшинос ва файласуфу фалону баҳмони дигар то инҷо низ расиданд ва “теория”-и“Бархурди тамадунҳо” ва ҳатто“таҳдиди ислом”- ро [the islamic threat] аз рӯи ғараздорӣ ва кутоҳандешӣ*

*пешкаши мардуми саёра бинмуданд ва дарҳои носозгорӣ ва рӯёрӯиро миёни фарҳангҳо ва тамаддунҳои гуногуни ҷаҳонӣ кушуданд..!)*

⟶ аз ин рӯ ҳаракатҳову ҷунбишҳои ба ном исломиро ҳамчун афзор барои расидан ба мақсадҳои шуми худ истифода мебаранд.

Аз ин аст, ки мебинем дар бархе аз кишварҳои ғарбӣ бо пайравӣ аз арзишҳои демокросӣ гӯё ҳаракатҳои динии "муътадил"-ро ҷонибдорӣ ва аз "ҳуқуқҳо"-и онҳо дифоъ мекунанд, вале бо андак неру ва густариш ёфтани фаолияти ин ҳаракатҳо, дар роҳи пешрафти онҳо монеъа ва бунбастҳо месозанд ва ба пешонии онҳо муҳри "тундгаро" ва боз "ифротӣ"- ву "фалон"-у "баҳмон"- ин қолиб ва ниқобҳои аз пеш сохтаро мезананд ва бо ин корсозиҳои макорона заминаҳои низоъу кашмакашҳо, вайронии шаҳру деҳот ва ранҷу гирифториву дарбадарии мусулмононро фароҳам меоранд, ки мо намунаҳои ошкор ва равшани ин дасисаҳоро дар кишварҳои; Алҷазоир, Миср, Ироқ, Лубнон, Сурия, Афғонистон... мебинем ва ин далолати ошкор аз духурагӣ, чандсӯӣ ва чандрӯии сиёсатҳои онҳо дар баробари кишварҳои мусулмонист...

Ҷои ёдоварии ин нуктаи бас нозук аст, ки чун аз ҳизбу ҳаракатҳо сиёсӣ- исломӣ гуфтем, дар машруъияти онҳо низ андешмандони исломӣ дидгоҳи ягона надошта, бештари онҳо ин падидаро бидъат, навоварда ва тақлид аз Ғарб ва дар айни ҳол ба суди мусулмонон намедонанд ...

Агар бо нигоҳи тезу мушикофона ба авзоъу гунабуди густараи сиёсии ҷаҳони имрӯзӣ бингарем, мебинем, ки абарқудратҳо ва кишварҳои таьсиргузор бо ҷунбишҳои миёнагаро ва муътадил дар ин садсола на ин ки бо роҳои машруъ ва бо истилоҳи худашон демокросӣ, ҳамкорӣ накарданд, балки аз вуҷуди (будани) онҳо афзор ва васила барои ноором ии ҷомеаҳои мусулмонӣ, харобии кишварҳо ва дарбадариву даҳҳо мусибатҳои дигар барои мусулмонон сохтанд, ки ин воқеиятҳо фарзияи болоро тасдиқ мекунанд...

Пас шинохти падидаҳову ҳангомҳо, ва пардохту сомони онҳо мардони баргузида бо донистаниҳои фарогир ва анҷомнигарии мудабирона ё бо ронди дигар муслиҳу равшангару бознигаре мехоҳад ва ин гуна абармардон дар ин ҳангом аз мурғи Анқо ноёфттару аз Хизри биёбон пинҳонтаранд.!

Ҳамин "Баҳори арабӣ" барои ҳафт пушти мусулмонон бас аст, агар ҳоло ҳам аз фитнаву найранги асри нав огоҳ нагашта бошем, пас, дар он дунё огоҳ хоҳем шуд,"чаро оқил кунад коре, ки бор орад пушаймонӣ!"

Ман ин ҳамаро озодонаву бетакаллуф бо бардошт аз баррасиву омӯза ва андӯхтаҳои гунабуд ва ҳолоти ҷаҳони кунунӣ гуфтам ва сари гуфтори банда бо пажуҳишгарону бознигарони боинсофу воқеиятшинос аст ва касеро дар пазируфтани ин ба миённиҳодаҳо ногузиру маҷбур намедонам...

Дунболаи ҷустор инки гурӯҳҳои террористӣ ва тундгароро худи инҳо (абарқудратҳо) месозанд, меомӯзонанд, кумакҳои молӣ мекунанд, бо ҳадафи зишт намудани чеҳраи ин диёнати осмонӣ ва бадномии мусулмонон..., ва боз барои куштани мардуми бегуноҳу бепаноҳ равонаи сарзаминҳои мусулмонӣ месозанд ва агар ин муздурони бедонишу ноогоҳ сар аз фармони эшон бар тобанд онҳоро зуд аз миён мебардоранд.

Ва боястгару фароҳамоварандаи ин ҳама бадбахтиҳо ноогоҳиву ғуфлатзадагии мо, бо сабаби дур мондан аз шинохти дурусту воқеъӣ аз асолати равшану дурусти боварҳои бунёдин ва дастуру фаврмоишоти озмудаву созандаи шариъату диёнати хеш аст...

Мо, ки аз ҳақиқати боварҳои решаи ва бунёдии диёнат ва амалкарди дуруст аз онҳо огоҳии пухта ва расо надорем, чигуна дар сиёсати печида ва ҳар дам дигаршавандаи кунунӣ аз онҳо пеш бошем...?!

Агар вобаста ба ин мавзуъ ва пажӯҳиш дунболи намуду намуна биравем, раванди ин китоб сиёсӣ мешавад, ки ман аз ин падида дар ин ҳангом ба хастагиву безорӣ расидам..

Фушӯрдаву полудаи ҳама ин гуфтор ин ки абарқудратҳо ва лагомдорони сиёсат ва иқтисоди ҷаҳон имрӯз “Демократия”-ро ки як сохтор ва моҳияти сиёсӣ- иқтисодист ба як идиюлужӣ *(ҳарчанд инро инкор мекунанд*) табдил ва дигар намуда, бо бор намудани он болои кишварҳо ва милатҳо бо ҳамаи миёнкориҳо ва корбурдҳои раво ва нораво, бо ин воситаҳо мехоҳанд тамоми ҳайьат ва гунабуди ҷомеъаи ҷаҳониро бо чашмпӯшӣ аз гуногундинӣ, гуногунандешӣ, гуногунии забонҳову нажодҳову фарҳангу одоту русум ҳамгуну ҳамсон сохта, мардумонро ба як тӯдаи роботгунаи фармонбардор табдил намуда, болои онҳо ҳар гуна, ки хоҳанд фармонравоӣ намоянд..

Дар роҳи расидан ба ин ҳадафҳои шумашон онҳоро дар кишварҳо ва ҷомеаҳои суннатӣ-миллӣ бархе аз гурӯҳҳо ва шахсиятҳои дур аз шинохти муқаддасоти мазҳабиву миллӣ ва ифтихороти торихӣ-фарҳангӣ, бо доштани андешаи танги худиситезиву бегонамеҳварӣ ва боз ҷоҳилони мусулмоннамо ҳамкорӣ ва кумак мекунанд...

Аз сари ҳасрат ва бо дареғ метавон гуфт, ки аз ҷиҳати ноогоҳии уммати ислом дар маҷмуъ аз ин тарфандҳои ҳарифон ва бо тақлиди ноогоҳона ва куркуронаи бештаре аз зимомдорон ва мардони сиёсии ҷаҳони ислом аз онҳо, мо ҳамон шаҳомату устувориву шарофати таьрихии ниёкони арҷманд ва сарбаланди худро наздики аз даст доданем ва бархе аз ин арҷмандиҳо то ин дам аз даст рафтанд!

Аз ин дар бештар ва густурда сухан гуфтану далилу гувоҳону намуна оварданро беҳудаву афзунгӯӣ медонам, зеро ба доноён ин як ишора басанда аст ва ба ноогоҳону ҳавопарастони худфаромуши (манқурт) дар бистари махмалин дар хоби ғафлат рафта, чӣ гуфтану чӣ ногуфтан..!

Ватану миллат дар ин ҳангоми пурфитнаву пурошуби ҳар лаҳза дигаршаванда, ба фарзандони фаҳрехтаву хирадманду ояндабин ва озодаву ҷавонмард ва огоҳ аз дину дунё ниёз дорад, на ба худнамоёни донопамову динситез ва самтусӯгароёну муқалиддони аз худ бигрехтаву ба домани бегонагон овехта:

Оҳ з-ин бегонаогоҳони аз худ бехабар,
Бо садаф қонеъу фориғ аз гуҳар!
Бо ҷаҳони рангу бӯ дил бохта,
Гавҳари волои худ нашнохта.

Навид

## Шинохти воқеиятҳо

Ҳамчунон ки дар боло ёдовар будем, ин ҳангом мушкилоту печидагиҳо ва норавшаниҳо на танҳо домангири як кишвару миллати муаяан, балки фарогири тамоми мамолик ва сарзаминҳои мусулмонист, ки мо бархе аз авомили бунёдии (боястгорҳо) раҳоӣ аз ин носозгориҳоро низ он ҷо бинмудем.

Бо нигоҳи дигар метавон гуфт, ки дар баробари густариши бошитоби ҷаҳонишавии арзишҳо, тамоми давлатҳо ва мардумони кишварҳои мусулмонӣ дар раҳгузори осебпазирӣ қарор доранд, пас, чора ҷуз ин нест, ки аз сари огоҳӣ ва дурандешӣ ин ҳамаро решакобӣ бинмоем ва ба хотири пойдорӣ ва устувории ҳастии моддӣ ва маънавии миллпту давлати худ кору пайкори созандаву судманде дошта бошем ..!

Мутобиқи пешгӯиҳои ҷомеашиносон дар ин аср бархе аз забону фарҳанг ва ҳатто давлатҳои аз лиҳози муқовимату рӯёрӯӣ бо ин раванди фарогири ҷаҳонӣ сусту нотавон, аз миён меравнд.

Дар гузаштаи торихӣ бар таьйиди ин иҳтимолот мо таҷруба, озмуда ва намунаҳои фаровоне дорем.

Намунаро матавон гуфт, густариши диёнатҳои осмонӣ яке аз ҳамин равандҳои фарогири ҷаҳонӣ буда, тамоми паҳлуҳо, канора ва каронаҳои зиндагонии инсониятро фарогир мебошад, ки мо дар

гузашта аз ин боб андаке гуфта будем ва инро дар рӯйкарди густариши дини мубини ислом метавон баррасии холисона кард.

Ба некандешону покдилон донисташудаву озмуда аст, ки дастурот, равиш ва табиати ин диёнати осмонӣ ҳамсӯ ва ҳамсоз бо сиришту сохтори ҳастии модӣ ва маънавии инсонӣ буда ва ҳеҷ тазоду рӯёрӯӣ бо андеша ва хиради башарӣ надорад.

Онон, ки мепиндоранд ин диёнат "бо зури шамшер" болои мардумон пазиронидашуда аст, хато андар хато карданд.. ҳарчанд ин воқеият низ пазируфтанист, ки то башарият буд ва бошад, шамшер низ бекор набуд ва набошад.

Барои дур андохтани ин пиндори ғайри мантиқӣ ва ғайри ақлонии онҳо, ки "ҳама коро шамшер кард", далелу гувоҳон пур аст; дар таърихи коху кушку масҷиду мадрасаву шаҳру бозору, сикаву дирҳаму динор ва осору фарҳангу китобу дафтару бузургони номдору ва дигар арзишҳои мондагор ва боз дар ин ҳангом рӯй овардани мардуми ғайри мусулмон, бавижа донишмандони риштаҳо ва ҳирфаҳои гуногун ва ҳунармандону пажуҳандагон ба пазруфтани ин диёнати осмонӣ...

*(Бале, ин ҳақиқати торихиро инкор набояд кард, ки дар оғози густариши ин диёнати осмонӣ ҷангҳои сахт ва набардҳои хунин на танҳо дар марзу буми Ирон, Вароруд ва Хуросони он рӯзгор, балки дар тамоми густараи даъватгоҳи ин таълимот сурат гирифта буд, вале агар нигоҳи огоҳонаву мунсифона ба торих афганем, (аз ҷумла "Таърихи Табарӣ","Таърихи Димашқ", "Таърихи комил"-и ибни Асир ва боз садҳои дигар) мебинем, ки ин набардҳо пас аз чандинборҳо паймоншиканиҳои ҷониби муқобил ва хиёнатҳои пуштиҳам сурат гирифтаанд..*

*Ва боз бояд ин ҳақиқати талхро бипазирем, ки то ҷаҳон будаву бошад, ин кураи хокӣ - нашемани инсоният ҳаргиз холӣ аз набарду ҷангҳо набуд ва то анҷоми ҳастӣ ин раванд ҳамвора хоҳад буд., бархе дифоъиву созанда ва бархе бедодгаронаву сузанда, боварат наояд ҷаҳони мутамаддини кунуниро нек бингар, аз "ҷангҳои садсола" миёни аврупоиён то ду ҷанги ҷаҳониву боз бедодгариву дадманишии ин даъвогарони "озодиву демокросӣ" дар ин ҳангом...)*

Ин диёнати фароҷаҳонӣ ба худшиносиву худошиносӣ ва зиндагоние дар ҷойгоҳу пойгоҳи арҷманди инсонӣ мехонад, на ба

тарки забону расму одоти хубу фарҳанги созгору созанда ва дигар арзишҳои умумиинсонӣ ..

Паёмбар гуфт: "Фиристода шудаам, то равишу рафтори накӯ ву писандидаро пураву расо созам "[31]

Пас, ин равишу рафтори писандида дар миёни қавму милатҳо аз пеш буд, то Паёмбари фиристодаву нармдилу меҳрбон омад ва бо он "хулқи азим"- рафтори бузургарзиши худ накӯро накӯтар ва писандидаро писандитатар бинмуд!

Агар боз ҳам чаку санад мехоҳӣ бирав дунболи омӯзишу баррасии таълимоти ин бовари фархунда, аз каломи поку суханону рафтори накӯву писандидаи Паёмбару ёрону бузургону фарзонагон дар ҳар ҳангому гоҳу замон, то худ бидониву агар марди озодаӣ, бипазирӣ, зеро ману ҳамчу ман бисёр гуфтанд, вале ба ҷуз аз синапокону равшандешон дигар тоифаи аз ин чаҳорчубу гирдона берун, чашми дилашон кур буд, надиданд ва гӯшашон кар нашуниданд .

Ин ҳама густурда гуфтани ман барои ин буд, ки дар оғози густариши ин таълимоти ноб бархе аз диёнатҳои пешин ва забону фарҳанги бостонии порае аз нажодҳо аз миён рафт ва мунқаризу бурида гашт, ҳамчун; Барбарҳо дар шимоли Африқо, шумериҳо, (сурёниҳо) набатиҳо (судониҳо) ва қибтиҳо дар Миср ва канораҳои он..., ин нажодҳо боварҳои пешин, равиши зиндагӣ ва ҳатто забонашон ва кистонии худро дигар карданд ва "араб" шуданд, бо вуҷуди онки дар ин сарзаминҳо *(ба ҷуз Шом-Сурия,ки зери султаи импературии Рум буд ва бештари мардумони он пайрави масеҳият буданд, набардҳои муҳимме рух надода буд. )*

Чунки ин моҳиятҳо (чистониҳо) ва ҳувиятҳо (кистониҳо) дар миёни онҳо сусту заъиф гашта буданд ва ёрои рӯёрӯиро дар баробари таълимоти нерӯманд ва густурдаи дини мубини ислом надоштанд, на ин ки дастуроти ин дин, ваколатдоре ва ё гурӯҳе аз

---

[31] "Сунани кубро"- и Байҳақӣ, саҳ.7516 "Муснад"- и Шаҳҳоб, саҳ. 282-332 "Кашфуластор" саҳ.713.Ин ҳадис "марфуъ" ва ё "қудсӣ" буда, боз дар 126 китобҳо ва муснадот бо санади саҳиҳ ва ҳасан омада аст.М.Н

мусулмонон онҳоро маҷбур ба тарки ин мушахасоту арзишҳои торихӣ- фарҳангии худ ва ё ҳатто даъвату таблиғ ба даст кашидан аз онҳо карда бошад.

Агар нафаре ва ё гурӯҳе ин корро аз номи Ислом пиёда сохта, пас ин рафтори носутӯда аз иштибоҳот ва ноогоҳии он шахс ва он даста аз одамон аст, ҳамчунон, ки ин ҳангом низ бархе аз гурӯҳҳо ва ҳаракатҳои тундраву ифротӣ амалҳои зишт ва дур аз диёнату мантиқро бо номи дин пиёда месозанд, ки аз фармоишот ва дастуроти ин дини поку равшан фарсангҳо дуранд, зеро, набояд аз ёд бурд, ки "мардҳоро дар тарозуи ҳақиқатҳо шинохта шавад, на ҳақиҳатҳоро бо мардон" – تعرف الرجال بالحقائق لا لحقائق بالرجال[32]

Ба зардуштиёни ноогоҳ бигу, ки ба ҳамин меъёри мантиқӣ аз миён рафтани "дин"- и худро, ки бо пуф кардани хокистари сарди он сару сурати худро касифу ғажд карданд, бо "пиндору гуфтору рафтори нек" барсанҷанд, ба ин бовар хоҳанд расид, ин ки зардуштият пеш аз омадани "арабҳо" нафасҳои вопасини худро мекашид ва давлати Сосониён ҳамчунин, аз баски решаи худро худ бо зулму истибдоду бедодгарӣ канда буданд! (*Ба таърих бозгашт бинмоед! )*

(*Аслан онҳое, ки ин ҳангом санги нажодпарастӣ ва зардуштиигариро ба сина мезананд, дурӯғ мегуянд, бештари аз инҳо муқаллиду "романтик" ва бархе аз инҳо чокарону ҷирахорони "порсиён"- зардуштиёни Ҳинд ва дигар сармоядорони зардуштии муқими Аврупо ва дигар кишварҳоянд, агар зардуштии ростин мебуданд, бояст аз тамоми дастуроти ин "дин" пайравӣ мекрданд...)*

Боре андеша кардед, чаро ойини зардуштӣ аз миён рафт, вале забони тоҷикӣ - форсӣ устувор монд, бал бо рӯ овардани фарзандони фарзонаи ин миллат пас аз пазириши ин диёнати пок ва бо пайравиву шодобӣ аз илму донишу пажӯҳиш дар тамоми густа-

[32] Ин сухани машҳур ва дастури дурусти мантиқиест, ки аз ҷиҳати корбурди густурда дар китобҳо ва навиштаҳои гуногунмавзуъ ҳамчун зарбулмасал гашта аст .М.Н

раи андешаву афкори инсонӣ, ин забони шевову шакаринро ба баландтарин ҷойгоҳу боргоҳи арзишманду сазовораш боло бурданд?!

Пас бидонед, ки пояҳо ва решаҳои ин забони ноб нерӯмандтар аз пояҳои сусту ларзони зардуштият буда аст..!

Бурҳону гувоҳи дигар андар дурустии ин фармуда ин аст ки ; Сарзамини Ҳиндустон (Бҳарат) дар фарҷоми садаи дувуми ҳиҷрӣ аз ҷониби фотеҳони мусулмон кушода шуд ва бархе нажодҳои он Исломро пазруфтанд, ҳам Ғазнавиён ва ҳам Темуриён онҷо дар дарозои садсолаҳо ҳукумат ва фармондорӣ карданд, вале бовару дину анъаноту забону фарҳанг чун решаи жарфу амиқе дар замини бовари ин мардум дошт, таносубан ҳеҷ аз миён нарафт.

Намунаи дигар инки ҳамин Испониёи кунунӣ бо сарзаминҳои ҳаммарзи он наздики 7 аср зери ҳукумат ва давлати мусулмонон (Умавиён) буданд, вале, ҳаргиз ин диёнати покро напазируфтанд ва саранҷом ин давлати тавоно - ро аз миён бурданд, зеро бо сиришти норавшану тираи онҳо созгор набуд.., пас, гумону пиндорро бояд як су гузошт ва аз андешаву хирад бояст кор гирифт!

Гузоре ба таърих бинмудем, дар устувории ин ки диёнат ба вижа Ислом як омӯзаи фарогир аст бо назардошти пос доштан ва арҷ ниҳодан ба забону фарҳангу расму ойин ва дигар вижагиҳои нажоду қавмиятҳо, ки дар гузашта бо гувоҳону раҳнамудҳо ёдовар будем, дар муқоисаву барсанҷиш бо ҷаҳонишавии имрӯза.

Тафовуту ҷудоӣ миёни ин ду падидаи фарогир ин аст, ки дар диёнат маҷбурият нест:

“ Дар ( пазруфтани) дин ҳеҷ иҷборе нест ба ростӣ ки (роҳи) рост аз (роҳи) гумроҳӣ равшан шудааст.

Пас ҳар кас ба тоғут (шайтон) куфр варзад ва ба Худо имон оварад, бас ба ростӣ ки ба дастгираи муҳкаме (устуворе) чанг зада аст, ки онро гусастан нест ва Худованд шунавои доност” [33]

---

[33] Сураи “Бақара” ояти -256

Вале, "глобализешн"-ро бо зӯр болои мардум бор мекунанд, ин-т инсони пешрафтаи асри навин!

Пас биёед роҳҳои раҳоӣ аз ин бунбаст бишносем ва аз ин баста гираҳ букшоем.

## Раҳоӣ аз ин ҳама гирифториҳо

Нахуст аз мушкилот ва гирифториҳои дарунӣ бояд бираҳем ва ин зиёновариҳо ва забункориҳоро аз миён биронем, зеро "дафъи мазаррат аз ҷалби манфиат ногузиртар аст" *(масали машҳур.)*

Инҷо боястгорҳои калидӣ ва решаии ин нособзгориҳоро бозковӣ намудем ва ҳақиқатро ҳамчунон, ки ҳаст бинмудем ва ақоиду боварҳои гурӯҳҳо ва фирқаҳои гуногунро аз сарчашмаву бунгоҳи пазруфташуда аз ҷониби онҳо баррасиву бозбинӣ бинмудем ва боз аз омилҳо ва боястгорҳои берунӣ ёдовар будем.

Аз ин ҳама навиштаҳо равшан аст, ки ин ихтилофот ва ноҳамоҳангиҳо миёни равияҳои ақидатӣ ва мазоҳиби фиқҳӣ-иҷтимоъии ислом сар аз қарни дувуми ҳиҷрӣ оғоз шуданд ва то кунун идома доранд ва боз ёдовар аз порае боварҳои табоҳ ва равишҳои ғайришаръӣ ва ғайримантиқии намунае аз ин фирқаҳо будем.

Дар баробари ин гуна аз боварҳои бе бунёду бе пуштувона ҳаргуна нармиву миёнаравӣ хоҳ нохоҳ ба сахтгӯиву пардабарандозӣ ҷой дигар карда, ҳама гуна табъи салимро аз марзи иътидол берун намуда, ба дурушттӣ мекашонад, зеро бо дурушттрафтору зиштгуфтор бо мулоимиву меҳрбонӣ гуфтану навиштан ишонро далертару густохтар менамояд, аз ин аст, ки шайх Саъдӣ мефармояд:

Чу бо сифла гуфтӣ ба лутфу хушӣ,<br>
Бияфзоядаш кибру гарданкашӣ.

Ва боз далелу бурҳони шаръиву мантиқӣ мар дурустии ин гуфтаро дар оғози китоб овардем, чӣ кунем, ки ин дуруст ҳамон ҳангомаву гирифториҳову дашвориҳоянд, ки мо бо онҳо даргирем

ва бо пазруфтани ин ҳама мо ногузир аз пайдо намудани роҳҳалҳо ва ночор аз гираҳкушоии ин ҳама печидагиҳои сардаргумем!

Ва бояст роҳои бурунҷаст ва раҳоӣ аз ин бунбастҳоро бинмоем ва дар роҳи расидан ба созишу ҳамгироии бунёдин ва созандаву фурузанда гом фарсоем!

Ман бо фазлу карами Худовандӣ ин роҳро равшан мебинам ва бархе аз раҳнамуд ва корбурдҳои бунёдии аз нигоҳи ин ҷониб судманд ва баҳраовар ва калидиро бо афзудан бар он чӣ дар гузашта баршумурдем, дар умум пешниҳод ба хирадмандони корозмуда ва ислоҳхоҳони масоил ва печидагиҳои иҷтимоъӣ ва бавижа ба пажуҳишгарон ва бозгарони огоҳи ҷомеъаи кишварҳои мусулмонӣ дар ин ҳангом менамоям.

**Пешниҳодҳо барои кушодани ин бастаҳо ва берун омадан аз ин бунбастҳо ;**

- Пазируфтани ин ҳақиқат ва воқеияти озмудашуда дар дарозои зиндагони инсоният болои ин кураи хокӣ инки башарият наметавонад бе назардошти ҳамзистии мутаносиб ва ҳамоҳанги диёнат ва сиёсату иҷтимоиёти башарӣ зиндагонии ором ва осуда дошта бошад, пас аз ин;

- Бо далоили муҳкаму устуворӣ илмӣ- ақлонӣ ва таҷрубӣ ба исбот расонидани нодурустӣ ва бебунёдии “теория”-и сохтаву бофтаи носозгории “илм бо дин”, ва “дин бо сиёсат”, ки реша дар ихтилофот ва ноҳамсӯиҳо миёни илм ва таълимоти мунҳарифаи калисои асримиёнагӣ ва шоҳу императорпарастиҳои мунқариза ва аз миён рафта дорад,

- раҳоӣ аз ихтилофот ва носозгориҳои миёни мазоҳиб ва равияҳои исломӣ, бавижа миёни ду мазҳаби ноҳамсӯ ва ноҳамоҳанг яъне, аҳли тасаннун ва ташаюъ, ки дигар ҳама равияҳои бо ҳам даргири ихтилоф, ба ҷуз хавориҷ ва гурӯҳҳои мансуб ба онҳо реша дар ин ду мазҳаб доранд, бо шинохт ва андарёфти нуқтаҳои атф ва қобили пазириш барои ҳарду гурӯҳ ва бо баррасиҳои мудақиқона ва пазируфтанӣ барои ҳама мазоҳиб ва фирқаҳои исломӣ .

*(Даврони Зиндагонии Паёмбар (с) ва чаҳор халифаи нахустин улгу ва намунаи ин ҳамгомӣ ва ҳамзистии дину давлат мебошад, ки мушкилоти кунунӣ он ҳангом пайдо набуд, зеро мизону меъёр дар умури шаръӣ - иҷтимоъӣ ҳамон дидгоҳ ва дастуроту раҳнамудҳои равшани дин буд, ки бо сиёсатҳои нодуруст ва бартариятхоҳиҳои зиёновар олуда нагашта буд.*

*Ин ноҳамсӯӣ он гоҳ ба миён омад, ки ба сиёсату имомат ҷомаи қудусияту маъсумият пушонданд ва ин моҳият ва ваҷибаи иҷтимоиро аз заруриёоти дин донистанд ва то пояи васоят ва ирсияти Паёмбар бурданд, даргириву ноҳамсӯии харобиовар он замон оғоз ёфт ва то кунун идома дорад ва яке аз боястгарҳои бадбахтии мусулмонон ҳамин бардошти нодуруст аз сиёсату раёсат буд ва ҳаст, агар роҳи ҳал ва бозкушоӣ пайдо накӯнанад, ки мо дар гузашта аз ин ёдовр будем!)*

- Бозгашт ба сӯи ду манбаъ ва сарчашмаи бунёдии Ислом яъне, Қурьон ва Ҳадис ва бардошти дурусту саҳиҳ аз онҳо дар партави тафсири Қурьон бо Қурьон, Қурьон бо Ҳадис ва бо баррасии дидгоҳи фуқаҳо ва муфасирини номдор, имомони ростин ва донишмандони баргузида дар пайвастагӣ бо ин ду сарчашма *(Қурьон ва Ҳадис*) ва бо шинохти дурусти мутобиқат ва ҳамсӯии фиқҳ бо ин ду манбаъ, з-ин ҳама пас пазруфтани андеша ва орои донишмандони муаяд бо дониши фарогир дар ин аср,

- бозкушоӣ ва роҳнамоӣ бо такя бо омӯзаҳои ноби шаръӣ, дар ҳамзистӣ ва муносиботи ҳасана ва некӯ бо дигардинон ва дигарандешон ва нобоварон дар як ҷомеъа,

- фароҳам намудани заминаҳо ва поягузории ниҳодҳои илмӣ-амалӣ дар робита бо ҳамоҳанг ва мутобиқ сохтани бархе аз дастурот ва корбурдҳои шаръӣ-фиқҳӣ ва ичтимоъӣ бо меъёрҳо ва дастуроти ичтимъӣ- маданӣ дар ин ҳангом .

Барои намуна;

***Ҳама гунаҳои тиҷорат, ширкат, музораат, саҳҳомӣ, мерос, васият, гарав, ҳамагуна қарз ва вомҳо, иҷора, анвоъи андоз ва боҷҳо,***

***бонкдорӣ, ҳаволат, ваколат, музорабат, меъёрҳои ахлоқӣ ва муомилоти иҷтимоъӣ ва хонаводагӣ..,,*** ва аз ин даста муносабот, ҳамкориҳо ва ҳамзистиҳои маданӣ ва иҷтимоӣ, ки бо сиёсату датуроти он ҳеҷ рӯёрӯие ва дар маҳдуда ва марзи он ҳеҷ дахолату дастдарозие надоранд,

- баргузории нишастҳо ва ҳамоишҳои байнулмилалӣ миёни ҳамаи диёнатҳои ҷаҳонӣ ва фарҳангҳои башарӣ ба хотири дарёфти нуқтаназарҳо ва дидгоҳҳои ҳамоҳанг ва муштарак дар робита бо созгории ҳамзистии мусолиматомези диёнатҳои гуногун бо доштани иҷтимоъиёти ноҳамсу ва сиёсатҳои дигаргуна бо ҳам, бо такя ба пуштвонаҳои бунёдӣ ва торихии диёнатҳои осмонӣ, бавижа дар партави боздодаҳо ва омӯзаҳои ноби бунёдин ва торихии шариати ислом .

## Раҳоӣ аз гирифториҳои берунӣ ва бегонамеҳварӣ

*Халқро тақлидашон бар бод дод,*
*Эй дусад лаънат ба ин тақлид бод*!

*Мавлоно*

Сари ҳама шикастҳо ва бадбахтиҳо ҳамин тақлид аст, вожаи арабист ба маънои банд ниҳодан ва бастан, “қаллода” пойбанд ва гарданбанди шутур ва дигар ҳайвонҳоро номанд.

Дар истилоҳ бар касе гуянд, ки беандеша ва бешуъурона худро вобаста ба касе (кистонӣ) ё чизе (чистонӣ) намудааст, бо чашмпӯшӣ аз хубӣ ва ё зиштии ин вобастагӣ.

Пас, пайравӣ ва омӯзиши огоҳона ва судманд аз огоҳон ва бузургон ва арзишҳои номдору пойдор аз гирдона ва марзи тақлид берун аст..

Тақлиди ноогоҳона муриёнаро мемонад, ки дар баданаи ҳар чизе ҳарчанд он чиз оҳанину фулодин бошад, пайдо шавад, ӯро “мехурад” ва аз миён мебарад.

Нишонаҳои ин падидаи шум дар ҷомеъаи кунунии мо пинҳон нест ва ин равиш гоми нахуст дар роҳи худгурезӣ ва худфаромушӣ (манқуртӣ) буда, инсонҳо ва саранҷом ҷомеаҳоро ба бенишотиву ғафлатзадагӣ ва вопасафтодагӣ мерасонад.

Аз нигоҳи ин ҷониб тақлиди зоҳирӣ ҳарчанд бад аст, вале тақлиду вобастагии фикрӣ, бегонаандешиву бегонаравишӣ аз ин бад бадтар аст, зеро агар тақлиди зоҳирӣ сурат ва намуди инсонро масх (зишт) намояд, вале тақлиду дунболравӣ ба андешаву афкори ношоиставу бе бунёд ва тарзи зиндагии бегонамеҳвару худгурез инсон ва ҷомеаро ба масхи ботинӣ ва маънавӣ мерасонад.

Аз ин дар аст, ки бегонагон моро тарзи зиндагии бартар ва “идеал”- ормонӣ меомӯзанд, то ба ин “масхият” бирасем, ки ман инро ҷое дар намунаи ҳаво ва фазои хонаводагии як муқаллиди “зиёӣ"-и “тоҷик” ва нохушояндҳое, ки ба намоиш гузошта буд ёдовар будам.

Акнун шумо ангоред ва тасаввур намоед, агар чунин як равиши зиндагонии шармовару нодиданӣ тамом ва ё бештари ҷомеаро фаро гирад, дигар аз арзишҳову миллату ториху фарҳангу бузургону осорашон ва саранҷом аз шарофату арҷмандиву ифтихорот ва вижагиҳои боргоҳу ҷойгоҳи инсонӣ дар мо чӣ мемонад?!

Аё, бебаҳра аз арҷу шарофатҳои инсонӣ!
Мақоми одамӣ бартар зи африштаст, ар донӣ!
Шараф доранд говону харон бар мардумони дун,
Ки бигзида ба ҷои одамият хуйи ҳайвонӣ!

Навид

Ҳамин арзишҳо ва вижагиҳои таърихӣ ва ва расму ойинҳои миллӣ- мазҳабиянд, ки моро дар ин ҷаҳони ошуфтаву пурталотуми туфонӣ аз ғарқ шудану нобуд шудан раҳоӣ мебахшанд!

Худшиносӣ, ки дар бораааш бисёр гап мезанем, раҳо шудану дур будан аз ҳамин тақлиду пайравиҳои куркуронаву бе поя аст.

Дониши фарогир ва маърифати комил дар сириштӣ инсон нерӯеро бар меангезад ва тавоноиҳои пинҳонеро ошкор месозад, ки аз нерӯ ва зурмандиҳои зоҳирӣ ва ҷисмонӣ болотар ва волотаранд, ин ҳангом аст, ки инсон бо нишоту шодобӣ корҳои судмандеро ба анҷом мерасонад, кӣ пеш аз ин дар гӯшаи хотираш намеомаданд, агар дар бораи нерӯ ва тавони илмӣ шунида бошӣ, пас ҳамин аст.

Ниёкони арҷманди мо, ки аз эшон меболему мефахрем, ба ин ҷойгоҳу боргоҳ бо талошу ҷуёиву пуёӣ расиданд ва осори мондагоре ба ёдгор монданд то он ҷо, ки ҳама нажоду табор аз худ мешуморандашон, вале бештаре аз "доноён"-и кунунӣ аз камзарфиву бемоягиву бегонашефтагӣ, худро бе дигарон ҳеҷ меангоранд ва гоҳе дидам, ки пеши фалон "оқо"-ву баҳмон "волоҷоҳ" намоз меоранд ва боз ба мардум ифтихори ватандорӣ ва нангу номусу мардӣ меомӯзонанд!

Ин худшиносиву худсозӣ, ки моя ва ҷавҳари шахсият ва ҷомеаро сомон мебахшад; дар хонадони солим шакл мегирад, дар конунҳои омӯзишии фарогир ба нерӯву тавонмандӣ мерасад, дар ҷомеа ва муҳити созгор озмудаву коромад мегардад ва аз баҳраву натиҷаву суди фарогири ин ҳама, шахсияте берун меояд, ки ба шинохти кистонӣ ва масъулияту боридушиҳои худ расида, инсоне дар ҷойгоҳу боргоҳи инсон барои худ ва ислоҳгару гираҳкушо барои ҷомеаи худ ва фаротар аз он мегардад.

Пас, хонадони солиму дабистону донишистону фарҳангистони фарогиру муҳити созгор, инсони ҷавҳардор ба бор меоранд ва инсонҳои боҷавҳаранд, ки ҳунару фарҳанг, саноату тиҷорат, созишу вокуниш, ободиву осоиш, шаҳру деҳот ва аз додаҳо ва баҳраҳои ин ҳама, меҳану кишвару миллати улгуву намунавиву ормонӣ месозад, ки каманди душмане, фитнаи фитнасозе ва бадиву зиёни фароҷаҳонии ҷаҳонхоре ҳар гиз набитвонад дар кушку бораи он осебу рахна эҷод бинмояд!

**Замина ва фазои созгор барои густариши дониши устувору баҳрадор ва арҷ гузоштан ба донишмандони асилу паймондор аст, ки пешрафти кишварҳо ва хушбахтии мардумонро фароҳам месозад.**

Дониши моядор ва пойдор аз худ бояст фарооварда[34] ва баҳраҳо дошта бошад, ангор ин ки корхонаест санъатӣ, ки бояд маҳсули хубу овардаҳои шоистаеро ба мардум пешниҳод намояд,

[34] Фроовaорда – вожаи андарҳами навсохта аз сӯи муаллиф. М.Н.

барои ин бояст кормандони ҳунарманду ҳирфаиро ба кор бигморанд ва фазои созгори кориро низ фароҳам оранд.

Бигир, ин ки ҳар рӯз эшон сари кор биёянду таҷҳизотро бар санҷанду поку тамиз бинмоянд, вале корфармоён аз ҷаҳолат ва худхоҳӣ густара ва гирдонаи кориро тангу ноҳинҷор созанд, то он поя, ки дар ин тангно дасти ҳунармандон ёрои кор надоштаву завқу дилгармии онҳо ба сардиву сустӣ гироида, пас ин чӣ кору корхонаву корфармост ва ба дарди чӣ касе бихураду чӣ баҳрае ба ҷомеаву мардум бидҳад?!

Донишу илм низ аз ин намуна берун нест, бал баҳраву боздодаҳои он аз ҳар дастоварду фаровардаҳои моддӣ ва санъатӣ болотару волотар аст, зеро агар модиёт барои бақо ва пойдории ҷаҳони моддӣ ва хостаҳои бадании инсон бояставу ногузир бошад, пас ғизои маънавӣ, ки аз донишу маърифат ба даст меояд, барои мондагорӣ ва устувории ҷаҳони фаромодӣ ва равонии инсон ногузиртар ва боястатар аст.

Зиндагӣ бо ҷон аст на бо бадану колбад ва роҳҳои ҳамзистиву ҳамоҳангии онҳоро бояд шинохт ва бояд донист, инки тан бе ҷон ҳеҷ аст, магар ин ки инсонҳоро ба роботҳо табдилу дигарниҳод бинмоем, ки андар худ барномаҳои маҳдуду марзбандишуда доранд, вале аз дарку шууру хираду дигар вижагиҳои инсонӣ бе баҳраанд.

Пас дар роҳи рушду пешрафти дониши дурусту воқеӣ бунбасту монеа набояд сохт ва пойгоҳу ҷойгоҳи баланди дониш ва аҳли онро бояд шинохт ва барои болbackandагиву созандагии онҳо заминаҳои хубро бояд фароҳам сохт!

Мегуянд дар гузаштаҳо бардагиву чокарӣ буд, ба Худо, он даста аз инсонҳои танпарвару ҷонбехабар ва аз донишҳои созандаву бунёдӣ бебаҳраву бесамар ва хирадношинсони ҷаҳолатмеҳвар поинтару забунтар аз ҳар гуна бардагону ғуломоннанд!

...Эё басо танпарварони ҷонфурӯш,
Мурдаи садсола наъши худ ба дӯш.
Эй Худо, аз бори тан моро раҳон!

То сабукборона оем сӯи ҷон.
Тан агар чира шудӣ бар ҷони мо,
Войи мову кулбаи вайрони мо! ..
Навид

Ҷаҳонхорон ҳамин гуна инсонҳоро мехоҳанд, меёбанд ва месозанд, ки аз афзору дасткориҳои онҳо барои сохтани чунин "одаме" бор-бор гуфтем ва ин равиш ҳамвора дар дунёву дунёдорони кӯҳан буд, пас агар дар ин ҳангом аз ин тарфанди озмуда кор бигиранд, чӣ ҷои шигифтзадагист?!

"...Дурустии ин гуфтро як намунаи равшан аз садҳо, ҳамин равиши фармонравоии Фиръавн аст, ки асоси низоми давлатдории ӯ болои ду асл яъне, "мудирият" ва "тавонмандӣ"-и моддӣ ниҳода шуда буд, вале ба ҷои "Худомеҳварӣ" худмеҳвариро пазруфт ва худро худо хонд: "Ва Фиръавн гуфт: Эй бузургон! (ҳамагон) Ман маъбуде (худое) ҷуз худам барои шумо намешиносам." [35]

Ва дар пайравӣ аз ин пиндори нобихрадона ва ғайримантиқии худ бубин, чи кор кард?!

"Пас Фиръавн қавми худро (бехирад) ва камарзиш бинмуд, (шумурд) пас, аз ӯ фармон бурданд..." [36]

Агар ӯ Худошинос мебуд, ки ҳамон ҷанбаи калидӣ ва таҳдоби ҳастии моддӣ ва маънавии инсоният аст, ҳаргиз бо мардум чунин рафтореро раво намедошт ва аз мардум тудаи чокарманишу ноогоҳу фармонбардору худфаромуш намесохт, ки ин як намунае аз садҳо норасоӣ ва бедодгариҳои ӯ ва ҳамрангони ӯст, ки реша дар худбинӣ ва худпарастӣ доранд..." [37]

Ҳамон бедодиву ситамгарии кӯҳан ва фиръавнманишии таърихӣ дар пӯшишу пирояи нав ба майдон меояд, зери номҳову унвонҳои фиребову гумроҳкунандае ҳамчун; "Ҷаҳонишавӣ" "Ҷаҳони ягона" "Миллати ягона" "Забони ягона" "Фарҳаги ягона".., ҳам ба зорӣ, ҳам ба зурӣ ва ҳам ба зару тазвир!

---

[35] Сураи "Қасас" ояти 38
[36] Сураи "Зухруф" ояти 54
[37] "Иборот ва ишорот" саҳ.426

Мегуянд, сиёсат иқтисодро муайан мекунад ва бархе дигар ворунаи инро мегуянд, дар ҳоле, ки яке бе дигаре будану ҳастӣ надорад, ман мегӯям самту сӯи ин ду раванди иҷтимоиро инсони бо андешаи фарогир ва бо шинохту озмудаҳои ниҳодинашуда даркушоиву раҳнамоӣ мекунад.

Ӯст ки бо афзору аҳрумҳои сиёсату кишвардорӣ иқтисодро, ки фарогири ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти башарӣ дар густараи ҳастии иҷтимоъист, сомон мебахшад; ҳунарвар дар ҷои худ, пешавар дар кори худ, амалгаро дар коргоҳи худу назарияпардоз дар ҷойгоҳи худ..., инро мехоҳам бигӯям, ки сомону пешрафти кишварҳову миллатҳо дар гарави ҳамин шиносоиву корфармоист.

Агар корҳо сарпоин бошанду божгуна; бехирад компрону хирадманд дар ғами нон, дузд ҷои қозиву коно ҷои донову айёру тарор хазинадору ҳунарманду паймондор кӯхнишину барканор, донишманд дарбону бедониш надими дарбор... , инро мехоҳам равшан созам, ки дигар давлати пойдору миллати устувору пешрафту ифтихор аз ҳамчунин марзу бум чашм мадор ва пунбаи ғафлат аз гӯш бурун ор!

Магар мо намунаи ҳамон давлату фармонравоии шоиста ва ҳамон “шаҳри ормонӣ”-ро надоштем?!

Ҳама медонанд, ки доштем ва дигаронро низ омӯзондем, мо ки чодурнишину кучӣ набудем!

Дареғу доду бедод, ки ҳамон солориву сарбаландиву озодагиро ба дасти фаромушӣ супурдем, пас бояд бидонем, ки “он чӣ аввали ин миллатро шукӯҳу сомон бахшид, охираш низ ниёз ба он дорад”[38]

Ин ҳамаро доноён донанд ва агар нек бингарем, бас каманд, вале нодонон ба фаҳму дарки ин гуфта нарасанд, ҳарчанд аз мӯй бар тани бузу гусфанд ҳам афзунтаранд.

Аз ин рӯст, ки гуфтаанд:

Доно ба ҳар диёр азизу мукаррам аст,
Лаънат ба он диёр, ки нодон бувад азиз!

---

[38] Бозтоби маъноӣ аз ҳадиси саҳиҳи набавӣ.

Мисраъи охирро каме дигар кардам, то ба фаҳми хонандаи оддӣ наздик бошад, вагарна ин гуна буд: "Лаънат ба он диёр, ки доно бувад азиз. ", "азиз" ки вожаи арабист, ин ҷо ба маънои "кам" ва "андак" аст, яъне нафрин бар он диёр, ки донову донишманд онҷо кам бошад ва аз вижагиҳои забони араб яке ин аст, ки вобаста ба ҷову гоҳ ва пешронду (қарина) гунабуди (ҳолати) гуногун як вожа метавонад, аз як маънову хоста то даҳу аз он ҳам бештар хоставу маъно дошта бошад, варна "азиз" дар равиши бидуни банду баст ҳамон "гиромӣ", "арҷманд", "накӯ","хуб" ва ҳамчунiниҳо бошад, ҳамчунонки дар мисраи аввал.

Ва боз дар Қурьони карим вожаи "азиз" 99 бор такрор омада аст 12 ҷой ба маънои "сарвар" ва чанд ҷое бо хостаи "сахт" ва "дашвор" ва дар ончӣ монда, ки бештар аст, бо фарогарди "тавоно", "зурманд" ва "наку"-ву "арҷманд"

Ин ҳамаро дар омади гап ва ронди сухан гуфтем, ҳарчанд аз гирдонаи баҳсу ҷустори мо берун буд, вале аз баҳра ва суд холӣ нест, зеро ҳар навишта ва гуфтае, ки хонандаву шунаванадаро ба андеша во дорад, судманду баҳраовар аст ва сухани судманду борвар ганҷи гумшударо монад, бархе зуд ёбанду бархе деру бо даранг, ва ҳар дувонро баҳра бошад, магар беҷавҳарону худношиносонро...

Мисли ин ки ҳамин навиштаҳо имрӯз ба кам касон "даркор"-анд, вале бо боввариву дилпурӣ мегӯям, ки фардо ба дарди бисёр касон хоҳанд хурд!

Пас аз нашри "Иборот ва ишорот" пухтаву озмуда шудем, хостам инро би гӯям, ки дар он китоб аз ҳар дар сухан гуфтам, бо бурҳону гувоҳони дурусту расо ва дар ҳар роҳе гом фарсудам бо сад далилу роҳнамо, дидам, ки барга рӯи барга анбошта шуду понсаду анд саҳифа *(нашри севум дар назар аст)* нигошта, андешидам ин ҳангом, ки қаҳти хонанда асту камбуди донанда, ин иборотро кӣ бихонаду ин ишоротро ки бидонад?!

Ҳай дареғ, ин адешаам дуруст дар омад ва камтар касоне ба суроғи китобам омаданд, аз баски бузургу сутургу ситабру лумбу зафту калон буд!

Пас дар ин рисола ба ин андоза басанда намудам ва густурдаро фишӯрда гуфтам, гуле аз ҳар баҳор ва донае аз ҳар анбор овардам, ба ин таманно, ки шояд бо бӯи гул ба гулзор раҳ сипаранд ва ба нишони дона тушаи роҳ аз анбор баранд ва бандаро бо дуъо ёд оваранд!

Ниёзмандиву мустамандиву орзумандии ҳамвораву ҳамешагиамро ба пешгоҳи Худои меҳрубону бахшанда мебарам, бо умеди бахшишу тарс аз санҷиш!

Ҷаҳд бинмудам, ки аз рози худӣ,
Парда бар андозаму бар худ расам.
Дар миёни ин худиву бехудӣ,
Сахт аз анҷоми худ дилвопасам.

*Муҳаммадӣ Навид*

---

***Ғазал***

*Даргаҳи дуст мебарам номаи муҳрбастаро,*
*Ин дили реш-решу аз дарди ҷудоӣ хастаро.*
*Лолаи боғи ҳасратам доғи фироқ дар ҷигар,*
*Ханда ба лаб намак занам захми дили шикастаро*
*Баски ба тан танидаам ҳастии ман хаёл буд,*
*Муждаи зиндагӣ расид мурғи зи дом ҷастаро.*
*Ашк чакиду ях бибаст, шуъла тапиду рахт баст,*
*Фурсати ҳастӣ кай бувад, шамъи зи по нишастаро.*
*Оташи дар чароғро чунки бирафт, кас надид,*
*Ку раҳи боз омадан сайди зи банд растаро!*
*Ёвару ёри ман туӣ, ҳам зи миёна бурдаӣ ,*
*Макри гурӯҳ- гурӯҳро фитнаи даста - дастаро!*
*Кош расад паём, ки ӯ раставу растгор шуд!*
*Мужда бигирам аз Навид ин хабари хуҷастаро!*

***

*Аз туст ғами ниҳонии мо,*
*Бо ёди ту шодмонии мо.*

*Ин шодиву ғам ба ҳам накуянд,*
*Ҳам ҳосили зиндагонии мо.*
*Чандест паёми ту наомад,*
*Шуд боъиси дилгаронии мо.*
*Аз ҷумла газанд дар амонем,*
*Аз туст хати амонии мо.*
*Гар раҳ нанамоӣ сӯи хешам,*
*Эй вой зи роҳдонии мо!*
*Парвои дигар бало надорем.*
*То гаштӣ балои ҷонии мо.*
*Бо ҳаркӣ ситезӣ барситезем,*
*В-аз меҳри ту меҳрбонии мо!*
*Як тудаи тирадил хиҷиланд.*
*Аз ҳиммати осмонии мо.*
*Эй бар ҳама огаҳу тавоно,*
*Бингар ту ба нотавонии мо!*
*Бо раҳмати бекарона пушон,*
*Ҳар бешу ками каронии мо!*
*Аз бовари устувор баркан,*
*Ошуфтагии гумонии мо!*
*Ту кардгарӣ, ба кор бигмор,*
*Ҳар гуфти хуши забонии мо!*
*Аз абри карам ба обёрӣ,*
*Фарвардинӣ кун хазонии мо!*
*Ҳамвора Навидро нигаҳ дор,*
*Аз сустиву саргаронии мо!*

***

*Аз дард ба дастури давое нарасидем,*
*В-аз шоми сияҳ то ба сафое нарасидем.*
*Ҳарчанд фарохӣ буду асбоб фароҳам,*
*Бар кори сазовори сазое нарасидем .*
*Боде набарошуфт ғубори кафи хокам,*

*З-афсурдадилиҳо ба ҳавое нарасидем.*
*Ибрат нагирифтему хиҷолат накашидем,*
*То з- ин ҳама ғафлат ба балое нарасидем.*
*Эй ишқ биё аз хирадам дур барандоз,*
*К-аз кашмакаши ақл ба ҷое нарасидем.*
*Гуфтанд, дар ин роҳ саропардаи розаст,*
*Афсурда шудему ба сарое нарасидем.*
*Равшан бинамудем зи таҳқиқи маъонӣ,*
*Ин нукта, ки бар фаҳми расое нарасидем.*
*Дар шуриши ин ҳодиса аз хеш нарафтем,*
*Дар хидмати ҳар бесару пое нарасидем.*
*Аз баски фаромушшуда аз ёди Навидем,*
*Гоҳе бинамояд, ба куҷое нарасидем.*



## *Боваристон*

***Ба номи Худованди бахшанда ва меҳрбон***

Эй Худое, к-аз ситоиш бартарӣ,
З-онки худро худ ситоишгустарӣ!
Додаи дастур бар ҳамду сано,
В-ар на ҳамди ту куҷову мо куҷо!
Гар на фармоне аз он даргаҳ будӣ,
Ҳам забону дасти мо кутаҳ будӣ.
Лол будӣ ин забон аз бешу кам,
Дасти мо кутоҳ будӣ аз қалам.
Чунки маъмурем, маъзурем мо.
Барпазир ин ҳарфу гуфти норасо.
Баски берун нест аз мо кори мо,
Мо киему ин ҳама гуфтори мо?!
Нашьаи дигар бирез дар ҷоми мо
Маҳв андар пухтагӣ кун хоми мо.
Омадам бар даргаҳат бе баргу соз,
Баргу сози ман ҳама аҷзу ниёз.
Як дили бишкаста ҳамроҳи ман аст,
Ҳамнишини нолаву оҳи ман аст.
Баски дар ҳар водие саргашта буд,
Ҳар раҳе, ки рафта буд, баргашта буд.
Чунки роҳаш роҳи истидлол буд,
Гуфту бишнид буд, қилу қол буд.
Дил ба роҳу пеш-пеши ӯ далил,
Яъне, ақли саркаши пур қолу қил.
Кор кай буд, гарчӣ номаш кор буд,
Сайри мо дар водии пиндор буд.
З-ин сафар бас хаста гашта ҷони ман,
В-ин дили ошуфтаву ҳайрони ман.
З-ин сабаб аз ақл растанду бирафт,
Банду занҷирҳо гусастанду бирафт.

Дил шунид ин нукта аз пайғоми ҷон,
“Ақл бошад пойбанди уштурон”
Чунки мо дар чашми худ оқил будем,
Пои мо дар банду мо хушдил будем.
Ақл ҷуз гирдонаи афкор нест,
Ишқ дар банди дару девор нест,
Ақл побасти ҷаҳони обу гил,
Ишқ пайғоме ба ҷон аз ҷон ба дил.
Оҳ аз таногаҳони ҷонфурӯш ,
Мурдаи садсола наъши худ ба дӯш.
Мурдарегони зи дарё бехабар,
Бо садаф қонеъу ғофил аз гуҳар.
Бо  ҷаҳони рангу бӯ дилбохта,
Гавҳари волои худ нашнохта.
Мо ҳам ар дар банди тан бошем ҳон,
Чӣ миёни мову хайли ҷонварон?!
Мо зи пиндори хирад болотарем,
Гарчӣ ин сар омадем, аз он сарем.
Як замоне аз фалак бартар будем ,
Бо фаришта дар сиришти фар будем.
Аз қазо то шуд фарози мо фуруд,
Омадем дар олами буду набуд.
Он ҳама фарру накӯйиву фара ,
Гум шуданд аз хотири мо яксара.

Эй Худо, бо ишқ парвозам бидеҳ,
Давлати гумкардаро бозам бидеҳ!
Ламъае аз Тури синоям бидеҳ,
В - аз карам нури таҷаллоям бидеҳ!
Солҳо шуд ин дар он дар мезанам,
Хешро  з-ин бар ба он бар мезанам.
Аз ҳавос то сайди маъно кардаам
Аз сароб серобӣ даъво кардаам.

Дар масал монад чунин фарзонагӣ,
Дом бинҳодан ба мурғи хонагӣ.
Ҳамчу девпо[39] аз магас кардан қадид,[40]
Сайди ақл он чӣ ки дид, н-он чӣ надид.
Сайди истидлолиён ҳамчун магас,
Интиҳои фаҳмашон ин асту бас.
Ман аз ин камзарфиҳо во растаам,
Дил ба фазлу бахшиши ту бастаам.
Насси қотеасту муҳкам дар сӯбут,
"Авҳанул-буют, лабайтул -анкабут."[41]
Дархури ҳар моҳият марзи ҷудост,
Дар тасаррауф ҳар якеро марзҳост.
Гарчӣ гунҷишк бол дорад мепарад,
Лек бози тезчангаш мебарад.
Донахорӣ кори сору кафтар аст,
Кори бозони шикорӣ дигар аст.
Гар масал гуям зи ақлу ишқ рост,
Аз шунидан то ба дидан фарқҳост.
Қиссаи меъроҷ бишнидӣ магар,
Дар румузи қисса печидӣ магар?!
Ин ҳикоят гарчи дар сад дафтар аст,
Матлабам аз боз гуфтан дигар аст...
Он шабе,ки Мустафо бо Ҷибраил,
Бо салову даъвати Рабби ҷалил
Аз мадори кавн боло рафтаанд,
То ба сақфи Арши аъло рафтаанд...
Чун расиданд бар мақоме з-ин сафар,
Ҷибраил истода шуд дар он мақар.
Мустафояш гуфт истодан чаро?!
Эй рафиқи роҳу ёри бовафо!

---

[39] Девпо- анкабут, тортанак
[40] Қадид-гӯшти пухта, кабоб
[41] Сураи "Анкабут"- 41

Гуфт, моро беш аз ин дастур нест,
Ҷони моро тоқати он нур нест!
Нимболе гар аз ин ҷо бар парам,
Аз таҷаллӣ оташ ояд бар сарам!
Ақли кул огаҳ набуд аз рози ишқ,
Интиҳои ақл шуд оғози ишқ .
Ақли кул огаҳ набуд, огаҳ набуд,
Ҷузьиёнро кай расад ин дар кушуд?!
Мо ки бошем, дар кушодан аз куҷо?!
Эй ту моро даркушову раҳнамо!

***Дар инки майлу оҳангу гармдилӣ ҷазбу кашиш бошад мар алтофу бахшишҳои худовандиро аз меҳрубонӣ ва боздодаҳои азал.***

Гар талошу ҷунбише дар ҷони мост,
Аз кашишу ҷазбаи ҷонони мост.
Нек бинӣ тан зи ҷон дар ҷунбиш аст,
Ҷони мо аз ҷони ҷон дар ҷунбиш аст.
Ҷони ҷон он аст, ки ҷонро зинда кард,
Колбади моро аз он ҷунбанда кард.
Ҷони мо гар зиндагӣ орад ба кор,
Майли мо ҷуяндагӣ орад ба бор.
Гар чи моро нест бар ҷон дастрас,
Лек моро майл ҳаст, оҳанг ҳас(т)
Ҷон дорем, бастаи тан нестем,
Чун гиёҳу сангу оҳан нестем.
Дил дар ин пайкар миёни ҷону тан,
Ниме аз ҷон асту ниме аз бадан.
Дил чу ғофил гашт, ҷисмонӣ шавад,
В-аз сафову покӣ руҳонӣ шавад.
Достони дил ба Қурьон андар аст,
К-ин чунин дил дигару в-он дигар аст.
Сангҳо бошад, ки аз тарси Худо,
Бишканад, садпора гардад ҷо ба ҷо.

Сангҳо аз тарси Ӯ гирён буванд,
Кӯҳҳо бо синаи бирён буванд.
Кӯҳҳо бошад, ки ҳамчун кӯҳи Тур,
Мебиларзад аз таҷалливу зуҳур.
Лек дил дар синаи ноогаҳон,
Сангтар аз санг бошад бе гумон.
Ин дили бебаҳра аз асрори ишқ,
Камтар аз санг аст дар бозори ишқ.
Ҷаҳд бинмо то диле пайдо кунӣ,
Аз такопу ҳосиле пайдо кунӣ,

Чашм бикшо то нигаҳ пайдо шавад,
Роҳрав шав то ки раҳ пайдо шавад,

***Дар ин ки кунии ва вокуниши мо миёни ҷабр ва ихтиёр бошад ва ин аст роҳи эътидол ва касбу овардаи мо аз ин роҳ ба дурустӣ ва устуворӣ бирасад***

Ҷабариёна макун инкори худ,
Бар қазо чун бифганӣ ту бори худ!
Ҳаргиз оҳанге ба хубӣ кардаӣ?!
Рахти худ дар куи некӣ бурдаӣ?!
Кӣ раҳат басту ва ё поят шикаст?!
В-инчунин андеша аз н-огоҳияст!
Чун намехоҳиву нохостантро,
Менихӣ бар гардани ҳукми қазо.
Кай Худо дастур дода аз нахуст,
Ки ба кори бад бувӣ чолоку чуст!
Чун туро дар кори бад муътал накард,
Ҳам ба роҳи рост поят шал накард.
Пас ҳамин майли ту бошад дар шумор,
Қасд номиданду касбу ихтиёр.
Гарчӣ мухторӣ вале, дар марзу ҳад,
Кай расӣ бар ҷумла хоҳишҳои х-вад?!

Ҳамчунин маҷбури мутлақ нестӣ.
Фаҳм кун, гар марди аҳмақ нестӣ!
Аз бадӣ кардан туро чун раҳ набаст,
Кай бибандад роҳи хуб эй худпараст?!
Ихтиёрат дод,чун бад мекунӣ,
Нек бингар, ҷумла бар худ мекунӣ!
В-ар накӯройиву андар роҳи рост,
Баҳраи ин некӯйӣ ҳам мар турост!
Аз накӯйии ҳазорон некрой,
Бениёзаст, бениёзаст он Худой!
Ҳам бадиҳои ҳазорон бадгуҳар,
Бар Худо не ранҷ орад, не зарар!
Гар бадӣ рав некӯвиро пеша кун!
Бар сари ин нуктаҳо андеша кун!

***Дар ин ки агар ту дар ҳама корҳо ба худ вогузоштаву саркушода будӣ, дар сад бало гирифтор омадӣ ва чун Ӯ таъоло аз ту ба ту меҳрбонтар аст, ҳама хостаҳои туро зери хости худ бинҳода.***

Ҳам гурӯҳе карда инкори қадар,
Яъне, “мо ворастаем аз хайру шар.
Ҳарчи моро хоҳишасту ҳирсӯ оз,
Ҷумла моем корбанду чорасоз.
Мо худем офардгори карди худ,
Бар қазо нанҳем дастоварди худ.”
Ин равиш аз эътизолиён бувад,
Пас қадарӣ пайрави эшон бувад.
Бо чунин андешаҳои норасо,
Хешро номидаанд ақлгаро.
Ин чӣ ақласту фиросат эй меҳон!
Ақл номиданд пиндору гумон.
Гар ту бо худ вогузошта мебудӣ,
Дар тамоми даҳр оташ мезадӣ!
Гар ту нестӣ бастаи банди қазо,
Он чӣ мехоҳи намеёбӣ чаро?!

Гар ниҳӣ ин ҷумлагиро бар сабаб,
В-ин сабаб маҷмуаи ранҷу тааб,
Пас чаро аз ранҷу дашвории сахт,
Рӯ наорад мар туро иқболу бахт?!
Мешавад гоҳе, ки бе ранҷу талош,
Дар ҳамекубад туро зоду маош.
Не сабаб бошад, на ранҷеву на кор,
Корҳои ту ба комат бор - бор.
Пас бидон ки корсозе ҳаст, ҳаст!
Чорагар ҳам чорасозе ҳаст, ҳаст!
Бе талаб ганҷи фаровон оварад,
Корҳоятро ба сомон оварад.
Гоҳи дигар чора созӣ печ-печ,
З-ин такопу баҳраи ту ҳеч-ҳеч.
Пас, ҳарон чӣ бидҳадат неъмат бувад,
В-он чӣ надҳад зери он ҳикмат бувад.
“Мо ташоун”-ро ту аз Қурьон бихон,
“.. Ан яшоаллоҳ”-ро миъёр дон![42]
Пас бизан бар хирмани ақлат шарар,
«Зиракӣ бифрӯшу нодонӣ бихар».[43]
Сабти девони қазо шуд бешу кам,
Аз каму беши ҷаҳонат пас чи ғам!
Дарки ин маъно бикун андар хабар,
Аз «халақно кулла шайин биқадар».[44]
Гар зи тадбир укдаҳо бар мекушуд,
Кас зи нодон тангрӯзитар набуд.

---

[42] Ишорат ба ояти-30 аз сураи муборакаи “Инсон” - وَمَا تَشَاءُونَ إِلَّا أَن يَشَاءَ اللهُ إِنَّ اللَّهَ كَانَ عَلِيمًا حَكِيمًا - Ва шумо чизеро намехоҳед, магар инки Аллоҳ бихоҳад, бегумон Худованд донои ҳаким аст.
Боз бо ҳамин мазмун дар сураи муборакаи “Таквир”-29

[43] Ин мисраъ аз “Маснавӣ”-и Мавлонои балхист.

[44] Бо бардошт аз ояти каримаи сураи“Қамар”, ояти 49 إِنَّا كُلَّ شَيْءٍ خَلَقْنَاهُ بِقَدَرٍ - Дуруст мо ҳама чизро ба андоза офаридем.

Он чунон рӯзӣ расад бар Булъало,[45]
Буъалиро ҳайрат афзояд ҳало!.
Коҳиливу танбалӣ айби дигар,
Дасту по аз баҳри кор аст, эй писар.
Ҷаҳд кун, в-он гаҳ таваккул бар Худо,
«Лайса лил инсони илло мо саъо».[46]
Чун туи дар олами кавну фасод,
Нест маълуле, ки аз иллат назод.
Пайрави асбоб бояд буданат,
В-аз сабаб дар бешу кам афзуданат.
Нуқтаи паргори ҳастӣ шуд сабаб,
Матлаби худро аз ин дар металаб.
«Утлубул ашёа мин асбобиҳо,
В-адхулул абёта мин абвобиҳо».[47]
Чун бурун ҷасти зи асбобу илал,
Ризқи ту омода гардад бе халал.
В-ар Худо бахшоядат ин фатҳи боб,
Рӯзӣ ояд бар ту аз ғайри ҳисоб...
То напечӣ дар ҳавои саркашӣ,
Баста гардӣ дар балои саркашӣ,
Пас бидон,ки саркушода нестӣ,
Фаҳм кун, гар марди сода нестӣ!
Ҳукми девони қазоро шод бош,
Шод зӣ в-андар ҷаҳон озод бош!

***Андар ин ки мо аз рози азал ва пӯшидагиҳои қазову қадар ноогаҳем ва гунабуди (ҳол, ҳолат) худро он ҷо надонем, вале карду***

---

45 Номи (куния) марди сода ва аблаҳу молдоре, ки дар асри Буалӣ Сино мезист..

46 وَأَن لَّيْسَ لِلْإِنسَانِ إِلَّا مَا سَعَىٰ - Ва ин ки барои инсон (баҳрае) ҷуз он чӣ талош намуда, нест. (Сураи "Наҷм" - 39)

47 Бо бардошт аз ояти карима وَأْتُوا الْبُيُوتَ مِنْ أَبْوَابِهَا ۚ - Ва ба хонаҳо аз дарҳошон воред шавед! (Сураи "Бақара" -189)

***нокарди мо нишонаву раҳнамуде бар шинохти имконии он ҳама ношинохтаҳо бошад.***

Аз азал гуфтему аз рози қидам,
Некӯ бадро дар азал бошад қадам.
Некӯ бад бинвишта шуд ҳам бешу кам,
Сабаталакдора ва ҷаффалқалам.[48]
На ба он маъно,ки гуфтанд ҷабриён,
Мо бувем бозичае андар миён.
Сабти девони азал аз ҳукм нест,
Ҳар ки пиндорад чунин, девонагист!
Ҳеҷ дастур аз Худо н-омад яқин,
Яъне, ту бош он чунон, Зайд ин чунин.
Амр нанмуд бар касе, кофар бишав!
Ё ту марди мумину бофар бишав!
Гар чунин дастуру фармон мешудӣ,
Имтиҳони ҳашр беҳуда будӣ!
Лағв будӣ амру наҳйу шаръу дин,
Ваҳю инзоли китобу мурсалин.
Оре-оре ҷумла бинвиштасту лек,
Аз сари андеша бингар нек-нек,
Ин қазо аз илми Ҳақ бошад яқин,
К-он чунин хоҳад шудан ё ин чунин.
Лек аз гуфтору аз рафтори мо,
Раҳнамуде ҳаст бар лавҳи қазо
Гуфт Пайғамбар ки: "Дар илми Худо,
Дӯзахиву ҷаннатӣ гашта ҷудо.
Пас ҳама рафтори мо аз некӯ бад,
Ҳам бар ину он гувоҳӣ медиҳад."[49]

---

[48] Бо бардошт аз аҳодиси ворида дар ин боб. Яъне, қалам ҳама андозаҳоро (дар азал) ангошт ва хушк шуд.

49 Ҳадиси 21 (2137) "Саҳиҳ"-и Бухорӣ :

Аз Имрон ибни Ҳусайн ривоят аст, ки гуфт: «Шахсе пурсид ё Расулаллоҳ! (с) Оё аҳли ҷаннат ва дӯзах дар илми Худо аз азал шинохта шудаанд?!

Паёмбар (с) гуфт: Бале, гуфт: Пас амалҳо ба чӣ кор оянд?!

Ӯ ҳамедониста бо илми қадим,
К-он яке нек асту в-он дигар лаим.
Ҳардуро ҳам ихтиёре дода буд,
Некӯ бадро ҳам раҳе бикшода буд.
Лек, медонист к-аз ин ихтиёр,
Ин яке бадроҳу дигар растгор.
Пас ҳамин донистану илмаш, Худо
Сабт бинмуд ҷумла дар лавҳи қазо.
Як масал гуям ба фаҳми ту қариб,
То аз ин маъно бигардӣ бонасиб.
Мар туро ангор  чанд фарзанд ҳаст,
Фарбеҳу лоғар, баландболову паст.
Ту ҳамедонӣ ҳама атворашон,
Некӯ бадро дар ҳама рафторашон.
Ту ҳамедонӣ, ки он як  танбал аст,
В-он дигар чолоку бо бозуву шаст,
Он яке майли табоҳӣ бар сараш,
В-он дигар ақлу фаросат раҳбараш.
Он якеро ҳарчӣ фармоӣ, кунад,
В-он дигар  садҳо баҳона оварад.
Он яке пайваста хоболуду данг,
Дигаре ҳушёру бо паймону нанг.
Алғараз з-ин хубу зишту некӯ бад,
Ту ҳамедони зи эшон бо санад.
З- ин ҳама донистанат аз так таке ,
Кай бувад ҷабру ситам бар ҳар яке?!
Пас ту медонӣ ки эшон чӣ кунанд,
Бо ту бошанд, ё ки аз ту ғоибанд.
Огаҳии ту бар эшон ҳукм нест,

---

Фармуданд, ҳар кас ҳамон кореро мекунад, ки барои он офарида шудааст."

(Ҳар кас он кореро мекунад, ки барояш осон аст, яъне амал нишонаи некӣ ва ё бадии мӯъмин бошад. )

Ин бидонад ҳарки сӯмму букм нест.[50]
Огаҳии ту бар эшон ҷабр нест.
Напзирад ҳар кас, ки нодону данист.
Чун зи ту ин огаҳӣ омад падид,
Чун надонад он ки моро офарид!?
Ман ба ранги дигаре созам баён,
То ки рӯшантар шавад ин достон.
Он яке бемор гардиду нажанд,
Ҳанги ӯ канда, ба сӯзиш банд - банд.
Ногузир бурданд-ш наздики пизишк.
Хешу пайвандон ба чашми пурсиришк.
Гуфтаанд, эй Буалӣ синои мо,
Чора кун бар ин ғарибн бенаво!
Пеш аз ин буд сӯрху буқу лумбу зафт,
Ин ҳама сарзиндагӣ аз ӯ бирафт.
Пеш аз ин буд ҳолаташт хубу тузук,
Ин замон хушкасту борик ҳамчу дук.
Ту илоҷе кун, ки мо ноогаҳем,
Ин сара ё он сара, то з-ӯ раҳем.
Мо зи оҳу воҳи ӯ бо дарди сар,
Гар чи ӯ бемор, мо бемортар!
Чун табиб набзаш бидиду бавлу хун,
Чор табъу чор халти гунагун.
Чашми ӯ диду забони ӯ кашид,
То ба дарки асли беморӣ расид.
Аз сари ҳасрат ҳамегуфт,эй дареғ,
Офтоби ӯ фурӯ рафта ба меғ!
Офтоби умри ӯ андар ғуруб,
Аз илоҷи мо нагардад нағзу хуб.
Зуд аз ин ҷо ҷониби хонаш баред,
Ҳар чӣ ӯ хоҳад ба ҷон нозаш харед!

[50] Сумм - кар , букм - гунг, лол

Рост гуям ҷои хеҷ ранҷиш нест,
Умри ӯ як моҳи дигар беш нест!
Ранҷаш  аз дарди саратонӣ бувад,
Охири кор он чӣ медонӣ бувад.
Як маҳи дигар, не бешу на кам,
Меравад з-ин олами пурранҷу ғам.
Мешавад аз дарду беморӣ раҳо,
Ҳам аз ӯ вомераҳад ҷони шумо..
Инчунин чаке навишту муҳр зад,
К-ин фалонӣ рӯзи баҳмон мемирад.
Бурда  ӯро сӯи хона бо шитоб,
Наздикон омода карда рахти хоб.
Нек темордориаш бинмудаанд,
Хотираш бо барги гул н-озурдаанд.
Ҳарчӣ дармон буд муҳайё кардаанд,
Бархеро  аз Ҳинду Чин овардаанд.
Алғараз ҳар доруе гуфтанд, хурд,
Оқибат як маҳ гузашт, бемор мурд.
Матлабам ин аст аз ин достон,
Рост гуеду бувед аз ростон!
Огаҳии ин табиб фармон бувад?!
К-он фалонӣ з-ин ҷаҳон бояд равад!
Як маҳи дигар бибояд мурданаш!
Рахти худ бояд аз ин ҷо бурданаш!
Ё ки дониш бошаду дастур не,
Ҳукм ҳам бар мурдани ранҷур не!
Ҷумла медонанд, гуфтори табиб,
Огаҳист аз мурдани он бенасиб.
Чун табиб бо илми худ огаҳ бувад,
Ки фалонро зиндагӣ як маҳ бувад,
Чун набошад огаҳ он донои роз,
Офаридгору ҳакиму корсоз!

Чун надонад холиқи маргу ҳаёт,
Некӯ бад, буду набуди коинот!
Ин яке тамсили рӯшан аз қазост,
То ба ин андоза фаҳмидан равост.
Боз овардам мисолҳо бештар ,
Дар “Ибороту ишорот” эй писар!
Қадр дарёе карона нопадид,
Рахти худ бояд аз он берун кашид!

Ҳеҷ кас ғаввоси ин дарё наяст,
Рози он бар ҳеҷ кас пайдо наяст.
Ҳар ки бикшод андар он дасти шино,
Бедаранг афтода дар коми бало.
Ҳеҷ бодаш ҷониби соҳил набурд,
Бехабар аз жарфу паҳно ҷон сӯпурд.

***Андар ин ки ақл ҷавҳари латифест ва афзорест якҷо бо саломатӣ ва дурустии ҳавосӯ дарёбандаҳо барои андарёфт ва фарогирди ҷаҳони ҳастии моддӣ ва ҳамчунин дар пазириш ва донистани маънонӣ ва донистаниҳои фаромоддӣ ва боварҳои ғайбӣ ва ваҳёнӣ, пас омӯза ва додаҳои инҷаҳонии ӯ ҳама маҳдуд ва андар марз бошанд ва бозёфтаҳои фаромоддии ӯ аз ваҳй, илҳом ва донишҳои мин ладуни ва мавҳибӣ бошанд,ки дар паймонаи худ барсанҷад, вагарна бе анҷому ло ятаноҳӣ бошанд.***

Нек медонад ҳар он ки маҳрам аст,
Худ сиришти одамӣ як олам аст.
Гар ҷаҳони хурдакаш номанд лек,
Чун дар ӯ ковиш намуданд нек-нек,
Дар таносуб бо ҷаҳон асғар бувад,
Лек намунай олами акбар бувад.
Пас латифай ҷомиъаш донанд аз он,
Нуқтаи паргори гирдонай ҷаҳон.
Чун фуруд омад зи паҳнои биҳишт,

Он биҳиште,ки зи ночорӣ биҳишт.
Чунки фаҳмид имтиёзи некӯ бад,
Назди Эзад пузиш овард, з-он чӣ кард.
То Худо бигзашт з - он ҳангомааш,,
Муҳри “каррамно” бизад бар номааш.
Бартарии бас фаровонаш бидод,
Хушкиву дарё ба фармонаш бидод.[51]
Ақл буд афзори донистан варо.
Дар шинохти олами пурмоҷаро.
Аз фарогарди ҳавосӯ ақл дид,
К-имтиёзи некӯ бад омад падид.
Дарнавардид аз хирад роҳи наҷот,
Дар хирадгарди[52] ҷаҳони модиёт.
Кард аз бар номи чизҳо аз нахуст,
Кисту чисти ҳастиро хубу дуруст,
З-огаҳӣ буд, к-ин “залуму” ин “ҷаҳул”
К-он амонат аз Худо карда қабул.
Он амонат,ки замину осмон.
Аз пазируфтан-ш гашта нотавон,
З-он гаронборе, ки кӯҳ сар боз зад,
Бо шитоб инсон гуфт, бар мо расад![53]
Пас “залумиву ҷаҳулӣ” ки Худой,
Сарзаниш бинмуд инсонро ба ҷой,
Зоҳиран нақс асту дар ботин камол,

---

**51** Ишорат ба ояти 70 аз сураи муборакаи «Исро”- “Ва ба ростӣ мо фарзандони Одамро гиромӣ доштем ва онҳоро дар хушкӣ ва дарё барниҳодем (фармонравоӣ додем) ва аз бахшишҳои гуногуни покиза ба онҳо рӯзӣ додем ва онҳоро бар бисёре аз офаридаҳои худ чунонки бояд. бартарӣ бахшидем.”

52 Хирадгард - калимаи андарҳам (мураккаб) аз ду вожа, аз навсохтаҳои муаллиф. М.Н.

53 Ишорат ба ояти 72 аз сураи муборакаи «Аҳзоб» :

**إِنَّا عَرَضْنَا الْأَمَانَةَ عَلَى السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَالْجِبَالِ فَأَبَيْنَ أَن يَحْمِلْنَهَا وَأَشْفَقْنَ مِنْهَا وَحَمَلَهَا الْإِنسَانُ إِنَّهُ كَانَ ظَلُومًا جَهُولا**

- Ҳамоно мо амонат ( хешро)-ро бар осмонҳо ва замин ва кӯҳҳо арза доштем, пас онҳо аз бардоштани он сар боз заданд ва аз он тарсиданд ва инсон онро бар душ гирифт, ки ӯ бисёр ситамкори нодон аст.

Зери ин пӯшида лутф асту ҷамол.
Яъне, ин пазруфт медонед, ҳон!
Он чиро, ки пушт карда дигарон.
Ҳар чӣ буд гардан ниҳоду рад накард,
Гарчи бар худ зулм кард ҳам, бад накард.
З-ин бишуд андозаву арҷаш баланд,
Чун Худо хондаш накӯву арҷманд.
Пас ҳамин ақл аст бо панҷгона ҳуш ,
Имтиёзи одам аз тайру вуҳуш.
Бар мадори он бичархад амру наҳй,
Пайравии анбиё аз рӯи ваҳй.
Ваҳдату яктоии Парвардгор,
Ҳам биҳишту дузаху рӯзи шумор.
Аз тасаввур то ба тасдиқу қиёс,
Додаҳои ақл бошанду ҳавос.
Роҳу роҳовард мечуяд хирад,
Шоҳиду пайгард мечуяд хирад.
Пас сару кораш ба марзу ҳад бувад,
Пой аз ин маҳдуда берун кай ниҳад?!
Гар чи бошад боргоҳи ӯ баланд,
Не фаротар аз ҷаҳони чуну чанд.
Ақлро берунтар аз ин роҳ нест,
В-аз варои коинот огоҳ нест.
Чунки он ҷо чиву чуну чанд нест,
Ҳадду фаслу ҷинсу басту банд нест.

***Дар ин ки агар ақл ба танҳоӣ ба фаротар аз ҷаҳони моддӣ роҳ мебурдӣ, дигар ниёзе ба фиристодани паёмбарон набудӣ, вале на чунин аст.***

З-ин бувад маълум бар аҳли хирад,
Ҳаст дунёе бурун з-ин марзу ҳад.
Нисбият он ҷо набошад, ҳам қиёс.
Маърифат онҷо ба корасту шинос.
Анбиё з-ин рӯ меҳанду бартаранд,

З-оки мардумро ба-дон сӯ раҳбаранд.
Чунки бо ваҳю шиносоии Ҳақ,
Хондаанд аз сӯи бесӯӣ сабақ.
Ақли эшон аз дигарҳо бартар аст,
Ваҳй бар эшон атои дигар аст.
Пас миёни филсӯфон бо мурсалин,
Фарқ бошад з-осмонҳо то замин.
Фалсафа таркиби дониш бо сафаҳ,
Ниме хубу дархуру ниме табаҳ .
Ақл агар марди чунин як раҳ будӣ,
В-аз абардонистанӣ огаҳ будӣ,
Чи ниёзе доштем бар шаръу дин?!
Бар китобҳову расулони амин!
Бархе мардум ҳам чунин раҳ бурдаанд,
Дар парешониву ҳайрат мурдаанд.
Ақл агар дастури дину шаръ дошт,
Ҳар яке оқил худое менигошт.
Ин “худоён” доимо бо ҳам ба ҷанг,
Дар миёна монда эшон гиҷу данг.
Бандагиҳо ҳам дигаргуна буданд,
Боиси сад душмноӣ мешуданд.
Пас ҳар онк-у ин ҳақиқатро шинохт,
Ақлро то марзу буми ваҳй тохт.

Баъд аз ин ақл аст дар фармони шаръ,
Пойбанди ҳуҷҷату бурҳони шаръ.
Ақл андар бовари аҳли яқин,
Нест рӯёрӯ ба дастуроти дин.
Он чӣ дин оварда аз карду накард,
Устувораш дида ақлу рад накард.
Ақл он бошад, ки нуронӣ бувад,
Огаҳ аз асрори имонӣ бувад.

Баҳравар набвад, агар аз илми дин,
Раҳзане бошад нишаста дар камин.
Гарчи инсон фитратан ҳақбовар аст,
Лек ақли иктисобӣ дигар аст.
Яъне аз касбу талошу банду баст,
Ақлро ёд ояд аз аҳди аласт.
Бовару иқрор созад бар мало
Ин бувад тасдиқи он "қолу бало"
Пас аз он имон ба сӯи ҳақ барад,
Ақл аз дунболи ӯ раҳ биспарад.

***Дар инки инсон мазҳари кул аз таҷалиёти асмо ва сифоти феълии Офаридгор бошад.***

Гарчи ҳастӣ ҷумлагӣ як мазҳар аст,
Аз сифоти феъли Ҳақ эй ҳақпараст,
Ҳам замину осмон бо каҳкашон,
Ҳар яке аз сӯнъи Ӯ бошад нишон,
Гард-гарди ҳастӣ аз пасту баланд.
Ба яке исмаш гувоҳӣ медиҳанд.
Феъли Ӯ чун зоти Ӯ бошад қадим,
Ҷумла мафъулот ҳодис, эй салим!
Яъне, махлуқот дар ин моҷаро,
Як даме ҳастанду дигар дам фано.
Пойдору боқӣ зоти ҳақ бувад,
Чунки Ӯро ҳастии мутлақ бувад.
Гарчи сад гуфтор з-ин мабҳас бувад,
То ба ин андоза гуфтан бас бувад.
Чунки инсон аст ҷусторгоҳи мо,
То чӣ нақше дорад аз ин моҷаро.
Бошад инсон мазҳари кул эй аму,
Пас қаввоми[54] ҷумлаи ашёст ӯ .

[54] Қаввом –барподоранда, устувркунанда, талмиҳан имое бар инки дар олами имкон инсон сабаб ва боястгари пайдоӣ ва ва пойдории ин ҷаҳон гардида бо хости Худованд, на инки хосту карди Парвардгор баста ва пайваста ба ғаразе ё сабабу иллате бошад. М.Н.

Куллӣ инсон аст дар ин қоида ,
Имтиёзоти дигар бефоида.
Асли инсон ҷомиъ омад чун чаман,
Нест ин ҷо имтиёзи мову ман.
Дар чаман зишту накӯ зебандаст,
Ихтилофи рангу бӯ зебандааст.
Хор дар паҳлӯи гул биншастааст,
Равнақи бозори гул нашкастааст.
Одамӣ гар з-ин сару гар з-он сар аст,
Мазҳари кулл асту дар ин манзар аст.
Илми ӯ аз партави илми Худост,
Маншаъи ҳилми вай аз ҳилми Худост.
Инчунин ҳар исму васфи Кирдгор,
Боз тобад дар ниҳону ошкор.
Имтиёз ин аст, дар  зоти Худо,
З-ин ҳама асмову авсоф эй фато,
Не тағиру табдил ояд дар миён,
Не шумору ҳадд, не гоҳу макон.
Балки як исмаш фаро гирад ҳама,
Муътазилӣ з-ин фитод дар воҳима.
Гуфт: “Авсофаш чу бошад дар вуҷуд,
Дар шумори қудамо бояд фузуд.
Зоти ӯ бошад қадим авсоф нест,
Ҳар, ки ин напзирад аз инсоф нест!”
З-ин сабаб бинмуда инкори сифот,
Бо чунин пиндору фикри бесӯбот.
Муътазил танзиҳ номид ин назар,
Шуд сабаб бар ихтилофоти дигар.
Нек бингар к-андарин фикри хато,
Реша дорад сад ҷидолу моҷаро!
Аз каломи Мотуридӣ, Ашъарӣ,
В-аз Килободиву садҳо дигаре,
Бо далилу ҳуҷҷату бурҳони зафт,

То ақидай иътизол аз байн рафт.
Ман басе густурда гуфтам шарҳи он,
Рав "Ибороту ишорот"-ам бихон!
Боз оем бар сари оғози кор,
Яъне, асмову сифоти Кирдгор.
Як сухан гуям кунун ей муҳташам!
Не бихондам, н-аз касе бишнидаам.
Дар мизони шаръ паймоӣ агар,
Пурраву мавзун меояд бадар.
**Ҷумлагӣ асмову авсофи Худо,**
**Ваҳдати маҳзанд, лек касратнамо.**
Офаринандаст Раби оламин,
Пеш аз онки не само буд, не замин.
Ҷо набуд ҳам гоҳу ҳангоме набуд,
Офаринанда буд, он Ҳайи Вадуд.
В-ин чунин аст ҷумлаи авсофи Ӯ,
Аз азал то бар абад бе гуфтугӯ.
Не чунонки иддае пиндоштанд,
Тухми шак дар мазраъи дил коштанд.
Гуфтаанд авсофи зоти Ҳақ қадим,
Не сифоти феълии Ӯ мустақим.
Пас сифоти феъли Ҳақ бо ин намат, (равиш)
Хондаанд ҳодис, аз роҳи ғалат.
Гашта маълум кажии ин боварӣ,
Бо далилу баррасиву доварӣ.
Пас сухан аз ин равиш кутаҳ кунам,
Роҳи анҷомношуда поин барам.
Нисбати авсоф бо зоти Худо,
Не дувиву касрат андар кудамо.
Қоиманд бо зоти Ҳақ ҷумла сифот.
Айни зоти Ӯ наянд, не ғайри зот.
Нисбати ҳар як ба ҳамдигар чунин,
Нек андеш, нек бишнав, нек бин!

Мову ту дидем дарёи равон.
Мавҷи дарё низ дидастем, ҳон!
Мавҷи дарё айни дарё кай бувад?!
Гарчӣ ҳамвора ба дарё меравад!
Лек аз дарё ҷудо ҳам нест, нест,
Ҳастияш берун зи дарё нест, нест.
Ин ҳама амвоҷ кай дарё бувад,
То ки ин дарё дусад дарё шавад!
Мо ҳама хуршед мебинему рӯз,
Нури ӯ дар хар саҳар гетифурӯз.
Аз раҳи мантиқ бишнав ин сухан,
Нурро хуршед натвон гуфтан.
Ҳастии хуршед аз партав мабур,
Чунки бе партав набошад ҳеҷ хур,
Лек, ин ду  айни якдигар наянд,
Ҳам ҷудои мутлаку яксар наянд.
Нурҳо  хуршед набвад дар шумор,
Токи як хуршед гардад сад ҳазор!
Ин масал гуфтем аз роҳи назар,
Тамсилу ташбеҳ набвад эй писар!
Чун Худоро мисл не, монанд нест,
Гунаву кистонӣ, чуну чанд нест.
Мисл набвад мар Худоро ҳон,ҳон!
Н-ак  масал бошад, зи Қурьон боз хон!
Ва “лиллоҳи масалулаъло” бубин!
Сӯраи “Наҳл”-у зи оят шастумин.
Пас масал гуфтем дар хурди хирад,
То, ки дарки маънӣ осонтар шавад.

***Дар инки нуқтаи паргори ҳастии ду ҷаҳон инсон бувад ва ҳама пайдоиҳо туфайлихори хони вайанд.***

Қадри худро мо набишнохтем,ҳай!
Бар мақоми худ набурдастем пай!

Мо на он будем, ҷамъи нуриён,
Бар ниёмон саҷда бурданд он замон?!
Бо Худо паймон ки баст?! Мо будаем.
Бо Худо кӣ дод даст?! Мо будаем.
Кист шогирди Худо, гар мо наем!
Дар шинохти номҳо, гар мо наем!
Мо наем, ки баҳру бар маққури мост,
Пайрави дилхоставу дастури мост?!
Кист беҳинофаридай Кирдгор?!
Бо кӣ бинмуд Ҳақ худой-ш ошкор?!
Моҳу хуршеду ҳамин чархи барин,
Ҳарчи ҳаст аз буданиҳо дар замин,
Ин ҳама дар хидмати мо устувор,
Мо киему ин ҳама иззу виқор!
Бар мақому боргоҳи бартарӣ,
Аз Худо бар халқ пайғомоварӣ,
Бар қавонину шариъатгустарӣ,
Не фаришта бор ёфту не парӣ.
Ҷумлаи пайғомбарони ростин
З-одамӣ бигзид Худои нозанин.
Дар ҳадиси қудсӣ фармуда Худой:
“Ҳала, одамзодаи бо ақлу рой!
Офаридам ду ҷаҳон бо ҳар чӣ ҳаст,
Баҳри ту пеш аз туву аҳди аласт.
Ин ҳама ҳастӣ ба ту бахшидаам,
Ман туро аз баҳри худ бигзидаам.
Эй зи хоку бартар аз афлокиён,
Бандаи ман бошу хоҷай ду ҷаҳон!
Гар ту рӯ сӯ (й) даргаҳи мо оварӣ!
Ҳарчи ҳаст бар ту намояд чокарӣ!”
Пас биё з-ин ҷойгоҳи арҷманд,
Мо наяфтем хору зору мустаманд!

Ин ҳама некӯиро ёд оварем,
Роҳ бар ин арҷмандиҳо барем!

***Дар ин ки чун инсон аз аз мақому боргоҳи одамият дур шавад, ошкору ниҳони ӯ масх гардад ва он симату арҷмандии фитрӣ аз ӯ биравад ва аз он каромату бахшиши худовандӣ дурӣ ва безорӣ намояд***

Аз баландии мақоми одамӣ,
Ҳам зи арҷу эҳтироми одамӣ,
Андаке аз лутфу фазли Кирдгор,
Бишмаридем он як аз садҳо ҳазор.
Лек инсон чун зи худ ғофил шавад,
З-ин баландӣ рӯ ба пастиҳо равад,
Чашм пушад аз ҷаҳони ҷону дил,
Ҳамчу тифлон уфтад андар обу гил,
Танпарастӣ пеша созад ҳамчу хук,
Ё кунад беҳудагӯӣ ҳамчу ғук,
Сагравиш гардад ба ҷумла мардумон ,
Бо забон неше занад чун гаждумон,
Ё ҳамоқат пеша гирад аз харӣ,
Ё чу бузина кунад бозигарӣ,
Хоби харгӯшӣ равад бо чашми боз,
Чоплус чун гурбагони думдароз,
Ё шавад монанди рубаҳ ҳилагар,
Барканад аз мурғу чурғон болу пар.
Ё ки сусту бефара сангпуштвор.
Ё чу хорпушт пур зи пиху хордор,
Гоҳ нар, гаҳ мода монанди заған,[55]
Лек мардони ҷаҳонро таъназан,
Саркашу сарсахт монанди хачир,
Ҳамчу уштурҳои бадху кинагир,
Дар захирай моли дунё ҳамчу муш,
Бо ҳама гандумнамову ҷавфурӯш.

[55] Заған- калоғ, аз рӯи шунидаҳо ва мушоҳидаҳо соле нар бошад ва соле мода..

Ё бигардад ҳамчу шайтон пурҳасад,
Чун зани Булҳаб, “ҳаблун мин масад”
Ё даюсипешаву зангунапӯш,
Зарпарасту зермарду занфурӯш.
Чун буқалмун ҳар замоне ранг-ранг,
Ошкоро сӯлуҳу пинҳонӣ ба ҷанг.
Бо лаимон нарм ӯ монанди об,
Бо каримон ҳамчу оташ пур зи тоб.
Бо мунофиқ ҳамнишину ҳамнаво,
Душмани ҷонии мардони Худо.
Дар зиёни мардумон бинмуда ғавр,
Пештози золимону аҳли ҷавр.
Ё ба шайтон ёру ҳампаймон шавад,
Аз пайи тасхири ҷиниён равад.
То, ки гардад сирати ӯ ҳамчу ҷин,
Боварат н-ояд, ба ҷинбандон бубин!
Он дигар ҷодугарӣ пеша кунад,
Ҳамнишини Сахраи ҷоду шавад.
Пас фишурда инки бемоя шавад,
То зи марзи одамӣ берун равад.
Ин ҳама гуфтем бо шарҳу баён,
Масх бошад ошкорову ниҳон.
Масх дар ҳар сурате бошад, балост,
Чунки масхи ҳайьат аз хашми Худост.
Эй Худо моро ба сӯи худ кашон,
Масху насху фасхро аз мо бирон!
То ки роҳи бандагӣ поин барем,
Ту бибахшоиву онгаҳ бигзарем!

***Дар ин ки ҳамият ва ҷуръат дар ҷой ва гоҳи худ аз хасоиси имон аст***

Мӯъмининро обрӯ аз ҷуръат аст.
Нахли имонро нумӯ аз ҷуръат аст,

Коҳилӣ маргу такопӯ зиндагист,
Устуворӣ қавмро поянлагист.
Аз такопӯ зарраҳо саҳростӣ,
В-аз салобат кӯҳ побарҷостӣ.
Дар ҷаҳон ҳангомаву пайкорҳост,
Инқилоби ҳастиро такрорҳост.
Асли ҳар миллат чу шахсе бар шумор,
Устувор омад ва ё нопойдор.
Бе ҳамият мардро ку обрӯ?
Ҳиммати ӯ бастаи фарҷу гулӯ.
Чашми ибратро кушову нек бин,
Заъфи ҷуръат омад аз заъфи яқин.
Оҳ аз аҳли таассӯб в-аз русӯм,
Карда аз пиндори худ хатми улум.
Қавмро бечуръатӣ омӯхтанд,
Пардаи номуси миллат сӯхтанд.
Луқмаҳо хӯрданд аз хони тамаъ,
Гаштаанд олудадомони тамаъ.
Роҳи даъват назди ишон дигар аст,
Амри бар маъруфи ишон мункар аст.
Ҳеҷ таъсире на дар гуфторашон,
Аз тамаъ ҳангомаи бозорашон.
Гӯи з-ин оят надорандӣ хабар,
Ё ки гӯши фаҳми ишон гашта кар.
«Ло таҳину…» аз китоби Ҳақ бубин,
«Антумул аълавна…»[56] мехон, инчунин.
В-аз Паёмбар ҳам аҳодис пуршумор,
Раҳнамуд бар устувориву виқор.
Бо санад овардаам ин гуфтаҳо,
Дар“Ибороту ишорот“эй фато!
Дониш ар созад ғулому чокарат,

---

**56** وَلَا تَهِنُوا وَلَا تَحْزَنُوا وَأَنتُمُ الْأَعْلَوْنَ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ - Ва сустӣ нанмоед ва андуҳгин набошед ва шумо бартар ҳастед, агар муъмин бошед.

[Сураи “Ол Имрон”136]

Дар қиёмат мешавад дарди сарат.
Эй чӣ бад расме, ки расми чокарист,
Бандагӣ ҷуз даргаҳи Ҳақ кофарист.
Ман нагӯям бодиву бебок бош.
Дар дифоъи обрӯ чолок бош!
Ман нагӯям даст зан дар таҳлука,
Ё бирав бо пои худ дар маҳлака,
Лек шере бош, дар майдони худ,
Дар ҳарими бовару имони худ!
Чун ки аз ҷон беҳтар ин дин асту бас,
Тарсӯ бим аз заъфи ойин асту бас.
Мар тавозӯъпешагонро ёр бош,
Бар сари гарданкашон чун дор бош!
Чун намесозӣ ба ҷону дил қабул?!
«Нусирту биррӯъб»[57] аз қавли Расул!
Гар мунофиқ набвад аз ту барҳазар,
Хешро аз зумраи эшон шумар!
Золиме аз ту напарҳезад агар,
Ҳайбати дин рафта аз ту бехабар.
Ҳурмататро кай ба ҷо меоваранд?!
Бар риши ту ришханде мезананд.
Аз тамаъ ҳамкосаи ишон машав,
Беш аз ин сӯхрияи шайтон машав!
Бо ту ҳар дам луту путе мехӯранд,
Ҳамчу он сӯфӣ харатро мебаранд.
Ту ба эшон ҳамнаво, ки «хар бирафт».

---

[57] Хоста инки, "Ман бо андарун шудани тарс дар дили душманон пирӯзӣ ёфтам"- ишорат ба аҳодис ва ахбори фаровоне бо ҳамин мазмун . Ҷобир ибни Абдуллоҳ (рз) ба мо хабар дод, ки расули Худо (с) гӯфтанд:

"Ба ман панҷ чиз дода шудааст, ки пеш аз ман ба касе дода нашуда буд; як моҳа пеш (бо афтодани тарс дар дили душман) зафар дода шудаам ва замин барои ман пок ва саҷдагоҳ гардонида шуд, ҳаргоҳ марде аз уммати маро намоз дарёбад, пас (ҳар куҷо ки хоҳад намоз) бигзорад ва ғаниматҳо барои ман ҳалол гардонида шудаанд, дар ҳоле ки пеш аз ман ба дигаре ҳалол набуд ва инчунин бахшуда шудааст маро шафоат ва ҳар паёмбаре ба қавми хоссе фиристода мешуд ва ман ба сӯи тамоми мардум фиристода шудаам". ["Саҳиҳ"-и Бухорӣ, ҳадиси 395, "Саҳиҳ"-и Муслим ҳадиси 523 ] Тарҷума аз: М.Н.

Дар ҳақиқат хар бирафту, хар бирафт.
Гар аз ин қисса надорӣ ту хабар,
Маснавии Маънавиро менигар!
То аз ин тамсил гардӣ баҳравар ,
Ҳам хари худро раҳонӣ з-ин хатар.

***Бархе пиндоштанд, ки тавозӯъу хоксорӣ бо ҳама ва ҳама ҷо созгораст ва надонистанд, ки ин пиндори нопойдор дар рӯёрӯиву ситез бо фармудаҳои дину боварaст***

Як гурӯҳе аз гузашта то кунун,
Хешро бинмудаанд хору забун.
Ҳам тавозӯъро набишнохтанд нек.
Чоплусу сарбазеру мурдарег.
Ман ба вазни дигар орам ин намод.
Аз “Иборот” ин дамам омад ба ёд.
Ман зи дастуроти дину, илми шаръ.
Ҳам зи реша гуфтаму аз аслу фаръ.
Он дам аз лутфи Худованди ҷамил,
Ҷӯш мезад мавҷи маъниҳо зи дил,
Киштаи андешаам аз фазлу ҷуд,
Абри раҳмат обёрӣ менамуд.

***Қасидагуна***

Ба номи Худованди донову довар,
Салоту салом бар равони Паёмбар.
Абар хонадону ба пайванду ёрон,
Абар пайравон, то ба ҳангоми маҳшар.
Чу дастур ёбам зи даргоҳи Борӣ,
Ба расми ниёгон кунам номае сар.
Агарчӣ замона пурандарзу панд аст,
Агар чашми ибрат кушои саро сар,
Вале чашм бояд, ки бинанда бошад,
Вале гӯш бояд, на он гуна ки кар.
Бузургон бигуфтанду аз ёд рафта,
Аз ин рӯ ҷаҳоне ба гумроҳӣ андар.

Чу эшон бигуфтанду мо кам шунуфтем,
Худоё бибахшо ба ин феъли мункар!
Чу мо ҳам бидонему хомӯш бошем,
На камтар бувад аз гуноҳони дигар.
Дигар ин, ки умри гаронмоя бигзашт,
Аз ин сар гусастем, моему он сар.
Чу з-он сар ҳаме бигсалем, вой бар мо!
Чи узре биёрем ба даргоҳи Довар?!
Чу андешидам аз ин ҳақиқат ки гуфтам,
Бизад бар дилу ҷонам андеша озар.
Зи ногуфтаниҳову нокарданиҳо,
Худоё, ту бигзар Худоё,ту бигзар!
Ту онӣ , ки ҳасти сазовори бахшиш,
Агарчанд моем сазовори кайфар.
Киям ман, ки рӯзи шуморам бигирӣ!
Чу ҳеҷам, гуноҳон абар ҳеҷ машмар!
Дигарбора кардам ғалат, ҳеҷ гуфтам,
Мусаввир ба санъат тӯи ман мусаввар.
Муродам ҳамин аст аз ҳеҷ гуфтан,
Ба ман мангару санъати хеш бингар!
Кунун он чи шоёни гуфтан, бигӯям,
Ки шояд бимонад ба девону дафтар.
Ҳар он к-у бихонад ва ё кор бандад,
Дуо гӯяд, омин Аллоҳу акбар!
Ту хоҳи васият бидон ё насиҳат,
Таамул намову ба таъҷил магзар!
Нахуст ин, ки Ҳақро ту бишносу бугзин,
Ки имон ҳамин аст, ихлосу бовар.
Паямбар бирафту аз ӯ боз монда,
Ду нуре чу хуршеду чун моҳи анвар.
Яке мусҳафи пок, паёми Худованд,
Дигар он аҳодис, каломи Паямбар.
Биёвез аз ҷон ба ин ҳарду дастур,

Ки раҳ бар саодат баранд ин ду раҳбар.
Чу эмони муҷмал муфассал намудӣ,
Зи таҳсили илми яқин эй бародар,
Ба тавҳиди зоту зи авсофу асмо,
Ки инро биномидаанд фиқҳи акбар.
Дигар илми ташриъу аҳком мехон!
Зи фиқҳу масоил, тасонифи дигар.
Бихон то бидонӣ зи гуфтору кирдор,
Кадомаш равову кадомин-ш мункар.
Се дигар, ки ахлоқу одоб хонанд,
Шариъат либос асту ахлоқ зевар.
Яке бар ҷамоли дигар мефизоянд,
Чу хотам зи симу нигин-ш зи гавҳар.
В-агар суст оиву ғафлат гузинӣ,
Шавад зиндагонит сиёҳу мукаддар.
Ба сад макру дастон ту дунё биҷӯӣ,
Фаромӯш гардад туро хобу ҳам х-вар.
Чу дунёт бахшанд фузунтар бихоҳӣ!
Аз ин бешхоҳӣ ғамон-т фузунтар.
Макун ҳиммати худ ҳама сарфи дунё,
Ки фардо зи ҳасрат кунӣ хок бар сар.
Чаро дин нахоҳӣ, ки муҳтоҷи онӣ ?!
Ба ин дори дунё, ба он дори дигар.
Худоношиносон ба ноарҷмандӣ,
Чу гову харанд, бал аз онҳо забунтар.
Зи ҷаҳли мураккаб нишоне ҳамин аст,
Ки худро намоянд ба инсон баробар,
На,бал фахр созанд, ки мо аҳли дониш,
Чунин хондаему чунон карда аз бар.
Чунон бар харе гар ҷуволи китобе,
Ба Фархор бинҳӣ, равад то ба Фалғар,
Кашад ранҷу аммо на доно бигардад,

Агар чанд бораш китоб асту дафтар.
Худоё, бибахшо ки ташбеҳ кардам,
Худоношиносон ба он гову он хар.
Мабодо бигирад харе дар қиёмат,
Ба дандон зи поям ба монанда аждар,
Ки мо хор хурдему заҳмат кашидем,
Шумо хоҷа будеду мо мисли чокар.
Чӣ бад буд, ки моро баробар намудед,
Ба ҳақношиносони бе нуру бе фар!
Ҳақ аст он чӣ гӯянду мантиқ ин аст,
Чӣ гӯям ҷавоби харон рӯзи маҳшар!?
Кунун вақти он аст, узре бихоҳам,
Бубахшед моро харони ҳунарвар!
Зи govони бекина пузиш бихоҳам,
Мабодо ба шохам зананд ё ки бо сар.
Шуморо сутӯда ҳамон шайх Саъдӣ,
Ҳама дар "Гулистон" бихонанд аз бар,
Ки гову харони ҳаме борбардор,
Беҳанд з-одамони пур аз шӯру аз шар.

Агар чанд ин ҷо каме танзу ҳазл аст,
Ҳамин тамсил аз Ҳақ ба Қурьон мусаттар.
Худо кофиронро ба чанд оят он ҷо,
Чаҳорпой гуфта ва з-онҳо фурӯтар.
Аз ин руст имон муқадам ба дониш,
Ки имон дарахту бар ӯ илм чун бар.
Бикун нахли имон ба сидқ обёрӣ,
К-аз ӯ бар бигирӣ чу шаҳду чу шаккар.
Чу дил нур гирад зи мишкоти имон,
Тамоми ҷасадро намояд мунаввар.
На кинат бимонад ба дил не такаббур,
На ҳирсу ҳасад, не разоили дигар.
Зи ташхиси амрози қалбӣ бигӯям,

Ба дасти ту бидҳам яке нусха эдар.
Нахуст аз дурӯғу газофа бипарҳез!
Тамоми бадиро дурӯғ аст модар.
Дурӯғгӯ ба Қуръон “ҳаллофи маҳин”аст,
Ки савганд бухрад ба беҳуда андар.
Дурӯғ гуфтани ӯ зи заъфи яқин аст,
Ки нафсаш амир асту дастуру довар.
Ҳамон кофиронро дурӯғ бурда аз роҳ,
Ки мункир шуданд аз Худову Паямбар.
Чу ин одати бад ба табъе нишинад,
Биюфтад зи чашми халоиқ саросар.
Дигар худнамоиву уҷбу тафохур,
Дурӯғро рафиқанду ходиму ёвар.
Риёро накӯҳиш намуда Худои тавоно,
Ба Қуръон бихонӣ ба чанд оят андар.
Масалро чунон аст,ки рубоҳи бӯре,
Ба талбис худро намояд ғазанфар[58].
Агар халқи дунё туро нек хонанд,
Ту бад бошӣ, гӯё задандат ба ханҷар.
Агар нек бошӣ, зи бад гуфтани халқ,
Маяндешу бинмо накӯро накӯтар.
Ту некӯ бади худ ҳаме худ бидонӣ,
Чӣ ҳоҷат ба муфтию қозиву довар!?
Касе чун бидонад ба ҷуз ошкорат,
Чӣ донад чӣ дорад ниҳони ту эдар!
Ту донӣ Худо, бас набошад,ки бояд,
Биёрӣ зи мардум гувоҳон ба маҳзар.
Дили халқи дунё ба дасти Худой аст,
Худоро ба даст ору аз халқ бигзар.
Магар Ӯ надонад, ки ту чун бибошӣ!
Латифу хабир аст ба пайдову музмар.

**58** Ғазанфар- шер

Мунофиқ ҳамон аст зи рӯи дурангӣ,
Ба зоҳир мусалмон ба ботин чу кофар.
Худоят бихонда ба ихлос дар дин,
Ба ҷуз роҳи ихлос дигар роҳ маспар!
Макун дини ҳақро дукони тиҷорат!
Ки муфлис бимонӣ ба бозори маҳшар.
Агар дини ҳақро муҳаққиқ набошӣ,
Мазан лофи илму зи даъвит бигзар!
Ба меҳробу минбар  гар аз ҳақ нагӯӣ,
Ба дӯзах барандат зи меҳробу минбар!
Чаро роҳи динро рави божгуна!?
Такаббур ба мумин тавозӯъ ба кофар.
Паямбар бигуфта:”Нусирту бир-руъби”
Ту бовар надорӣ ба қавли Паямбар?!
Виқору шаҳомат надорӣ , аз ин рӯ,
Тавозӯъ намоӣ ба ҳар аблаҳи хар.
Тавозӯъ набошад, бал ин чоплусист,
Ки динро намоӣ бад-ин сон муҳаққар.
Виқору тавозӯъ ба ҳам тавъамонанд,
Яке хуб ин чо, яке ҷои дигар.
Зи ғоиб бигуфтам дар аввал валекин,
Мухотаб нигоштам якеро ба манзар.
Гузирам набуд з-он чӣ гуфтам азеро,
Якеро ба нӯшу якеро ба наштар.
Ту  ҳиммат гумору бирав роҳи дониш,
Ҳама муъсиротат ба ҳиммат муяссар!
Дигар офати илми дин ҳубби дунёст,
Гувоҳ аст бар ин аҳодиси дигар.
Ки мо бас бидидем, дунёпарастон,
Чӣ густохӣ карда ба дин, эй бародар!
Ба тасвили шайтон намуданд таьвил,
Каломи Худову ҳадиси Паямбар.

Чаро аҳли дунё ниёзе надоранд?!
Ба дини туву донишат, нек бингар!
Ба дунёи эшон тамаъ аз чи дорӣ?!
Дуто гашта пеши лаимони бе фар!
Чӣ илм аст, к-аз ҳақ ба дурат фиганда!
Ҳалолат ҳарому ҳаромат ҳаромтар!
Ту мағрур гашта ба таъзими дунон!
Чу саг б-астухоне ва ё хар ба ҷавдар!
Надонӣ авомро "кал анъом" гуфтанд,
Ба таъзими анъом ту аз хеш магзар!
Сарояндагону ҳам арғуштиёнро,
Ситоиш намоянд ҳамин омма як сар.
Ҳаме аҳли фисқу дағоро ситоянд,
Ки "воломақоманду сардору сарвар"
Бубин меситояанд зани кӯчагиро,
Ки "бингар миёну сӯринро ту бингар"!
Бигӯянд: "фулонӣ аҷаб мардизур аст!
Ту қасраш бубину дуконҳову манзар".
Ҳалол аз ҳаром менасозанд фарқе,
Ки сурат бубинанд, на маънои дигар.
Агар ин ҷамоат туро ҳам ситоянд,
Бубин, то чи кардӣ зи афъоли мункар!
Накӯро куҷо донанд ин бадшиносон,
Маҳак илм бошад, надоранд эдар.
Ҳамонро шиносанд, ки худ банди онанд,
Чӣ бад кардӣ к-эшон шудандат мусаххар!
Чу донистӣ биншин ба кунҷеву мехон,
Аъузу бикалоҳ мина-н-нафсӣ ва ш-шар!
Аъузу бикаллоҳ минал ҷинни вал- инс,
Ба бедорӣ мехон, ба хоб рӯйи бистар.
Худо гар бибахшад, раҳоӣ биёбӣ,
Зи васвоси шайтону инсон ба як сар.

Ту худро бубиниву бишносӣ аз нав,
Ҳама айб бинӣ зи по то ба сар бар.
Кунун баҳри ислоҳ ба кӯшишу пӯйиш,
Ту бо ҷаҳд мерав, Худояст раҳбар

Забонро ба тавба, ба тасбиҳу таҳлил,
Намоӣ мураттаб, бихонӣ мукаррар.
Ту инро ҳамедон зи аъмоли зоҳир!
Ки оғози роҳат аз ин шуд муқаррар.
Фароиз нахустину онгаҳ фазоил,
Ба ихлос гардад ҳамин ду муяссар.
Агар чанд зоҳир намудӣ музайян,
Машав бастаи рангу бӯ, эй бародар!
Агар ту бимонӣ ба зиндони зоҳир,
Басе фарқ набвад зи ту то ба ҷонвар.
Ки зоҳирпарастон саробе бубинанд,
Тахайюл ба эшон далил асту раҳбар.
Зи зоҳир гузаштӣ ба дил раҳ намоянд,
Ҷаҳоне бубинӣ шигарфу мунаввар.
Зи анвори асмову авсофи Борӣ,
Ҷиҳат маҳв гашта, на зеру на ҳам бар.
Бидон ақли саркаш на дархӯрди дарк аст,
Ба лоятаноҳӣ ва лоятаҳассар.
Шариат мизону мадори ҳақоиқ,
На ақл асту миру на табъ аст меҳтар.
Агар ақлу табъат ба фармони шаръанд,
Зиҳӣ бахту толеъ! Зиҳӣ, нек ахтар!
Чӣ нозӣ ба ақлу чӣ фахрӣ ба дониш!
Агар пойбастат на дин асту бовар.
Ҳамон ақлу дониш бизад роҳи Шайтон,
Ки густох гардид ба фармони Довар.
Ҳамин ақл бурда зи раҳ фалсафиро

Ки гуфта чӣ ҳоҷат ба ваҳю паямбар?!
Ҳамин мункиронро надиди ки худро,
Чӣ оқил тарошанд, бал аз ҷумла бартар.
Шунидастӣ оё зи ҷаҳли мураккаб!?
Нишонат бигуфтам се байте фаротар.
Зи ҳарфе бипарҳез, ки маънӣ дар ӯ нест,
Сагонрост ав -ав харонрост ҳар -ҳар.
Худоё, бибахшо бар он чӣ, ки гуфтам!
Ки бар худ бигуфтам ваз-он пас ба дигар.
Худоё, агарчанд дастур аз туст,
Ки ман боз гуфтам аз ину аз он дар.
Ҳар он чӣ, бигуфтам ба хушнудии Ту.
Ту бипзиру з-он чӣ накӯ нест, бигзар.
Китобам рақам зан ба имзои раҳмат!
Бикун рӯсапедам ба фардои маҳшар!
Навид дорад аз ту ҳамин як таманно,
Маро банда бишмар, дигар ҳеҷ машмар!

### *Ҳикоят*

Дар Мадина буда рӯзе раҳгузар,
Соҳиби адлу вараъ яъне, Умар.
Ҳам зи ҳиҷрат мегузаштӣ чанд сол,
Муъминон дар ғурбату ошуфтаҳол.
Чашми Форуқ бар мусулмоне фитод,
Ки ба сустӣ бар замин по мениҳод.
Қомати яктои худ карда дуто,
Хира карда чашми худ бар пушти по.
Дар назар ҳарчанд ӯ шахси равон,
Лек пиндорӣ, хаёласт ё гумон.
Дар Мадина аз мунофиқ пуршумор,
Гоҳшикебу[59] айбҷӯ аз ҳар канор.

[59] Гоҳшикеб- фурсатталаб, аз навовардаҳои муаллиф.

Дар камин биншаста гӯӣ марду зан,
Дар пайи айби мусулмон ҷустан.
Чунки Форуқ дид ин марди нажанд,
Хешро карда низору мустаманд,
Сӯйи ӯ рафту бизад бонгаш, ки ҳой,
Мардаки пасту заифу сустрой!
Ин чӣ рафтори заъифона ба роҳ,
Модарат дар мотамат пушад сиёҳ!
Ин ситам танҳо на бар х-вад мекунӣ,
Бар мусулмонон низ бад мекунӣ!
Ту ба чашми душманони шаръу дин,
Меравӣ чун ҷуъал[60] лап-лап инчунин,
Сустпову мурдарегу хамхамак,
Сарбазеру бенишоту бенамак,
Он мунофиқҳо бубинандат чунин,
Табл бинвозанд: "Ин-т ислому дин!
Муслимин з-омӯзаҳои ин равиш,
Хору зору тандеҳу бевокуниш."
То чунин беҳудагӯӣ кам кунанд,
Чун мусулмоне бубинанд рам кунанд,
Ту ба чашми мункирони бадмаош.
Пойбарҷову матин чун кӯҳ бош!
**Марди ҳақ аз "ло таҳину"[61] арҷманд,**
**Устувору бовиқору сарбаланд.**
**Назди некон меҳрубону хоксор,**
**Бар сари гарданфарозон чуби дор.**
**Ҷойу гоҳи хоксорӣ дигар аст,**
**Пурдиливу устуворӣ дигар аст.**
**Нармиву сахтӣ ба ҳам зебандаанд,**

**60** Ҷуъал - гамбусак , саргинғалтон.

**61** Ишора ба сураи"Оли Имрон" ояти-139 وَلَا تَهِنُوا وَلَا تَحْزَنُوا وَأَنتُمُ الْأَعْلَوْنَ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ - Ва сустӣ манмоед ва андуҳгин набошед ва шумо бартар ҳастед, агар муъмин бошед!

**Ҳар яке дар ҷои худ арзандаанд..**

***Дар инки густариши бадиву бадкориҳо аз кушишу такопуи бадкорон ва пастуфтодагиву костагии некиву накӯкорӣ аз дилмурдагӣ ва бепарвоии некону ростон бошад***

Ин ҷаҳон з-оғози ҳастӣ то абад,
Чун фарогирдонаест[62] аз некӯ бад.
Ҳеҷ чиз андар ҳадди итлоқ нест,
Некӯ бад дар гунаи худ тоқ нест.
Аз таносуб ин ҳама омад падид,
Ҳадду фаслу ҷинсӯ хоса, эй фарид!
Чунки ҷуз зоту сифоти Кирдгор,
Чуну чандиянду дар марзу шумор.
Хомафарсоӣ насозам бештар,
Беш хоҳӣ дар "Иборот"- ам нигар!
Пас накӯиву бадиро дар ҷаҳон,
Аҳлу пайрав бошад аз некӯ бадон.
Пешрафту пастрафти некӯ бад,
Аз талоши аҳлашон пайдо шавад.
Дар масал, гар дузд дуздӣ накӯнад,
Аз сари девори мардум нагзарад,
Қуфли сандуқи дигарҳо нашканад,
Мардумонеро ба андӯҳ нафганад ,
Ё надуздад гусфандон ҳафту ҳашт,
Ё хару говони мардумро зи дашт,
Дар ҷаҳон кай номи дуздӣ монадо!
Кас касеро дузду раҳзан хонадо?!
Ё зани бадроҳа гар тавба кунад,
Шишаи упову ҳино бишканад,
Ғунҷу далолро дигар ӯ нагзинад,
Дар бибандаду ба хона бишинад,
Худ зи кайду макри шайтон барҷаҳад,
Ақли мардон ҳам зи васвосаш раҳад,

**62** Аз навовардаҳои муаллиф.

Мардум аз фаҳшу зино андар амон,
Гум шавад ин кори бад ҳам аз ҷаҳон.
Ё ки лутӣ андаке шарм оварад,
Аз сари зангуна будан бигзарад,
Нарӣ дода модагиро нахварад ,
Кори занҳоро ба занҳо биспарад,
Оста-оста ин касофат дар ҷаҳон,
Гум шавад аз ғарбиёну шарқиён.
Ё дурӯғгӯ аз дурӯғу аз газоф,
Бо пушаймонӣ намояд эътироф,
Ё суханчину суханбар ногаҳон,
Тавба созад ошкоррову ниҳон,
Дар ҷаҳон ин корҳои зишту бад,
Не бимонад, не касеро бад расад.
Ҳам талошу кушиши аҳли хирад,
Донишу фарҳангро боло барад.
Пас нишоту болиши аҳли ҳунар,
Баҳра бидҳад чун дарахти борвар.
Аҳли дунёро фаросат гар будӣ,
Ин ҷаҳон ҳамчун биҳиште мешудӣ.
Аҳли дин гар аз тамаъ озод буд,
Ин ҷаҳону он ҷаҳон обод буд.
Гар буданд гавҳаршиносон муътабар,
Додхоҳу додгустар додгар,
Решаи ҷавру ситам хушкида буд,
Мардум осуда ба шабҳо меғунуд.
Пас баду нек моҳият- чистонияnд,
Мардумон ҳуввияту - кистонианд.
Ҳувиятҳо моҳиятро зодаанд,
Раҳ ба сӯи неку бад бикшодаанд.
Пас бадиро ҳарки орад дар куниш,
З-он бадӣ баттар бувад дар сарзаниш.

Мисли инки дуздӣ кори бад бувад,
Лек дузд баттар бувад з-ин кори бад.
Дузд, яъне ин ҳувият гар набуд,
Дуздӣ ҳам ҳаргиз наёмад дар вуҷуд.
Некиҳоро ҳам ба  ин паймона бин,
То ки маълумат бигардад аз яқин,
Инки некон бартар аз некӯиянд,
Дар паноҳи раҳмати Ҳақ мезиянд.
Лек инҷо нуктаи пӯшидаест,
Дарки он бар ҳама кас осон нест.
Байти боло ин гуҳарро суфтаем,
“Дар паноҳи раҳмати Ҳақ” гуфтаем.
Яъне аз ҳасту ҳама чизи ҷаҳон,
Аз ҳама хубии пайдову ниҳон,
Лутфу бахшиши азал аз Кирдгор,
Бартару беҳтар бувад андар шумор.
Ҳам зи Қурьон ин паёму ин навид,
Боядат бо гӯши ҷону дил шунид.
Дар хитоб Офардгори нозанин,
Бар Паямбар ваҳй бинмуда чунин:
“Ту бигу бар муьминони бо амал,
Ки атову бахшиши рӯзи азал,
Биспаранд бар ёду хушҳолӣ кунанд,
Беҳтар аст аз он чӣ худ гирд оваранд.”[63]
Пас атову бахшишу лутфи Худо,
Бартар аст аз ҳарчӣ андӯхтем мо.
Гарчӣ ин  андӯхтаҳо аз карди мост,
Дар гузашта мо бигуфтем рӯйрост.
Он кӣ чиз аз ҳеҷ чиз  орад падид,
Буди мову карди моро офарид.
Мояи дилгармии мо ҷуди ӯст,

**63** Бо бардошти маънои аз сураи “Юнус” ояти – 58 **قل  بِفَضْلِ اللَّهِ وَبِرَحْمَتِهِ فَبِذَٰلِكَ  فَلْيَفْرَحُوا هُوَ خَيْرٌ مِّمّاَ  يَجْمَعُون**

Мо набудем, буди мо аз буди ӯст.
Ҳарчӣ дорем аз ниҳону ошкор,
З-они мо набванд, эй олитабор!
Ҳарчӣ моро будаву ҳар ончӣ ҳаст,
Кас на аз хонай падар оварда аст.
Банда он аст, ки зи даъво бигзарад,
Ҳар гирифтаро ба аҳлаш биспурад.[64]
Ҳеҷ бозҷӯйӣ набошад мар варо,
Во раҳад аз бозпурсиву ҷазо
Гар зи банди худ бирастӣ, бандаӣ,
В-аз ду олам ар гусастӣ, бандаӣ!
"Ин ману он з-они ман" не бандагист!
Инчунин даъво нишони рондагист.

## *Ҳикоят*

Покбозе буда дар аҳди қадим,
Бо тани покизаву қалби салим.
Як дили софаш миёни сина буд,
Гарчи дил буд, гунаи ойина буд.
Ойинаш чун пок аз зангор буд,
Нақши ғайбӣ гоҳ-гаҳ рух менамуд,
Гоҳ- гаҳ илҳоми ғайбӣ раҳбараш,,
Ҳам ба хоб андар паёми дигараш.
Н-ак ба хоб андар бидида як нигор,
Ки чун ӯ ҳаргиз надида рӯзгор.
Не чунон хобе касе таъбир кард,
Некуйӣ н-ангуна, ки тасвир кард,
Хоб чун хиргоҳу маҳ хиргаҳнишин,
Ҷилваи воҷиб дар имкон инчунин.
Гар ба ин фармуда ҳарфе зам кунам,

**64** Ишора ба оғози ояти-58-и сураи "Нисо"- إِنَّ اللَّهَ يَأْمُرُكُمْ أَن تُؤَدُّوا الْأَمَانَاتِ إِلَىٰ أَهْلِهَا - Бегумон Худованд ба шумо фармон медиҳад, ки амонатҳоро ба соҳибони онҳо баргардонед...

Хотират андарҳаму барҳам кунам.
Ӯ ба ин сурат дилу дин бохта,
Бо хаёлаш сар зи по нашнохта.
Ӯ ба ёди он маҳи хиргаҳнишин,
Аз хушӣ дуру ба ғамҳо ҳамнишин.
В-аз халоиқ рам намуда яксара ,
Дар фироқи дӯст бе ҳангу фара.
Оре-оре ҳаркӣ дар банди дил аст,
Сӯҳбати номаҳрамонаш мушкил аст.
Дил ҳар он кӣ бохтааст аз рӯи дид,
Сахт бигрезад зи ҳар гуфту шунид.
Алғараз ин ошиқи ошуфтаҷон,
Бе хабар аз хешу аз ҳоли ҷаҳон,
Бо умеди дидани рӯи нигор,
Шом-ш бехобиву рӯзаш-интизор.
Дил шуда аз даст дар як раҳгузар,
Не зи ному куйи ҷононаш хабар.
Инчунин мезист бо ҳоли табоҳ
Рӯзи ӯ чун шому шоми ӯ сиёҳ...
Ӯ басе дашту биёбон биспарид,
То ба роҳи корвонгарде расид.
Хушкҷону ташналаб монанди най,
Устухонаш монда буду рагу пай.
То зи дур омад падид гарду ғубор,
Корвоне дар уфуқ шуд ошкор.
Ӯ ба зери хорбун афтода буд,
Хаставу навмед аз ҳастии худ.
Корвон аз лутфи Ҳақ онҷо расид,
Сорбон он воларо ногаҳ бидид.
Ҳоли ӯ пурсиду темордорӣ кард,
Ки чунӣ эй хастаи саҳронавард?!
Гуфт, кӣ ҳастиву кору бор чист?,

Ки ба ҳоли зори ту бояд гирист.!
Гуфт ошиқ моҷарову саргузашт,
Он чӣ ӯро аз ғами дилбар гузашт.
Сорбонро дил бисӯхт з-ин достон,
Чун бидид ин мардро аз ростон.
Гуфт, номи ёр медонӣ магар?!
В-аз нишони куйи ӯ дорӣ хабар?!
Гуфт, не номаш бидонам не нишон,
Не қабилаш донаму не дудмон!
Ин қадар донам, ба он ҳусну ҷамол,
Ҳеҷ зебоӣ нагунҷад дар мисол!
В-аз камоли ҷумла некӯии ӯ
Лол мегардад забони гуфтугӯ.
Корвонсолор корозмуда буд,
Ҳафт водӣ бо қадам паймуда буд.
Ӯ бурун аз ҳафт водӣ як замон.
Боғу роғе дидаву руди равон.
Дар миёни боғ кушке дилрабо,
Гил  зоробу хишт санги пурбаҳо.
Аз навои мурғакон дар шохсор,
Як ҳазор дастону савти хушгувор.
Гӯйиё дар пардаи имконият,
Ошкоро ҷилваи руҳоният.
Чашми ӯ афтода буд бар панҷара,
Дар фарози кушк  сӯи манзара.
Нозанине дар назора сӯи боғ
Боғ аз рашки ҷамолаш доғ-доғ.
Сарв хам гашта зи шарми қади ӯ,
Обирӯи рухнамоён оби ҷӯ.
Аз хирому ҷилваи он бебадил,
Гулрухонро сар ба пову по ба гил.
Алғараз то дида сӯи ӯ бидухт,

Дар даме ҳар он чи ҷуз ӯ буд, сӯхт.
Чун аз ин бехудӣ баргашта ба худ,
Як нишоне ҳам аз он манзар набуд.
З-ин шигарфӣ сорбон андар шигифт,
Роҳ сӯйи хайли ҳамроҳон гирифт.
Бас ҳамин монда ба ёди он азиз,
“Баъди ҳафт водист” дигар ҳеҷ чиз.
Ҷумлаи ин моҷароро сорбон,
Гуфт бо ин ошиқи озурдаҷон.
Гуфт, ҳафт водӣ бипаймо бедаранг,
В-андарин раҳ сад балои ранг-ранг,
То ҳамин ҷо манзили аввал бувад,
Водие то водии дигар равад.
Пой пеш ору аз ин раҳ сар матоб,
То ба коми дил бигардӣ комёб!
Он киро к- аз тоби ӯ гаштӣ чу мӯй,
Ҷуз ҳамон даргаҳ, ки бинмудам маҷуй!
Ҷазбаи ӯ корсози роҳи ӯст,
Бозтоби лутф аз даргоҳи ӯст.
Тушааш омода кард он некрой,
Гуфт: “Иҳдинассирот”-ат раҳнамой!
Пас аз ин бо ҳам бигуфтанд хайрбод,
Ҳар яке рӯ сӯи роҳи худ ниҳод.
Ошиқе, ки пеш аз ин афсурда буд,
Хаставу ошуфтаву бераҳнамуд,
Ин паём аз сорбон чунки шунид,
Дар тани ӯ ҷони нав гӯйӣ дамид.
Чун нишони роҳи кӯйи дӯст ёфт,
Бо дили пур ҷониби саҳро шитофт.
**Оре, оре ин ҳақиқат равшан аст,**
**Ҳарфи мардон қуввати ҷону тан аст.**
**Ҷони пок огаҳ зи ғаждиҳои мост**

**Сӯҳбати мардони ҳақ чун кимиёст,**
**Эй басо гумгаштагон аз корвон,**
**Дар биёбонҳои сӯзону дамон,**
**Роҳдоне бар сари вақтшон расид,**
**В-ин ҷамоат аз ҳалокат во раҳид.**
**Эй басо дар ранҷу ғам вомондагон,**
**Ҳам зи худ безору аз кори ҷаҳон,**
**Ғамгусоре чун ба эшон ёр гашт,**
**Бо ду ҳарфе чорасози кор гашт,**
**Роҳ диданду раҳиданд аз ғамон,**
**Ки ба ғамхурдан наярзад ин ҷаҳон.**
**Гар наянд дар ин ҷаҳон мардони кор,**
**Вижагони ҳазрати Парвардгор,**
**Калапатрӣ[65] буд кору бори мо,**
**Ҷумла бе пардозу зишту норасо.**
**Он Худое, ки ду олам ҳаст кард,**
**Ин ҷаҳонро бо сабаб пайваст кард.**
**Гарчи худ пайдо намуд боястиҳо,**
**Офарид боястгар бар ҳастиҳо.**
**Гар сухан аз модиёту модда аст,**
**Баҳси  асбоб ошкору сода аст.**
**”... Нуқтаи паргори ҳастӣ шуд сабаб,**
**Матлаби худро аз ин дар металаб...” [66]**
**Гар варои модиёт боло парем,**
**Боз раҳ бар ин ҳақиқат мебарем,**
**Яъне он ҷо ҳам сабаб бошад, валек,**
**Чашми ибратро кушой нек-нек,**
**Он сабаб моддиву имконӣ наяст.**
**Он чӣ медидиву медонӣ, наяст.**

---

**65** Калапатрӣ-вожаи камкорбурд ва аз миён равандаест, дар гӯиши мардуми кӯҳистони шарқи Тоҷикистон, ба маънои сарнагун, вайрон, ошуфта, сарпоин ,беҳуда ва ба инҳо монанд.

**66** Ин мавзуъ густурда дар саҳфаи 9-и ҳамин китоб омада аст, агар бознигарӣ шавад.

**Ҷову гоҳ он ҷо на имконӣ бувад,**
**Ҷумлаи асбоб раббонӣ бувад.**
**Пас бишуд равшан, ки мардони Худо,**
**Иксири омехтаанд бо кимиё.**
**Миси мо аз ин кимиё зар шавад,**
**Яъне, одам одами дигар шавад.**
Боз гардем бар сари он достон,
То, ки паймоем роҳи ростон.
Он ҷавон майли сафар аз сар гирифт,
Рафтани ӯ шеваи дигар гирифт.
Пеш аз ин мерафт сусту бефара,
Рӯзҳо саргашта дар кӯҳу дара.
Ин замон то ҳарфи раҳпаймо шунид,
Шуру зури дигараш омад падид.
Аз нишоти рӯи ёри меҳрубон,
Реги саҳро зери пояш парниён.
Ӯ ба ранги уштурони маст буд,
Кӯҳ дар роҳи хиромаш паст буд.
Кори ҳар водӣ шигарф андар шигарф,
Не ба гуфтан дарбигунҷад, не ба ҳарф.
Чун сафар оҳанги поёнӣ гирифт,
Рафта- рафта кор осонӣ гирифт.
То ба марзи ҷилваи он маҳ расид,
Сад баҳори ранг-ранг аз раҳ расид.
Диди ҷонон буда чун ӯро санад,
Диданиҳои дигар роҳаш назад.
Боргоҳи ёр чун омад падид,
Бо тапишу изтироб он ҷо расид.
Дар бидид як лахт аз ёқути ноб,
Нақши устурлобӣ аз зари мазоб.
Ҳастии ҳамвора дар он сӯи дар,
Нестии ҳастинамо з-ин сӯ нигар.
Ҳарки он ҷо даъвии ҳастӣ кунад,

Дар зиёни худ забардастӣ кунад.
Алғараз ин ошиқи пур сузу дард,
Даст андар ҳалқаи дарвоза кард.
З-он сӯи дар шуд садо, кистӣ дигар!
Гуфт, ман ошуфтае бепову сар!
Шуд садо ,чунки туӣ, з-инҷо бирав!
Бехуд ову маҳрами даргоҳ шав!
*Ту ҳам аз ин "ман" раҳо шав в-онгаҳон,*
*Рӯй бе худ неҳ бар он остон.*
*То, ки он ёри накӯву бениёз,*
*Азҳамавомондагонро*[67] *чорасоз,*
*Дар мақоми қурби худ биншонадат*
*Даст гирад в-аз ҳама бирҳонадат.*
*Ин ҳадис аз Ҷобир ибни Абдуллост,*
*Гуфтанаш ин ҷо чи хубасту ба ҷост!*
*Гуфт, рӯзе бар гирифта ҷону дил,*
*Шавқи рӯи он расули бе бадил.*
*Рафтаму пушти дараш кардам садо,*
*Гуфт, кӣ ҳастӣ буруни дар ҳало!*
*Ин манам гуфтам, дубора ин манам,*
*Ин манам, ки панҷа бар дар мезанам!*
*Пас бурун шуд он расули нозанин,*
*Бо рухи бигрифтаи турушширин.*
*Зери лаб нофор мегуфт, "ин манам"*
*Чун ҳамепурсам, ҳамегуяд, манам!*
*Равшанам шуд з-ин итоби дилкашаш,*
*З-онки гуфтам, "ин манам" номад хушаш.*[68]
Боз сӯи қиссаи ошиқ равем.
То давоми достонро бишнавем.
Чун нидо бишнид, "к-аз ин сар нестӣ,

---

[67] Вожаи андарҳам аз сохтаҳои муаллиф.

[68] Мазмун ва бозтоб аз аҳодиси аз ин боб ба сиҳат расида , аз ҷумла ; Ҳадиси-5761, 5762 дар "Саҳиҳ"-и Муслим.М.Н.

Ту бирав, ки марди ин дар нестӣ!
Не сӯи мо сӯи худ биштофтӣ,
Чун туйӣ, яъне ту худро ёфтӣ!
То худӣ бо туст бошӣ худнамо,
В-ин худиро маҳв созу бе худ о!
Дур кун боястгарпардозият,
Гум бинмо чорагарҳосозият![69]

Чораовар то туро довар шавад,
Кори ту бо равнақу бо фар шавад!"
Ин нидо бинмуда дар ҷонаш асар,
Ошиқи ошуфтаи хунинҷигар,
З-ин паём сад маъниро дар бар гирифт,
Сайри ӯ марҳилаи дигар гирифт.
Хешро дар хештан печида дид,
Аз сипеҳру сайри офоқӣ бурид,
Яъне бибрид з-ин ҷаҳону он ҷаҳон,
Гӯша бигрифт аз кеҳону аз меҳон.
Дид дар худ ақаботу муҳликот,
Ҳар тараф бутхонаву лоту манот,
Яъне, ҳирсу озу кибру ҳам риё,
Худнамоиву дурӯғу ифтиро,
Як ҳазор аз гуфтаи ногуфтанӣ,
Як ҳазори дигар аз нашнуфтанӣ.
Дар пайи ислоҳи ин ҳар як шитофт,
Бар накӯигунабудшон[70] роҳ ёфт.
Чунки бо худ буд ин ҷумла бидид,
Ин ҳама гум гашт, чун аз худ бурид.
Яъне худро ҳеч дид аз беху бун,
Нестии ҳастинамои сарнагун.

---

**69** Ду вожаи охири ин ду мисраъ вожаҳои андарҳам аз сохтаҳои муаллиф мебошанд.

**70** Вожаи навсохта.

Он нагунбахте, ки аз ин нестӣ,
Шод буда дар камиву костӣ,
Сад гуноҳу ҷурмҳо настӯда дид,
Пушт бар фармону бар фармуда дид.
Ин ҳама пазруфту бигрист ҳой-ҳой,
К-ин ҳама аз мову бар мост, эй Худой!
***Эй фаротар аз ҳама пиндори мо,***
***Мо киему ин ҳама афкори мо.***
***Карди мо аз мо фаротар кай бувад?***
***Войи мову гуфтаву кирдори мо!***
***Баҳри раҳматро ба ҷӯш ор эй Худо!***
***Ғарқи бинмо андаку бисёри мо!***
Баъди чандин заҳмату бигдохтан,
Аз худӣ бо бехудӣ пардохтан,
Дур бинмуд он каживу костӣ,
Чунки раҳ дигар набуд,ҷуз ростӣ.
Роҳ бинмуданду майли роҳ кард,
Бехудона рӯй бар даргоҳ кард,
Боз дар куфту нидо омад, кийӣ?!
Гуфт ошиқ, ин туйиву он туйӣ!
Ин туйи дар ҳар намоде ҷилвагар,
Ҳам даруни хонаву ҳам пушти дар.
Ин туйиву ҷуз ту дигар нест нест,
Ҷуз ту бар ту ҳеҷ раҳбар нест нест!
Шуд нидо, к-эй дар футуват устувор,
Дар тариқи дӯстдорӣ пойдор!
Ин замон чӣ хубу дилкаш омадӣ
Чунки бе худ омадӣ, хуш омадӣ!
В-он дари баста ба рӯяш боз шуд
Диди ёраш мунисӯ дамсоз шуд.
*Сад шигарфиҳост андар роҳи ишқ,*
*Роҳи дашвор аст то даргоҳи ишқ.*
*Андрин раҳ то ки аз худ нагзарӣ,*

*Ту ба ин даргоҳ кай раҳ биспарӣ!*

*Дӯстиву қурбати Ҳақ эй амин,*
*Кай ба даъво ростояд, нек бин!*
*Гар зи қурби Ӯ нишона боядат,*
*Гуфту карди бехудона боядат.*
*Некӣ аз Ӯ дону аз хешаш мадон,*
*Ҳарчӣ кардӣ рӯкушода ё ниҳон.*
*Ӯ зи фазлу раҳмат ин бахшиши худ,*
*Бар ту бидҳад ҳам фузун аз рӯи ҷуд*
*Он чӣ кардӣ аз бадиҳо пуршумор,*
*Диду посат дошту нанмуд ошкор.*
*Гирам аз худ некие дорӣ агар,*
*Чун набинад он Худои додгар?!*
*Чист иҳсон?! Он чӣ фармуд Мустафо:*
*"Гар набинӣ Ӯ ҳамебинад туро."*
*Кирдгор андар азал огоҳ буд*
*Дар ҳама ҷо "сама ваҷҳуллоҳ буд"*[71]
*"Иннолиллоҳ" аз Худо пайғом дон,*
*Ва "илайҳи- рроҷиъун"*[72] *анҷоми он.*

***Андар инки чун дар олами халқ моро Худованд ихтиёр дод ва озоду раҳкушода гузошт, аз он ҳуввияту моҳияти фитрӣ ва сохту сиришти дурусту созгори азалдодаи Ӯ буридем ва дар пиндору андеша ва аз бозтоби инҳо дар амалкарду корбурдҳои худ кистониву чистонии дигаре дур аз он решаву ҷавҳар сохтем ва то будем дар банду зиндони ин сохтаҳои худхоста дар ранҷ будем, магар он ки бо бахшишу меҳрбонии Худованд пай ба ин ҳастии гумонии худ бурд ва рахти худ аз ин партгоҳи нобудӣ берун бинмуд***

Гар зи рози офариниш огаҳӣ,

---

71 Ишора ба ояти каримаи 115-и сураи муборакаи "Бақара" وَلِلَّهِ الْمَشْرِقُ وَالْمَغْرِبُ ۚ فَأَيْنَمَا تُوَلُّوا فَثَمَّ وَجْهُ اللَّهِ ۚ إِنَّ اللَّهَ وَاسِعٌ عَلِيمٌ - Машриқ ва мағриб аз они Худост , пас ба ҳар сӯ рӯ кунед, рӯи Худост .

72 Ишора ба ояти каримаи 156-и сураи муборакаи "Бақара - الَّذِينَ إِذَا أَصَابَتْهُم مُّصِيبَةٌ قَالُوا إِنَّا لِلَّهِ وَإِنَّا إِلَيْهِ رَاجِعُونَ - Онҳо ки ҳар гоҳ гирифторие ба ишон бирасад , мегуянд : Мо аз они Худоем ва ба сӯи ӯ боз мегардем.

Бар паёму ваҳй ар гардан ниҳӣ,
Бо дурустӣ равшанат гардад чунин,
Мо зи боло омадастем бар замин.
Боргоҳи мо басе буд арҷманд,
Бекарону марзу бе пасту баланд.
Чун сиришти мо сиришти нур буд,
Аз сиёҳиву табоҳӣ дур буд.
Хушиҳо дар фитрати озоди мо,
Аз сиришти мо буду бунёди мо
Сарбаландиву саъодат ҳамчунин,
Дур аз олоишу бедоду кин.
Чунки он ҷо бар сабаб оҳанг не,
Ҳеҷ анбозеву ноҳамранг не.
Чун аз он боло ба поён омадем,
Пойбанди чуну чандиҳо шудем.
Яъне, инки олами кавну фасод[73],
Аз чуниву чандиҳо дорад ниҳод
Чуну чандӣ нисбият бор оварад,
Гуну ноҳамгуну миқдор оварад.
Ҷинсу фаслу хоса[74] чун пайдо бишуд,
Он ҳама озодӣ аз мо рафт зуд.
Боз мо з-андешаву пиндори худ,
Ҳей, ки сангин менамоем бори худ.
Ҳастиро, ки зери бораш кардаем,
Ғам яке буд, мо ҳазораш кардаем,
Мо ҳамон хуррамии дур аз сипанҷ,
Кардаем анбози сад андӯҳу ранҷ.
Бастаем бар пову гардан з-ихтиёр,
Банду занҷири гарону пуршумор.
Нек бинӣ ин ҳама ваҳму гумон,
Ҷони мо аз ин гумонҳо дар фиғон.

---

73 Олами кавну фасод- ҷаҳони будану табоҳшудан, яъне дунё.
74 Ин вожаҳо аз истилоҳоти илми мантиқ мебошанд.

Мо зи баски ҳафтафаҳму кавданем,
Оташ андар хирмани худ мезанем.
Пас аз он биншаста уф-уф мекунем,
Бар рухи “бахти сияҳ” туф мекунем.
Нек ангоштему бас бад кардаем,
Ҳеҷ кас бар мо накард, худ кардаем.
Як тараф бинӣ ту ҷаври фалсафаҳ,
Худ тарошидем аз рӯи сафаҳ.
Як тараф “дониш”- у сад шуъба ҷунун.
В-ин ҷунунро ном бинҳода фунун,
В-ин фунун ошуфтагӣ орад ба бор,
Ҷои инки беҳ созад рӯзгор.
Дониши мо онсарӣ буду сара,
Инсарӣ шуд, бефуруғу бефара.
Аз сиёсат ҳам ҳаюло сохтем,
Мо аз ин ҳай зеру боло тохтем.
Карда бо фатвои ӯ садҳо ситам,
Мардуме афганда дар андӯҳу ғам.
Ин чӣ дастурест муште бехирад,
Молу ҷони дигаронро мехурад!
Аждаҳои дигаре бозор ном.
Дар кашида аз ҳалолу аз ҳаром.
Гӯиё он ҷо тарозу ҳаст рост,
Ин дурӯғ аст, он тарозу нобаҷост.
Ин тарозу з-он тарозуи мизон,
Ки Худо бинҳода андар осмон,
Фарқ дорад бо каҷиву костӣ.
Сангу посангаш сабук аз ростӣ.
Баҳри ин аз мо баракат рафта аст,
Ҳарчи худро мезанем болову паст.
Гар бисанҷӣ як гала сармоядор,
Зоҳиран бар хостаҳошон комёр,

Нек бинӣ, куфтаву пажмурдаанд,
Хаставу васвосиву афсурдаанд.
Чунки медонанд, аз кори ҳалол,
Не ба даст оварда ин молу манол!
З-ин сабаб тарсону ларзон мезиянд,
Аз садои хиш-хиши муш мериянд.
Чунки инҳо моли мардум хурдаанд,
Ё ба яғмо пули давлат бурдаанд.
Посбон гӯйӣ ба ин моланду зар
Бадгумон ҳатто ба фарзанди падар .
Бар писар ҳам духтару зан бадгумон,
Ин чӣ хушбахтист, эй соҳибдилон!
Кӣ ситам бар худ намуд з-ин бештар?!
Зиндагиро дарҳаму зеру забар!
Ин ҳама меъёри кажу коста,
Аз гумону ваҳми мо бархоста.
Аз гумон ҳастии дигар сохтем,
В-он ҳама озодагиро бохтем.
Чанд ҷое ҳам зи Қурьон боз хон,
Он абардонои пайдову ниҳон,
Аз гумонҳо дода аст ҳушдори мо,
З-ин гумонҳо то наяфтем дар бало.
Ихтилофу душманиву ҷавру кин,
Ин ҳама вайронӣ дар рӯи замин,
Дар нахуст андар хиёли мо падид,
Омаду в-онгаҳ ба корбурдӣ расид.
Ин ҳама аз ворунакӯшиҳои мост,
В-аз ҳақиқатчашмпушиҳои[75] мост.
Чун ҳамон озодагиро бохтем,
Зиндагиро шатрапатра[76] сохтем.

[75] Вожаи навсохта.

Ин ҳама ҳангомаҳо дар зиҳни мост,
Ки хаёлшон карда бо афсӯн рост.
Аз гумон мо бо фулон аз як сарем,
В-аз гумон рӯзе гиребонаш дарем.
Ҳам гумон тасвири сад ғам офарад,
Гоҳ бе шодӣ ба ханда оварад.
Пас хаёлро буда нерӯи қавӣ
Ҷаҳд кун то аз пайи ӯ кам равӣ.
Пас гумон хобу хаёласту ҳавас
Ҳала, бархезу ба  бедорӣ бирас!
Накди ҳоли туст ин андак замон
Ғафлату ноогаҳӣ хоби гарон.
Ҳайф бошад муҳлати умр  эй раҳӣ
Бигзарад дар ғафлату ноогаҳӣ!

***Ҳикоят***

Як фақеҳу як шарифи номвар,
Бо яке омии аз худ бехабар,
З-итифоқи нек,  ё инки табоҳ,
Ҳамсафар гаштанд серӯза ба роҳ,
Ҳар яке ҳам тӯшаи раҳ доштанд ,
Бисмилаҳ , гуфтанду гом бардоштанд.
Он фақеҳу он шарифи муфтхор,
Гуфтаанд бар ин фақири хоксор,
“Эй бачам бахтат баландӣ кардаас.
Дар сафар бо мо шудастӣ ҳамнафас.
То зи файзи ҳамраҳӣ ёбӣ асар.
Бори мо бар пушт гир, монанди хар.
Аввалан мову ту яъне ҳар семон,
Мекунем аз тӯшаи ту нуши ҷон.
Гӯшти қайлатро бо ҳам якҷо занем,

[76] Шатрапатра – сардаргум, печида, шурида, ошуфта , парешон..Яке аз вожаҳои кӯҳани тоҷикӣ, дар осори ниёкон бештар дар фармудаҳои ҳаким Саноӣ ба чашм мехурад М.Н.

Яъне мо онро табаррук мекунем.
Чунки ин дунёст дунёи фано .
Тӯшаи ту мешавад рӯзе адо.
Баъд аз он аз зоди роҳи мо хурем,
Ғам махур, ки мо ғаматро мехурем!"
Хуб гуфту шукр з-ин дилхоҳишон ,
Ҳам ба дил хурсанд аз ҳамроҳишон.
Ӯ ба худ мегуфт, чӣ з-ин хубтар,
Бо фақеҳу бо шарифе ҳамсафар!
Чун сари ихлос бо некӯӣ дошт,
Ҳар касеро хубу некӯ менигошт.
**Заррае ихлос аз лутфи Худо,**
**Бартар аз куҳе зи кори пурриё!**
Гӯиё он ду таҳарро кардаанд,
Бо фақир рӯ сӯи саҳро кардаанд.
В-он дуро не бору не афзор буд,
Борашон бар гардани он ёр буд.
Он ғариби бенаво дар зери бор,
Роҳ мерафт чун хачири бурдбор.
В-ин дувон ҳамчун ду кучқорони маст,
Мечамиданд гоҳ боло гоҳ паст.
Чоряки фарсанг тай бинмудаанд,
Сахт ташнаву гурусна мондаанд.
Дидаанд як хорасанги бас калон,
Бод нарму санг ҳамчун соябон.
Гуфтаанд инак фароғат мекунем,
Гушна мондем, мо ҳам охир одамем!
В-он ғариби бенавои бенасиб,
З-ин ҳама заҳмат ба мурдан анқариб.
*Оре-оре, иддае аз бефарӣ,*
*В-аз сари худбиниву худмеҳварӣ,*
*Гарчи доранд қуввату пои равон,*
*Лек, бори худ ниҳанд бар дигарон.*

*Аз сари даъво,ки" эшон з-он саранд",*
*Пустини мардуми сода даранд.*
Алғараз худро заданд бар соясанг,
Нону қайлаш баргирфта аз табанг,[77]
Чун бақар хурданду камтар ин фақир,
Пораи гӯштеву андак аз фатир.
Ташнагӣ аз машки ӯ бишкастаанд,
Бар намози қаср иҳром бастаанд.
Он фақиҳ имом шуд мар ин дуро
То намоз аз рӯи шаръ бошад раво.
Чунки ӯ назди мулло Маҳмадсафар,
Хонда будаст андаке аз "Мухтасар"
То намози худ ба ҷо овардаанд,
Ҳам дуову ҳам қироат кардаанд.
Он шариф дур аз тамоми қоида,
Дур аз ташдиду мадди зоида,
З-аввали ин ойа хонд ӯ хоида:
"Раббано анзил алайно моида"[78]
Гӯиё буда ба фикри мағзу чағз,
Ӯ зи Қурьон ёфт ин оёти "нағз"
*Ин ҳақиқат равшан аст андар хабар,*
*Нек медонанд арбоби назар,*
*Бар каломи поки он донои роз,*
*Рӯ биёрад ҳаркӣ бо ҳарҷӣ ниёз,*
*Дархури ҳиммат биёбад коми худ,*
*Аз атову бахшиши он кони ҷуд.*
*Руйхонӣ гар кунад бе фикри жарф,*

[77] Борҷоягаҳи (зарф) сарпушдоре, ки аз пусти ситабр (ғавс) ё аз чуб сохта шуда, барои гирифтани нон ва дигар хуроквориҳо истифода мешавад. Ва дар бархе гӯишҳо "тушаву табанг" ҳамҷо гуфта мешавад М.Н.

[78] Ишора ба ояти 114-и сураи "Моида" **قَالَ عِيسَى ابْنُ مَرْيَمَ اللَّهُمَّ رَبَّنَا أَنزِلْ عَلَيْنَا مَائِدَةً مِّنَ السَّمَاءِ تَكُونُ لَنَا عِيدًا لِّأَوَّلِنَا وَآخِرِنَا وَآيَةً مِّنكَ ۖ وَارْزُقْنَا وَأَنتَ خَيْرُ الرَّازِقِينَ** - Исо писари Марям гуфт:"Худовандо! Парвардгоро! Аз осмон барои мо суфрае бифрист, то барои аввал ва охири мо ид бошад ва нишонае аз ту ва ба мо рӯзӣ деҳ ва ту беҳтарини рӯзидиҳандагонӣ!"

*Не зи маъно баҳра гирад,  не зи ҳарф.*
*Дар каломи Ҳақ тадаббур боядат,*
*То дари асрори худ бикшоядат.*
Баъди омин гуфтану хатми намоз,
Баҳри хобидан биҷустанд ҷои соз.
То зи куфти роҳу шалпарӣ раҳанд,
Рафтани худро идома бидиҳанд.
Хоб рафтанду зи ҷо бархостанд,
Боз асбоби сафар пиростанд.
Бор карданд рахти худ бар он фато,
Гуфтаанд, ҳалла, зи пушти мо биё!
Нақши пои мо бубину раҳ гузин,
Гум нагардӣ то ба саҳрое чунин!
*Рӯнамуди ин сухан хубасту рост,*
*Лек бинем, баҳраи он мар кирост?!*
*Ин сухан дар кор бояд бурданат,*
*В-аз пайи покон қадам фарсуданат!*
*Ин сухан бе ҳуҷҷату бурҳон наяст,*
*Лек ишнохти касон осон наяст.*
*Ҳарчӣ бошад ту сари ихлос гир,*
*Ҳамчунонки мо бидидем з-ин фақир.*
*Шоядам бишнида бошӣ ин хабар ,*
*Дар аҳодиси накӯву муътабар,*
*Рӯзи маҳшар, ки пур аз ранҷу балост,*
*Не дубора бозгаште бар қафост,*

*Ҷумлагиро доғи ҳасрат дар ҷигар,*
*Ҳам бадону некӯвонро сарбасар,*
*Ҳам бадон гуянд,чаро бад кардаем!*
*Ин бадиҳо ҷумла бар худ кардаем.*
*Некӯвон ингуна ҳасрат мехуранд,*
*Эй Худо бахшо,ки аз бахти нажанд,*

*Гарчи буд бар мо фароҳам ҳама чиз,*
*Зӯру дороиву ҳам ақлу тамиз,*
*Он ҳама чун хок бар сар кардаем,*
*Чунки некӯйӣ камтар кардаем.*
*Боз бошад ҳоли он кас зортар,*
*В-аз надомат пурғаму озортар,*
*Олиме, ки гуфт доштӯ кард не,*
*Дастхолӣ рафту дастовард, не.*
*Чун ҳамебинад, ки хайли пайравон,*
*Тӯда-тӯда меравад сӯи ҷинон,*
*В-он ҳама аз даъваташ бурданд сӯд,*
*Худ ба дузах меравад куру кабуд.*
*Ё касе дидаст, ё бишнидааст?!*
*Ҳасрате з-ин бештар оё ки ҳаст?!*
Мунтаҳо он рӯз ҳам бегоҳ шуд,
Офтоб ҳам рафт аз баҳри ғунуд.
Боз аз тӯшай фақир хурданд пур,
Он шарифу он фақеҳи ландаҳур.
Луқмаи чанде бидода бар фақир,
Яъне он чандонки "бухуру намир."
Пас бигустурданд рахти хоби худ,
Ҳар касе бар гӯшае рафту ғунуд.

Бомдод аз хоб сар афрохтанд,
Об камтар буд таяамум сохтанд.
Чун намози хешро бигзоштанд,
Ҳушу гӯши худ ба хурдан доштанд.
Монда буд аз зоди роҳи он фақир
Андак аз нону каме ҳам аз панир.
Даркашиданд ҷумлагиро дар замон,
Он фақир гӯё набуд андар миён.
Роҳ бигрифтанд бар саҳрову дашт,
Чунки рӯз аз чоштгоҳӣ мегузашт.

Алғараз имрӯз ҳам бегоҳ гашт,
Боз ҳам хурданду рафтанду гузашт.
Рӯзи севум яъне анҷоми сафар,
Ранҷу заҳмат аз гузашта бештар.
Он фақиҳу он шариф бо раьйи дақ,
Чашм пӯшиданд аз мизони ҳақ.
Дур гашта з-ин фақири дилҳазин,
Он фақиҳ бо он шариф гуфто чунин:
“Роҳ дуру зод кам дар моида,
Бар думон кофиву севум зоида!
Пас биё як ҳиллаи шаръӣ танем,
Ҳаққи ӯро ҳам ҳалол бар худ кунем!
Аз тасавурҳои илми қол ҳам,
В-аз кароматҳои илми ҳол ҳам,
Дар амал ҳарчанд мо бебаҳраем,
Дасти кам аз номашон баҳра барем.
Бар фақир гӯем, эй марди Худо,
Ҳаббазо ин устуворӣ, ҳаббазо!

То ба инҷо беғилу ғаш омадӣ,
Санҷише буд, ту аз он берун шудӣ!
Озмуни сахт дар поёни кор,
Чашм дорем,то бигардӣ комёр!
Инчунин илҳом шуд,то биғнавем,
Ҳарсемон дар хоби қайлула равем.
Ҳар касе, ки хоб бинад, хоби рост,
Хоб, медонӣ ки пайғоми Худост,
Ҳар касе, ки хоби раҳмонӣ бидид,
Ӯ бигуфту дигаре аз ӯ шунид,
Мехурад аз тӯшаи раҳ бемалол.
Нӯш бод, аз шири модаршам ҳалол!
Чунки раҳ дурасту тӯша норасо,

То наяфтем ҳарсемон андар бало!
Чун Худо фармуда дар Қуръони пок:
“Мафганед бо даст худро дар ҳалок!”[79]
Чун фақир бишнид ин мавъизашон,
Баски мухлис будаву аз ростон,
Гуфт, эй гуфти шумо дастури ман,
Ҳарчи фармоед самъан, тоатан!
Пас аз он дар фикри хобидан шуданд.
Ҳар яке дар гӯшае ғелидаанд.
Он шарифу он фақиҳ бо дили пур,
Ғарқ гардиданд дар хоби чуқур.
Он фақир дидак, ки шон биғнудаанд,
Ончуноне, ки ту гӯйӣ мурдаанд,
Рафт зери сояе густурд ҷо ,
Баргирифт аз бордони он дуто,
Ҳарчӣ буд аз гӯшту нон, мағзу мавиз,
Боз чандин чизи пинҳонкарда низ,
Нонхуриш ҳам буд, сирко низ буд,
Об буду мевагиҳо низ буд.
Он фақир ин ҳамаро хурду сипас,
Гуфт, эй Парвардгори додрас!
Ин ҳама фазлу карам аз доди туст,
Бекасонро дастгир имдоди туст!
Шукр гуфту дидааш пуроб кард,
Рафта зери соячое хоб кард.
Баъди чанде хоб ҳам поён гирифт,
Он ду найрангбоз гӯё бо шигифт,
По шуданду гуфтаанд ҳай марди суст,
Ҳеҷ хобе дидаи созу дуруст?!
Шодмон бо худ ки макре кардаанд,

[79] Бо бардошт аз ояти каримаи-195-и сураи “Бақара” وَأَنفِقُوا فِي سَبِيلِ اللَّهِ وَلَا تُلْقُوا بِأَيْدِيكُمْ إِلَى التَّهْلُكَةِ ۛ وَأَحْسِنُوا إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ الْمُحْسِنِينَ - Ва дар роҳи Худо бахшиш бинмоед ва худро бо дасти худ ба ҳалокат маяфганед! Ва некӣ кунед, ки Худованд некӯкоронро дӯст дорад!

“Макаруллоҳ”[80]-ро зи ёдшон бурдаанд.
Он фақир ҳам рӯй кард бар сӯяшон,
Омаду биншаст дар паҳлуяшон.
Гуфтаанд, мо хоб дидем, хоби рост,
Боз гӯем он ҳама бе каму кост.
Ту магар дидӣ ба хоб эй марди хом
Гурба ях мехурду уштур рӯи бом!
Инчунин пасханду ришхандаш заданд,
Чунки з-ин ҳангома ноогаҳ буданд.
Он фақиҳ оғоз кард андар хитоб,
Гуфт, хобе дидаам, оваҳ чӣ хоб!
Дидаам боғе, ки чун ӯ боғ ку?!
Меравад зери дарахтон оби ҷӯ!
Мурғу чурғи гуна - гуна нағмагар,
Меваи ҳаргуна чун шаҳду шакар.
Дидаам зери дарахте соядор,
Фаршҳо густурда чун нақши баҳор,
Бистару болишт аз баҳри нишаст,
Ҳарчӣ хоҳи рӯи дастархон-ш ҳаст.
Мурғи бирёну кабоби барагӣ,
Нон самарқандӣ, палав исфарагӣ.
Меваи ҳаргуна пиставу мавиз,
Шаҳду оби меваву фиринӣ[81] низ.
Боз бисёр чизҳо, ки дидаам,
Номашон аз ҳеҷ кас нашнидаам.
Рафтаму бар фарш якпаҳлу задам,
Ҳарчӣ буд андар тавонам хурдаам.

***80*** Ишорат ба ояти -54-и сураи “Ол Имрон” **وَمَكَرُوا وَمَكَرَ اللَّهُ ۖ وَاللَّهُ خَيْرُ الْمَاكِرِينَ** - (Ва яҳуд) нақша кашиданд (макр) ва Худованд чораҷӯӣ кард ва Худованд беҳтарини чораҷуён аст. Боз бо ҳамин маъно дар сураҳои “Намл”-50, “Нуҳ”-22, “Анфол”30

**81 Фиринӣ** - ширинние, ки аз орди биринҷ ва ё решаи дигар гиёҳҳои ширин бо ширу равған омода созанд, (бавижа дар Афғонистон) ки пас аз хурдани ғизоҳои сангин ва дер ҳазмшаванда истифода карда мешавад ва шоистагии хуб барои ҳазм ва гувориши хурданиҳо дорад. М.Н.

Гоҳ линги мурғу гаҳ шонай бара,
Мантуи Истрӯшан, оши Исфара.
Чун зи хоб бедор гаштам ин замон.
Он маза пайдост  дар кому даҳон.
Гуфт, ин-т хоби раҳмонӣ бубин,
Ҳар касе хобе набинад инчунин!

В-он шариф гуфто, муборак хобатон,
Хоби раҳмонист  оре, бегумон!
В-онгаҳ оғозид хоби худ шариф,
Дар хаёлбофӣ на ӯро кас ҳариф.
Ҳай дурӯғҳо гуфту газофа бибофт,
Ҳам фақиҳ дар ҳайрат аз ин бозёфт.
Гуфт, аз ҷумла бидидам ман ба хоб,
Кас ба бедорӣ набинад эй ҷаноб!
Як замини сахти бе обу гиёҳ,
Ё Бараҳут[82] буду кардам иштибоҳ.
Ман миёни он замини ҳавлнок,
Хаставу афтода дар болои хок.
Ҷуз Худо аз ҳама гашта ноумед,
З-осмон он дам нидое даррасид:
“Эй ки рӯ  тофтӣ зи ҳар боястгар,
Ин замон бахшишу лутфи ҳақ нигар!
Чунки лутфи Ҳақ бигаштат раҳнамун,
Чун зи асбобу илал ҷастӣ бурун,
Бин ту фазли он кӣ асбоб офарид,
Чиз аз ночиз чун орад падид!
Гуфтӣ чун “Аман йуҷибулмузтарра”[83]

---

82 Бараҳут- бо раҳнамуди бархе ривоёт ва ахбор водиест ва дар он чоҳҳоест аз дузах дар порае аз биёбонҳои сухтаи Яман, ки дузахиён он ҷо дар сахтиву гирифториҳо нолаву фарёд мекунанд ва бархе аз равандагон ва корвониён он ҷоро  дидаанд...

Барои намуна  дар китоби “Шарҳуссудур”- и Ҳофиз Ҷалолуддини Суютӣ, “Ман оша баъдалмавт”-и Абидунё ва дигар..М.Н.

Раҳматаш дар ҷӯш омад яксара.
Ин замон бингар ба сӯи осмон,
Меҳмони мову моят мизбон.”
Дидаам як асб бо зину лагом,
Болдору сап сафеду хушхиром.
Он замон аз осмон омад фуруд,
Назди ман зону заду гуфто, дуруд!
Марҳабо эй нури дида барнишин!
Эй валии ҳақ, хатмулорифин!
Барнишастам ҳамчу як чобуксавор,
Рафта аз дастам инони ихтиёр.
Баъди чанд омад фуруд дар як замин,
Ман заминеро надидамончунин!
Чашмаҳои оби соф дар гулдурос,
Ҷуйҳову наҳрҳо дар ғулдурос,
Сабз андар сабз ҳарсӯ боғҳо,
Мавҷ андар мавҷи гул дар роғҳо.
Ҳар тараф бинӣ ҷилои ранг буд.
Гӯйӣ нақши зинда аз аржанг буд,
Шаш ҷиҳат савту навои пуршумор,
Булбулу сӯлсӯл ҳазор андар ҳазор.
Ҳарчӣ гуям ё биёрам дар навишт,
Кай тавонам кард тасвири биҳишт!
Алғараз зери дарахтони бузург,
Густарида фаршҳои бас сӯтург.
Аз палосӯ қолиҳо аз ҳар намуд,
Сӯндусӯ истабрақу сӯрху кабуд.
Сӯфрае густурда буданд ходимон,
Ки наояд васфи ӯ андар баён.

[83] Ишорат ба ояти 62-и сураи муборакаи “Намл” أَمَّن يُجِيبُ الْمُضْطَرَّ إِذَا دَعَاهُ وَيَكْشِفُ السُّوءَ وَيَجْعَلُكُمْ خُلَفَاءَ الْأَرْضِ ۗ أَإِلَٰهٌ مَّعَ اللَّهِ ۚ قَلِيلًا مَّا تَذَكَّرُونَ - Оё чӣ касе дуои дармондаро иҷобат мекунад, чун ӯро бихонад ва гирифториро бартараф мекунад ва шуморо ҷонишинони замин месозад?! Оё маъбуди дигаре бо Аллоҳ ҳаст?! Чӣ андак панд мегиред!

Ҳарчӣ буд дар шаръ хурдан-ш ҳалол,
Чанде хоҳӣ ёфт мешуд бемалол.
Гӯшти гову ҳам гавазну гурахар,
Гӯшти бузи мода, ҳам гусфанди нар.
Баски аз мурғони даштӣ пуршумор,
Сихкабоб таннуркабоби обдор.
Ранг-ранг аз мевагӣ, ҳам харбуза,
Ҳар намуд аз моҳиёни бомаза.
Мурабои олувиву ҳам биҳӣ,
Баҳри дафъи лоғариву фарбеҳӣ.
Он чӣ дидам як зи сад кардам дуруст.
Напазирӣ ё пазирӣ кори туст!
Ходимон бо поси хотир ҳам сипос,
Барнишониндам зи сӯфра ҷои хос.
Ҳарчӣ буд аз хурданӣ дар ихтиёр,
Асбу майдон ёфтаму ҷои шикор.
Ончунон хурдам, ки монанди наҳанг,
Ё чунон дар марғзорон каркаданг.
Эй Худо бахшо, ки бе лову наам,
Чун мунофиқ хурдам андар ҳафт шикам.[84]
Чун зи хоб бархостам оруғзанон,
Ончунон, ки хурда бошам ин замон.
Бовар оред ё ки не, кори шумост
Баҳри ман фарқе надорад рӯи рост,
Он фақеҳаш гуфт, эй волотабор,
Ин каромот асту лутфи Кирдгор!
Ин ба ҷуз лутфе аз он даргоҳ нест,
Ҳар касе шоистаи ин роҳ нест!
*Ин сухан ҳарчанд мебошад дуруст,*

---

[84] Ишорат ба ҳадисест аз Расули акрам дар ин боб: “Чун бар эшон аъробие андарун шуд ва ҳама он таъомро, ки назди эшон буд бихурд, Паёмбар фармуд, агар бисмиллоҳ мегуфт, бо андаке сер мешуд ва мунофиқ (кофир) дар ҳафт шикам бихурад” ё Паёмбар(с) сухане ҳамчунин фармуд. М.Н.

*Норaво бадбаҳрабардорӣ*[85] *аз ӯст.*
*Ин сухан дуздидаанд аз аҳли кор*
*Як ду зоҳирбини пасти нобакор.*
*В-он шикамхорони бедонишу шарм,*
*Равнақи бозори шуҳрат карда гарм,*
*Он якеро  ин ҳама  пиростгар,*
*Як дурӯғгӯ в-он яке ҳам ростгар.*
*Ин гурӯҳи аз ҳақиқат бефурӯғ,*
*Рост  гуянд андар исботи дурӯғ.*
*Шайхи худро то ба гардун мебаранд,*
*То зи ному шуҳраташ суде хуранд.*
*Дӯстдори дӯстони Ҳақ манам,*
*Лек бо дӯстони номӣ чун кунам?!*
*Рӯшан аст дар чашми ман волову паст,*
*Чун Худо гавҳаршиносам карда аст!*
*Мешиносам заҳрро аз ангубин.*
*Имтиёзи талх донам аз ширин.*
*Гарчи худ аз ташнагӣ хун мехурам,*
*Оби талху тираро чун мехурам.*
*Во шигифто раҳравони силсила,*
*Бо ҷафокорони даврон якдила.*
*Буҳанифа  нони ъаввонон нахурд,*
*Ҳам зи ҷавру зулми эшон ҷон супурд,*
*Тарки гӯшти гусфанд дар ҳафт сол,*
*Ин-т зуҳду ин-т  ирфону камол.*
*Тарки шубҳат кардаанд ҳамчун ҳаром,*
*Муқтадо з-ин будаанд бар хосу ом.*
*Мардумон сидқу сафошон дидаанд,*
*Меҳрашон аз ҷону дил бигзидаанд.*
*Дар мақоми қурби ҳақ биншастаанд,*
*Чунки дандони тамаъ бишкастаанд.*

[85] Вожаи андарҳами  навсохта  аз  ҷониби  муаллиф.

*Шоҳбозони сарои шаҳриёр,*
*Не чу зогони сияҳ мӯрдорхор.*
*Гар ба пеши бархе шайхони замон,*
*Филро бигзорӣ дар болои хон,*
*Баъди як соъат аз он пили дамон,*
*Ту наёбӣ гӯшту пусту устухон.*
*Аз Саноӣ бишнав, он донои роз,*
*Нисбати сӯфиваши пур ҳирсу оз,*
*Бо зарофат дурри маънӣ суфтааст,*
*Як ду ҳарфи туршу ширин гуфтааст.*
*Бар латофатҳои табъаш офарин,*
*Буда мазмуни каломаш инчунин,*
*Не ба зоҳир бин, ту дар маънӣ нигар,*
*Сӯфӣ ишкамхора набвад эй писар!*

*Гар равад бар сӯи хони золимон,*
*Бегумон таъйид созад зулмашон.*
*З-ин қавитар мешавад бозуяшон,*
*Обро афзун кунад дар ҷӯяшон.*
*В-ар хурад аз хони золим нону қанд,*
*Аз забонаш меравад андарзу панд.*
*Инчунин кай порсоӣ мешавад!*
*Ваъзу панди ӯ риёӣ мешавад.*
*Пас Саноӣ медиҳад дашномашон,*[86]
*Таштошон меафканад аз бомашон.*
*Даҳ сада пеш он ҳакими ростин,*
*Карда танбеҳи ману ту ин чунин.*
*Дар қиёси он замону ин замон,*
*Фарқ бошад аз замин то осмон.*

[86] Ҳаким Саноӣ чунин мегуяд: " Суфие, ки бувад чунин фани ӯ, Як ҳазор к.. дар к.. зани ӯ" – Дар қасидае ба ҳамин вазн дар девон ва боз дар "Ҳадиқатулҳақиқаҳ"
Боз Шайх Абдуллоҳи ансорӣ дар "Кашфуласрор" ҷое меорад:
دور باش از صحبت خود پرور عادت پرست بوسه بر خاك كف پای ز خود بیزار زن

*Дар қиёси мову ту «ҳум собиқун»,*
*Дар тақарруб қадрашон аз мо фузун.*
*Ҳолиё бингар чӣ бошад ҳоли мо,*
*Мо киему қили мову қоли мо.*
*Ин ҷаҳон бозори даъво гаштааст,*
*Сӯфии софӣ чу анқо гаштааст.*
*Шайх андар шуҳрати худ ғутазан,*
*Дар ҷаҳидан гирди ӯ зоғу заған,*
*Резахори хони ӯ аз ҳад фузун,*
*Карда бо найранги худ ӯро фусун.*
*Баски андар давлати ӯ мечаранд,*
*Гоҳ – гаҳ то кӯҳи Қофаш мебаранд.*
*Дар миёни мардуми гулу гаранг,*
*Сад каромот з-ӯ бибофанд ранг-ранг.*
*З-ин ҳама ишкампарастон баҳравар,*
*Лек он бечора з-инҳо бехабар.*
*Ин масалро ҳар касе гуфта, расост.*
*Яъне, аз озмуну ҳам озмудаҳост:*
*“Шайхро не пар, на парад бар ҳаво,*
*Мепаронандаш муридони даға.”*
*Ту мапиндорӣ, ки ринду саркашам,*
*Ман рафиқи сӯфии софивашам.*
*Ту намо бар ман чунин марди Худо,*
*То кунам бар нақши пояш иқтидо!*
*Чӣ ишорат мекуни бар ин гурӯҳ?!*
*К-аз тариқат бурдаанд фару шукӯҳ.*
*Гар тасаввуф нафсу ишкампарварист,*
*Риши говӣ будану куни харист.*
Бас бикун, то ҷониби қисса равем,
То ки аз анҷоми кор огаҳ шавем.
З-он ки кори нек ё ки кори бад,
Чун ки анҷомид равшан мешавад.
Чун бикарданд он ду хоби худ баён,

Рӯ намуданд сӯи он марди ҷавон.
К-ей фалон, нак ин туву ин дови[87] ту,
Хоб дидастӣ, надидастӣ бигу!
Он фақир аз рӯи ихлосӯ сафо,
Гуфт, эй мирону муршидони мо!
Чун ба бедорӣ надорам эътибор,
Ман киву хоби чӣ, эй пирони кор!
Чун шумо рафтед андар хоби сахт.
Ин мани шуридаи ворунабахт,
Чун бикардам аз сари тарсӯ ҳарос,
Ҳоли худро бо ҷанобошон қиёс ,
Рӯшанам шуд ин ҳақиқат бар мало,
Дидаам, ки ман куҷо эшон куҷо!
Бо худ андешидаам, к-ин авлиё,
Хосагони боргоҳи кибриё,
Ҳамчунон асҳоби каҳфанд ин меҳон,
Гарчи бедоранд, дар хобанд ҳон!
Ин ҳақиқат равшану бе шак бувад,
Хобу бедории эшон як бувад.
Дина хонде ояте бар ин намуд,
"Таҳсабуҳум айқозан ва ҳум руқуд[88]
Гуфтаам эшон агар хобе раванд,
Ростакӣ сӯи биҳиштшон мебаранд.
Мехуранд он ҷо ғизоҳо ҳар намуд,
Аз атову фазли он Ҳайи Вадуд!
Хоб бедорист баҳри он меҳон,
Сер мехезанд аз хоби гарон.
Гиря кардам, войи мо беҳосилон,
Мо чунину он бузургонончунон!

---

[87] Дов- навбат, аз истилоҳоти нард, шатранҷ ва қимору бозиҳои дигар М.Н.

**[88]** Ишорат ба оғози ояти 18 аз сураи муборакаи "Каҳф" - **وَتَحْسَبُهُمْ أَيْقَاظًا وَهُمْ رُقُودٌ** - Ва агар ба онҳо нигоҳ мекардӣ) мепиндоштӣ бедоранд, дар ҳоле,ки онҳо хуфта буданд.

Ҷони мо бар лаб расид аз ташнагӣ,
Гушнаем, сад дод аз ин гушнагӣ!
Ҷазбае дар ҷону тан омад падид.
Фазлу ҷуди Ҳақ ба доди ман расид,
Пас зи ҷо боло шудам беихтиёр,
Хурданиҳо доштед дар кулбор,
Он ҳамаро рӯи сӯфра бурдаам ,
Оста-оста ҷумлагиро хӯрдаам.
Гушнагиву тушнагӣ аз ман рамид,
Бар танам гӯё ки ҷони нав дамид.
Ин замон аз хоб сар бардоштед,
Серу сероб, чунки бовар доштед!
Бар шумо эй авлиёҳои замон,
Бовари ман низ буд, дур аз гумон,
Ки аз ин хоб сер мехезед зи ҷо,
Хуш ба ҳолтон, эй бузургони Худо!
Чун бидидам нася нақд аст бар шумо,
Ман ба нақди буда кардам иктифо.
Бар Худо бурдам ниёзу бандагӣ
Гушнагиву ташнагӣ, афгандагӣ,
Роҳ бинмудам ба тушай роҳатон,
Пас ба бедорӣ бикардам нуши ҷон.
Он ду чун бишнидаанд ин достон,
Рӯ ба ҳам карданд аз ҳайрат чунон,
Хешро бо чашми дигар дидаанд,
Дидаанд, ки кору борро ридаанд.
Дидаанд, ки баҳрае аз кор не,
Чунки коре карда буданд, кор не!
Дидаанд, ки умр боде дар гузар,
Чун гузашт боре намеояд дигар.
Ҳеҷ кори некашон дар ёд не,
Баҳрашон аз зиндагӣ ҷуз бод не.
Дидаанд, ки нақшбозӣ кардаанд,

Нафсро аз хеш розӣ кардаанд.
Ин ҳама пасту баланду саргузашт,
Ҳамчу барқ з-андешаи эшон гузашт.
Инчунин бошад ба вақти марг ҳам,
Одамӣ бинад ҳама аз бешу кам.
Лек он ҷо ку маҷоли бозгард ,
Сад надомат бошаду андӯҳу дард.
Ин дуро пас раҳмате аз ҳақ расид,
Пеш аз мурдан раҳе омад падид.
Фурсате то рӯ ба паймон оваранд,
Кардаву нокардаро ҷуброн кунанд.
То бишуянд рангҳо-найрангҳо,
Аз дили худ ғаждиҳову зангҳо.
*Эй Худо, моро ба бедорӣ расон,*
*То намирем андар ин хоби гарон!*
*Мардумонро гуфт Пайғамбар ба хоб,*
*Марг бедоршон намояд бошитоб.*
*Ин ҳадис марфуъ аз гуфти Алист,*
*Ҳам саҳиҳу маънияш софу ҷалист.*
*“Пеш аз мурдан бимиред эй меҳон!”*
*Инчунин фармуда Пайғамбар, бидон!*
*Яъне, эй дар хоби ғафлат будагон,*
*Пеш аз онки марг ояд ногаҳон,*
*Бимиред, яъне, ки з-ин хоб барҷаҳед!*
*Рахти худ з-ин партгаҳ берун баред!*
*Кош мо ҳам пештар аз рӯзи марг,*
*Баставу омода созем сozу барг!*
*Кош ин ҷо баршуморем неку бад,*
*Пеш аз онки рӯзи бишмурдан расад!*[89]

[89] **...**Дигар ин ки ҳадиси мазкур (Мардумонро гуфт Пайғамбар ба хоб, Марг бедоршон намояд бошитоб) шарҳу баёни ин фармудаи Паёмбари акрамаст: “ **حاسبوا انفسكم قبل ان تحاسبوا**”- “Барсанҷед худро пеш аз он ки санҷида шавед.
**فَأَرْشَدَ - عَلَيْهِ الصَّلَاةُ وَالسَّلَامُ - إِلَى مُحَاسَبَةِ الْمَرْءِ لِنَفْسِهِ فِيمَا يَتَصَرَّفُ فِيهِ بِاعْتِقَادِهِ**

*Некӣ ар дорем, з он шукр оварем,*
*В- аз бадиҳомон пушаймонӣ хурем!!*

***Дар инки биҳишту дузах бозтоби гуфтору кирдори мо бошанд аз неку бад***

Мо ки ҳастем дар ҷаҳони чанду чун,
Олами моддасту марзу сару бун.
Ҳастии ҳар буданӣ дигар бувад,
Носӯӣ аз ин бару он бар бувад.
Ҳар якеро навъу ҷинси дигар аст,
Ҷову гоҳу гунабуду ҳарчӣ ҳаст.
Пас сӯиву носӯӣ ҳаст ошкор.
Ҳар кунише вокуниш орад ба бор.
Ман нагуям аз табоиъ хел-хел,
В-аз маволиду аносир ҳам далел.
Чунки маълуманд ҳар як дар сиришт,
Гарму сард, ҷунбандаву бевокуниш (т.)

---

Паёмбар (а) (дар ин ҳадис) шахсро ба санҷидани худ дар амалкардҳое, ки дар партави ақида ва бовари худ ба ҷо овардааст, раҳнамоӣ мекунад. (“Ал-мадхал” аз Ибни Ал-ҳоҷ, ҷ. 3 , с. 205)

Ва дар бисёри ривоёт ин фармуда ба Умар (р) нисбат дода мешавад, ки намунае аз даҳҳо ривоят яке ин аст:

**حَدَّثَنَا عَبْدُ اللَّهِ، حَدَّثَنَا أَبِي، حَدَّثَنَا سُفْيَانُ بْنُ عُيَيْنَةَ، حَدَّثَنَا جَعْفَرُ بْنُ بُرْقَانَ، عَنْ ثَابِتِ بْنِ الْحَجَّاجِ قَالَ: قَالَ عُمَرُ رَحِمَهُ اللَّهُ: «حَاسِبُوا أَنْفُسَكُمْ قَبْلَ أَنْ تُحَاسَبُوا وَزِنُوا أَنْفُسَكُمْ قَبْلَ أَنْ تُوزَنُوا، فَإِنَّ أَهْوَنَ عَلَيْكُمْ فِي الْحِسَابِ غَدًا أَنْ تُحَاسِبُوا أَنْفُسَكُمْ تَزِنُوا لِلْعَرْضِ الْأَكْبَرِ يَوْمَ تُعْرَضُونَ لَا تَخْفَى مِنْكُمْ خَافِيَةٌ**

**Тарҷума:** Аз ровиёни ёдшуда дар пайвастагӣ омадааст, ки Умар (р) фармуданд: “Хештанро шумор гиред, пеш аз рӯзи шумор ва худро барсанҷед, пеш аз он ки санҷида шавед, зеро ин барои шумориши фардо, ки намоиши бузургест, рӯзест, ки ҳеҷ пинҳонкардаи шумо пинҳон намонад, агар (ин ҷо) санҷида бошеду бишмарида, фардо дар он рӯз ба шумо осонӣ орад” (Китоби “Аззуҳд”-и Имом Аҳмад ибни Ҳанбал,( ҷ.1 ,с.99)

Боз дар мавриди он фармуда “бимиред, пеш аз он ки бимиред” аз аҳодиси фаровон, ин якеро намуна овардем:

**وَقَالَ - عَلَيْهِ الصَّلَاةُ وَالسَّلَامُ - «مُوتُوا قَبْلَ أَنْ تَمُوتُوا» وَفِي هَذِهِ الْأَمَتَةِ الِاخْتِيَارِيَّةِ حُصُولُ الْحَيَاةِ الطَّيِّبَةِ الْأَبَدِيَّةِ السَّرْمَدِيَّةِ** {"تبيين الحقائق شرح كنز الدقائق}، كتاب الحج، ج-2 صفحه- 2 -

**Тарҷума :** Ва Паёмбар (с) фармуданд: “Пеш аз мурдан бимиред!”

Ва дар ин имотати (марг) ба хоҳишу ихтиёр, ба даст овардани зиндагонии ҷовидона ва сармадист...

Аз-ин рӯ, дар баррасив пажуҳиш болои аҳодиси набавӣ, аз огоҳии комил, таҳқиқ ва э ҳтиёт бояд кор гирифт! М.Н.

Пас сухан кутоҳ инки Кирдгор,
Ҳастиро аз нестӣ кард ошкор..
Ин натонад ҷуз Худои поку фард,
В-он тавоное ба ҳар нокарду кард.
Гирд орад ин ҳама аздодро,
Обу хоку оташу ҳам бодро.
Сад ҳазорон зид бо ҳам оварад,
З-ин ҳама ҳастӣ фароҳам оварад.
Гар бигуям ман аз ин дар розҳо,
Боз гуям пас аз он ҳам бозҳо.
Чунки аз лутфи Худои меҳрбон,
В-он абарогаҳ зи пайдову ниҳон,
Огаҳам андак аз ин пӯшидаҳо,
Бас шигарфист андар ин нодидаҳо.
Ҷое андар ин ҷаҳон набвад тиҳӣ,
Ҳарчиро дар ҷои худ бошад беҳӣ.
Рози чизҳо гар Худо бикшоядат,
Огаҳӣ бар огаҳӣ бифзоядат.
Пас ҷудоӣ байни чизҳо аз ду роҳ,
Фасли хос омад дар ин ҷусторгоҳ.
Бархе чизҳо моҳият-чистонианд,
Бархе дигар ҳуввият- кистонианд.
Моҳиятҳо модиянду маънавӣ,
Ҳувиятҳо ҳам чунин, ар бишнавӣ!
Ҷумла ҳастиро ту як пайкар бидон,
Ҳуввият бо моҳият таркиби он.
Моҳиятҳо чун араз з-ин пайкаранд,
Ҳувиятҳо ин аразро ҷавҳаранд
Пас бидонад ҳар кӣ то ин ҷо расид,
Моҳият аз ҳуввият ояд падид.
Нек бошад ҳуввият, нек оварад,
Бад бувад, кай некӣ меяд зи бад!
Ин ҳама неку бадиҳо дар куниш,
Боз метобанд андар вокуниш.
Пас агар ту неку бадро бингарӣ,
Дар ҳамин ҳастӣ зи рӯи доварӣ,

Ҳар яке аз бозтоби кори худ,
Бинад озарми худу озори худ.
Боз ҳар як дар таносуб ранг-ранг,
Сӯву носӯ дар шитобу дар даранг.
Гар аз ин дар огаҳи орӣ ба даст,
Як намуна з-он ҳазоронат бас аст.
Ту бигир инки миёни ду нафар,
Ҳазлу шухӣ буда, не чизе дигар.
Рафта-рафта корашон боло гирифт,
Ҷои шухӣ хашму истеҳзо гирифт.
Он бибардошт ину бар хокаш фиганд,
В-ин ба дандон гуши он бигрифту канд.
Ин ду чистонии зишту баданамуд,
Он ду ҳуввият падидоранда буд.
Яъне, он ду тан агар некӯ буданд,
Кай буд ин рафтори зишту нописанд!
Дар қиёс кори накӯро ҳам бидон,
Бозтоби нек дорад бегумон.
Ин кунишу вокуниш аз ду саранд,
Ту напиндорӣ ҷазову кайфаранд!
Додгоҳ, додгустарӣ гарчӣ ба пост,
Сад ниҳоди кайфариву бозхост,
Омаданд то вокунишҳоро баранд,
Гарчи вобасти ҷазову кайфаранд,
Вокунишҳо варна аз ҳар сару бар,
Менамуданд ҳастиро зеру забар.
Баҳри пешгирӣ аз ин раҳ худсарӣ,
В-аз сари худхоҳиву вайронгарӣ ,
То, ки мардум ҳамдигарро нахуранд,
Чун даранда якдигарро надаранд,
Он Худо, донои розу ошкор,
Ҳар ҷиноятро ҷазои созгор,
Ҷогузини вокуниш дар ин ҷаҳон,

Он абардонои пайдову ниҳон,
Ном бурду гуфта дар анҷоми он,
Зиндагист андар қисос, эй оқилон! [90]
Аз шариъат Ӯ мизоне бар ниҳод,
Мар ҳама пушидаҳоро дар кушод.
То аз ин миъёру ҳадҳо нагзаранд
Бо накуйӣ зиндагӣ бар сар баранд.
Некиро чун некӯвӣ андар пай аст,
Вокуниш ҳам хубу баҳраовар аст.
З-ин сабаб бар некӯйӣ таҳсин ниҳод,
Он якеро даҳ в-азон бештар бидод.
Ин бувад эҳсони Ҳақ дар ин ҷаҳон,
“Ҳал ҷазоул-иҳсон?!”[91] аз Қурьон бихон!
Пас “ҷазо” ин ҷо чу маҳсӯл омадаст,
Яъне, зишту хубро маҳсӯл ҳаст.
Пас бидонад ҳаркӣ ӯ айош нест,
Ин ҷаҳон кайфаргаҳи подош нест.
Ту бихон “явмулҷазо” -ву “явмуддин”
Ин ҳама аз васфи он дунёст, ҳин!
Ин ҷаҳон “доруламал” ҳам “мазра” аст.
Баҳрааш дар он ҷаҳон ояд ба даст.
Нест ин ҷо ҷуз кунишу вокуниш,
Некро некиву бадро сарзаниш.

***Дар инки намунаву намод ва достонҳо ин мавзуъ ва ниҳодаро равшантар бинмоянд ва мо ҳам аз ин раҳ биравем***

Ин ҷаҳон пур маҳбасӯ зиндонҳост,
Бо низому сохтор аз чапу рост .
Чун ҷиноятро ҷазо ҳамҷинси ӯст,

---

[90] Ишроат ба фармудаҳо дар ояти 178 ва боз ҳамин ояти 179 аз сураи фахундаи “Албақара” وَلَكُمْ فِي الْقِصَاصِ حَيَاةٌ يَا أُولِي الْأَلْبَابِ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ

- Ва эй дорандагони хирад барои шумо дар қисос зиндагист, бошад, ки парҳезкорӣ пеша бинмоед!

[91] Ишора ба ояти каримаи 60 аз сураи муборакаи “Арраҳмон” هَلْ جَزَاءُ الْإِحْسَانِ إِلَّا الْإِحْسَانُ - Оё подоши некӣ ҷуз некӣ аст?!

Ҳар кунишро вокуниш омад дуруст
Ҳар якеро ранги кайфар созгор,
Чун ҷиноёт гунагуну пуршумор.
Ҳаст зиндоне барои раҳзанон,
В-он дигар аз баҳри дузду қалтабон.
Он яке аз баҳри қаллобони паст,
Боз баҳри хоинони пулпараст.
Боз бар порахурону судхурон ,
К-аз таннури халқ медузданд нон.
*(Кош зиндоне будӣ бар лутиён,*
*То бало н-ояд фуруд аз осмон.)*
Хостаам инки агар ту бингарӣ,
Бар кунишу вокуниш роҳе барӣ.
Бозтоби ин ҳама кирдори бад,
Маҳбасӯ зиндонро бунёд кард.
Гар набуданд ин ҷиноятпешагон,
Кай будӣ зиндону маҳбас дар ҷаҳон?!
Ҷуз бадӣ, ҷумла накӯиву беҳӣ,
Баҳраи оромиянду хушзиҳӣ.
Яъне ободиву некӣ дар ҷаҳон,
Бозтобе аз вуҷуди некӯвон.
Он чӣ гуфтам на хаёлпардозияст,
Бар ҳақиқат гӯшачашмандозияст.[92]
Ҳам зи дузах ҳам биҳишти ҷовидон,
Метавонӣ ёфт андар ин ҷаҳон.
В-андар ин дунё нишони он ҷаҳон
Ошкоро ҳасту гоҳе ҳам ниҳон.
Мебиёрад хуву рафтори палид,
Ранҷи дузахро дар ин дунё падид.
Ҳамчунонки мардуми некӯсиришт,
Инҷаҳонианду аммо дар биҳишт.

[92] Вожаи навсохта.

***Дар ин ки нашъа ва гунабуди ин ҷаҳон дар гирдонаи пайкару ҷон аст ва баҳраву боздодаҳои колбадонӣ ин ҷо нерумандтару ошкор бошанд***

Ин ҷаҳон, ки ошёни мову туст,
Чун ҳамебинем бо диди дуруст,
Зина-зина гунаҳо моддӣ буванд,
Хоку обу оташу бодӣ буванд.
Зиндагӣ гарчӣ дар онҳо коин аст.
Ҷуз ҷимод, ҳарчи ки дар болову паст,
Аз наботу гунаҳои ҷондор,
То ба инсон, арҷманд аз ин шумор,
Ҳар якеро ҷон бувад андар бадан,
Баргирифта аз магас то каркадан.
Ҷанбаи ҷисмонӣ ин ҷо ошкор,
Ин ҷаҳон бо модда дорад сару кор.
Ҷон ки ғайри моддиву ҷисмонияст,
Нақши ӯ дар ин ҷаҳон пинҳонияст.
З-олами амр асту аз рози дарун,
Гарчи дорад бозтобе дар бурун.
Чун баданҳо гуна-гунаҳайатанд,
Ҷонҳо ҳам гуна-гуна мебуванд.
Ҷони мурғу сагу гурба дигар аст,
Ҳамчунин ҷонҳои дигар ҳарчӣ ҳаст.
Ҷони инсонҳо на ҳамранги ҳаманд,
Гарчи андар ҷинс бо ҳам тавьаманд.
Нек бингар, ҷонҳои анбиё ,
Кай буванд чун ҷони мо, ё ки шумо?!
Чунки эшон ваҳйро пазруфтаанд,
Бе забон аз Ҳақ сухан бишнуфтаанд.
То шиносад мардумон ин бартарӣ,
Ҷойгоҳу иззати пайғамбарӣ,
Гуфт Он донои пайдову ниҳон,

Эй Муҳаммад, ту бигу бар мардумон!
Ман ба монанди шумоям як башар,
Дар хуроку дар пушоку хобу х-вар,
Лек бар ман ваҳй ояд аз Худо,
Имтиёзи ман ҳамин аст аз шумо![93]
Ҷонҳо бояд қавиву зурманд,
То расанд бар ин мақоми арҷманд.
Дигаронро ин тавону зур нест,
Чунки аз сӯи Худо дастур нест.
Дигаронро нерӯи тан бартар аст,
Ҷон асиру бандии тан омадаст.
Бахри паймоиш бигуфтем инсара.
То бимонад нақши он дар хотира
То зи барсанҷи ниҳоди ину он
Гунабуди он ҷаҳон гардад аён.
Пас бидонад ҳар кӣ сустандеш нест ,
Ин ҷаҳон ҷуз раҳгузоре беш нест.
Шодиву фархундагӣ, ранҷу газанд
Ҷумла ин ҷо бастаи марзанду банд,
Нек бинӣ чун гумон нопойдор,
Чунки бо моддаст ин ҷо сару кор.
Ин ҷаҳони моддӣ ҳангоме набуд.
Боз рӯ бар нестӣ хоҳад намуд.
Ҳар чӣ кӯҳна гашт, фарсуда шавад,
Нестӣ боз ояду ӯро барад.
Ҳамчу нақши кушку гунбад дар намод,
Дар раҳи борону барфу гарду бод,
Пас зи чанде бигзарӣ з-ин раҳгузар,
Не дигар нақше биёбӣ, не асар.
Бо гузашти моҳҳову солҳо,

[93] Ишорат ба оғози ояти 110-и сураи муборакаи “Каҳф”- **قُلْ إِنَّمَا أَنَا بَشَرٌ مِّثْلُكُمْ يُوحَىٰ إِلَيَّ أَنَّمَا إِلَٰهُكُمْ إِلَٰهٌ وَاحِدٌ** - Бигу, (эй Паямбар) ман башаре ҳастам ҳамоннанди шумо, (имтиёзи ман ин аст,ки) ба ман ваҳй мешавад, ки танҳо маъбудатон маъбуди ягона аст.

Кушку гунбад ҳам намонад по баҷо.
Яъне дар ин олами буду набуд,
Не араз монад, на ҷавҳар дар вуҷуд.
Чунки инҳо ҷоиянду гоҳиянд,
Гар намонад ҷову гаҳ кай мезиянд!
Ҷову гоҳи он ҷаҳон ҳамсанг нест,
Бо намоди ин ҷаҳон якранг нест.
Ҷавҳар онҷо мояи ҳастӣ бидон!
Аз араз номе набошад, не нишон.
Он араз гӯйӣ бурӯни дар шуда,
Ҳуввият бо моҳият ҷавҳар шуда.
Вусъати андешаам ҳамчун биҳишт ,
Гар ба гуфт орам ва ё андар навишт,
Сархуш аз ин дидаву гуфта шавӣ,
Сахт метарсам, ки ошуфта шавӣ!
Ин бишуд боястгар то бас кунам,
Дарнавишта номаро муҳре занам!

***Дар инки зиндагонии онҷаҳонӣ, ки боз ҳам ҷониву пайкарист, на ин гуна башад, он ҷо неруи руҳонӣ ва равонӣ пурзӯр ва дар пойгоҳи ошкораву рӯкушода бошад ва аз ин аст, ки Офардгор дар Қурьони пок он ҷойгоҳро нашемани зинда номида***[94]

Он чӣ аз Қурьон шудастам баҳравар,
В-аз ишороти Паёмбар дар хабар,
Боз бо андешаҳои пойдор,
Ҳам зи илҳомот- лутфи Кирдгор,
Рӯшанам гашта, ки сохти он ҷаҳон,
Дар намоди ошкорову ниҳон,
Бо ниҳоди ин ҷаҳон ҳамранг нест,
Ҳастӣ бо ин ҳастӣ ҳамоҳанг нест.
Гарчи он ҷо ҷон ҳасту пайкар аст,

---

[94] Ишорат ба ояти 64 аз сураи хуҷастаи “Анкабут” - وَمَا هَٰذِهِ الْحَيَاةُ الدُّنْيَا إِلَّا لَهْوٌ وَلَعِبٌ ۚ وَإِنَّ الدَّارَ الْآخِرَةَ لَهِيَ الْحَيَوَانُ ۚ لَوْ كَانُوا يَعْلَمُونَ - Ва ин зиндагии дунё ҷуз саргармӣ ва бозича нест ва дуруст инки агар медонистанд, сарои пасин ҳамоно зинда аст.

Зиндагии онҷаҳонӣ дигар аст.
Ин ҷаҳон гуфтем, ҷон бар тан забун,
В-он ҷаҳонро гунабуди вожгун.
Хостаам,[95] аз ҳама гуна ҳастҳо,
Бозтоби ҷон қавиву рӯнамо.
З-ин сабаб  Парвардгори меҳрбон,
Бошгоҳи зинда номид он ҷаҳон.
Он биҳишту дузахе бишнидаем,
Бовар андар ҳастишон бигзидаем,
Пештар аз будани  мову шумо,
Офарид борӣ Худо он ҳар дуро.
Ҳастишон дорад ҷудоӣ з-ин ҷаҳон,
Ин ҷаҳон фонисту он ду ҷовидон.
Ҳастишон ҳарчанд имконӣ бувад,
Лек, н-он имкон, ки медонӣ бувад.
Гуфтаем, к-онҷо араз ҷавҳар шуда,
Моҳият моҳияти дигар шуда.
Дар гузашта он чӣ донӣ, гуфтаам,
Ҳарчӣ буд аз инҷаҳонӣ гуфтаам.
Гуфтам аз зиндону гиру дорҳо,
Ногузириҳову боястгорҳо.
Пас фишурда ин ҷаҳон бо шебу паст,
Рӯзу шаб, бо гунабуду ҳар чӣ ҳаст,
Бо ҷаҳони баъди марг ҳамранг нест.
Густара[96] он ҷо чу ин ҷо танг нест.
Дар намуна он биҳишти ҷовидон,
Аз замину осмон бошад калон[97]

---

[95] Дар ин китоб ва китобҳои дигар ҳар ҷо ки вожаҳои “хостаам” “ин хостаам” “ин мехоҳам” биёянд, хонандаи гиромӣ вожаҳои навсохта ва тарҷумаву бозгардони “яъне” ва “аъне”- и забони арабиашон бидонанд. М.Н.

[96] Густара , густура – паҳно - вусъат, майдон

[97] Ишора ба ояти 133 аз Сураи муборакаи “Ол Имрон”- وَسَارِعُوا إِلَىٰ مَغْفِرَةٍ مِّن رَّبِّكُمْ وَجَنَّةٍ عَرْضُهَا السَّمَاوَت وَالْأَرْضُ أُعِدَّتْ لِلْمُتَّقِينَ - Ва биштобед ба сӯи омурзиши Парвардгоратон ва

Рӯзи равшан, шоми торику сиёҳ,
Нестанд, чун нест ҳам хуршеду моҳ.
Ман аз ин гуфта тавонам устувор,
Муътазилӣ, рофизӣ дар ин шумор,
Фалсафиву даҳриву унсӯрпараст,
Мункири дидори Ҳақ ҳар он кӣ ҳаст,
Бо далили равшан аз ин гуфтаҳо,
Пӯзашон ба хок молам эй киё!
Ин гурӯҳакҳо ба пиндару гумон,
Мункиранд дидори Ҳақ бар муьминон.
Мункиранд, к-андар биҳишти ҷовидон,
Мо Худоро нек бинему айён.
Чунки бо андешаи кутоҳашон,
"Фосилаву сӯй" ояд дар миён.
Он ҷаҳон донистаанд чун ин ҷаҳон,
Шаш ҷиҳат исбот карданду макон.
Пас бигуфтанд: "Диди мо аз сӯӣ худ ,
Пас Худо носӯи мо хоҳад намуд,
Ҳама з-инҳо марзу ҳад ояд падид,
Пас Худоро ҷисм бояд бишмарид."
Ин қиёси форик асту бешукӯҳ,
Лек "танзиҳаст" назди ин гурӯҳ.
Ин дигаргуниву самту сӯйҳо,
Андарин дунёи маҳдудулбақо,
Дидаанду пас қиёси он ҷаҳон,
Кардаанд бо ин замону ин макон...
Гардиши афлокро бишнидаанд,
Лек андеша набигморидаанд,
К- он замону сӯйро берун кашид,
Нав кӯҳан гардад кӯҳан ҳам нопадид.
Ҷову гоҳу зеру боло бешу кост,

---

биҳиште, ки паҳнои он (ба андозаи ) осмонҳо ва замин аст (ва) барои парҳезкорон омода шуда аст.

Шарқу ғарбу дуру наздик, чапу рост,
Гардиши хуршеду маҳ орад падид,
Он сабабофар чунинаш офарид.
Гир, ки ин хур ар зи ховар бар нашуд,
В-ар фурӯ дар чашмаи бохтар нашуд,
Ховару бохтар, ки ноҳамсӯ набуд,
Чӣ бувад ноҳамсӯвӣ, ки сӯ набуд!
Шаш ҷиҳат ҳам андар ин паймона ҳаст,
Рӯбарӯву нобасӯ, болову паст.
Рӯзу шаб андар биҳишти ҷовидон,
Нест ҳамчун шаб ва рӯзи ин ҷаҳон.
Чунки он ҷо офтобу моҳ не,
Самту сӯву марзу ҷову гоҳ не.
Самту сӯву ҷову гоҳи он ҷаҳон,
Бо қиёси ин ҷаҳон ҳар гиз мадон!
Нури равшантар, гуворотар зи рӯз,
Дар қиёси нури дунё ҷонфурӯз,
Ҳастиро аз беҷиҳат гирад фаро,
Гар бигӯӣ аз куҷо?! Аз ҳама ҷо!
Нур не сӯӣ, на офоқӣ бувад.
Аз набаь бархон, ишроқӣ[98] бувад.
Андаке овардам аз садҳо санад,
Ҳам гувоҳ аз ақлу нақли мустанад,
Гар на кур аст мункири дидори ҳақ,
В-ар накутар бинад андар ин варақ,
Бар Худородидан[99] имон оварад,
Каму костиҳои худ ҷуброн кунад.
Пас Худоро дар биҳишти ҷовидон,

---

**98** Ишорат ба ояти 69 аз сураи муборакаи “ Зумар ” - وَأَشْرَقَتِ الْأَرْضُ بِنُورِ رَبِّهَا وَوُضِعَ الْكِتَابُ وَجِيءَ بِالنَّبِيِّينَ وَالشُّهَدَاءِ وَقُضِيَ بَيْنَهُم بِالْحَقِّ وَهُمْ لَا يُظْلَمُونَ - Ва замин ба нури Парвардгораш равшан мешавад ва номаи (аъмол) ниҳода шавад ва паёмбарон ва гувоҳонро биёваранд ва дар миёни онҳо ба ҳақ доварӣ шавад ва ба онҳо ситам нахоҳад шуд.

**99** Худородидан – вожаи баҳамомадаи навсохта аз сӯӣ муаллиф.

Бе ҷиҳат бинему бе сӯву макон.
Як гувоҳи дигар аз Қурьон бидон,
“Лиллазина аҳсану-лҳусно”[100] бихон!
Пайи радди бадравишон рондаем,
Дуртар аз хостаи худ мондаем.
Барниҳода[101] ин буд аз шарҳу баён
Бозтоби ин ҷаҳон дар он ҷаҳон.
Аз кунишу вокуниш дар ин ҷаҳон,
Равшану барҷаста гуфтем ончунон.
Ҳарчӣ он аз гуфти мову карди мост,
Дар ҳамин дунё, ки чӣ нодерпост,
Гум нагарданду раванд то он ҷаҳон,
Ҳамчунонки мо равему дигарон.
Лек онҳо пеш-пеши мо раванд,
Бозгаштангаҳ[102] фароҳам оваранд.
Моҳиятҳо ҷумлагӣ он ҷо бидон ,
Ҳамчунон ки вокуниш дар ин ҷаҳон
Некӯ бад онҷо муҷассам мешаванд.
Пештар аз мо фароҳам мешаванд.
Он биҳишт ҳамчун замини борвар.
Корҳои неки мо чун коргар,

---

**100** Ишорат ба ояти 26 аз сураи хуҷастаи “Юнус “ - لِّلَّذِينَ أَحْسَنُوا الْحُسْنَىٰ وَزِيَادَةٌ ۖ وَلَا يَرْهَقُ وُجُوهَهُمْ قَتَرٌ وَلَا ذِلَّةٌ ۚ أُولَٰئِكَ أَصْحَابُ الْجَنَّةِ ۖ هُمْ فِيهَا خَالِدُونَ – барои касоне. ки некӣ карданд, подоши нек биҳишт аст ва афзун бар он (дидори Парардгор аст) ва тирагӣ ва хорӣ чеҳраҳояшонро напушонад , инон аҳли биҳиштанд ва ҷовидона дар он хоҳанд монд.

Ривоёти фаровоне дар инки мурод аз “зиёдат” ки дар қурьон омада аст, дидори Худованд дар биҳишт бошад, аз саҳобагони гиромӣ ҳамчун; Абубакри сиддиқ , Алӣ , Ҳузайфа, Абу Мусо, Абдуллоҳ ибни Аббос, Анас, Убай ибни Каъб, боз дигарон (хушнудии Худванд бар эшон бод!) ва аз тобеъин ҳамчун; Абдуллоҳ ибни Муборак, Икрама, Ато, Муқотил, Муҷоҳид ва шумори афзуне аз дигарон дар сиҳоҳи шашгона ва дигар муснадот ба сиҳат ва дурустӣ расидааст .

Ҳамчунин дар тафосири шинохтае ҳамчун; Тафсири “Табарӣ”, “Саъдӣ”, “Қуртубӣ”, “Бағавӣ”, “Ибни Касир”, “Нишопурӣ”, “Ҳусайнӣ”, “Кашфулсрор”-и Абдуллоҳи Ансорӣ ва дигар китобҳои муътабар омада аст М.Н.

**101** Барниҳода, бинҳода – вожаҳои навсохта аз ҷониби муаллиф ба ҷои калимаи “мавзуъ”

**102** Бозгаштангаҳ–вожаи баҳамомадаи навсохта аз пешниҳоди муаллиф.

Он яке чун боғбони пурҳунар,
Боғро обдеҳу ҳам пиростгар.
В-ондигар устоди кушку коху тахт,
Дигаре қолигару ҳаргуна рахт.
Он яке чун бод сарду хушгувор,
В-н дигар ҳамчун дарахти мевадор.
Он ширинбархурди мо чун ангубин.
Поктар аз ширу чун моьи маъин[103]
Аз таҷалии ҷамоли бениёз,
Бозтобе гар набудӣ корсоз,
Партави он гар нагаштӣ ошкор,
Пеш аз рафтан ба он дорул -қарор,
Аз латофат мо хабар кай доштем,
Ҷумларо ангора мепиндоштем.
Пас сари ин боварем к-адар биҳишт.
Ҳар чиро Ҳақ аз накӯиҳо сиришт,
В-он ҳама андархури ҷону бадан,
Чунки рафтем з-ин ҷаҳони пурфитан,
Партави васфи ҷамол аст ошкор,
Ки фаро бигрифта моро дар канор,
Гарчи инҳо ҷумла аз карди Худост,
Мо сари ин боварем бе каму кост,
Чун ҷаввод асту карим он Кирдгор,
Дар биҳишт он некиҳои пуршумор,
Гар чи худ бар мо ато бинмуда аст,
Баҳраи кирдори мо номида аст.
Мо кием, як мушт бесармоягон,
Он ҳама к-андар биҳишти ҷовидон,
Ҷумлагӣ номида аст аз карди мо,
Бахшиши худро зи дастоварди мо.
Гарчӣ васфи ӯст “ниъмалмоҳидун.”[104]

---

[103] Моьи маъин – оби гуворои чашмасор

Дар хитоб фармуда “кунтум таъмалун”[105]
Гар ту пурсӣ, он Расули некхоҳ,
Дар аҳодиси саҳиҳ бо чанд роҳ,
Гуфтааст: “Ки ҳеҷ кас бо карди худ,
Дарби ҷаннатро набитвонад кушуд!
Фазли Ҳақ гар марҳаматфармой нест ,
Ҳеҷ касро дар биҳишташ ҷой нест!
Гуфтаанд, ҳатто ту ҳам, эй муҳташам?!
Гуфт оре , ман ба фазлаш дилхушам!”[106]
Пас чӣ бошад ҳарфи Қурьон он чунин,
В-ин чунин гуфти Расули нозанин!
Ман бигуям, жарфу турфа пурсишест,
Ин тақобул[107] дар ҳадисӯ ваҳй нест!
Хоста[108] ин бошад, ки фазлаш гар набуд,
Кори неке аз кӣ ояд дар вуҷуд?!
Пас Худо аз фазли худ дода хабар.
Зери чатру пушиши карди башар.
Гуфти Пайғамбар мақоми бандагист
Яъне аз худ бандаро ҳеҷ чиз нест!
Ӯ на худ бинад, на чуну чанди худ.

---

**104** Ишорат ба ояти 48 аз сураи “Зориёт” - وَالْأَرْضَ فَرَشْنَاهَا فَنِعْمَ الْمَاهِدُونَ - Ва заминро густурдем, пас чи нек густурандае ҳастем.

**105** Ишорат ба ояти 19-и сураи муборакаи «Тур” - كُلُوا وَاشْرَبُوا هَنِيئًا بِمَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ - (Ба онҳо гуфта мешавад,) бихуред ва биошомед, гувороятон бод, бо он чӣ дар дунё анҷом медодед! Ва ояти 43-и сураи фархндаи “Мурсалот” - كُلُوا وَاشْرَبُوا هَنِيئًا بِمَا كُنتُمْ تَعْمَلُونَ – (маъно ва боздодаҳои дар боло оарда) ва боз бо ҳамин мазмуну фарогирд дар ояти 24-и сураи ҳумоюни “Алҳоққа”

**101** Бо ривояти Оишаи сидиқа (рз) бо ин лафз ва асноду ровиёни гуногун омада аст: Паёмбари Худо фармуданд: Ростӣ бигзинед, ва наздикӣ ҷуед ва муждагонӣ бидҳед. Пас дуруст инки ҳаргиз касе бо амали худ ба биҳишт наравад, гуфтанд, на ту низ ё Расулаллоҳ?! Гуфт, на ман низ, магар инки Худованд бо раҳматаш маро фаро гирад.

Ва бидонед, дӯстдоштатарини корҳо (нек) назди Худованд, давомдортар ва ҳамешагии онҳаст, ҳарчанд кам бошад.

Сарчашмаҳо; [“Саҳиҳ”-и Муслим-5048, “Сунани кабир”-и Насаьй-307, “Муснад”-и имом Аҳмал - 25748, “Муснад”-и Исҳоқ ибни Роҳвайҳ ва боз дар 17 муснадот ва китобҳои ҳадис бо симати саҳиҳ ва ҳасан ба сиҳат расидааст.] Тарҷума аз М.Н.

**107** Тақобул – рӯё рӯӣ, ноҳамсӯӣ, ноҳамоҳангӣ...

**108** Хоста ва вожаҳои баргирифта аз ин вожа – маъно, яъне , аьнӣ

Фазлу бахшиш бинаду хованди худ.
Ман аз ин бинҳода гуфтам мӯ ба мӯ,
Як нигаҳ кун бар саҳифай чилу ду
Пас фишурда, зишту хуби ин ҷаҳон,
Мераванд бо ранги дигар он ҷаҳон.
З-ин ду даста гуфтҳову кардҳо ,
То тарозу ҳеҷ кас набвад раҳо.
***Мавҷи маъни ҷӯш дорад дар замир,***
***Хастаам, дархосту пӯзишам пазир!***
***Чор соат шуд, ки хома мекашам,***
***Гарчи з-ин гулзори маънӣ дилхушам,***
***Лек дар сар шуру ғавғои дигар,***
***Он ҳама сарборӣ гашту дарди сар***
***Дил агарчӣ файзҳо гирад зи боғ,***
***Буи гул ошуфта месозад димоғ.***
***Пас бурун з-ин анҷуман хоҳам шудан,***
***Андаке бо хештан хоҳам шудан.***
***Бо шумо падруд то рӯзи дигар,***
***Дар паноҳи Кирдгори додгар!***
Рӯз дигар гашт, шукри Кирдгор,
Шукр аз ин рӯзу аз ин рӯзгор!
Зӯри нав омад равони хастаро,
То ки пайваста кунем бигсастаро.
Пас тарозу мазҳари адли Худост,
Барбисанҷад ҳар чиро бе каму кост.
Чунки инсон саркашау нобовар аст ,
То ба чашми худ бубинад ҳарчи ҳаст.
Пас тарозуро Худо онҷо нишонд,
Ҳеҷ инсонро дигар узре намонд.
Варна, донад он Худои меҳрбон,
Ҳарчӣ кардем ошкорову ниҳон.
Пас дар он ҷо гуфтҳову кардҳо.

Ошкоро мешаванду рӯнамо.
Гард-гарди некӯ бад он ҷо аён,
“Фамайаъмал”[109] дар каломи Ҳақ бихон!
Пас кунишу вокуниш ин ҷо бидон,
Кайфару подош хоси он ҷаҳон.
Пас, биҳишт подош аз фазлаш расид,
Кайфари дузах зи адли Ӯ падид!
Ин ду будангоҳро Ӯ барсиришт,
Ранҷи дузах, хушиҳо андар биҳишт.
Гуфту карди мову ту дар ин ҷаҳон,
Андар ин ду ҷойгаҳ гардад аён.
Гуфтҳову кардҳои нағзи мо,
Дар биҳишт ашкораанду рӯнамо.
Ман бигуфтам ҷумлагиро хубу зафт,
Дар гузашта гар, ки аз ёдат нарафт.
Дузахе, ки не дар он маргасту зист ,
Бозтоби зиштии ҳар дузахист.
Ғайбату гапчинӣ онро ҳезум аст.
Гуфту карди бад чу мору гаждум аст.
Аз ғараз в-андешаҳои шуму зишт,
Ғулу занҷиру дарахти бадсиришт[110].
Аз дурӯғу в-аз газофа, оҳу воҳ,
Хашму шаҳват отašу, дуди сиёҳ!
Тарки дастурот аз карду накард,
Бар ҳама он сӯхтанҳо оҳи сард!
Раҳмати Ҳақ ҳаркиро гирад фаро,
Мераҳонад з-ин балову моҷаро.

---

109 Ишорат ба оятҳои 7-8 аз сураи муборакаи “Залзала” **فَمَن يَعْمَلْ مِثْقَالَ ذَرَّةٍ خَيْرًا يَرَهُ وَمَن يَعْمَلْ مِثْقَالَ ذَرَّةٍ شَرًّا يَرَهُ**

**-** Пас ҳар кас, ки ба андозаи заррае кори нек анҷом дода бошад, ( подоши) онро мебинад ва ҳар кас, ки ба андозаи заррае кори бад карда бошад, (кайфари) онро мебинад.

**110** Ишроат ба дарахти “ Зақум” он “дарахти нафриншуда” аст , ки хуриши дузахиён бувад ва андарунро ҳамчун сурби гудохта бигудозад, ки ёди он дар ояти 43-и сураи”Духон” ва боз дар ояти 62-и сураи” Соффот” дар Қурьони карим омада аст.

Андрин дунё фиросат медиҳад,
Донишу фазлу каромат медиҳад.
Мешиносад хешро, ки кист ӯ,
Андарин олам барои чист  ӯ.
Мекунад кореву кори арҷманд,
Дар ду олам сарфарозу сарбаланд.
Аз кунишаш вокунишҳои накӯ,
Андарин олам фароҳам баҳри ӯ.
В-ин кунишу вокунишҳои ба ҷой ,
Пешхидмат мешаванд дар он сарой.
Некиҳо андар биҳишти арҷманд,
Интизори мақдами мо мешаванд.
Созу барги мо муҳаё мекунанд,
Ҷашни истиқбол барпо мекунанд!

آمین !

**Ниёиш**

Эй Худо,  дар  ин ҷаҳони даргузар,
Ҳар чӣ кардем аз бадиҳо дар гузар!
Бандавор аз ту бихоҳем эй Худой,
Шодкомии абад дар он сарой!
Ҳарчӣ ҳаст аз некӯ бад дар хурди мост,
Кай сазовори ҷаноби кибриёст!
Аз бадиҳои ниҳону ошкор,
Пеши ту мо сарнагуну шармсор,
Дидаву пӯшидаву бахшидаӣ,
Пардаи мо дар ҷаҳон надридаӣ!
В-андар  он рӯзи шумору  растхез,
Обирӯи мо гунаҳкорон марез!
Гуфтҳову карди мо дар хурди мост,
Гарчи он ҷо кайфарасту бозхост,
Ту сазовори Худойит кор гир,
Мо бадем эй нек, моро дар пазир!

Ҳарчӣ  кардем аз бадиҳо даргузар,
Пеши  некон обирӯи мо мабар!
Матлабу мақсуди мо дар зиндагӣ,
Бо камиву костӣ дар бандагӣ,
Пас ҳаёту маргу з-он пас ҳарчӣ ҳаст,
Ин ки хушнудии ту орем ба даст.
Ту зи мо хуш бош андар ду сарой,
Дар биҳишт дидори бечунат намой!
Эй Худо, сад фитнаи охирзамон,
Сар кашида аз замину осмон,
Гарчи буда ин ҷаҳон  пур аз газанд.
Пургазандтар ин замона чанд,чанд.
Сад балои ранг-ранг омад падид,
Ин чунин ҳангома ҳаргиз кас надид.
Ҷаҳл пирӯзасту дониш гӯшагир,
Фитнаҳо дар парда бошад мустатир.
Арзиши инсону арҷи одамӣ,
Ҳарчӣ поин рафта аст андар камӣ.
Он яке дар  чашми мардум арҷманд,
Синни у ҳаштод, ё ҳафтоду анд,
Дар замоне пардаи ӯ медаранд,
Обурӯву иззати ӯ мебаранд.
Ин замон пардадарӣ гашта ҳунар,
Аз гирифту кайфари Ҳақ бехабар!
Ин ҳама аз сустии имони мост,
Бозтоби ин бадӣ бар ҷони мост.
Чунки берун гаштаем аз роҳи рост,
В-ин зиёни каҷравӣ бар ҷони мост!
Мо ки худ ҳар лаҳзае бад мекунем,
Ҷои тавба таъна бар дигар занем.
Бехабар з-инки Худои меҳрабон,
Он абардоно ба пайдову ниҳон,

Сад ҳазорон кору ҳам гуфтори бад,
Ӯ ҳамебинад, вале аз фазли х-вад,
Ӯ зи банда ин ҳама шармандагӣ,
Сатр месозад зи омурзандагӣ.
Ризқу рӯзияш намебурад ба фавр,
Боз аз хешаш намеронад ба ҷавр.
Лек мо худ пардаи худ медарем,
Вақти он аст аз Худо шарм оварем!
Эй Худои бо гузашту меҳрбон,
Обурӯйи мову ҷумла муминон,
Ту нигаҳ медору шарманда макун,
Эй Худо, моро сарафганда макун!
Пеш аз онки рахт бандем з-ин саро.
Ғарқа дар дарёи раҳматмон намо!
Поку тоза то ба он дунё равем,
Дархури он покбудангаҳ[111] шавем!
Ин саро, ки ранҷ дидему бало,
Ту балоро дур бинмо з-он саро!
Хуррамӣ дар ин саро в-андӯҳи зафт,
Деру зуд андар гузар бошанду рафт.
З-ин сабаб мо сабр битвонем кард,
Гарчи бошад гуна-гуна ранҷу дард,
Лек ранҷу дардҳо дар он  саро,
Доиму ҳамвораанду бефано.
Эй Худо, з-анҷоми бад моро раҳон,
З-он ғаму ранҷи абад моро раҳон!
Эй Худои поку хубу нозанин,
Ту ба ин бинвишта аз раҳмат бубин!
Он чӣ гуфтам баҳраи илҳоми туст.
Гарчи бо номи худам кардам дуруст.
Ин зи ман бипзир, эй Парвардгор,

[111] Покбудангаҳ –вожаи баҳамомада  аз чанд вожа, аз навсохтаҳои муаллиф.

Баъди марг чун некӯйии пойдор!
Гарчи осон гуфтаам бо фазли ту,
Маъниҳои нағзу гуфтори накӯ!
Боз ҳам андар нигошти ин ҳама.
Кор осон будаву бедамдама.
Хастаам аммо зи заҳматҳои нашр,
Нашр мушкил гашта ҳамчун рӯзи ҳашр.
То раводидикитобомодагашт,[112]
Ҳафтхони Рустамат бояд гузашт..
Як гала аз айб пайдо мекунанд,
Маҳкамай тафтиш барпо мекунанд
Боз агар бошад китоби ту китоб,
Бештар бошад туро ранҷу азоб.
Ҳарчиро, ки дарк натвонанд кард,
Бар сари ту мезананд, ки: *“Ҳой мард!*
*Ин чӣ гуфтасту чӣ мехоҳӣ аз ин?!*
*То ба ҳол касе бигуфта ин чунин?!*
*Рав ту чени ақли мардум гӯ сухун,*
*Пойи худ з-ин қоида берун макун!*
*Ин ҳама андешаҳо кӣ мехарад?!*
*Аз хирад камтар бигу, эй бехирад!*
*Ту бигу афсона,шеъри хасакӣ,*
*Достон аз пешакӣ ё пассакӣ.*
*Ё бигу аз мардии номардҳо,*
*В-аз ҷаҳони беғаму бедардҳо.*
*Ё ҳикоятҳои пурбусу канор*
*Чун фалонӣ, то бигардӣ номдор.*
*Бархе аз қаламбадасти стукач,*
*Бо навишторҳову гуфторҳои фач,*
*Мардумеро кардаанд гулу гаранг*
*Савти булбулро набишносанд зи ҳанг.*

---

**112** Раводидикитобомодагашт- Як вожаи андарҳам аз чаҳор вожа, аз навовардаҳои муаллиф.

*Рав ту сода гӯй,ки мардум содаанд,*
*Аз раҳи андеша дур афтодаанд.*
*Ё ки бинвис, ин бигуфту он бигуфт,*
*Пас, раводидат диҳем арзону муфт.*
*Баъди сад сол ё дусад соли дигар,*
*То шавад мардум зи дониш баҳравар,*
*Пас аз он ҳарчӣ, ки мехоҳи навис!*
*Маънии хубу суханҳои нафис"*
Ман ба дарди дил расидам эй Худо!
З-ин ҳама бархурдҳои нобаҷо!
Эй Худо то чанд ин шопу шулоп[113],
Ин низоми сахт андар нашру чоп,
Он чӣ гуфтам дар фарогарди китоб,
Гар нагардам ман ба нашраш комёб,
Гар ба дасти мардуми донишписанд,
Норасанд ин гуфтаҳои арҷманд,
Вой бар ранҷу талошу кушишам,
Эй Худо, дилвопасам, дар ташвишам!
Эй Худо, ман з-ин кашокаш хастаам,
Дил ба фазлу раҳмати ту бастаам!
Лутф бинмо, ҳол дигар сон шавад,
Чопу нашри ин китоб осон шавад!
То нависем номаҳои мондагор,
Раҳбари андешаву сомони кор.
Ҳар касе, ки нек бошад ёри ман,
Огаҳ аз андешаву рафтори ман,
Ҳаркӣ бишнохта маро хубу дуруст,
Ҳаркиро, ки ҷавҳари мардӣ дар ӯст,
Нек бинад гар ба диди ростӣ,
Гарчи дорам сад камиву костӣ,

113 Шопу шулоп- иборае, ки дар гӯиши мардуми шарқи Тоҷикистон дар мавриди зоҳирпарастиву худнамоӣ ва такалуфҳову рафторҳои беҳуда кор барда мешавад. М.Н.

Лек, некандеш будам бар ҳама,
Аз кажӣ бо кас накардам дамдама.
Дар таносубу қиёси зиндагӣ,
Дур будам аз бадиву гандагӣ,
Лутфу бахшиши Худоям дастрас ,
Кам будам андар пайи озори кас.
Лек ин пайдост, то ки будаам.
Нокасонро чун касон нашмурдаам.
Бар фиросат чун Худо роҳам намуд,
Мешиносам одам аз одамнамуд.
Огаҳам аз имтиёзи некӯ бад,
Ҳар яке бишнохтаам дар ҷои х-вад.
Некхоҳи мардумон будам ҳаме,
В-аз ғаразҳо дар амон будам ҳаме.
Чашм дорам аз Худои меҳрбон,
Некиро бар хешу ҳам бар дигарон.
Илтиҷо дорам ба фазли Кирдгор,
Нек бошад ҷумларо фарҷоми кор!

آمین !

---

**Ба ҷои сухани пасин**

Борилоҳо, дар ҷаҳон то будаам,
Мардумонро роҳи ҳақ бинмудаам.
Рост будам дар сухан бо марду зан,
Каҷ будам андар амал бо хештан.
Дар сухан ҳифзи амонат кардаам,
Дар амал бар худ хиёнат кардаам.
Пас ба-дон сидқи каломам эй хабир,
Он хиёнат дар амал бар ман магир!

آمین !

Пайвастаҳо:

## ДАР ХИЛВАТИ АНДЕША

Дилам аз парвози баргҳои хазони дарахтон дар тирамоҳ такон мехӯрад, зеро онҳо шабоҳате ба андешаҳои парешони ман доранд. Боди сарсарӣ бо баргҳо он бикунад, ки туфони ҳаводис бо ман ва андешаҳоям.

Чашм кушодам ва дидаму ин ҳақиқати талх ошкорам гашт, дар сайру сафаре, ки номаш зиндагист, ба водии тирамоҳ расидем.

***

Аз баҳорон дар хотираам ёди шабнам боқист, чи гуна шабнам ба ёд намонд, ки фурсати умри баҳор аст ва ман низ боре дар водии баҳор будам.

***

Аз тамуз агар ёд орам, ғарқи араќи хиҷолат мегардам. Интизори борони раҳматам, то аз ҷанобати хиҷолат ғусли тавба ва инобати осмонӣ бигирам.

***

Баҳор иллати суварии зиндагист, тобистон иллати моддӣ, тирамоҳ иллати фоилӣ ва инҳо ҳама барои иллати ғойӣ, ки зимистони зиндагист, яъне марг.

***

Тифлӣ ва наврасӣ ду фариштае буданд аз осмон фуруд омада пок ва маъсум, чун ба балоғат расиданд, аз он дарахти мамнуъ хӯрданд ва ба гуноҳу савоб омехтанд.

***

Аз бениёзиҳои Ӯ таоло ва шигифтиҳои офариниш аст, ки бо чун Нуҳе писаре бар сари кин ва Юсуферо бародарон дар камин, Закариёеро арра бар сар ва Мӯсоеро Хизре раҳбар.

***

Ишқро аз дидагоҳи ишқ ва бо забони ишқ бояд тафсир кард, зеро болотар аз андеша ва пиндор аст.

Эй басо ошиқнамоёни бе моя, ки ишқро пайрави ҳавову ҳавас ва пиндори пуч ва ҳеҷи худ донистанд ва умре ба умеди об думболи сароб буданд ва ҳастанд.

***

Ҳар фарде аз башар бо масъулият ва барои иҷрои коре офарида шудааст, агарчи ҷоҳил ва бадрафторе бошад. Набинӣ, кореро нодоне кифоят бикунад, ки онро сад доно натавонад ба анҷом расонад.

***

Ҷое, ки булбулон набошанд одамон ба қоғ-қоғи зоғон гӯш фаро медиҳанд ва одат мекунанд

***

Чопулусӣ одати  гурба аст, виқору шуҷоъат ва тамкин хосаи шер.

***

Булбулро навои хуши ӯ машҳур гардонда, вагарна мурғаки заифе беш нест. Моя ба кор аст на ҷусса.

***

Шерҳо ҳукумати рубоҳонро напазиранд, ҳарчанд пойу гардан дар занҷир бошанд.

***

Обрӯ ва шуҳрати муқаллид мавсимӣ ва  нопойдор аст, масали “рубоҳ ва хуми ранг”- ро ба ёд оред.

***

Ишқ дар ҷавонӣ талотуми тӯфони шаҳват аст, ишқи маҷозиро мегӯям.

***

Муқаллиди ноогоҳ бо тақлиди куркурона ҳар дам худое ва ҳар лаҳза санаме метарошад.

***

Бо доштани чашми равшан ҷаҳонро бо чашми дигарон дидан нанг аст ва он, ки кур аст, маъзур аст.

***

Тамаъ ва дарюзагарӣ оби рӯйро бибарад, моҳоро набинӣ, ки доғ бар чеҳра дорад, зеро андак моя равшанӣ аз хуршед иқтибос карда.

***

Хоби бе маҳал нишонаи ғафлат аст, вале аз гуфтори беҳуда ва кирдори носутӯда беҳтар аст.

***

Гоҳе аз забони кӯдакон ва камхирдону девонагон сухани ҳикматомӯзе берун ояд, ки доноёнро ба ҳайрат бигзорад.

***

Фасоди ахлоқ (рафтор) аз заъфи ақида аст, пас бояд дар ислоҳ ва таҳзиби (покии) он кушем, то ахлоқ писандида гардад.

***

Бо кибру ҷаҳолат созиш кардан нифоқ ва дурӯӣ бошад, бо ҳама кас ва дар ҳама ҳолат созгор будан низ.

***

Мо чун бо худоем некӯкор ва фарзонаем ва чун бо худем бадкор ва девонаем.

***

Дурандешӣ ва охирбинӣ на он аст, ки фаропои худ набинӣ.

***

Ман аз худ ҳаргиз хушнуд набудаам, зеро аз бахшишҳо ва истеъдодҳои худодода кам истифода кардам.

Худоё бибахшо!

***

Габоҳии зан табоҳии ҷомеа аст.

***

Орзу хуб аст ва дар роҳи расидан ба он кӯшиш ва такопӯ бояд кард, вагарна хаёлоти бангиёна аст.

***

Бо тардид ва чандилагӣ ба ҷое нарасӣ, аз ирода кор бигир ва устуворӣ ва таваккул низ ҳамин бошад.

***

Мавлои ман Худо ва хоҷаи ман Мустафо аст, ба меҳтарон эҳтиром қоилам, вале чокари ишон наям ва на меҳтар бар дигаре, озода на сарвару на чокар бошад.

***

Инсони комил дар тамоми умри худ зина ба зина ба камол мерасад, аммо барои дар амал тадбиқ намудани ин камолот фурсати зиндагӣ андак аст.

***

Ба ҳар даре аз якбор бештар рӯй овардан ҳисобе дорад, магар дари ҳамешабози Худованди меҳрубон, ки ҳаргоҳ ки рӯй орӣ, чун бори нахуст бошад.

***

Ғолибан он чиро, ки аз мард тавақуъ дошта мешавад, аз зан набояд дархост намуд.

***

Подоши некӣ ва бадиро сазовор Худованд медиҳад ва инро аз инсон чашм мадор.

***

Агар аз дӯсти нодон ба ту ранҷ ва озоре расид гила пеши ӯ мабар, зеро бепарвоӣ ва беэътибории ӯ аз шикваҳои ту озори дигарест.

***

Эҳтироми бархе аз инсонҳо мувақат ва мавсимист, чун тавасути ту ба мақсади худ бирасанд фаромӯшат хоҳанд кард, вале аз ин озурда мабош, чунки некӣ бо инсоне кардаӣ.

***

Инсон гоҳе аз ҷониби Худованд бо дидани хобҳои пок ва илҳомоти ғайбӣ раҳнамоӣ мешавад.

***

Худовандро дар ҳама ҳолат дӯст медорам, ҳатто ҳангоме аз ман саҳву хато ва исёне аз ноогоҳӣ ва ғафлат сар бизанад.

***

Агар некие дар вуҷуди ман ҳаст аз Худованд аст, бадиҳои маро бинобар аз башар буданам бубахшед!

***

Бархе шабҳо аз рӯзҳо равшантар ва бархе рӯзҳо аз шабҳо ториктаранд.

***

Гоҳо зери пӯшиши ситоишҳо сарзаниш, ё таҳқир нуҳфтааст.

***

Дар гуфтор ва рафтори ман саҳву хато буд ва бошад, вале дар ақидаи поки худ устувор будам. Бо фазли Худовандӣ.

***

Дар баробари мутавозиъин (шикастагон), ҳалим ва хоксор ва дар муқобили мутакабирин, (саркашон)  сарбаланд ва солор бояд буд.

***

Он чиро ки аз мутолеа  дарк намудам, аз тафаккур мубоҳиса ва мусоҳаба нерӯ ва пойдорӣ бахшидам.

***

Нигоҳи хирадманд ҳарф мезанад, панд медиҳад, навозиш ва накӯҳиш мекунад.

***

Ғазаб бад аст, вале, на дар ҷои худ ва гоҳе дар вуҷуди инсон нерӯе фавқулодаи дарк ва созандагиро бедор мекунад.

***

Ҳаё беҳтарин сифати инсонист ва гоҳе монеъ аз расидан ба аҳдоф мегардад, вале арзиши шарму ҳаё аз ҳар ҳадафе болотар аст.

***

Агар мехоҳӣ ҷаҳолат ва бадиро аз замин нобуд созӣ ва гуноҳро аз байн бибарӣ, пас инсонҳоро аз замин бирон ва ба ҷои онҳо фариштагонро бихон!

***

Кибру худпарастӣ гоҳе дар либоси тавозӯъ ва фурутанӣ ҷилва мекунад ва ин аз кибри ошкоро бадтар аст.

***

Барои иҷрои корҳои нек ва гуфтори писандида шавқ ва муҳррик ба кор аст, ҳамчунон ки дар гуфтор ва корҳои бад.

Масалан ба корҳои бад моро нафс, шайтон, инчунин шайтонсифатон таҳрик мекунанд, ҳамчунин ба кирдор ва гуфтори нек моро ақл, илҳомоти ғайби, фариштаҳо ва фариштагунаҳо ташвиқ месозанд.

***

Дуруштхӯ дар ойнаи шахсияти дигарон худро мебинад ва дар ҳақиқт на ба дигарон, балки бо худ дар пархош ва ситез аст.

***

Назди ман содагиҳои фариштагуна аз зиракӣ ва заранигиҳои иблисона басе боарзиштаранд.

***

Худованд тифлакон маъсумро ба мо додааст, то чанд мудате бо фариштагон ошноӣ дошта бошем.

***

Агар дар маҳфиле бо мардум оддӣ сухан мегӯӣ барои маслиҳате, андозаи ақлҳои заиф нигаҳ дор, зеро он чиро ки ту тавққуъ дорӣ на ба андозаи зарфияти фаҳм ва дарки ҳама бошад, вале сухани соддаро ҳама бифаҳмад .

***

Умри бархе аз китобҳо кутоҳтар аз умри муаллифони онҳост.

***

Ҳатто аз маслиҳат ва некхоҳии мунофиқ барҳазар бояд буд! ***

Ҳақиқат ва воқеият гоҳе тавассути ғарзадорон ва табаҳкорон таҳриф мешавад ва пинҳон мемонад, аммо на ҷовидона, зери абр мондани хуршед даргузар аст.

***

Афроде, ки бо бадном кардани гузаштагон обрӯ ва шуҳрат меҷӯянд, гирифтори нафрини абаданд .

***

Хомӯшӣ ва бетарафии хирадмандон дар баробари ҷаҳолат ва бадиҳо ҷиноят аст, агар ишон бе талош ва хомӯш бошанд, нодонӣ ва табоҳӣ дунёро фаро гирад ва базаҳи он ба эшон бошад.

***

Аз гунҷишк шаҳбозӣ наояд, ҳамчунон ки аз шаҳбоз гунҷишкӣ.

***

Донишманде, ки назари танг ва ҷаҳонбинии маҳдуд дорад, мутаассиб аст на донишманд.

***

Агар дониш ва фарҳангро ҳамчун касб ва пеша василаи маош созанд, онгоҳ муқалидон афзоянд на муҳаққиқон.

***

Ҳақиқат якест, вале бо рангҳои гуногун ҷилва мекунад ва ин боиси ихтилофи назарҳо мегардад.

***

Дуруғ шум аст ва хилоф дар аҳд ва паймон шумтар аз он, зеро ваъдахилофӣ дуруғи амалист.

***

"Равшанфикрон"-е ҳастанд, ки китобҳои бисёре хонданд, ба ҷуз китоби «одамият».

***

Носеҳон ва воъизоне ҳастанд, ки ба шерон рубоҳӣ меомӯзанд ва ба гургон мешӣ.

***

Ҷое, ки бум саркори воло бошад, чуғз вазири аъзам аст.

***

Ҷое, ки зоғ шоҳи мурғон бошад, шоирони дарбор бум, чуғз, ва мурдорхор, зиштӣ ва сиёҳиро ситоиш хоҳанд кард.

***

Бадон марги неконро хоҳанд, то майдони амалҳои зишт барои онҳо фарох бошад.

***

Дар вуҷуд ва ҳастии ҳар зан модаре нуҳуфта аст, агар ба худ эҳтиром ва арҷ нагузорад, боист ба ин модар иҳтиром қоил бошад.

***

Агар ҳамаи инсонҳо зебоиро дарк кунанд, шеъри асилро бифаҳманд ва зоҳири ҳастиро бо ботини он якҷо бишносанд, он гоҳ аз ҷаҳон бадӣ ва норӯшанӣ рахт хоҳад баст.

***

Донишманде, ки гуфтори бе рафтор дорад, саранҷом худро мазҳакаи хос ва ом созад, ҳамчун он муханнас дар либоси мардон .

***

Бархе афсона ва тамсилҳо омӯзандатаранд аз бархе китобҳо.

***

Ҳақиқат на онаст, ки ту исбот созӣ, ё ман, ё дигаре, ҳақиқат онаст, ки мутобиқи воқеият бошад ва ин бе исботи мо ва ту вуҷуд дорад, пас шинохт ба кор аст.

***

Ишқ бо дилу ҷон пайванд дорад на бо ақлу андеша, ишқ болотарин мақоми инсон аст, ки дар маҳдуда ва зарфияти ягон қонун ва дастуроти ақлонӣ ва мудракоти ҳавос ва тафакур нагунҷад.

***

Достони илму дониш ва маорифи ақлонӣ чун ҷуйҳо ва рудҳо бошад ва ишқ ҳамчун сели дамон, куҷо ин сел дар чунин маҳдудаҳо гунҷад?! Балки ҳамаро аз миён бубарад ва ҳамвор созад.

***

Ин булъаҷабони олиму шоиртарош ва ошиқнамо бо забони касифу олуда аз покии ишқу муҳаббат мелофанд ва ҳамзамон бо ду се нафар «ишқ» меварзанд.

Ман нифоқу садрангиву бемоягиро дар ин тоифаи дунҳиммат бештар дидам.

Ишқҳое к-аз пайи ранге бувад,
Ишқ набвад, мояи нанге буд.

***

Илму фарҳангу бадаслон ва мансабу риёсату ноаҳлон?! Чӣ баду булъаҷаб коре шуд!

Ҷавҳари паст ва фурумоягии онҳоро ошкор созад ва эшон шармсор гарданд, вале чун шарафро нашносанд, шармсориро аз куҷо донанд?!

***

Хатокорӣ ва каҷравиҳо бо пушаймонӣ ва таассуф талофӣ намешаванд, барои тарки онҳо ирода ва устуворӣ ба кор аст.

***

Барои донишманди воқеӣ мурдан дар тангдастӣ ва нодорӣ басе беҳтар аз он аст, ки чеҳраи илм ва маърифатро бо тамаъи дарёфти мол ва қумоши дунё доғдор ва сиёҳ созад.

***

Пешрафти ҷаҳлу нодонӣ аз талош ва кӯшиши ҷоҳилон ва вопасравии илму дониш аз ғафлат ва афсурдагии оқилон бошад.

***

Ҳаё беҳтарин сифати ҷудокунандаи миёни инсон ва дигар ҳайвонот бошад, пас инсони бе ҳаё забунтар ва пойинтар аз чорпоён аст .

***

Бадтар аз ин зиндоне набошад ва мусибате душвортар аз ин, ки дар миёни гурӯҳе бо сар бибарӣ бе аслу поя, бе фуруғу бе моя, аз гуфтору рафтори эшон дар ранҷ бошӣ ва онҳо низ аз андеша ва афкори равшани ту дар гурез.

***

Басо дидем, ки фурумоягон ва бадгавҳарон илму адаб омӯхтанд, на аз илм баҳрае бурданд ва на аз адаб суде ва ин озмудашуда аст.

## ФАРОТАР АЗ АНДЕША

Агар абри тираи табиати башарӣ аз машриқи дил бархезад, онгоҳ офтоби ҳақиқат рух бинмояд.

***

То насиме аз гулситони қудс шамиме аз анфоси раҳмонӣ наорад, гули маърифат аз боғи дил кай рӯяд?!

***

Сарнавишти корҳо дар азал барои мо норӯшан аст ва дар ниҳоди мо майлу хоҳиш ва пӯйиш аст, ки ишорате бадон сарнавишт доранд.

***

Аз дастгоҳи офариниши азал ҳама ҳувиятҳо ва моҳиятҳо пок ва некӯ бурун омаданд, пас бояд ҷавобгӯи он нохубиҳо ва нопокиҳо бошем, ки аз (касби) мо омада, дар олами кавну фасод.

***

Бо нигоҳи басират номаи азалро ки дар лавҳи дил аст бояд хонд, нома ва пайғоми дар коғазро ба ҷуз аз курон ва ҷоҳилон ҳама бихонанд.

Китобҳои осмонӣ номаҳои азаланд, ки чашми сар бо нури дил бихонад. ***

Ҳама роҳҳо ба дарбор бастаанд, магар онро ки санади ҷавоз (раводид) аз азал бошад, дигар арзишҳои зоҳирӣ, меъёр ва русум дар ин санад изофиянд, пас кор аз иноят аст, на аз кирдору донишу дироят.

***

Ҳар кӣ бар лавҳи соф ва бе олоиши ҷавҳари азалии хеш нақши сиёҳ ва нозебои аърози нопойдор ва ноустуворро бигзорад, назди устоди азал посух боядаш гуфтан!

***

Номуаянӣ ва норӯшанӣ дар корҳо ва ҳаводиси ғайри мунтазара дар вуҷуди инсон дардҳои гумшударо барангезад ва андуҳи мавҷударо афзояд.

***

Андар гирифторӣ ба андӯҳу ғамҳо маъориф ва донистаниҳои дигар аст, ки бедардон аз он бебаҳраанд.

***

Андеша ва тафаккур роҳе ба шинохти воқеии Офаридгор ва дастгоҳ ва боргоҳи азал надорад, пас ба ҷуз бовар ва пазириши ростину устувор ба омӯзаҳои паёмбарон ва дастуроти шаръ чора набошад, зеро қаламрави ҷавлони андеша ва хирад дар шинохти силсиламаротиби олами офариниш ва имкон маҳдуд ва муқаядаст, ки он ҳам гуфту шунид аст на диду расид, магар онро, ки дида рӯшан аз мукошафот бошад. Ва ин бе инояти Худованд ва бе пайравӣ аз фиристодаҳои ӯ ба даст нояд.

***

Падидаҳои зишт ва нозебо дар андешаву тафаккур ва хобҳои кобусии мо ишора ба он бадиҳост, ки дар ниҳод ва андаруни мо нуҳуфтаанд.

***

Матлуб аз ин ҳама бихонданҳову такопӯву андарзҳо, некхоҳӣ ва меҳрубонӣ ба мардум аст, на миёни мардумон ва Офардигори онҳо гумоштагӣ ва доварӣ бинмудан.

***

Бо ҷоҳилон ва худхоҳону табаҳкорон нафрат ошкор нанмудан ҳунар аст ва бинмудан беҳтар.

***

Насими сабо пайки борон ва шукуфтану болидани боғу чаман ва дашту даман аст ва ботини коинот шигарфтару фарохтар аз зоҳири он бошад.

Пас, шамими улфат аз боргоҳи иззат мужда аз борони раҳмат ва рустани донаҳои умеди дидору вуслат дар марғзори дил дорад, турфа розҳо ва шигифтиҳои бузурге дар ин олами кучаку сағир!

***

Чашмҳои хира ва тираву каҷбин зебогиҳои зоҳирро набинанд ва ин нишоне аз кӯрии ботин аст, пас чи гуна раҳ ба зебогиҳои андарун ва арзишҳои гаронмояи ботин бибаранд?! Азин-аст, ки бадон неконро ва нодонон доноёнро ҳаргиз набишносанд.

***

Доъиёни дуруғин ва муддаъиёни бемаърифату яқин, ба чашми ҷуяндагони содда ва бегуноҳ ҷамоли мутлақи азалӣ ва сароғози беоғози накӯии сармадиро хира ва норӯшан бинмуданд.

***

Вақтаст айнакҳои рангорангро аз чашмҳо бигиред, то ҷавлони берангиро бубинед, он гоҳ ихтилофи назарҳо ва ситезу пархошҳо аз миёна бираванд.

***

Агар дар сина ҳасрати дурафтодае ва дар дил доғи гумшудае дорӣ, шод бош, ки шавқи ҷустуҷу ҳамроҳ аст ва нишони зиндагии воқиӣ низ ҳамин бошад.

Вой бар дилҳои бе ёду бе таманно! Мурдаҳои гандидаи дар тобути тан аз ёд рафта!

***

Нек дидам бештари ихтилофи назарҳо, нофаҳмиҳо ва норӯшаниҳо рӯи иборот ва истилоҳот аст, зеро андар вуҷуди воҷибу мутлақ, аркони собита ва ҳақоиқи мутлақа ва воқеиятҳо, ҳама мазҳабу машраб иттифоқи назар доранд.

***

Меъёрҳо ва арзишҳои сохтаи башарӣ муваққат ва нопойдоранд ва ба ҷуз такаллуфу дашворхоҳӣ чизе беш нестанд, пас арзишҳои ҷовидонаи азал ва абадро бояд шинохт, то дар камоли озодагӣ ва осудагӣ ба сар бубарем.

***

Ҳар як гуфтор ва рафтори баду накӯҳида, пардаи дуруштест миёни нигоҳи дил ва ҷамоли мутлақу зебогии азал.

***

Нобоварону мункирони Офаридгор дорандаи идрок ва фаросат нестанд, в-агарна, бад-ин нукта мерасиданд, ки ишон ё аҳли бováранд ё ҳадди аққал аҳли шакку тардид, зеро ҳақиқати набударо кас чӣ гуна инкор бинмояд!?

***

Бадон ва табаҳкорон, туфайлиён ва резачинони хони некон ва некӯкоронанд, боғбон боғро ба хотири болиш ва сарсабзии гулу дарахтон шодоб ва обод дорад, вале, он ҷо хорбун ва гиёҳони ҳарза низ баҳра бубаранд.

***

Барои андарёфти дунё ва андӯхтани сомони басандаи он ақли андаке кофист, вале барои шинохти он ҷаҳон бо инояти азалӣ, ақлу фаросати комил ба кор аст, аз инаст ки бештари биҳиштиён аблаҳу соддаи ин ҷаҳонӣ ва донову фарзонаи онҷаҳониянд.

***

Тухму донаи поку латиф ва замини ҳамвору борвар ба кор аст ва боз обу ҳавои мулоиму муносиб, то дарахте танумонду баровар гардад .

Достони инсони комил низ чунин аст, тухми поку замини муносиб аз инояти Худованд падару модари бо шарофату наҷобат ва обу ҳавои андархӯру гуворо омӯзишу парвариш ва муҳити созгор бошад.

***

Агар гӯӣ худ биравам то бирасам, дар оғози роҳ бимонӣ ё андаке биравӣ ва боз монӣ, пас афтодагӣ пеш ор ва бечорагӣ, ва боз шавқу дилгармӣ то бибарандат.

Зеро ҳар гиз рафтан иллати (боястгор) расидан набудааст, балки бурдан ва намудан иллати расидан ва дидан бошад.

***

Чӣ сахт ба асбобу афзору васила печидаем!? Асбобу васоилро чи нерӯ ва тавон бошад, то корҳо аз онҳо сохта бошанд?!

Инҳо озмун ва озмуд бошанд, то кӣ дар банди ин ҳама монад, аз сустбоварӣ ва нобихрадӣ ва кӣ аз ин ҳама бигсилад ва корсозу чорасози азалро бишносад?!

Боз ин ҳам аз иноят бошад.

***

Гӯйӣ соҳибихтиёру ба худ вогузоштаӣ!?

На, устувор надорам инро аз сари бовар гуфта бошӣ!

Пас чаро он чи хоҳӣ набитвонӣ кардан?!

Гӯйӣ, шароиту асбоб фароҳам бояд будан?!

Нек донӣ, ки ба ҳама асбобу шароит на мусаллат бошӣ ва на фарогир ва гоҳе бошад ки ҳама шароит ва асбоб фароҳам бошанд,

вале аз ту коре сохта нагардад, пас чи гуна ба худ вогузштаву озоди мутлақ бошӣ!?

То аз ин парешонӣ ва саргардонӣ раҳойи ёбӣ, ба сарнавишт бовар боядат кард.

***

Басо дидем, ки туфайлиёни дур аз илму дониш дар мабоҳисе фуруд омаданд ва бо шӯру валвала суханпардозӣ ва худнамоӣ бинмуданд, ки аслан аз муҳтаво ва мазмуни ин баҳсҳо заррае огоҳӣ надоштанд.

***

Чи хуб аст, ки дастони мутаасибон ҳамчун фикр ва андешаҳои шумашон дароз нест, вагарна дарҳои фазлу раҳмат ва бахшишу бахшоиши Худовандро ба рӯи бандагонаш мебастанд.

Оҳ, аз ин зоҳириёни мардумфиреб, шерони парчаму палангони қолин!

***

Пинҳон намудани гуфтор ва кирдори накӯҳида ва нописандида аз дидгоҳи мардум лозим, бояста ва бачост.

Ҳар чанд Худованд донову бинои ниҳону ошкораст, вале пушонандаву меҳрбон аст.

Ҳамин мардум ҳам гувоҳон ва шоҳидони Худованд андар заминанд ва онҳоро, ки медонӣ...! “Худованд мебинаду мепушад, ҳамсоя намебинаду мехурушад (Саъдии Шерозӣ).”

***

То ин ки аз дағдағаи ақлу дониш ва аз ғурури ситоишу тамаллуқи мардум раҳоӣ ёбӣ, гоҳ-гоҳе нодонӣ ва девонагие низ ба кор аст.

***

Агар нодонон аз доноён ва норасидагону ноқисон аз комилону расидагон дурӣ намечустанд ва парҳез наменмуданд, андар шумори эшон буданд.

***

Агар дар ҳавоу ҳаваси ин дунё ва чойгоҳу пойгоҳи он бошӣ, ночор бандагӣ ва чокариву тамаллуқи ҳамчун худе боядат кард, дар

ниҳояти забунӣ ва афтодагӣ ва агар толиб ва хостгори он ҷаҳони абадиву ҷовидон бошӣ, бандаи он Худовандигори яктову тавоно бошӣ ва аз ҳама бе ниёзу озод, бо камоли сарафрозиву сарбаландӣ ва аз ин дунё низ бархӯрдору баҳравар ба андозаи басанда.

Он дунё, ки гуфтем муроди мо ризо ва хушнудии Худованд аст ва агар на чунин будӣ, ҳар ду дунё ҳиҷобу парда будандӣ ва садду банди роҳи раванда.

***

Офариниши ин ҷаҳонӣ дар поя ва пойбасти кавну фасод (будан ва табоҳӣ) бошад, пас ҳама чиз ин ҷо дар таносуб ва маҳдудияти замонӣ ва маконӣ қарор дорад.

Аммо нашъа ва офариниши онҷаҳонӣ на бад-ин гуна бошад, пас он ҷо будан бошад ва фанову нестӣ набошад ва нисбият низ ва ҳама чизҳо дар доираи камоли мутлақ бошанд. Аз ин аст, ки он нишеман ва баргаштгоҳро диёри ҷовидон ва осудгоҳи зинда гуянд.

***

Ҳарчанд содагуӣ ва осонпаймоиро дар гуфтор пазруфтанду бистӯданд, вале сухани ҳикмат ва нукоти дилро чӣ гуна бо соддагӣ баён битвон кард?! Бале, дар ҷой ва гоҳи худ. Агар имрӯз нафаҳмиданд, фардо хоҳанд фаҳмид.

***

Сидқу ихлос аз шароити қабул дар амалҳои некӯст ва ихлос он бошад, ки на худ бинӣ ва на гуфтору кирдори неки худ.

***

Назди ман некӯкори риёӣ ва худнамо аз бадкори мухлису якрӯ беҳтар набошад.

***

Нерӯе аз илму дониш қавитар ва бузургтару судмантар набошад, бале, илми ростину дуруст ки ба манобеи абадият ва ҷовидонагӣ пайванд хурдааст, вагарна, аз ин нерӯ харобиовартару табаҳкортар нест.

***

Агар бадасл ва бадгавҳаре нодону ҷоҳил бимонад ва дур аз омӯзиш, беҳтар аз он аст, ки илм биёмӯзаду «олим» гардад ва бад-

ин васила об аз рухи илму дониш бибарад ва сабаби фитнаву ошӯб миёни мардумон гардад.

***

Ғаму андӯҳ ва буғзу гирифтагиҳои дилро гоҳ гоҳе ба ҳар василаи матлуб ва гоҳе бо гиряҳои пинҳонӣ берун бояд андохт, вагарна гиреҳе дар дил бимонанд ва сабабу заминае барои парешонӣ ва андуҳу ошуфтагиҳои дигар бошанд.

***

Бо дӯстон сухан бебокона ва бе парда гуфтам, аз баски бо эшон ба ҷуз сафову самимият рӯи риёе надоштам ва ононро ҳамчун худ мепиндоштам.

Дидам ки ранҷиданд, пас ба дарки ин нукта расидам, ки андоза ва паймонаи зарфият ва зеҳнияти дӯстону ҳамнишинон нигоҳ бояд дошт.

***

Нафрин ба онҳое, ки арзишҳои олӣ ва арҷмандро василаи расидан ба аҳдофи беарзиш ва нопойдори худ қарор доданд!

***

Ачаб! Ту пиндошти, ки бедонишон ва аблаҳон аз ҳунару дониши ту хушнуд бошанд ва туро бипазиранд?! Ҷои шигифт нест! Ку бубин, ту худ ишон ва рафтору кирдори ононро чанд бипазирӣ?!

***

Аз оромӣ ва осудагии зоҳирии бархе аз инсонҳо дар шигифт будам ва ин яке аз сифатҳои писандида назди мардум бошад ва дар шариат низ, агар ба марзи ифрот нарасида бошад.

Вале дар гузашти рӯзгор, нек дидам, ки ақлу идроки бештари ин гурӯҳ ҳамчун зоҳирашон афсурдаву хоболуда ва бе нишоту пажмурда буд ва дилам аз онҳо бигрифт.

***

Дар бархе маҳфилу анҷуманхо шояд шахси дилхоҳ ва мавриди назар набошӣ, бо вуҷуди донишу маърифате ки дорӣ, вале бояд ҳузур ба ҳам биёрӣ ва онҷо бошӣ, то майдон ва ҷавлонгоҳи донишу маърифатро ба бемоягон ва туфайлиён во нагузорӣ.

***

Бо доноёну накӯкорон нишасту бархост ва муносабат осон аст, ин дархӯри воқеият аст ва на он моя ситоишу сипосро дар он ҷой

бошад, вале муносабат бо нодону дурушткирдор, басо сахт ва душвор аст ва некону поконро озмун ва озмуд бошад.

Ҳамзамон барои тахту ҳамвор намудани дуруштиҳои табиати башарӣ, суҳониву сайқалӣ намоянд.

Агар ночор бошем ин ҷо сутӯдан шояд, в-агарна яке аз меъёрҳои ахлоқи башарӣ ва рафтори инсонӣ бошад.

***

Агар улоғеро солҳо дар тавилаи аспон бидорӣ ва дар радифашон бигморӣ, умеди онро, ки рафтори ишон бипзирад ва роҳи онон бигирад ва бад-ин дастур рӯзгори дарозе биспарад, боз чун пас аз ин ҳама озмун ба хароне ҳамчун худ бирасад, сӯи онҳо кунад оҳанг, бо сад ҳар- ҳару ҳанг-ҳанг ва аз канори аспон биравад бе даранг.

***

Кутоҳӣ ва дарозии умри гаронмояро бо рафтору кирдори некӯ андоза бояд гирифт ва барсанҷид, на бо гузашти солу моҳ .

***

Зинҳор дар ин ҳангом фирефта ва мафтуни унвону алқоби пурдабдаба ва пурдағдаға нагардед! Басо бошад, ки пушти пардаи ин алқобу ташрифоти бузург, афроди бемоя ва камарзиш чеҳраи воқеии худро пинҳон намоянд.

***

Ҳавоси мо, модиётро бо арзиш ва бузург ҷилва медиҳанд ва бад-ин васила гоҳе роҳ бар ақл бизананд.

Вале маърифати ботин, ки дил ҷойгоҳи ӯст ба ёрии ақл бирасад ва ин ҳақиқатро ба мо равшан созад, ки маънавиёт дарунмояи ҳастии дуҷаҳониянд ва модиёт ба воситаи онҳо арзиши нисбӣ пайдо намоянд.

***

Мапиндор, ки гуфтору пиндори неки туро дар як замон ва макон ҳама ҳамзамон биписанданд ва бипазиранд; соҳибони дилҳои соф дар ҳол бипзиранд, андешмандон пас аз андеша, дудилон пас аз якдилӣ ва ғараздорону аблаҳон ҳаргиз.

***

Низоу ҷадали ду сахтҷуш ва мутаасиб руи қазияе, барои аҳли фаросат, ҳақиқати дигареро равшан созад, ки он ду аз дарки ин ҳақиқат бебаҳраанд.

***

Оҳ! аз ин созиш ва мудороҳои ноҷо ва нодуруст, ки ҷоҳилони донӯнаморо ҷоҳилтар ва бодбасарону мағрурони ҷоҳу мансабро аблаҳтар бинмудем!
Ва аз арзиш ва арҷмандии пойгоҳи инсонии худ низ наандешидем!

***

Дар шумори бенавоён ва камбағалон аз ҳама нодортар он гурӯҳест, ки ба ғайр аз пулу мол дигар чизе надоранд, дили ман ба ҳоли онҳо месӯзад.

***

Мо то он андоза, ки дар пинҳон намудан ва пушонидани зиштиҳо ва норасоиҳои худ аз чашми мардум комёб будем, агар дар пушонидани ҳунар ва некӯиҳоямон низ комгор мебудем, бегумон дар раҳгузори некон ва бузургон нақши пое доштем.

***

Донишманди воқеӣ дар такопӯи баён ва гуфтани он чӣ мебояд ва мешояд аст, ҳар чанд пазирандаи андак дорад ва замонасози судҷӯй дар банди он ки, чӣ мехоҳанду чӣ мепазиранд ва бозораш ҳамеша гарм аст.

### *Вожаҳои навсохта ва камистеъмоли танҳо ва андарҳам, (мураккаб) ва муродифот аз пешниҳоди муаллиф:*

1. Мураккаб –андарҳам,баҳамомада
2. Беозармӣ-бемеҳрӣ, сангдилӣ
3. Худмеҳварӣ - худхоҳӣ, худпарастӣ
4. Аълам - абардоно
5. Таборак- абарарҷманд, абархуҷаста, фархунда
6. Макон -ҷой, замон - гоҳ
7. Қарина - пешронд, наздикоранда
8. Излол - гумкардароҳӣ, гумроҳ бинмудан
9. Тамҳид - пешогоҳӣ, пешомодагӣ
10. Заҳрхандовар
11. Он чи тунамедониҳо, он чи тумедониҳо
12 Каёни (ҳастӣ ва буданӣ) офоқӣ (сипеҳрӣ) ва анфусӣ (худмониҳо)
13. Балоғат - расидагӣ , расогӣ
14. Мурид - хоҳанда
15. Мурод - хосташуда
16. Ҳарзапиндорӣ - беҳудаандешӣ
17. Ҳудус - пайдоӣ, навпайдоӣ
18. Мутлақ – фаромеъёр, фаромарз.
19. Ҷисмӣ - баданӣ, колбадонӣ
20. Обе бар рухон - обирӯй
21. Мутаассиб - сахтҷӯш, бахудпечида
22. Нопокандарун - бадният ва муғриз
23. Наводир - камрухдодҳо
24 Зид, муқобил, мухолиф. -ноҳамгун, ноҳамсон, ноҳамсӯ
25. Иллат - боястгор
26. Сабаб - боястгар
27. Истидлол- роҳнамуд, роҳбурд
28. Мувофақат - ҳамсӯӣ, ҳамоҳангӣ
29. Баҳс - ҷустор
30. Мабҳас- ҷусторгоҳ

31. Ҳол, ҳолат, сифат - гунабуд
32. Доира, давра - гирдона
33. Мутааҳид - паймондор, сахтпаймон
34. Зарф(и) замон ва макон - борҷойгоҳ
35.Мутароқибу-лвуқуъ-чашмдошт, чашмдошта
36. Қабз - гирифтагӣ, бастагӣ
37. Баст (ط) - кушодагӣ , фарохӣ...
38. Савол - пурсиш.
39. Ҳикмат - хирад, хирадгард
40. Зот - сиришт, бун, бунёд
41. Омил - корбанд, кунишгар
42. Суварӣ - ангорӣ, нигоришӣ
43. Моддӣ - ҳаставӣ, моявӣ
44. Фоъилӣ - кунишгарӣ
45 Фоъил - кунишгар
46. Аввон - кумакёр (ҳо)
47. Итлоқ- фарогирд
48. Мутаъоқиба-пайиҳамоянда
49. Сорӣ - ҷойгир, ҷойгирифта
50. Ҷорӣ- раванда, равон
51. Ғойӣ- вопасоянд, вопасин
52. Кайфият - чуний
53. Камият - чандий
54. Таъоло - абарпойгоҳ
55. Савоб - дуруст-(ӣ), ростӣ
56. Қазия - пешомад, падида, андармон-(ӣ)
57. Майл - оҳанг, рӯй овардан
58. Ҳалол - пок , покиза, гуворо
59. Ҳаром - палид, ногувор
60. Иҷтиҳод - пӯйиш, талош, такопу
61. Хайр -нек, некӯ
62. Шар - бад, накӯҳида
63. Салоҳ - беҳбуд
64. Муҷодала - бархӯрд, пархош
65. Муқобала - рӯёрӯӣ
66. Мухолафат - пуштбарҳамӣ, ноҳамсӯӣ
67. Авф - гузашт, бахшиш

68. Ато - бахшоиш
69. Исор - пошиш, фишониш
70. Таҳқиқ - пажӯҳиш, баррасӣ, дурустёбӣ
71. Тафтиш - бозҷӯӣ, бозкобӣ
72. Қиёс - барсанҷиш, барпаймоиш
73. Тавфиқ - комёбӣ, комгорӣ, комёрӣ
74. Музахраф- зарандуд (а), заролуда, беҳуда, беарзиш
75. Табиъат - сиришт
76. Хабосат - палидӣ, нопокӣ
77. Иълом - донондан, огоҳонидан
78. Иълон - ошкор бинмудан
79. Таъриф - рӯнамоӣ, шиносоӣ
80. Таҳқир - кам гирифтан, ночиз шумоaccording
81. Иқтибос - лахт, пора, андак (овардан)
82. Аҷир - муздур
83. Ташбиҳ - монандӣ, ҳаммонандӣ
84. Ҷаҳолат - нодонӣ
85. Сафоҳат - коноӣ , бемағзӣ
86. Мураттиб - сомонбахш, сомондеҳ
87. Нашр - пахш, густурдан
88. Ақида - баста, гираҳ, бовар
89. Шариъат - роҳ, равиш
90. Инҳисор - фурӯбаст, фурӯмарз
91. Муносабат - ҳамсӯӣ, ҳамниҳодӣ
92. Кофир - пушонандаи ростӣ, носипос
93. Ниъмат - баҳра, гуворо (ҳо)
94. Буъд, абъод - дурӣ, карона (ҳо)
95. Натиҷа - анбошта, дастовард, дастбурд
96. Тафсил - дастабандии чизҳо, аз ҳамҷудоӣ
97. Тафовут - ҷудоӣ, ноҳамӣ, носонӣ
98. Милок - пойбаст, арҷ, арзиш
99. Асос - бех, бун, пойдевор, пойбаст, шолуда
100. Мушрик- анбоздон, чандтопараст

101. Тавозӯъ - хамидан,  хоксорӣ, нагунсорӣ,  афтодагӣ
102. Аздод - носозгорҳо, ноҳамсӯйҳо
103. Камол - расогӣ, пуррагӣ
104. Матлаб - хоста, хостҷой, хостгоҳ
105. Иститоъат -  тавон, тавонмандӣ, корройӣ
106. Такаллуф - сахтгирӣ, душворхоҳӣ
107. Ғазаб - хашм, сутуҳидан, ба сутуҳ омадан, ба ҳам баромадан..
108. Нашъа - сабзиш, болиш (хумор)
109. Азал -  на сар, носарӣ, нооғоз
110. Абад -  на пой, нопой, нопоён
111. Ровӣ – бозгӯ, тар ва шодобсозанда.
112. Тазкия - поксозӣ, сарасозӣ, полоиш
113. Макр - дастон, найранг
114. Ғайбат - пуштисарӣ, пинҳонӣ гуфтан
115. Банно - сохтгар, нишемансоз
116. Фаросат - фарзонагӣ, зиракӣ
117. Ҷимод - хушк, хушкида, шахшуда
118. Набот - боланда, сабзанда, рӯянда, рустанӣ
119. Ҳайвон - зинда, ҷондор, равонманд
120. Эътироз -  пушт кардан, рӯй бартофтан
121. Ақл - хирад, пойбанд, ишкел
122. Ҳадис- фармуда, сухан, гуфта
123. Маҳсусот - бисовиданиҳо, дарёфтаҳо
124. Калом - гуфтор, сухан
125. Таъвил - рӯйкард, рӯйгард, бозгард
126. Навъ - гуна, намуд
127. Коинот - буда, буданиҳо, ҳастӣ, ҳастиҳо
128. Иборат - равиш, гузариш, ронд, раванд
129. Ибрат - панд гирифтан, равишманд шудан
130. Таҷаллӣ - рӯшаноӣ, партавафганӣ, фурӯғ
131. Фазл - бартарӣ, афзунӣ, бахшиш
132. Раҳмат - меҳрубонӣ, дилсӯзӣ
133. Ҳайф - дареғ, пушаймонӣ

134. Муносиб - дархӯр, сазовор, ҳамгин, шоиста
134. Туфайлӣ - нохонда, “барбардавон”
135. Ифрот- фаросанҷӣ, афзунгарой, ҳарзапаймой
136.Тафрит - фурубарсанҷӣ, вопасгарой, кам ва ночизгоарой
137. Қабул - пазириш, пазруфтан
138. Нузул - фуруд, пойин (омадан)
139. Тавба - бозгашт, баргашт
140. Насб - барпой бинмудан, рост ва устувор кардан
141. Ғалаба - пирӯзӣ, чира гаштан, дастболо шудан
142. Салтанат - шоҳигарӣ, нерӯмандӣ
143. Золим - ситампеша, ситамгар, бедодгар
144. Саъодат - некбахтӣ, хушбахтӣ
145. Таҷруба - андӯхта, дастовард
146. Маърифат - шинохт, шиносой
147. Имом - пешво, сардор
148. Таблиғ- расонидан, гӯшзад намудан,
149. Ризо - хушнудӣ
150. Назария - дидгоҳ, бовар
151. Ҷониб - сӯй, гӯша, паҳлуй, канора
152. Зоҳир - ошкор, рӯнамуд , рӯкушода
153. Ботин - ниҳон, пӯшида, андарун, нуҳуфт
154. Нақш - нигошта, нигора, ангора
155. Иттифоқ - ҳамоҳангӣ, ҳамдилӣ
156. Мисол - намуна,
157. Мисл - монанд, ҳамгун, гуна
158. Тафаккур - андеша
159. Умқ - жарфо, таҳ, таг
160. Амиқ - жарф
161. Мазиқа - тангно
162. Инод - саркашӣ, сарпечӣ, гарданкашӣ
163. Унф - дуруштӣ, дағалӣ
164. Масқат - афтондангоҳ, партгоҳ
165. Масқату-рр-аьс - зодгоҳ
166. Ташаннуҷ - ошуфтагӣ, парешонӣ
167. Ҳайрат - сардаргумӣ, гичӣ, сарсонӣ
168. Ҷадал, ҷидол - ситезаҷӯӣ, пархошгарӣ

169. Таскин, сукун - оромӣ, осудагӣ
170. Яъс - ноумедӣ, дилхунукӣ
171. Заковат - зиракӣ, ҳушмандӣ
172. Асл - бун, бунёд, бех, реша..
173. Фаръ - пора, шоха
174. Таовун - ҳамёрӣ
175. Таомул, муомала - ҳамкорӣ
176. Боъис- ангезанда, афрӯзанда
177. Тул - дарозо
178. Вусъ, вусъат - паҳно, фарохно
179. Ҳифз, ҳифозат - нигоҳдорӣ, посдорӣ
180. Башорат - мужда, хушхабарӣ, навид
181. Аҷаб, аҷиб, аҷоиб - шигифт, шигифтовар, шигарф, шигифтиҳо
182. Ғафлат - бепарвоӣ, гарангӣ, пакарӣ
183. Мазҳаб - равиш (гоҳ)
184. Машраб - обишхур
185 Мусибат- гирифторӣ, андармонӣ, резиш
186. Мабдаъ - оғозгоҳ, саргаҳ
187. Маъод - бозгаштгоҳ, баргаштгоҳ
188. Хузлон - хорӣ, забунӣ, пастӣ
189. Хусрон - зиён дидан, зиёнкорӣ
190. Илтиҷо - паноҳ ҷустан, зорӣ бинмудан
191. Мақом - ҷойгоҳ, бошгоҳ, пойгоҳ
192. Манбаъ, манобеъ- сарчашма, баромадгоҳҳо
193. Лаззат - хушгувор, мазадор, баҳрабардорӣ
194. Иҷмоъ - баҳам омадан, яксарагӣ
195. Самъиёт - шунидаҳо
196. Нақлиёт - бозгуфтаҳо, бозовардаҳо
197. Мудракот - дарёфтаҳо, фарогирифтаҳо.
198. Тақво - дурӣ гузидан, парҳез бинмудан.
199. Сир, асрор - роз, пӯшида, нуҳуфта, ниҳонҳо.
200. Касб - ҳунар, дастбурд, дасткард.

201. Ҳирфа - пеша.
202. Ҳавос - ҳушҳо, дарёбандаҳо...
203. Моҳият - чистонӣ .
204. Ҳуввият - кистонӣ.
205. Қоъида - дастур, пойгаҳ.
206. Қувват - нерӯ,зур, тавоноӣ.
207. Заъф - сустӣ, нотавонӣ.
207. Мӯҳтаво - фарогирӣ, фурӯгирӣ, печонидан.
208. Мубоҳот-ошкорҳо, саркушодаҳо, раҳкушодаҳо.
209. Султа - нерӯ, забардастӣ.
210. Зарурат- ногузирӣ, ночорӣ.
211. Риҳлат - рахт бастан, равон шудан, аз ҷое ба ҷое шудан.
212. Нуқсон - камбуд, камӣ, норасойӣ, костагӣ.
213. Ташвиш - ошуфтагӣ, парешонӣ.
214. Санд (т) - нозо (бештар зани нозоро гуянд)
215. Омӯза- аз омӯзиш ёфтаҳо.
216. Бадсигол- бадандеш , бадгумон.
217. Густара- паҳно, фарохно.
218. Восита- миёнкор, миёнҷӣ, миёнҷигар.
219. Дода, додаҳо - натиҷа, баҳра, ҳосил (ҳо).
220. Маймун (а) - муборак, хуҷаста, ҳумоюн, фархунда, (номаймун) - нохуҷаста...
221. Ихтироъ- нововарӣ, навгунасозӣ.
222. Булъаҷаб - шигифтовар, масхара, хандаовар.
223. Рақобат-гарданфарозӣ,гарданкашӣ, гоҳшикебӣ.
224.Рақиб-гарданкаш, гарданфароз, гоҳшикеб-фурсатталаб.
225. Осор - нишонаҳо, ангораҳо.
226. Уштулум- худнамоӣ дар майдони ҷанг, китфу бозу ҷунбондан ва зури худ ба душман бинмудан, сахтиву дуруштӣ...
227. Муъҷизот-нотавонкунандаҳо, забункунандаҳо.
228.Аҳрум-кумакафзор,нерӯафзо,(дар лаҳҷаҳои кӯҳистонӣ “орам” ва “орум” ба чуб ё мисроне гуянд, ки бо судбардории вижа аз он

сангҳо ва ашёи гаронро аз ҷой барандозанд ва боз дигар корҳои ба ин монанд.)

229. Лоиқ - (исми фоил) шоиста, сазовор, андархур.

230. Лаёқат- (масдар) шоистагӣ, сазоворӣ, андархурӣ.

231. Фарогирд, фарогард - муҳтаво,мазмун.

232. Чак (т)- санад , ҳуҷҷат..

الْحَمْدُ لِلَّهِ الَّذِي هَدَانَا لِهَٰذَا وَمَا كُنَّا لِنَهْتَدِيَ لَوْلَا أَنْ هَدَانَا اللَّهُ ۖ لَقَدْ جَاءَتْ رُسُلُ رَبِّنَا بِالْحَقِّ ۖ

**Рӯшанӣ:**

Сипос мар Худовандро, бо кашиш ва дилгармиву илҳоме, ки дорам, бо бахшишу меҳрубонии Ӯ таъоло, метавонам ин равандро бе ҷустуҷӯву такопу ва бе рӯ овардан ба сарчашмаву дастуру вожаномае то дерҳангоме ҳамвора пайваставу ногусаста дорам ва дар як вожаи ношинохтаву нодониста то севу чаҳору аз он бештар ҳаммаънову ҳамгуну ҳамтироз дигарвожа бисозаму биёварам.

Вале, дидам, ки ин роҳкору раҳовард дар равиш ва фарогирду ронди ин китоб ноҷурӣ ва нооҳангӣ падид меорад, аз ин рӯ падруде кардему аз бехудиҳо ба худӣ рӯ овардем.

Чи хуб аст, агар дар оянда дастуре аз ин роҳ омода созему равандагонро тӯшаву раҳоварде фароҳам оварда, ба умеди Худо!

Боз, агар андар ин китобу дигар навиштаҳоям жарфандешӣ бинмоиву пажӯҳишгарӣ, аз инҳо, ки овардаму бингоштам бештару афзунтар нававардаҳо бинӣ, аз суханони фишӯрдаву густурда ва мазмуни фароҳаму фарогири бароят ношунидаву ноозмуда.

Эй кош, дунону кажбинон набошанду донишмардону дидаварон ин номаро бихонанд! Эй кошу сад кош!

Худоё, фароҳам намо кори мо,
Зи гуфтори неку зи кирдори мо.
Ту роҳи баду нек бинҳодаӣ,
Дари ин ду раҳро ту бикшодаӣ.
Туӣ раҳнамову туӣ ёрамон,
Сари ин дуроҳа набигзорамон.
Чу мо каҷниҳодему ворунатоз,

Фаро шеб бинему шебро фароз.
Зи ошуфтагонему бе пову сар,
Бигир дасти мову ба роҳе бибар,
К-аз он раҳ расем то ба фарҷоми кор,
“Ту хушнуд бошиву мо растгор! ” = آمين!

---

**То дидор!**

Чунин шуру чунин мастӣ, муборак бошадат эй дил!
Чунин ҳангомаи ҳастӣ, муборак бошадат эй дил!
Ҳамон аҳде, ки бастӣ дар ҳарими ишқу якрангӣ,
Ту пойистиву нашкастӣ, муборак бошадат эй дил!
Шудастӣ аз ҳуҷуми дарду доғу ранҷу ғам хаста,
Кунун ки рахт барбастӣ, муборак бошадат эй дил!
Аё дунболагарди корвони водии улфат,
Бад- он қофила пайвастӣ, муборак бошадат эй дил!
Ба он парвози лоҳутӣ асири банди тан будӣ ,
Қафас бишкасту барҷастӣ, муборак бошадат эй дил!
Ту эй мурғи фаротарошёну бартар аз гардун,
Надодӣ тан ба ин пастӣ, муборак бошадат эй дил!
Тапидӣ чун ҷарас бо корвони умр ҳамвора,
Сафар поён шуду растӣ, муборак бошадат эй дил!
Навид падруду ҳам шобош мегуяд, Худо ҳофиз!
Дар ин ҳастиву он ҳастӣ муборак бошадат эй дил!

Ҳамон ошуфтаву парешонрӯзгор ва аз бахшишу гузашту мерубонии Парвардгораш дилгарму умедвор,

*Муҳаммадии Навид*

## МУНДАРИҶА

1. Ба ҷои тақриз........................................................... 3
2. Пешогоҳӣ .......................................................... 16
3. Нахустгуфтор ..................................................... 19
4. Диннамоӣ ва дунёгароӣ ......................................... 36
5. Дин ва сиёсат........................................................ 57
6. Нақшу бозтоби амалкардҳо .................................. 64
7. Шоирон ............................................................... 68
8. “Шоирон” ............................................................ . 71
9. Адабиёти мазҳабӣ ................................................ 80
10. Ҷаҳонишавӣ ..................................................... ... 81
11. Муҳоҷират........................................................... 91
12. Боястгорҳои пойдорӣ .................................. 94
13. Нақш ва бозтоби дин .......................................... 97
14. Секуляризм –дунёмеҳварӣ .................................... 106
15. Огоҳӣ................................................................... 118
16. Шинохти воқеиятҳо.............................................. 123
17. Роҳҳои раҳоӣ ................................................... 128
18. Боварнома........................................................... 141
19. Пайвастаҳо, “Дар хилвати андеша” ...... 231
20. Фаротар аз андеша ......................................... 240
21. Вожаҳои навсохта ............................................. 249


МУҲАММАДӢ ҲОДИЗОДА НАВИД
Соли 1955 дар деҳаи Нушори болои ноҳияи Тоҷикободи кишвари Тоҷикистон, дар хона-дони яке аз шахсиятҳои маъруфи илм ва ирфон, Ҳоҷӣ Мулло Мирзоҳодӣ ба дунё омадааст. Донишҳои ибтидоӣ ва фиқҳиро назди падар ба итмом расонида, аз маҳзари донишмандони машҳуре ҳамчун, Махдуми Бурҳониддини Утолӣ ва дигар бузургон ақида, ахлоқ, сарфу наҳв, ҳадис ва тафсир, мантиқ ва фалсафа, балоғату баён, сияру таърихро фаро гирифтааст. Дар натиҷаи сафарҳо ба мамолики шарқ ва ширкат дар ҳалқаҳои илмӣ ва суҳбат бо донишмандони риштаҳои гуногун дониш ва малакаи илмии худро сайқал додааст. Ҳамзамон хатмкардаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар риштаи забонҳост. Аз соли 1998 то 2001 муовини аввали вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Дипломдор дар улуми сиёсатшиносӣ аз кишвариҶопон ва давлати Кувайт.
Дипломдор-муҳаққиқ дар риштаи дастхатшиносӣ аз Донишгоҳи шарқшиносии Федератсияи Русия ва Институти шарқшиносӣ ва дастхатшиносии Фаронса ваТоҷикистон.
Аълочии маъорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва узви иттиҳоди рӯзноманигорони ҷумҳурӣ.
То кунун беш аз ҳафтод мақола ва пажӯҳишҳои илмии ӯ дар мавзуоти гуногун ба нашр расидааст.
Аз муаллиф шаш китоб дар назм ва наср бо номҳои; "Ҳадиси ишқ", "Милоди нур", "Андешаҳо" ва "Шарҳи саду як ҳадиси набавӣ бо таъликот" манзури хонандагон гардидаанд.
Бархе аз китобҳои муаллиф аз қабили "Милоди нур", "Шарҳи саду як ҳадиси набавӣ", "Иборот ва ишорот" дар хориҷ аз кишвар ба чоп расидаанд.
Корҳои илмии нотамоме дар фалсафа ва ирфон дорад...
МУҲАММАДӢ НАВИД
ИСЛОҲ ВА БОЗНИГАРӢ
МУҲАММАДӢ НАВИД
ИСЛОҲ ВА БОЗНИГАРӢ
ДУШАНБЕ - 2018

Ёддоштҳо:











